ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 33+005:001.895
ТБК: 65.291.551(2Т)
И- 86

ИСКАНДАРЗОДА ҲОФИЗ ҲАКИМ

# ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР: НАЗАРИЯ, МЕТОДОЛОГИЯ, АМАЛИЯ

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисод
аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ
(менеҷмент)

Мушовири илмӣ:
доктори илмҳои иқтисод,
профессор Ғаниев Т.Б.

Душанбе – 2025

## МУНДАРИҶА


Ибораҳои кӯтоҳкардашудаи таркибӣ........................ 4

Муқадимма...................................................................... 5-23

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-КОНСЕПТУАЛИИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ**

1.1. Назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт..... 24-41

1.2. Нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди идоракунии иқтисодиёти муосир.................................. 41-59

1.3. Рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI………….. 59-74

**БОБИ II. РАВИШҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА УСУЛҲОИ АРЗЁБИИ ТАШАККУЛЁБИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТ**

2.1. Методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ва равишҳои арзёбии он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт........................................... 75-92

2.2. Таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси такомулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир..................... 92-111

2.3. Хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи рушди иқтисоди рақамӣ.......................... 111-126

**БОБИ III. ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ТАРАҚҚИКАРДАИ ҶАҲОН ОИД БА САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА ОМОДАНАМОИИ МУТАХАССИСОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ**

3.1. Сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти ҷаҳонӣ................................. 127-143

3.2. Арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт.................................................................... 143-159

3.3. Риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон................................ 159-175

**БОБИ IV. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МАЪЛУМОТГИРИИ ОЛИИ КАСБӢ, ҲОЛАТИ БОЗОРИ МЕҲНАТ, САТҲИ ДАРОМАД ВА ДАРАҶАИ ЗИСТИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

4.1. Вазъи маълумотгирии олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такомулёбии сармояи инсонӣ.................................................................... 176-197

4.2. Ҳолати бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт.............. 197-217

4.3. Сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии такомулёбии сармояи инсонӣ.......................................................... 217-237

**БОБИ V. САМТҲОИ ИНКИШОФЁБАНДАИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР**

5.1. Рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ....................................................... 238-258

5.2. Такмили идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ................................... 258-274

5.3. Дигаргунсозии раванди таълим ва беҳсозии сифати таҳсилот дар ташаккули сармояи инсонӣ.................... 274-291

Хулоса ва пешниҳодот................................................ 292-300

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ................................................** 301-337

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия....................** 338-355

**Иборaҳои кӯтоҳкадашудаи таркибӣ**
**(ихтисораҳо):**

АОНПҶТ – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
БЗИ – баҳисобгирии захираҳои инсонӣ;
БРСММ – Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид;
ИА – Иттиҳоди Аврупо;
ИАҲИ – Иттиҳоди Аврупоии Ҳамкориҳои Иқтисодӣ;
ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;
ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;
ИРИ – Индекси рушди инсонӣ;
ИРИИ – Индекси рушди иқтидори инсонӣ;
ҶД – ҷомеаи донишҳо;
ҶШИ – ҷомеаи шаҳрвандии иттилоотӣ;
ҶШК – ҷомеаи шаҳрвандии касбӣ;
МБМ – маҷмуи боигарии миллӣ;
ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;
МММ – маҷмуи маҳсулоти миллӣ;
МРИ – Моделсозии равандҳои иқтисодӣ;
МТОК – Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
СИ – сармояи инсонӣ;
СММ – Созмони Милали Муттаҳид;
СУС – Созмони умумиҷаҳонии савдо;
ТИК – технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
ТККМКММ – Тадбирҳои навсозии таснифи умуми касбии кормандон, мансабҳои хизматчиён ва категорияҳои музди меҳнат;
ТТИИЭ – техника технaлогияи иттилоотиву иртиботии электронӣ;
ЮНЕСКО – муассисаи махсусгардрнидашудаи илм ва фарҳанги СММ;
BCG – Boston Consulting Group
BPMN – Business Process Model and Notation, notation and business
COVID – 19 - COronaVIrus Disease 2019;
DEI – Индекси таҳаввулоти рақамӣ;
DESI – Индекси иқтисод ва ҷомеаи рақамӣ;
ECTS – системаи аврупоии ҷамъоварии воҳидии баҳогузорӣ;
EGDI – Индекси глобалии рушди ҳукумати электронии СММ;
EPART – Индекси иштироки электронӣ;
ОЭСР – Созмони ҳамкории иқтисодии Аврупо;

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири иқтисодӣ сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи ҷомеаро ба худ ҷалб намуда, асоси пешравии иқтисодиёт гониста шуда истодааст. Дарки нақши калидӣ доштани сармояи инсонӣ ва самаранок истифодабарии он боиси боз ҳам аз худ намудани манфиати зиёди илмӣ-иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дониста мешавад. Манфиатҳои илмии сармояи инсонӣ вобаста ба талаботи иқтисоди инноватсионии муосир дар навовариҳо, ихтироъкориҳо, эҷодкориҳо ва умуман, ҳама он кашфиётҳои илмӣ-амалии инсонҳо дида мешавад. Манфиатҳои иқтисодии он дар ҳолати самаранок истифода намудан ва ба даст овардани фоида ва таъмини афзояндагии иқтисодиёт дониста мешавад. Бартариятҳои дарҷгардида, ки яке бозгӯйи рушди иқтисодиёт ва дигаре натиҷаи фаъолият мебошанд, такмили доимии сармояи инсониро талаб намуда, муҳим будани нақши онро дар ҷомеа нишон медиҳад.

Нақши асосӣ доштани сармояи инсониро ҳукумати кишвар дарк намуда, дар Стартегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ташаккулёбии он аҳаммияти махсус дода шуда, ҳамзамон қайд гардидааст, ки: «Сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобастагии зич дорад. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол менамояд. Аз ин рӯ, рушди сармояи инсонӣ дар кишвар ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст»[1].

Вобаста ба масоили такмилдиҳии сармояи инсонӣ ва самаранок идора кардани он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барнома ва стратегияи мақсаднокеро дар асоси принсипи ҳалли маҷмуи вазифаҳои

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст. – Душанбе: «Контраст», 2016. – С.41.

рушди сармояи инсонӣ, сифати зиндагӣ ва дар баробари инҳо фароҳам овардани шароитҳо, барои ташаккули донишҳои иқтисодӣ роҳандозӣ намуда истодааст. Ҳукумати кишвар такмили идоракунии самараноки сармояи инсониро мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода, ислоҳотро дар низоми маориф ва илм, таҷдиди соҳаи тандурустӣ ва хизматрасониҳои он, таъмини ҳамоҳангии бозори меҳнат ва бозори хизматрасонии таълимӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ татбиқ намуда истодааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар ҷумҳурӣ ба тарбияи томактабӣ, таълими мактабӣ, ихтисосмандии миёна ва олии касбӣ, зеҳнияти баланди кормандӣ ва эҷоду кашфиётҳои илмӣ диққати махсус дода мешавад. Ин марҳилаҳо, ки аслан бозгӯйи ташаккули сармояи инсонӣ дониста мешаванд ва боиси рушди иқтисодиёти инноватсионӣ мегардад.

Бо вуҷуди ин, рушд ва ташаккули сармояи инсонӣ мувофиқ ба нишондиҳандаҳои байналмилалии муайянамоии он, дар муқоиса бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон хеле поин аст. Рушди сармояи инсонӣ, аслан, аз рӯйи шохиси рушди инсонӣ муайян карда мешавад. Мувофиқи ин нишондиҳанда, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои ҷаҳон мавқеи 122-юмро бо нишондоди 0,685 ишғол менамояд. Шохиси рушди инсонӣ, аслан, аз рӯйи шохиси сатҳи таҳсилот, шохиси давомнокии миёнаи умр, нишондоди ММД ба ҳар сари аҳолӣ, хароҷоти маориф, хароҷоти тандурустӣ (ба ҳисоби фоиз аз ММД) ва индекси даромад муайян карда мешавад.

Вазъияти кунунӣ тақозо менамояд, ки оид ба ташаккул, рушд ва такмили сармояи инсонӣ бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат чораҳои зарурӣ андешида шавад. Аз он ҷумла, маълумоти олии касбӣ, ки бозгӯйи меҳвари корманд дар бозори меҳнат дониста мешавад, таваҷҷуҳ намудан лозим меояд, зеро таҳаввулоти тамоми ҷомеа, аз ҷумла дороиҳо ва арзишҳои зеҳнӣ, эҷодӣ, ахлоқӣ, шакли навро гирифта, дониши замонавии муосирро талаб менамояд. Вобаста ба ин масоил, ҳар чи зудтар роҳандозӣ намудани чорабиниҳо оид ба татбиқи лоиҳаи

сармоягузории давлатию хусусӣ ва муҷаҳҳазгардонии муҳити таълим бо шароитҳои муосири таълимӣ яке аз роҳҳои асосии омоданамоии мутахассисони соҳибкасб ва дорои донишҳои муосири касбӣ дониста мешавад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи ташаккулёбӣ, такмилдиҳӣ, идоракунӣ ва нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт мавзуи мубрам буда, мавриди таҳқиқи олимони зиёди хориҷиву ватанӣ қарор гирифтааст. Онҳо дар корҳои илмии анҷомдодаи худ оид ба асосҳои назариявӣ-консептуалии инкишофи сармояи инсонӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёт, такмили механизмҳои муосири идоранамоӣ ва роҳҳои самаранок истифодабарии он саҳми арзанда гузоштаанд, ки онро метавон ҳамчун дастоварди муҳимми илмии назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқи мазкур ҳисобид.

Вобаста ба масъалаҳои назариявии сармояи инсонӣ олимон Г.С. Беккер, Д. Белл, Ҷ. Кендрик, А. Маршалл, В. Петти, А. Смит, Л. Туроу, Т. Шултс, С. Фишер, Р. Шмалензи, А.В. Артемев, Ю.Г. Биченко, Н.М. Габдуллин, В.С. Гойло, Г.В. Губанова, А.И. Добринин, К.А. Устинова, М.В. Федоров, В.Г. Федотова ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд.

Масоили методологии идоракунии сармояи инсонӣ, самаранокии маблағгузорӣ ба низоми омоданамоии кадрҳо ва арзишмандии сармояи инсониро дар таҳқиқоти Г.С. Беккер, Л. Туроу, Т. Шултс, М.С. Абибуллаев, Н.Д. Багретсов, И.А. Гурбан, М.Б. Денисенко, С.А. Дятлов, В.И. Еременко, В.Л. Иноземтсев, М.В. Журавлева, Р.И. Капелюшников, К.В. Коптев, А.В. Комаров, Р.М. Нуреев, Н.В. Парушина, А.А. Саградов, И.Н. Семенов, А.А. Трифилова, Г.Н. Тугускина, К.Н. Чигоряев, А.А. Федченко ва дигарон дидан мумкин аст.

Масоили муаммоҳои рушди сармояи инсонӣ, ташаккулёбии иқтидори зеҳнӣ, таҳлил ва баҳодиҳии низоми идоранамоии сармояи инсониро дар таҳқиқоти олимон С.Ю. Алашеев, С.И. Ашмарина, С.Г. Емелянов, М.Г. Журкин, К.Р. Кабутов, Е.Я. Коган, И.Н. Краковской,

С.А. Кристиневич, И.А. Плаксина, З.А. Сафаров, Б.В. Салихов, В.Т. Смирнов, Т.А. Терентева, Г.Н. Тугускина, Н.В. Тюрина ва дигарон дидан мумкин аст.

Дар ҳалли масъалаҳои муаммоҳои марбут ба идоракунии паҳлуҳои сармояи инсонӣ олимони тоҷик саҳми бузургро гузоштаанд ва ин раванд то ба ҳол идома ёфта истодааст. Ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста ба низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар таҳқиқоти Н.Қ. Қаюмов, Т.Н. Назаров, Р.К. Раҳимов, Д.С. Амонова, Т.Б. Ғаниев, С.М. Ғоибназарзода, Д.Б. Қодирзода, М.Р. Қодирова, А.Қ. Комилзода, С.Ҷ. Комилов, М.Р. Кошонова, А.Ҷ. Ҷабборов, Ш.Б. Ҷонмаҳмадов, А. Ҷураева, А.А. Мирзоалиев, А.Б. Мирсаидов, Т.Д. Низомова, М.Н. Нурмаҳмадов, Р.К. Раҷабов, Ҳ.Р. Раҳимзода, А. Рауфӣ, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Н.М. Собирзода, З.С. Султонов, Р.У. Улмасов, Ҳ.У. Умаров, Т.Ҷ. Усмонова, Ҳ.Н. Фақиров, Қ.Х. Хушвахтзода, Ф.Р. Шаропов, И.С. Шамсзода, М.М. Шарифзода, Х.А. Абдуллоев, Р.М. Бобоҷонов, Ф.М. Восиев, С.Н. Давлатов, Д.А. Ҳодиев, У.С. Раимдодов, Н.С. Саъдуллозода, А.А. Солеҳзода, А.У. Урунбоев, Ю.Р. Юсуфбеков, О.З. Яҳёев ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Оид ба масъалаи такмили идоракунии сармояи инсонӣ, бахусус, маълумотнокӣ ва рушду ташакулдиҳии он мувофиқ ба шароитҳои муосири иқтисодӣ, дар таҳқиқоти олимони соҳа Н.Қ. Қаюмов, Т.Н. Назаров, Р.К. Раҳимов, Т.Б. Ғаниев, С.М. Ғоибназарзода, С.Ҷ. Комилов, М.Р. Кошонова, А. Ҷураева, А.А. Мирзоалиев, А.Б. Мирсаидов, Р.К. Раҷабов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Т.Ҷ. Усмонова, Ҳ.Н. Фақеров, Қ.Х. Хушвахтзода, Ф.Р. Шаропов, И.С. Шамсзода, Р.М. Бобоҷонов, С.Н. Давлатов, С.Ҳ. Ҳамидова, Д.А. Ҳодиев, У.С. Раимдодов, А.А. Солеҳзода, Ю.Р. Юсуфбеков, О.З. Яҳёев ва дигарон шинос шудан мумкин аст.

Вобаста ба масоли бозори меҳнат, талабот ва таклифоти он, ҳаракати қувваи корӣ ва масоили муҳоҷирати аҳолӣ, ки бо кадом сифат омода кардани кормандонро нишон медиҳад, олимони тоҷик Р.К.

Раҳимов, Т.Б. Ғаниев, С.М. Ғоибназарзода, Д.Б. Қодирзода, М.Р. Қодирова, С.Ҷ. Комилов, М.Р. Кошонова, А.Ҷ. Ҷабборов, А.А. Мирзоалиев, Т.Д. Низомова, М.Н. Нурмаҳмадов, Р.К. Раҷабов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Н.М. Собирзода, Р.У. Улмасов, Ҳ.У. Умаров, Т.Ҷ. Усмонова, Қ.Х. Хушвахтзода, И.С. Шамсзода, Ф.Р. Шаропов, М.М. Шарифзода, Х.А. Абдуллоев, Р.М. Бобоҷонов, Ф.М. Восиев, С.Н. Давлатов, Д.А. Ҳодиев, У.С. Раимдодов, Н.С. Саъдуллозода, А.А. Солеҳзода, А.У. Урунбоев, Ю.Р. Юсуфбеков, О.З. Яҳёев ва дигарон, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом дода муваффақиятҳои назаррасеро соҳиб гаштаанд.

Ташаккул ва рушди иқтисодиёти муосир, ки аз мо омоданамоии мутахассисони ҳирфаиро талаб менамояд, дар таҳқиқоти илмии муҳаққиқони соҳа, Т.Б. Ғаниев, Д.Б. Д.А. Қодирзода, С.Ҷ. Комилов, А.А. Мирзоалиев, Т.Д. Низомова, М.Н. Нурмаҳмадов, Р.К. Раҷабов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Р.У. Улмасов, Ҳ.У. Умаров, Т.Ҷ. Усмонова, Қ.Х. Хушвахтзода, И.С. Шамсзода, Ф.Р. Шаропов, М.М. Шарифзода, Д.А. Ҳодиев, А.А. Солеҳзода ва дигарон мушоҳида карда мешавад.

Дар асоси таҳлили таҳқиқоти илмии олимони хориҷию ватании соҳа дар ин самт ба хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқи такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, зеро паҳлуҳои муҳимми масъалаи мазкур аз нигоҳи назариявию амалӣ, методиву методологӣ ва рушди стратегии он таваҷҷуҳи ҷидиеро талаб менамояд.

Дастовардҳои илмии олимонро дар раванди омӯзиши масоили илмию методологӣ, методӣ ва амалӣ баланд арзёбӣ намуда, таъкид кардан зарур аст, ки баъзе масъалаҳои такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст.

Омӯзиши нокифояи сармояи инсонӣ, такмилдиҳӣ ва идоракунии самараноки он, инчунин, нақш ва мавқеи муҳимми он дар рушд ва

ташаккулёбии иқтисодиёти муосир вобаста ба шароитҳои баамаломада, интихоби мавзуи диссертатсия, объекту предмет ва мақсаду вазифаҳои таҳқиқотро муайян кардааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Мавзуи диссертатсия бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Барномаи таълимии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 ва дигар барномаҳои рушди соҳавию байнисоҳавӣ, санадҳои ҳуқуқию меъёрии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда робитаи мустақим дорад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз таҳияи муқаррароти илмию назариявӣ ва методологии такмили идоракунии сармояи инсонӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалии самаранок истифодабарии он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда ичрои вазифаҳои зерин бо дарназардошти хусусиятҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ муқарар карда шудаанд:

– таҳқиқи назарияҳои илми иқтисодӣ баҳри асоснок кардани равишҳои консептуалӣ-назариявии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии такмилдиҳандаи он;

– рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста аз воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо, доираҳо ва талаботҳои иҷтимоии онҳо дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт муайян карда шудаанд;

– муайян кардани равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ вобаста ба рушду ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ ва усулҳои арзёбии сифатии он;

– баррасии таҳсилоти олии касбӣ ва нақшу аҳаммияти он дар рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир;

– омӯзиши тамоюлҳои рушду тавсеаи иқтидори кадрӣ, таҳлили омилҳо ва унсурҳои асосии рушди самаранок истифодабарии он дар шароити ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ;

– таҳлил, баррасӣ ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии такмили идоракунии сармояи инсонӣ ва имкониятҳои татбиқи он дар иқтисодиети муосир;

– таҳқиқи риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар донишкадаю донишгоҳҳои тараққикардаи кишварҳои ҷаҳон;

– таҳлили вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– асоснок гардонидани самтҳои асосии рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба вазъи кунунии иқтисодиёт;

– таҳияи хусусиятҳои хоси идоракунии стратегии кормандон дар асоси тағйирёбии моҳияти сармояи инсонӣ ва пешниҳоди низомҳои муосири таълимӣ.

**Объекти таҳқиқотро** такмили ташаккулёбии идоракунии сармояи инсонӣ ва қонуниятҳои тағйирёбии он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқотро** маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодие ташкил медиҳанд, ки дар раванди такмили идоракунии сармояи инсонӣ

дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар заминаи фаҳмишҳои навини методологии он бо таваҷҷуҳ ба ҳамкории ниҳодҳои ташаккулдиҳандаи он асос ёфтааст. Ҳамкории унсурҳои сармояи инсонӣ бештар аз сармоягузорӣ ба онҳо вобаста мебошад, чунки дар ҳолати рушду инкишоф ёфтани ҷузъҳои сармояи инсонӣ метавонад, ба ҷузъҳои дигари он таъсири ғайримустақим дошта, таъсири мултипликаториро ба вуҷуд оварад. Дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ин таъсиррасониҳо дар асоси такмили низоми таълим, омода кардан ва бозомӯзии кадрҳо, эҷоди афзалиятҳо ва азхудкунии онҳо ба роҳ монда мешавад.

**Асоси назариявию методологии таҳқиқотро** назарияҳо ва муқаррароти асарҳои бунёдии муҳаққиқони классикони илми иқтисодиёт, андешаҳо, тавсияҳо, нуқтаҳои назар, коркардҳою методологияи таҳиянамудаи олимони муосири ватаниву хориҷӣ оид ба такмилдиҳии сармояи инсонӣ, механизмҳои иҷтимоию иқтисодии идоракунии сармояи инсонӣ вобаста ба рушду ташаккулёбии иқтисодиёти муосир, инчунин, Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ташкил медиҳанд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия аз сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, коркардҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин, маълумоти оморӣ ва маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии вазорату кумитаҳо истифода шудааст.

**Сарчашмаҳои маълумоти таҳқиқотии диссертатсиониро** санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарчашмаҳои илмии иқтисодии гуногун, Паёмҳо ва суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати

меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот аз сарчашмаҳои омори байналмилалӣ, маълумоти оморӣ ва иттилоотии созмонҳои байналмилалӣ, захираҳои иттилоотии шабакаи интернет, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба такмили рушди идоракунии сармояи инсонӣ анҷом дода шудаанд, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ташкил менамоянд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ҳалли масоил дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули омӯзиши омилҳо, усули системавию сохторӣ, мантиқиву таҳлилӣ, сабабӣ, анкетагузаронӣ, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, таносуби хусусиятҳои миқдорию сифатӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, инчунин, усули коррелятсионӣ-регрессионӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2024 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснокгардонии ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ ва методологии такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ифода меёбад.

Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмии онро муайян мекунанд, фарогири нуктаҳои зерин мебошанд:

1. Дар диссертатсия ғояҳои илми иқтисодӣ ва сарчашмаҳои асосии равишҳои консептуалӣ-назариявии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир ба марҳилаи нави рушди иқтисодиёт ҳаракат мекунад ва қувваи пешбарандаи онро сармояи инсонӣ (бунёди донишҳои нави иқтисодӣ, самаранок истифодабарию идоракунии онҳо) ташкил менамояд. Инчунин, дар диссертатсия назарияҳои муҳаққиқон ва коршиносони соҳа ба инобат гирифта шуда, фаҳмиши муаллифии

сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он пешниҳод карда шудааст. Мувофиқ ба дарку фаҳмиши муаллифи диссертатсия, сармояи инсонӣ маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кӯшишҳо ва ояндабиниҳо ба фаъолият дониста мешавад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт сармояи асосии инсони комил ба ҳисоб меравад. Ин сармояи бузург ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро нишон медиҳад. Унсурҳои асосии сармояи инсонӣ: иқтидори инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, сатҳи саломатӣ, қувваи ҷисмонӣ, қобилиятҳои модарзодӣ, донишҳои касбӣ-тахассусӣ, иқтидори соҳибкорӣ, сатҳи ҳавасмандӣ, моликияти зеҳнӣ, сармояи оилавӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ ва маҳорати ташкилӣ дониста мешаванд.

2. Воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо ва доираҳои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ вобаста ба инобатгирии талаботҳои иҷтимоию инноватсионии иқтисодиёти муосир муайян карда шудаанд. Ҳангоми таҳқиқ ошкор гардидааст, ки ташаккулёбии сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ниҳодҳои асосии он таъмин намуда, талаботҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир онро раҳандозӣ менамояд. Иқтисодиёти муосир ба донишҳои мутахассисони тахассусманд, эҷодкор ва кашфиётҳои онҳо такя менамояд. Аз ин нуқтаи назар, собит карда шудааст, ки фикрронӣ, навоварӣ, ҷоринамоӣ, назоратнамоӣ ва фоидагирӣ марҳалаҳои асосии ин иқтисодиёт дониста мешаванд.

3. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ таҳқиқ гардида, истифодабарии усулҳои арзёбии сифатии он муайян карда шудаанд. Асоснок гардидааст, ки маҷмуи донишҳои муосир, қобилият, малака ва таҷрибаи андӯхташуда, на танҳо омили бавуҷудоваранда, балки идоракунанда ва истифодабарандаи самараноки онҳо дониста мешавад. Маълумотнокӣ ҳамчун ҷузъи сармояи инсонӣ дониста шуда, хусусиятҳои хоси он

пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, қайд гардидааст, ки аз худ намудани донишҳои муосир боиси боз ҳам саҳеҳтар гардидани нақши сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёт мегардад.

4. Дар раванди таҳқиқ таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир баррасӣ гардида, муайян карда шуд, ки маълумотнокии инсон, бахусус маълумоти олии касбӣ, ки бештар ба раванди истеҳсолот наздикӣ дорад, дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши муассир дорад. Рушду тавсеаи иқтисодиётро сармояи инсонии ташаккулёфта таъмин намуда, боиси самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти босифат мегардад. Ҳамзамон, дар диссертатсия равиши муоситарини омоданамоии мутахассисонро вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва ҳамбастагии он бо талаботҳои истеъмолии аҳолӣ пешниҳод гардидааст.

5. Омӯзиши тамоюли рушди иқтидори кадрӣ ва таҳлили омилҳою унсурҳои самаранок истифодабарии он дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат пешниҳод карда шудаанд. Ҳамин тариқ, муайян карда шуд, ки робитаи мустақим байни низоми маориф, илм ва раванди истеҳсолот дар як низоми муайяни инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, омоданамоии мутахассисони дорои дониши муосирро талаб менамояд. Барои ин пешниҳод карда мешавад, ки омоданамоии мутахассисон дар ин шароит мувофиқ ба талаботи замон ба роҳ монда шавад.

6. Дар диссертатсия омӯзишу аз худ намудани таҷрибаи хориҷӣ оид ба рушду такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти муосир муҳим арзёбӣ гардидааст. Истифодаи таҷриба, таҳлил, таҳқиқ ва баррасии он яке аз меъёрҳои иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, омӯзиши таҷрибаи пешқадам яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафи гузошташуда маҳсуб меёбад. Таҷрибаи

давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ нисбат ба дигар сармоягузориҳо манфиати бештар ба бор меорад. Дар иртибот ба ин, яке аз роҳҳои расидан ба рушди комили иқтисодӣ дар доштани мутахассисони халлоқ ва эҷодкор дониста мешавад. Вобаста ба ин пешниҳод карда мешавад, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз худ карда шуда, истифодаи яке аз ин таҷрибаҳо оид ба рушди сармояи инсонӣ ба манфиати ҷомеа хоҳад буд.

7. Риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон таҳқиқ карда шуда, зимнан муайян карда шуд, ки вобаста ба рушди босуръати техникаю технологияҳо ва тағйир ёфтани талаботҳои истеъмолии аҳолӣ зиёда аз 50 фисади касбҳо нуфузу эътибори худро аз даст дода, шакли навро гирифтаанд ва ё умуман аз байн рафтаанд. Тибқи пешгӯиҳо, дар баробари гузаштан ба силсилаи нави технологӣ риштаҳои амалкунанда то соли 2050-ум пурра шакли муосирро мегиранд. Бинобар ин пешниҳод карда мешавад, ки ин таҳдидҳо ба инобат гирифта шуда, рушду такомули сармояи инсонӣ мувофиқ ба талаботҳои ҷомеаи муосир ва дурнамои рушди иқтисодиёт таъмин карда шаванд.

8. Вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагонии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, муайян карда шуд, ки дониш ба унвони неруи асосии сармояи инсонӣ ва тавлидкунандаи идеяҳои инноватсионӣ арзёбӣ мегардад. Идеяҳои инноватсионӣ боиси рушду тавсеаи иқтисодиёти муосир гардида, барои ба даст овардани даромад, таъмин шудан бо ҷойи кор ва беҳтар гардидани сатҳи зисту зиндагонӣ мусоидат мекунад. Пешниҳод карда мешавад, ки раванди мазкур дуруст таҳлилу арзёбӣ карда шуда, ба навоварӣ, эҷодкорӣ, ихтироот ва аз ҳама муҳим ба масъалаи роҳандозии истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

9. Дар диссертатсия самтҳои муосири рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ вобаста ба дигаргуншавии муносибатҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт асоснок гардида, муайян карда шуд, ки рушди устувори иқтисодиёт бо рушди сармояи инсонӣ, таъмини шуғли самаранок ва ташаккули рақобатпазирии истеҳсолот алоқамандии зич дорад. Самтҳои асосии рушд ва инкишофдиҳандаи сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар дуруст ба роҳ мондани низоми муосири таълимӣ, муҷаҳҳазгардонии муҳити таълимӣ ҳамчун асоси таҳсилоти босифат, азхудкунии муосиртарин донишҳо, ҳамбастагии ҷараёни таълим бо раванди истеҳсолот ва дигар фаъолиятҳо дониста мешавад. Вобаста ба ин, аз ҷониби муаллиф амсилаи кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ пешниҳод гардидааст, ки он дарбаргирандаи рушди сармояи инсонӣ + таъмини шуғли самаранок + ташаккули рақобатпазирии истеҳсолотро фаро мегирад.

10. Хусусиятҳои хоси идоракунии стратегии кормандон дар асоси тағйирёбии моҳияти сармояи инсонӣ ва низомҳои муосири таълимӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, муайян карда шуд, ки идоракунии стратегии кормандон дар менеҷменти муосир вобаста ба шароитҳо ва тағйироту дигаргуниҳое, ки ҷараёни истеҳсолиро фаро гирифтаанд, мазмун ва мундариҷаи худро дигар карда, фаъолият намудан бо техникаю технологияи муосирро ҳамчун равиши навини омодасозии кадрҳои асри XXI талаб менамояд. Ҳамзамон, муаллифи диссертатсия таъминамоии кадрҳоро яке аз самтҳои асосии рушди менеҷменти муосир дониста, пешниҳод менамояд, ки механизми мотиватсионии таъминамоии кадрҳо яке аз муосиртарин роҳҳои таъмини корхона бо беҳтарин кормандон дониста мешавад. Вобаста ба хусусиятҳои хоси менеҷмент ва рушдёбии техникаю технологияҳои истеҳсолӣ, низоми таълимӣ бояд дар асоси муосиртарин амсилаҳои таълимӣ ба роҳ монда шавад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**. Дар асоси омӯзишу баррасиҳо натиҷаҳо ва муқарраротi муайяншудаи илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

– тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявии сармояи инсонӣ, рушду такомули унсурҳои асосӣ ва аҳаммияти иҷтимоӣ-иқтисодии маълумотнокӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт кушода дода шудааст;

– воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо, доираҳо бо дарназардошти талаботҳои иҷтимоии сармояи инсонӣ ва ба инобат гирифтани талаботҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ ошкор гардида, роҳҳои муосир ва ба ҷомеа зарур пешниҳод карда шудаанд;

– равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ ошкор гардида, усулҳои арзёбии сифатии он муайян карда шудаанд;

– нақши таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси рушди сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир муайян карда шуда, муҳиммияти он асоснок карда шудааст;

– тамоюли рушди иқтидори кадрӣ ва таҳлили омилҳою унсурҳои самаранок истифодабарии он дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ баррасӣ гардидааст;

– таҳлилҳо, баррасиҳо ва омӯзиши таҷрибаи хориҷии идоракунии сармояи инсонӣ вобаста ба шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт анҷом дода шудааст;

– риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон вобаста ба дигаргуншавии раванди кору фаъолиятҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт баррасӣ шудааст;

– вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд;

– самтҳои асосии рушду такомули сармояи инсонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба шароити имрӯзаи иқтисодиёт асоснок карда шудаанд;

– хусусиятҳои хоси идоракунии стратегии кормандон дар асоси тағйирёбии моҳияти сармояи инсонӣ асоснок карда шуда, муосиртарин низомҳои таълимӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ, методологӣ ва амалии таҳқиқот**. Аҳаммияти назариявӣ ва методологии таҳқиқот дар он зуҳур мекунад, ки тавсияҳои илман асоснокшудаи муаллифи диссертатсия барои такмили идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба рушди идоракунии самараноки сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт истифода бурда шаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар таҳияи барномаи стратегии рушди сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосири иқтисодиёт дар соҳаҳои иқтисодӣ метавон мавриди истифода қарор дод.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи муаллифро муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҳангоми асоснокунии равишҳои муосиртарини рушду такомули сармояи инсонӣ метавонанд истифода баранд. Дар баробари ин, тавсияҳои мушаххаси аҳаммияти амалидоштаи таҳқиқотро ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди сармояи инсонӣ дар сохторҳои дахлдори соҳа метавон истифода бурд. Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки аҳаммияти амалӣ доранд, ба такмили шаклу усулҳо, истифодабарӣ ва рушди сармояи инсонӣ мусоидат намуда, барои баланд бардоштани самаранок идора намудани он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт мусоидат менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.10

– Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат мекунад: 1. Коркарди проблемаҳои илми идоракунӣ ва методҳои маърифати он. Ақидаҳои назариявӣ нисбат ба табиат, моҳият ва инкишофи идоракунӣ. Самтҳои муосири коркардҳои назариявию методологӣ дар соҳаи идоракунӣ. Асосҳои мавзуӣ ва байнифаннии идоракунӣ. 19. Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва густариши кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии сатҳи касбӣ-вазифавӣ ва пешравии касбӣ-вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ. 20. Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилот. Салоҳиятнокии ҳайати шахсӣ ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва идоракунии ҳайати шахсӣ. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайати шахсӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар интихоби мавзуи илмӣ, асосноккунии илмӣ ва мубрамияти он, муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯйи вазифаҳои таҳқиқот зоҳир мегардад. Муаллиф дар таҳия ва санҷиши муқаррароти назариявӣ, методологӣ ва амалӣ оид ба такмили сармояи инсонӣ ва таъсири онҳо ба самаранокии идоракунии натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти донишомӯзӣ саҳм гузоштааст.

Иштироки шахсии муаллиф дар мавриди пешниҳоди натиҷаҳои бадастовардашуда аз ҷониби ҳаммуаллифон тасдиқ ва дар интишороти муштарак инъикос карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинарҳои илмии кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмию амалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

(Душанбе, 2006-2024), Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат (Душанбе, 2023), Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Душанбе, 2016-2024), Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ (Кӯлоб, 2016-2023), конференсияҳои илмӣ-амалии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2008-2024), конференсияҳои байналмилалии илмию амалии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2010-2024), инчунин дар конференсияҳои байналмилалии берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ (2016-2019) баррасӣ ва тасдиқ шудаанд.

Муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар раванди таълим ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, васоити таълимӣ, дастурҳо ва матни лексияҳо аз фанҳои «Идоракунии сармояи инсонӣ», «Идоракунии захираҳои меҳнатӣ», «Иқтисодиёти меҳнат», «Менеҷмент ва маркетинг», «Менеҷменти кадрӣ», «Менеҷменти молиявӣ», «Менеҷменти байналмилалӣ», «Назорати ҳайати кормандон», «Санъати роҳбарӣ» ва дигар фанҳо, ки донишҷӯён, магистрантҳо ва докторантҳо аз рӯйи ихтисосҳои PhD иқтисодӣ истифода мешаванд, ки бо санад аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқи худро ёфтааст. Натиҷаи асосии амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ ва дар амал татбиқ карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи маводи диссертатсия 96 кори илмӣ, аз он ҷумла: 2 монография ва 36 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, понздаҳ зербоб, хулосаю пешниҳодот ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни асосии таҳқиқот дар 355 саҳифаи компютерӣ

оварда шуда, фарогири 33 ҷадвал, 11 расм ва 12 диаграмма мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 318 номгӯй иборат аст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар *муққадима* муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва дараҷаи коркарди он асоснок карда шуда, ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, фарзияи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, асосҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта, дар бораи татбиқи натиҷаҳои кор маълумот дода шудааст.

Дар *боби аввал* «Асосҳои назариявӣ-консептуалии идоракунии сармояи инсонӣ» назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди иқтисодиёти муосир пурра шарҳ дода шуда, рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI баррасӣ шудааст.

Дар *боби дувум* – «Равишҳои методологӣ ва усулҳои арзёбии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт», методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ва равишҳои арзёбии он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт муайян, таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси такомулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир дониста шуда, хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи иқтисоди рақамӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар *боби сеюм* – «Таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон оид ба самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ ва омоданамоии мутахассисон дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ», сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисодиёти ҷаҳонӣ дониста шуда, арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт таҳқиқ шуда, риштаҳои муосири

омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараккикардаи ҷаҳон оварда шудааст.

Дар *боби чорум* – «Таҳлили вазъи маълумотгирии олии касбӣ, ҳолати бозори меҳнат, сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», вазъи маълумотгирии олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такомулёбии сармояи инсонӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳолати бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт таҳлил гардида, сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии такомулёбии сармояи инсонӣ оварда шудааст.

Дар *боби панҷум* – «Самтҳои инкишофёбандаи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир», рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ муайян шуда, такмилёбии идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ пешкаш гардида, дигаргунсозии раванди таълим ва беҳсозии сифати таҳсилот дар ташаккули сармояи инсонӣ пешкаш гардидааст.

Дар охир, натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар хулоса ва пешниҳодот мувофиқ ба мақсадҳои гузошташуда ва вазифаҳои ҳалшаванда пешкаш гардидааст, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ мураттаб карда шудаанд.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-КОНСЕПТУАЛИИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

## 1.1. Назарияи сармояи инсонӣ ва муҳтавою мундариҷаи он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт

Сармояи инсонӣ дар ҷомеаи имрӯза нақши бағоят муҳимро бозида истода, асоси рушду ташаккулёбии соҳаҳои муҳимми ҷамъиятӣ дониста шуда истодааст. Дар шароити иқтисодиёти инноватсионии имрӯза аҳаммияти бузург доштани ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ мақоми ба худ хосро гирифта, водор ба он намудааст, ки нисбати ин мавзуъ таҳқиқоти илмию амалӣ анҷом диҳанд. Анҷомдиҳии таҳқиқоти илмию амалӣ боиси самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ гашта, дар кадом сатҳ рушду ташаккулёбии онро нишон дода истодааст. Рушду ташаккулёбии сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, ин азхудкунии донишҳои нави иқтисодӣ, доштани зеҳниятҳои тавонманди касбӣ ва қобилияту истеъдоди созандагии инсонҳо ташкил намуда истодааст.

Тавонмандӣ ва донишмандии инсон омили асосӣ дар рушду ташаккулёбии соҳаҳои ҷамъият, бахусус, сатҳу сифати зиндагии онҳо гаштааст. Ҳама он дигаргуниҳое, ки боиси рушди иқтисодиёти муосир гардида истодааст, маҳз маҳсули меҳнати инсонҳо дониста шуда, рӯз аз рӯз такмили доимии худро доранд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, дар шароити муосири иқтисодӣ муваффақияти ширкату корхонаҳоро ҳузури мутахассисони касбӣ ва ҳамзамон истифодаи технологияҳои муосир муайян мекунад. Аз ин ҷост, ки вобаста ба шароити имрӯзаи иқтисодӣ дар самаранок идоракунии сармояи инсонӣ, иҷрои ду функсияи муҳим: тактикӣ, (рушду ташаккулдиҳии донишҳои касбӣ-тахассусии кормандон) ва стратегӣ, (барнома ва нақшаю таҳрезиҳои андешидашуда барои ташаккул ва инкишофёбии сармояи инсонӣ) нақши калидиро дорад. Барномарезиҳои пешакии маълумотгирии инсонҳо, ки асоси сармояи инсониро ташкил

менамояд, яке аз ҳадафҳои асосӣ дар инкишоф додани иқтисодиёти инноватсионӣ дониста мешавад. Маҳз донишҳои муосир аст, ки роҳу равишҳои навинро оид ба самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ пешкаш намуда, бамаротиб истифодашавии онҳоро нишон медиҳад.

Самаранок идоракунӣ ва истифодабарии сармояи инсонӣ ин пеш аз ҳама бо мақсади истеҳсоли молу маҳсулотҳои инноватсионӣ, рақобатнокии онҳо, босифат истеҳсол намудани маҳсулот ва ниҳоятан дар таъмини рушди иқтисодиёт дониста мешавад. Имкониятҳои самаранок идоракунӣ ва истифодабарии сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир ба дарёфт ва азхудкунандаи донишҳои навин алоқаманд аст.

Механизмҳои муосири рушду инкишофдиҳии иқтисодиёти муосир бештар такя ба донишҳои ҷадиди инсонӣ намуда, дар ихтироотҳою эҷодкориҳои инсонӣ таҷҷасум ёфта истодааст. Бинобар ин, вобаста ба шароитҳои муосир, дар шароити имрӯза аз худ кардани маълумоти касбӣ-тахассусӣ бештар хислати ба истеҳсолот наздик буданро тақозо дорад.

Вобаста ба ин масъалаи муҳимми иқтисодӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22-юми декабри соли 2017 чунин қайд намудаанд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд»[2].

---

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017, шаҳри Душанбе. http://www.prezident.tj/node/16771.

Такмилдиҳӣ ва самаранок истифодабарию идоракуниии сармояи инсонӣ яке аз масоилҳои муҳим ва махсуси ҳама давру замон буда, муҳаққиқон, файласуфон, олимон ва таҳқиқотбарон оид ба ин масъала фикру ақидаҳои худро пешниҳод намудаанд. Вобаста ба масоили рушду ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ ва паҳлуҳои асосии он олимон ва муҳаққиқоне чун Конфутсий, Суқрот, Платон, Аристотел, Ал-Форобӣ, Абуабдуллоҳи Рудакӣ, Абдулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Ҷалолиддини Румӣ, Низоми Ганҷавӣ ва дигаронро ном бурдан мумкин аст, ки асарҳои мондагори таърихӣ эҷод кардаанд.

Чуноне ки олими бузурги соҳаи тиб Абуалӣ ибни Сино таъкиди онро менамояд, ки: «Рӯҳи инсон монанди шиша аст, дониш нерӯест ба монанди оташ ва ҳикмати Худованд равған аст. Агар чароғ сӯзон аст, Шумо зинда ҳастед, агар он хомӯш шавад, Шумо мемиред»[3]. Мутафаккири бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино, дониши инсонро иқтидоре медонад, ки мисли оташ равшани менамояд ва албата, ки барои ҷилвагар будани дониши инсон, такмили доимии ӯ лозим меояд.

Мувофиқ ба назария ва методологияи намояндагони мактаби классикӣ, А.Смит, В.Петти, Д.Рикардо рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ боиси беҳтар гардидани қобилияти инсонҳо гардида, ба сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии одамон ва аз ҳама муҳим даромадро дар сатҳи давлат зиёд менамояд.

Олими иқтисоддон В.Петти яке аз муҳаққиқонест, ки аввалин шуда, оид ба сармояи инсонӣ ва рушду ташаккулёбии он дар асари худ «Арифметикаи сиёсӣ» маълумоти аз ҷиҳти илмӣ исботшударо пешниҳод намудааст. Ин олим мафҳуми «қувваҳои инсонии амалкунанда»-ро, дар муомилоти илмӣ мавриди истифода қарор дода, унсурҳои асосии

[3] К. Андриевская и др. Энциклопедия мудрости.- Можайск: Изд-во «РООССА», 2007. – С.682.

«сармояи инсонӣ»-ро таҳқиқу баррасӣ намудааст[4]. Ин олими иқтисоддон дар бештар асарҳои худ, сармояи инсониро ягона захирае ҳисоб намудааст, ки дар вусъатёбии иқтисодиёти миллӣ таъсири бевосита мерасонад.

Вобаста ба ин масоил, олими иқтисоддон Адам Смит бештари таҳқиқоти худро ба омӯзиши сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он идома дода, дар баробари дигар омилҳо ва захираҳои истеҳсолот, таваҷҷуҳи бештарро ба қобилиятҳову тавонмандии инсон равона намудааст. Мувофиқи ақидаи ин олим, баланд бардоштани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат дар бештари ҳолатҳо ба маҳорату истеъдоди корманд, дар ҳоле, ки ба корманд тамоми шароитҳо муҳайё гардида, ҷараёни истеҳсолот бо техника ва техналогияи истеҳсолӣ муҷҷаҳаз гардонида шуда, вобастааст. Ин олим дар асари худ «Тадқиқот дар бораи моҳият ва сабабҳои сарвати халқҳо» қайд кардааст, ки «дар истеҳсоли дастгоҳ ҳаҷми вақти корӣ он муайян карда мешавад, маблағи ба он сарфшуда чӣ тавр баргардонда мешавад ва чӣ фоида меорад маълум аст ва шахсе, ки касбу ҳунарро омӯхтааст, агар меҳнаташ бо ин дастгоҳ муқоиса карда шавад, пас маълум мешавад, ки илмомӯзии нисбати меҳнаташ тамоми он хароҷотҳояшро бо фоидаи зиёд иваз мекунад»[5]. Мувофиқ ба гуфтаҳои А.Смит тафовут байни ҳақмузди кормандон (кормандони маълумотдор ва бемаълумот), бояд вуҷуд дошта бошад, чунки фаъолияти меҳнатии кормандони маълумотдор нисбат ба кормандони бемаълумот фарқияти калон дорад.

Вобаста ба масоили сармояи инсонӣ ва таъсири он рушду ташаккулёбии иқтисодиёт олими иқтисоддон К.Маркс тадқиқотҳои зиёди илмӣ анҷом додааст. Мувофиқи ақидаи ин олим, «қувваи кориро маҷмуи муайяни қобилиятҳои ҷисмонӣ ва маънавии кормандоне, ки дар

---

[4] Ниг. ба: Петти В. Экономические и статистические работы. – М.: Соцэкгиз, 1940. – 324 с.

[5] Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов. – М.: Соцэкгиз, 1956. – 490 с.

ҷараёнҳои истеҳсолот истифода мешаванд, медонист»[6]. Дар баробари ин К.Маркс ташаккулёбӣ ва аҳаммияти қувваи кориро дар истеҳсолот ва сармоягузориҳоро бар он асоснок карда, сармояи инсониро асоси рушду ташаккулёбии ҷамъият донистаст.

Вобаста ба масъалаи сармояи инсонӣ ва рушду ташаккулёбии он муҳаққиқон: Л.Дублин, Ф.Крам, И.Фишер, С.Х. Форсит корҳои зиёди илмию амалӣ анҷом дода, онҳо сармояи инсониро асоси истеҳсолоти муосир дониста, баҳогузорӣ намудаанд.

Омӯзиш ва таҳлилу баррасии сармояи инсонӣ ҳарчанд, ки решаҳои худро дар замонҳои қадим дошта бошад, ҳам ҷанбаҳои муҳимми он ҳамчун мафҳуми илмӣ дар нимаи дуюми асри XX дар таҳқиқоти олимон рӯйи кор омаданд.

Ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва тезу тунд шудани раванди истеҳсолот, оғози омӯзиши назарияи муосири сармояи инсониро рӯйи кор овард. Дар ин солҳо олимони ИМА, барандагони ҷоизаи Нобел – Т.Шултс ва Г.Беккер, (солҳои 1991-1992), аввалин муҳаққиқоне мебошанд, ки оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ фикру ақидаҳои худро пешниҳод кардаанд. Т.Шултс дар мақолаҳои илмии худ, «Ташаккули сармояи маълумотгирӣ»[7], «Назарияи сармояи инсонӣ»[8] ва «Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ» таърифи асосӣ ва аввалиндараҷаи сармояи инсониро пешниҳод намудааст. Ин муҳаққиқи амрикоӣ дар корҳои илмии худ, тафсифи сармояи инсониро дар якҷоягӣ бо унсурҳои рушду ташаккулдиҳандаи он пешниҳод кардааст, ки ба таври муфасал дар ҷадвали 1.1 оварда шудааст.

Г.Беккер дар асари худ «Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ» назарияи сармояи инсониро таҳия ва пешниҳод намудааст, ки он ба таври муфасал дар ҷадвали 1.1 оварда шудааст.

[6] Антология экономической классики. Т. 1. – М.: 1993.

[7] Schultz T. Human Capital in the International Encyclopedia of the Social Sciences. – N. Y., 1968. – Vol. 6.

[8] Schultz T. Capital Formation by Education // Journal of Political Economy. – 1960. – Vol. 68.

### Ҷадвали 1.1. – Таҳқиқи мафҳуми сармояи инсонӣ

| Муаллиф (он) | Мафҳум |
|---|---|
| **Т.Шултс** | «Сармояи инсонӣ – маҷмуи сифатҳои асосӣ ва муфидтарини инсонӣ, ки ба шахсони алоҳида хос аст, фаҳмида мешавад»[9]. |
| **Г.Беккер** | «Сармояи инсонӣ аз ҳисоби маблағгузорӣ ба маориф ва рушду инкишофи инсон ташаккул меёбад, ки дар он самтҳои асосии сармоягузорӣ, нигаҳдории тандурустӣ, маълумотгирӣ, ҷустуҷӯи маълумот дар бораи нархҳои бозорӣ, талабот ва даромад, таълими истеҳсолӣ ва муҳоҷират ташаккул меёбанд»[10]. |
| **Л. Туроу** | «Сармояи инсонӣ имкониятдиҳандаи одамон баҳри баландбардории иқтидори истеҳсолӣ, идоранамоии самараноки он ва хизматрасониҳои онҳо фаҳмида мешавад»[11]. |
| **Кендрик Д.** | «Сармояи инсонӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ, маҷмуи донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое мебошад, ки дар ихтиёри шахс қарор дошта, аз ҷониби ӯ барои қонеъ гардонидани талаботи мавҷудаи ҳам шахсият ва ҳам ҷомеа истифода мешавад»[12]. |
| **Ғаниев Т.Б.** | **«Сармояи инсонӣ дар асоси истеъдоди ҳунарии нотакрори модарзодӣ инчунин хароҷоти муайяни молиявию пулӣ ва таҷрибаи фаъолияти касбӣ ва муҳити таъсиррасони касбиву ҳунарӣ, инчунин фаъолияти созандаи касбиву эҷодиву кашфиётӣ бозташаккулёбиву пурқувватшавӣ дорад. Дар навбати худ ин ганҷинаи бузурги ташаккули фарҳанги навини рушди ҷомеаи инсонӣ мебошад»[13].** |
| **Комилов С.Ҷ.** | «Сармояи инсонӣ дар натиҷаи сармоягузорӣ ва захираҳои ҷамъкардаи шахс барои таъмини саломатӣ, дониш, малака, қобилият, ҳавасмандии ӯ, мусоидат ба рушди ӯ, ба даст овардани тахассуси зарурӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, таъмин намудани афзоиши музди кор дар соҳаи муайяни фаъолият ташаккул меёбад»[14] |
| **Хрипунова М.Л., Соболева Е.Н.** | «Зери мафҳуми сармояи инсонӣ - андухти донишҳои касбӣ ва навоварӣ, истеъдодҳои модарзодӣ (табиӣ), иқтидори соҳибкорӣ, ҳавасмандӣ, қувва ва саломатии инсонҳо фаҳмида шуда, дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ истифода бурда мешаванд»[15]. |
| **Ҳодиев Д.А.** | «Сармояи инсонӣ – ин муҳтавои дониш ва қобилияти эҷодӣ, инчунин малакаҳо ва қобилиятҳо, сатҳи саломатӣ, сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути сармоягузориҳо дар соҳаи |

---

[9] Schultz, Theodor W. Economic value of education. – N. Y., 1963.

[10] Becker, G. Investment in human capital: a theoretical analysis // The journal of political economy. – Suplement. 1962. – Oct.

[11] Туроу Л. Будущее капитализма. Как сегодняшние экономические силы формируют завтрашний мир. – Новосибирск: Сибирский хронограф, 1999. – 432 с.

[12] Кендрик Д. Совокупный капитал США и его формирование. – М.: Прогресс, 1978. – 275 с.

[13] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – С.166.

[14] Комилов, С.Дж. Формирование человеческого капитала и развитие интеллектуальной собственности в условиях перехода к инновационной экономике //Таджикистан и современный мир. - 2015. – № 4. – С. 19.

[15] Хрипунова М.Л., Соболева Е.Н. Формирование человеческого капитала предприятия//Энергия молодых - экономике России. Режим доступа: www.lib.tpu.ru/fulltext /c/2012/C23/V1/096.

| | |
|---|---|
| | маориф, омӯзиши касбӣ ва техникӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳоҷират ва таълими кӯдакон ҷамъ оварда шуда, бо мақсади даромад дар оянда фаҳмида мешавад»[16]. |
| **Корчагин Ю.А.** | «Сармояи инсонӣ – омили асосии ташаккул ва рушди инноватсионии иқтисодӣ ва иқтисоди донишҳо буда, ҳамчун таъминкунандаи зинаи дигари олии рушди ҷомеаи инсонии навин бароmад мекунад»[17]. |
| **С. Фишер** | «Сармояи инсонӣ ин андозае мебошад, ки вуҷуди одамонро фаро гирифта, даромад меорад. Сармояи инсонӣ дар худ истеъдоду қобилиятҳои модарзодӣ ва донишу маҳорате дорад, ки дар вақти зиндагонӣ ҳар як инсон онро дар худ пайдо месозад»[18]. |
| **Мирзоалиев А.А.** | «Сармояи инсонӣ яке аз муҳимтарин омилест, ки дар он тафаккури эҷодӣ, арзишҳои зеҳнӣ, маҳорату истеъдод, салоҳияту касбият ва иқтидори шахсият дар бозори меҳнат арзёбӣ мегардад»[19]. |
| **Давлатов С.Н.** | «Сармояи инсонӣ - ин маҷмуи қобилиятҳои модарзодӣ, ҷамъи донишҳои азхудкардашуда, дороии саломатию зиндагии дараҷаи олӣ, таҷрибаи баланди касбӣ, ҳавасмандии зиёд ба фаъолият ва зеҳнияти хуби масъулиятшиносӣ барои мақсадгузориҳои муфид ва ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад»[20]. |
| **Муаллиф** | «Сармояи инсонӣ – ин маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кушишҳо ва ояндабиниҳо ба фаъолият мебошад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт, мояи асосии инсони комил дониста мешавад. Ин сармояи бузург ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро нишон медиҳад». |

***Сарчашма: таҳияи муаллиф.***

Олими соҳаи иқтисод Л. Туроу дар асоси таҳқиқоти чандсолаи худ оид ба сармояи инсонӣ ва рушду ташаккулдиҳии он ба хулоса омад, ки ҷараёни истеҳсолотро мутахассиси соҳибкасб метавонад хуб идора карда, беҳтарин молу маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои босифатро барои эҳтиёҷмандон пешниҳод намояд. Инчунин, ӯ чунин ақида дорад, ки:

[16] Ходиев Д.А. Особенности развития человеческого капитала в условиях переходного периода (на примере Республики Таджикистан) // дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05–Ходиев Дадахон Абдуллоевич. – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2011. – С.27.

[17] Корчагин Ю.А. Широкое понятие человеческого капитала. Воронеж: ЦИРЭ. 2005.-С.12

[18] Фишер С., Дорнбуш Р. и др. Экономическая теория. – М. ЮНИТИ, 2002. – С.23.

[19] Мирзоалиев А.А. Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия // дисс. ... докт. илм. иқт: 08.00.12-Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2023. – С.13.

[20] Давлатов С.Н. Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) // дисс. ... номз. илм. иқт: 08.00.10-Давлатов Сорбон Назримадович. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – С.25.

«Соҳиби сармояи инсонӣ – ин соҳиби аслии моликияти инсонӣ ба ҳисоб меравад. Имкониятҳои табиӣ, муҳити ишғолнамуда ва қобилиятнокии инсон ҳамчун омил ба ташаккул ва рушд намудани маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ хизмат мерасонад»[21].

Аз рӯйи ақидаи Кендрик Д. сармояи инсонӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ҷамъи донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое дониста мешаванд, ки корманд онро дар ихтиёри худ дошта, бештар барои қонеъ намудани талаботҳои шахсию ҷамъиятӣ ва истифода карда мешавад.

Ҳамзамон, муовиқи таҳлилу баррасии ин олим, сармояи инсониро метавон ҳамчун бозгукунандаи имкониятҳои инсон дар рафти истеҳсолот муаррифӣ кард. Сармояи инсонӣ дорои истеъдодҳо, қобилиятҳо ва малакаҳои модарзодӣ, инчунин, таҷрибаҳои азхудкарда, тахассуси омӯзишгирифта ва дар маҷмуъ маълумотнокӣ мебошад.

Олими иқтисоддон профессор Ғаниев Т.Б. сармояи инсониро яке аз сармояи муҳимми ҷамъиятӣ ҳисобида, рушду инкишофёбии он дар сармоягузориҳо ва азхудкунии таҷрибаҳо меҳисобат. Инчунин, муҳити иҳотакарда низ ба таҳаввулоти ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ таъсиррасон буда, боиси рушд ва ё аз рушд мондани он низ мегардад. Устод Ғаниев Т.Б. сармояи инсониро ганҷинаи бузурги рушду ташаккулёбии фарҳанги навини ҷомеаи муосири инсонӣ дониста, асоси дастовардҳои иқтисодиётро дар тавонмандии ин сармоя медонад.

Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки рушду ташаккули сармояи инсонӣ таҳкурсии иқтисодиёти муосири иттилоотӣ-инноватсионӣ дониста мешавад. Аз тарафи дигар, иқтисоди муосири инноватсионӣ муҳитест, ки аз инсонҳо донишҳои навини касбӣ-тахассусиро талаб намуда, тавонмандии доимии онҳоро тақозо менамояд. Ин равишҳо ба ҳам алоқамандии ногусастани дошта, рушду ташаккулёбии сармояи инсониро барои ноил шудан ба рушди иқтисодиёт ва расидан ба ҳадафҳои гузоштаи худ дар асри XXI талаб менамояд.

Олими иқтисоддон профессор Комилов С.Ҷ. ба он ақида аст, ки сармояи инсонӣ дар натиҷаи сармоягузорӣ ва захираҳои ҷамъкардаи

[21] Thurou L. Jnwestment in Human Capital. Belmont, 1970. – С. 116-117.

инсон барои таъмини саломатӣ, аз худ намудани донишу малака, рушд додани қобилият ва аз ҳама муҳим афзоиши ҳосилнокии меҳнат равона гардида, даромадро таъмин менамояд.

Олимони рус Хрипнова М.Л. ва Соболева Е.Н., дар таҳқиқоти худ сармояи инсониро дар доштани донишҳои муосири касбӣ ва ихтирои навовариҳо, дорои истеъдодҳои модарзодӣ (табиӣ), дарки фаъолияти соҳибкорӣ, ҳавасманд будан аз фаъолият, дорои қувваи ҷисмонӣ ва саломатии доимии инсонҳо ҳисобидаанд.

Устод Ҳодиев Д.А., сармояи инсониро дар муҳтавои донишҳои муосир ва қобилияту тавонмандии эҷодии инсонҳо дониста, такмили доимии онро асоси пешравии иқтисодиёти кишвар медонад. Мувофиқи ақидаи Ҳодиев Д.А., мақсади асосии ин сармоягузориҳо баҳри дар оянда ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ дониста мешавад.

Назарияи С. Фишер оид ба сармояи инсонӣ дар он аст, ки ӯ ин сармояро ба мисли андозае медонад, ки вуҷуди инсонро фаро гирифта, аз ҳама муҳим ба Ӯ манфиат меорад. Баъди тадқиқотҳои чандсола ин олим сармояи инсониро ҷузъи асосии инсонҳо дониста, онро дар истеъдоду қобилиятҳои модарзодии онҳо ва донишу маҳоратҳои баъдан азхуднамуда донистааст.

Мувофиқи ақидаи Давлатов С.Н. зери мафҳуми сармояи инсонӣ ҷамъи қобилиятҳои модарзодӣ, донишҳои азхудкардашуда, саломатӣ, сатҳи хуби зиндагӣ, ҳавасмандӣ аз фаъолияти меҳнатӣ ва мақсадгузориҳои дуруст барои ба даст овардани манфиатҳо дониста мешавад.

Вобаста ба шарҳу тавзеҳдиҳо, ташаккулёбии саармояи инсонӣ боиси инкишофёбии иқтисодиёт, алалхусус зерсутуни асосии он дониста шуда истодааст. Мустаҳкам будани ин зерсутун боиси рушду ташаккули доимии иқтисодиёт гардида, доим дар ҳаракат будани онро таъмин менамояд.

Аз таҳқиқоти гузаронидашуда, маълум карда шуд, сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он (иқтидори инсонӣ, сатҳи саломатӣ, дараҷаи

маълумотнокӣ, қобилиятҳои модарзодӣ, қувваи ҷисмонӣ, донишҳои касбӣ-тахассусӣ, иқтидори соҳибкорӣ, сатҳи ҳавасмандӣ ва ғайра), ки дар якҷоягӣ захираи асосии истеҳсолотро пурра менамоянд, фаҳмида мешаванд.

То ба имрӯз таҳқиқоти зиёде оид ба унсурҳои сармояи инсонӣ аз ҷониби олимон ва муҳаққиқони соҳа анҷом дода шудааст. Ин таҳқиқот ба инобат гирифта шуда, ба низом даровардани онҳоро дар маҷмуаи инъикоскунандаи ин категория дар чунин шакл (нигаред ба расми 1) пешниҳод карда шудааст.

Аз расми 1 бармеояд, ки муҳимтарин унсурҳои сармояи инсонӣ инҳо дониста мешванд: иқтидори инсонӣ (маҷмуи маълумотҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, истеъдодҳо, маҳоратҳо ва умуман ҳама он чӣ, ки дар якҷоягӣ як чизи мукаммалро меофаранд фаҳмида мешавад ва ягона қувваест, ки сифати фаъолияти инсониро дар рафти ҷараёни меҳнат баҳогузорӣ менамояд); дараҷаи маълумотнокӣ (раванди рушду ташаккулёбии маълумотнокӣ ва малакаҳои касбиро дар бар мегирад); сатҳи саломатӣ (тансиҳатӣ, хотирҷамъӣ ва омода будани инсонро барои фаъолият нишон медиҳад); дарки фарҳангӣ (шинохти арзишҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва бо маданиятии инсонро дар бар мегирад); қувваи ҷисмонӣ (маҷмуи қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳии организми инсон); маҳорати ташкилӣ (дар доштани саъю кушиш ва беҳтар истифодабарии тавонмандӣ, қобилиятҳои ниҳонӣ ва истеъдодҳои инсонӣ ҷамбаст мешавад), қобилиятҳои модарзодии инсон (тавонмандиҳои инсон, ки табиатан дар худ дорад); таҷрибаи истеҳсолӣ (малакаю маҳоратҳое, ки инсон дар ҷараёни истеҳсолот аз худ менамояд); сатҳи ҳавасмандии инсон (дӯстдорӣ, шавқмандӣ, завқмандӣ, ирода, хоҳишмандӣ, майлдорӣ, таваҷҷуҳ, рағбат ва ҳама он ҳиссиётҳое, инсонро барои фаъолият намудан водор менамояд); сармояи зеҳнии инсон (дониш, таҷриба, малака, дороиҳои ғайримоддӣ), сармояи оилавӣ (дороиҳои оилавие, ки ба рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ таъсир

мерасонанд); ва сармояи соҳибкорӣ (сармоягузорӣ ба корхона, тиҷорат ва дигар фаъолиятҳои инсонӣ).




**Расми 1. Сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он**
***Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.***

Ташаккул ва инкишофёбии сармояи инсонӣ дар идоракунии иқтисодиёти муосир сол аз сол боло рафта, бештар дар ҷараёни азхудкунии донишҳои муосир ва ақидаҳои илмие ҷамбаст карда мешавад, ки ба талаботи имрӯзаи ҷомеа ҷавобгӯ бошад. Яъне, шароитҳои имрӯзаи иқтисодиёт, тақозои онро дорад, ки истифода ва идоранамоии сармояи инсонӣ ҷавобгӯй ба ин дигаргуниҳо ва тағйирёбиҳо ба роҳ монда шавад. Самаранок идора ва истифоданамоии сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосир бештар дар омоданамоӣ ва аз худкунии донишҳои муосири инноватсионӣ дида мешавад. Аз ин нуқтаи назар, азхуднамоии донишҳои муосири касбӣ яке аз роҳҳои самаранок истифодабарии сармояи инсониро нишон медиҳад. Ҳамчунин, ҳама он сармоягузориҳо, ки барои таҳаввулоти сармояи инсонӣ сарф карда мешавад, бар ҳадар нахоҳад рафт.

Ҷ. Гэлбрейт дар ин хусус чунин қайд менамояд: «Доллар дар зеҳни инсон нисбат ба дигар сармоягузориҳое, ки моҳияти худро дар шароити муосир тез гум менамоянд, фоидаи зиёдтар меоварад»[22].

Ташаббусҳо ва таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ оид ба самаранок идоракунии сармояи инсонӣ боис бар он гашт, ки дар соҳаи илм бахши алоҳида барои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ пайдо гардад ва дар донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ таҳқиқотӣ барномаҳои стратегии ин бахш мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтанд. Пайдо гардидани бахшҳои алоҳида, ба монанди иқтисоди донишҳо, иқтисоди маориф, иқтисоди зеҳнҳо, иқтисоди мустақили фардӣ, иқтисоди рақамӣ ва дигар бахшҳои муҳимми ин мафҳум аз ин гуфтаҳо далолат медиҳад. Ба вуҷуд омадани чунин бахшҳо аз дар мавриди назар будани ин сармояи муҳимми ҷамъияти гувоҳӣ медиҳад.

Вобаста ба мафҳуми «сармояи инсонӣ» аз давраи пайдоиш то ба имрӯз баҳсҳои илмиву назариявӣ идома доранд. Мувофиқи ақидаи баъзе олимони соҳа, зери ин мафҳум ҷамъи сармоягузориҳое дониста мешавад, ки боиси баланд гардидани қобилияти зеҳнии истеъдодиву ҳунарии инсонҳо гардида, фаъолияти пурраи онҳоро нишон медиҳад. Баъзе аз иқтисодшиносони дигар зери мафҳуми сармояи инсонӣ омили интенсивии истеҳсолии рушди иқтисодӣ, рушди ҷомеа, оила, корхона ва давлатро медонанд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки сармояи инсонӣ ин маълумотнокии касбӣ-тахассусӣ, нерӯи зеҳнии эҷодӣ, кашфиётӣ ва шоистагии ҳунарии инсонҳо дониста шуда, бо сармоягузориҳои муфид

---

[22] Корчагин Ю.А. Человеческий капитал – интенсивный социально-экономический фактор развития личности, экономики, общества и государственности. материалы научного семинара «человеческий капитал как междисциплинарная область исследований». / Корчагин Ю.А. – Режим доступа: https://www.hse.ru/data/2011/04/29/1210692190/doklad.doc.

ва такмили доимии донишҳои касбӣ дар муҳити фаъолиятҳои касбию ҳунарӣ барои таъмини вазифавии ҳар як шахсият ифода меёбад.

Олими иқтисоддон А.Маршалл оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ таҳқиқоти зиёди илмӣ анҷом дода, ин мафҳумро ба муомилоти илмӣ ворид намудааст. Мувофиқи ақидаи ин олим “ягона омиле, ки боиси баланд гардидани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат дар рафти истеҳсолот мегардад, ин сармояи инсонӣ дониста мешавад”[23].

Мувофиқ ба ақидаи олимон Ҷ.С.Милл, Ф.Лист қобилиятҳои инсон баъзеашон модарзодӣ (табиӣ) буда, қисми дигарашон дар ҷараёни фаъолиятҳои истеҳсолӣ пайдо ва рушду ташаккул меёбанд ва инро дар маҷмуъ сармояи инсонӣ номидан мумкин аст. Ба ақидаи ин олимон сармояи инсониро бояд барои тамоми инсонҳо ба назар гирифт[24].

Олими иқтисоддон Ф.Лист чунин мешуморид, ки «дараҷаи некуаҳволии халқ на ба миқдори аҳолӣ, балки ба кувваҳои истеҳсолкунанда, ки ин сармояро ба вуҷуд меоранд, вобаста аст»[25]. Яъне аҳолӣ ҳар чӣ қадар рушду инкишофёфта бошад, қувваи асосии рушдёбии иқтисодиёт дониста мешавад.

Истилоҳи «сармояи инсонӣ» дар сарчашмаҳои илмӣ, аз ду нуқтаи назар маҳдуд ва васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Аз нуқтаи назари маҳдуд, омӯзиши сармояи инсонӣ танҳо дар сатҳи соҳаи маориф дониста мешавад[26]. Аз нуқтаи назари васеъ, омӯзиши сармояи инсонӣ дар сармоягузориҳо ба инсон дониста шуда, хароҷотнамоиро ба таълим, тарбия, маърифатнокӣ, зеҳнияти баланди касбӣ ва ихтирооту навовариҳо дар сатҳи оила, мактаб, донишгоҳу донишкада ва корхонаро дар бар мегирад.

---

[23] Маршалл А. Принципы политической экономии. – Т. 1. – М.: Прогресс, 1993. –124с.

[24] Mincer J. Wage Stractures and Labor Turnover the United States and Japan / J. Mincer, Y. Higuchi // Jornal of the Japanese and Internathion Economics. – 1988. – № 2.

[25] Человеческого капитала теория [Электронный ресурс] // Словарь.ru. – Режим доступа: http://tfile.ru/forum/viewtopic.php?t=161538.

[26] Быченко, Ю.Г. Важнейший показатель человеческого капитала // Человеческие ресурсы. – 2001. – № 3.

Вобаста ба рушди равандҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир бошад, сармояи инсонӣ бахусус, қобилиятҳои эҷодӣ, сармояи зеҳнӣ ва фаъолиятҳои навоваронаи инсон нақши бағоят муҳим иҷро менамояд. Шароити муосири инноватсионии иқтисодӣ низомеро эҷод намудааст, ки ҳамкории доимиро байни субъектони хоҷагидор ва донишкадаю донишгоҳҳоро талаб мекунад. Дар сурати ҳамкориҳои доимӣ қобилияти инноватсионии инсонӣ сармояи асосии корхона дониста шуда, фаъолияти он фаъолияти созанда ва ҷавобгӯй ба шароитҳои муосири иқтисодӣ дониста мешавад. Чуноне ки олим Иванов Н. қайд менамояд, «дар фаъолияти созанда, инноватсионии хуб ташкил кардашуда, мақсади асосии сармояи инсонӣ зоҳир гардида, дастгирии афрозии он дар шакли таҷҳизот, бино ва иншооти таъминоти моддии шароити меҳнатро ташкил медиҳад»[27].

Вобаста ба таҳаввулоти баамаломада, аксарияти муҳаққиқон рушду ташаккулёбии сармояи инсониро асоси воридшвӣ ба иқтисодиёти муосир медонад. Дар робита ба ин гуфтаҳо, олимон А.А. Федченко ва С.М. Полухина чунин мефармоянд: «Омилҳои калидии воридшавӣ ба иқтисодиёти навин, ин сармоягузорӣ ба инсон дониста мешавад. Барои ба даст овардани натиҷаи хуб дар бахши инкишофдиҳии сармояи инсонӣ, мо бояд таваҷҷуҳи асосиро барои омоданамоии кадрҳои соҳибтахассус бо ёрии технологияҳои муосир равона созем»[28].

Мавқеъгирии сармояи инсонӣ дар идоранамоии иқтисодиёти инноватсионии муосир чорабиниҳои ҳамаҷонибаро нисбат ба сиёсати кадрӣ дигар намуда истодааст. Рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар ин шароит аз воситаҳо ва усулҳои инкишофёбии сармояи инсонӣ гардида, асоси онро талаботи инноватсионии иқтисодиёт ташкил медиҳад, ки ин ба таври возеҳ дар расми 2 оварда шудааст.

---

[27] Иванов Н. Человеческий потенциал и глобализация // Мировая экономика и международные отношения. – 2004. – № 9. – С. 25–41.

[28] Федченко А.А., Полухина С.М. Оценка влияния человеческого капитала на уровень средней заработной платы в регионе/А.А. Федченко, С.М. Полухина //Современные проблемы экономики и менеджмента/матер. межд. науч. прак. конфер. (г. Воронеж 28. 10. 2016 г.). – Воронеж, 2016. – С.311.




**Расми 2. Ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ вобаста ба талаботҳои инноватсионӣ.**
***Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.***

Рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ аз фаъолияти самараноки ниҳодҳо, раванди маблағгузорҳо ва омоданамоиҳо вобаста буда, натиҷаи он дар рафти фаъолият, таъмини хоҷагиҳо бо кадрҳои ҳирфаи муайян карда мешавад, ки асоси онро қонеънамоии талаботҳои иҷтимоии кормандон ва талаботҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир нишон медиҳад.

Ниҳодҳои аз ҳама муҳими рушду ташаккулдиҳандаи сармояи инсонӣ ин оила, муҳити ҷамъият, мактабу муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи касбӣ, донишкадаю донишгоҳҳои олии касбӣ ва корхонаю ташкилотҳо дониста мешаванд. Инҳо ниҳодҳое дониста мешаванд, ки барои инкишоф, ташаккулдиҳӣ ва доимо мавриди такмил қарор гирифтани сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он мусоидат менамоянд.

Сарчашмаҳои асосии маблағгузорӣ ба рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ бештар аз саҳмгузориҳои оила, ҷомеа, мактаб, давлат, муассисаҳои фармоишгар ва инчунин соҳибкорони инфиродӣ дониста мешаванд.

Доираи ташкилӣ, ки раванди таъмин намудани ҷараёни истеҳсолот бо иқтидори кадрӣ дониста шуда, чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад: дарёфт, банақшагирӣ, мутобиқшавӣ, омӯзиш ва инкишофёбӣ. Ин доираро доираи ҳаётии корхона номидан мумкин аст, чунки фаъолияти хуб доштани корхона аз доштани мутахассис кордонии онҳо ва истеҳсоли молу маҳсулотҳои замонавӣ вобаста мебошад.

Аз нуқтаи назари иқтисоддонҳо чун Лобачева Е.Н., Борисенкова Л.Н.: «Иқтисодиёти инноватсионӣ аз иқтисодиёти анъанавӣ бо муносибатҳои навини иқтисодӣ дар раванди истеҳсолот байни субъектҳои он дида мешавад, ки ин дигаргуниҳо дар истеҳсоли маҳсулоти навин мувофиқ бо хоҳиши истеъмолкунандагон ва навовариҳои истеҳсолкунанда ба амал меояд. Моли нав дар асоси

навовариҳои ҷадид истеҳсол карда мешавад, ки ин навовариҳо сатҳи баланди дониши замонавиро талаб менамоянд»[29].

Муҳиммияти дониши корманд дар ҷараёни истеҳсолот вобаста ба навовариҳо ва ихтирооти ӯ хеле ҷиддӣ буда, такмили доимӣ ва ҳамеша дар раванди истеҳсолот қарор доштани онро тақозо менамояд. Аз ҷониби дигар, корманди дорои донишҳо ва таҷрибаҳои муосир метавонад, ки рақобатпазирии худ ва корхонаро дар бозор таъмин намояд.

Талаботи иҷтимоии сармояи инсонӣ дар ин шароит водоркунандаи инсонҳо ба фаъолиятҳо дониста мешавад. Ин доираест, ки инсонҳо барои қонеъ намудани ин талаботҳо фаъолият менамоянд. Ин талаботҳо инсонҳоро водор менамояд, ки онҳо ба фаъолиятҳои меҳнатӣ машғул гардида онҳоро дар як дараҷаи муайян қонеъ намоянд.

Зинаи охире, ки барои рушди сармояи инсонӣ нигаронида шудааст, ин талаботҳои эҷодӣ-инноватсионии иқтисодиёти муосир дониста мешавад. Ин талаботҳо водор ба он менамоянд, ки мутахассисони омодашаванда, бояд эҷодкор, навовар ва ихтироъкор бошанд.

Вобаста ба талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёт мутахассисони имрӯза ва дар оянда омодашаванда, бояд ҷавобгӯ ба талаботҳои муосири иқтисодиёти инноватсионӣ буда, дар доираи фаъолиятҳои меҳнатиашон доим навовар ва эҷодкор бошанд, чунки раванди истеҳсолоти муосир пурра бо муосиртарин техника-технологияҳо муҷаҳҳазонида шуда, ҳамарӯза аз онҳо ба донише, ки боиси офаридани молу маҳсулотҳои навин мегардад талаб менамояд.

Чуноне ки Устинова К.А. қайд менамояд: «Вақте, ки дар фаъолияти корхонаю ташкилотҳо меҳнат бо дониш иваз карда мешавад,

---

29 Лобачева Е.Н., Борисенкова Л.Н. Роль человеческого капитала в инновационной экономике. Гуманитарный вестник, 2013, вып. 8. – С. 2. URL: http://hmbul.bmstu.ru/catalog/econom/hidden/101.html

вазифаи асосӣ таъсис ва паҳн намудани иттилооте мегардад, ки барои рушди сармояи инсонӣ истифода мешавад»[30].

Вобаста ба раванди истеҳсолот, қисмати инноватсионии сармояи инсонӣ дар ширкату корхонаҳо бо ҳиссаи умумии он нисбат ба тамоми қобилиятҳои кормандоне, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, муайян карда мешавад. Вобаста ба ин, дигар маблағгузориҳо ба сармояи инсонӣ, ба монанди хароҷот барои азхуднамоии маълумот, нигаҳдории тандурустӣ, барқарорсозии саломатӣ ва ғайра бо хароҷот барои дигар кормандон муқоиса карда мешаванд.

Бахши дигари муосири ин муқоисанамоиҳо дар маълумотнокии ҷомеа дида мешавад. Ҷомеаи маълумотдор ҳам дар истеҳсолот ва ҳам дар истеъмоли маҳсулот нақши бағоят муҳимро иҷро менамоянд. Чуноне ки мутахассисони Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд қайд менамоянд: «Баланд шудани сатҳи миёнаи таҳсилоти ҷомеа дар давоми як сол 1,7 фоиз афзоиши шуғл ва 5,0 фоиз маҳсулнокии меҳнатро баланд менамояд»[31].

Баланд гардидани саводнокии ҷомеа яке аз талаботҳои асосии иқтисодиёти муосир дониста шуда, дар истифодаи техникаю технологияи муосир заминагузор мебошад. Ин мантиқ вазифаи муосири соҳаи маориф ва илмро муайян мекунад, ки таълим ва маълумотнокунии ҷомеа ба талаботи муосири самтҳои инноватсионии рушди хоҷагии халқ ҷавобгӯ бошанд.

## 1.2. Нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушди идоракунии иқтисодиёти муосир

---

[30] Устинова К.А. Человеческий капитал в инновационной экономике: монография / К.А. Устинова, Е.С. Губанова, Г.В. Леонидова. – Вологда: Институт социально-экономического развития территорий РАН, 2015. – С.20.

[31] Доклад «О состоянии делового климата в России в 2014 году» [Электронный ресурс] // Российский союз промышленников и предпринимателей: инф. портал. – Режим доступа: http://media.rspp.ru/ document/1/a/e/aeef84d30097f6e457871 ae66f34ab7f.pdf (дата обращения: 16.12.2022).

Назарияи илми менеҷменти муосир ва рушду ташаккулёбии самараноки иқтисодиёт далолат аз он медиҳад, ки «сармояи инсонӣ» ҳамчун захираи муҳим ва пешбарандаи иқтисодиёти инноватсионии муосир буда, ҳама гуна бурдбориҳо, рақобатпазириҳо ва навовариҳои молиявӣ, тиҷоратӣ, техникӣ ва технологӣ бевосита ба натиҷаи рушди ақлонии инсон алоқаманд мебошад.

Дар айни замон рушди инноватсионии ҷомеа самти аз ҳама муҳим ва афзалиятноки иқтисодиёт мебошад. Он ангезаи фаъолияти соҳибкории инсонҳо дониста мешавад, ки ба меҳнати фикрӣ ва сармояи волои инсонӣ асос ёфта, низоми омилҳои нави ташкили ва роҳбарии истеҳсолоти муосирро ба вуҷуд меорад. Ин низом тавассути рушди рақобатпазирии иқтисодиёт шароитро барои эҷодкории фард, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва худташаккулёбии он асос мегузорад. Яъне иқтисодиёте, ки мо имрӯз онро иқтисоди рақамӣ меномем, талаби ҷомеаи маълумотдорро мехоҳад.

Чуноне ки устод Ғаниев Т.Б. қайд менамоянд: «Гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва рушди глобалии бозори ҷаҳонӣ аз иқтисодиёти имрӯза пеш аз ҳама талаботи онро дорад, ки муносибатҳои навини истеҳсоливу истеъмолӣ ва тиҷоративу хизматрасониҳои байни одамон куллан дигаргун шуда, онҳо бояд хислати интегратсиониву трансмилливу байналмилалиро бигиранд»[32].

Барои эҷоди иқтисоди рақамӣ ва рушду инкишоф додани он лозим аст, ки муиахассисонро мувофиқ ба талаботҳои асосии бозори меҳнат омода карда шаванд. «Иқтисодиёти инноватсионии муосир аз иқтисодиёти анъанавӣ бо он фарқ мекунад, ки он дар асоси муносибатҳои доимии субъектони он дида мешавад ва иштироки

[32] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – С.161.

ҳамешагии онҳоро дар ҷараёни истеҳсолот ифода мекунад»[33]. Гузаштан ба муносибатҳои муосири инноватсионии тараққиёт бо инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, яъне инсон – субъекти асосии инноватсия дониста мешавад. Вобаста ба масоилҳои бавуҷудомада, унсури асосии раванди инноватсионӣ шахсони эҷодкор ва эҷодиёти зеҳнии онҳо ба ҳисоб меравад. Чуноне ки Артемев А.В. мефармояд: «Сармояи инсонии мавҷуда захираи асосии истеҳсоли инноватсияҳо ба ҳисоб рафта, дар асоси эҷоди донишҳои нав истеҳсол карда мешаванд»[34].

Фаъолияти инноватсионии ширкату корхонаҳо аз корманд, қобилиятнокӣ, дарки эҷодӣ, зеҳнияти баланди касбӣ, қобилияти кор карда баромадани роҳҳои ҳали муаммоҳои душвори амалкунандаро талаб менамояд. Ҷараёни фаъолияти меҳнатии кормандон дар ширкату корхонаҳои муосир, бештар ба низомҳои автоматикунонидашуда нигаронида шудааст, ки аз кормандон дониши мукаммали техникиро талаб менамояд. Чуноне ки олими иқтисоддон В.С. Гойло қайд менамояд, «…барои ҳалли масъалаҳои илмию иқтисодӣ, техникӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ донишҳои фундаменталӣ, низоми дурусти иттилоотӣ, ҳамкории илмию техникии субъектҳои ба фаъолияти инноватсионии алоқаманд зарур аст»[35]. Аз ин бармеояд, ки қобилияти инсонӣ сармояи асосии ҳама гуна ширкату корхонаҳо дониста мешавад.

Олимони соҳаи иқтисодиёт Г. Беккер, М. Блауг, М.М. Критский, Ҷ.Минтсер ва Т. Шултс идоракунии сармояи инсониро дар шароити рушди инноватсионии ҷомеа мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, оид ба консепсияи иқтисоди инноватсионие, ки ба дониш асос ёфтааст

---

[33] Ниг. ба: Цапенко И. Человеческие ресурсы в сфере науки и технологий: состояние и эффективность использования // Мировая экономика и международные отношения. – 2014. – № 4. – С. 3–15.

[34] Артемьев А.В. Человеческий капитал как фактор экономического роста: автореф. дис. ... канд. экон. наук: 08.00.01 / Артемьев Андрей Вячеславович. – Казань, 2007. – С.12.

[35] Ниг. ба: Гойло В.С. Интеллектуальный капитал // Мировая экономика и международные отношения. – 1998. – № 11. – С. 68–77.

тадқиқотҳо анҷом додаанд. Олимони зикршуда сармояи инсониро ҳамчун захираи арзишманд ҳисобида, онро манбаи даромади корманд донистаанд.

Асосгузорони назарияи сармояи инсонӣ рушду ташаккулёбии инноватсионии онро дар сармоягузорӣ ба дониш ва малакаю таҷрибаи корманд равона кардаанд. Вобаста ба ин, сармоягузориҳо ба захираҳо махсусан ба сармояи инсонӣ онро ба мояи асоси табдил дода, арзишнокии онро даҳҳо баробар боло мебарад. Сармоягузорӣ ба рушду ташшакулёбии зеҳнияти инсонӣ ва дигар қобилиятҳои он боиси афзоиши даромад ва баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат, ҳамзамон боиси фаъолияти навоваронаи кормандон мегардад. Чуноне ки Л.Тороу мефармояд: «Рушди иқтисодиёт дар сармоягузориҳо дида мешавад ва ин сармоягузориҳо аввалан бояд ба инсон гузошта шавад, чунки иҷрои ҳамаи сармоягузориҳои дигар тавассути эҷоди инноватсияҳо таъсир мерасонанд»[36].

Инчунин, Бен Поре, ки яке аз муҳаққиқони бахши сармояи инсонӣ дониста мешавад, чунин қайд менамояд, ки «Сармояи инсонӣ фонди махсус буда, вазифаҳои он аз хизматрасонии меҳнатӣ ба сармояи таҷассумшуда иборат аст»[37].

Дар баробари ин гуфтаҳо бояд қайд кард, ки замони муосирро мавҷи муосири рушд фаро гирифтааст ва коршиносон онро ҳамчун «Иқтисоди зеҳнҳо – донишҳо» ва ё «Иқтисоди рақамӣ» бештар муаррифӣ менамоянд. Иқтисодиёти муосир зудтағйирёбанда буда, донишҳои баланди касбиро талаб менамояд. Таваҷҷуҳ ба инсон ва иқтидори ӯ ягона роҳҳест, ки муносибатҳоро дар шакли муосир танзим менамояд.

Дар ин раванд пеш аз ҳама таваҷҷуҳ ба рушди баланди пайвастаи сармояи инсонӣ равона гардида, рақобатпазирии устувори корхонаву

---

[36] Thurou L. Investment in Human Capital / L. Thurou. – Belmont, 1970.

[37] Ниг. ба: Ben-Porath Y. The Production of Human Capital over Time // Education, Income, and Human Capital. – NBER, 1970. – P. 129–154.

ширкатҳо чӣ дар дохили мамлакат ва чӣ дар беруни он на танҳо аз истифодаи техникаву технологияи навини истеҳсоливу тиҷоратӣ, балки аслан аз дараҷаи кордониву маҳорати баланди касбии кормандон бо истифода аз муосиртарин равишҳои идоракунӣ вобастагии калон доранд. Яъне корманд имрӯз на танҳо ҳамчун субъекти роҳбарӣ, балки ҳам объекту субъекти он ва ҳамкору рафиқи баробарҳуқуқ дониста мешаванд. Корманди имрӯзаи ширкату корхонаҳо корманди оддӣ набуда, дар рушд ва инкишофёбӣ бо доштани донишҳои муосир нақши бениҳоят муҳимро иҷро менамояд.

Ба ақидаи Смирнов В.Т. «Дар назарияи сармояи инсонӣ нишондиҳандаи асосии самаранокии маблағгузорӣ ба намудҳои гуногуни таҳсилот меъёри дохилии даромад дониста мешавад, чунки бо таносуби хароҷот ва фоидаи аз натиҷаи таълим гирифта шуда, муайян карда мешавад»[38]. Нишондиҳандаи пешниҳоднамудаи ин муҳаққиқ дараҷаи баргардонидани хароҷоти таҳсилоти гирифташударо ифода мекунад.

Албатта, иқтисодиёти ба донишҳо асос ёфта, аз рушди техникиву технологии баланди электронӣ вобастагии калон пайдо мекунад, наметавонад, дар оянда бе мутахассисини касбӣ ва истеъдоди баланди байналмилалӣ дошта, дар бозори ҷаҳонии меҳнат рақобатпазир бошад ва ё устувории худро дар рушди бозорёбиву имконёбии байналмилалӣ таъмин созад.

Алоқамандии байни категорияи «Сармояи инсонӣ» ва рушди инноватсионии ҷомеаро дар консепсияи М.М. Критский дидан мумкин аст. Консепсияи пешниҳоднамудаи ин олим ҳамчун шакли универсалии фаъолияти ҳаётии инсон муайян шудааст, ки ҳамаи шаклҳои пештараро дар худ муттаҳид менамояд. Тибқи консепсияи ӯ, пешрафт ё ақибмонии

[38] Ниг. ба: Смирнов В.Т. Человеческий капитал: содержание и виды, оценка и стимулирование: монография / В.Т. Смирнов, И.В. Сошников, В.И. Романчин, И.В. Скоблякова; под ред. д.э.н., проф. В.Т. Смирнова. – М.: Машиностроение-1; Орел: ОрелГТУ, 2005. – 513 с.

илмии ҷомеа ба он оварда мерасонад, ки на танҳо масъалаҳои назариявӣ дар соҳаи инноватсия муайян карда мешавад, балки саҳми сармояи инсонӣ дар ин фаъолиятҳо дар сатҳи микро ва макроиқтисодӣ амалан баҳо дода мешаванд.

Дар асарҳои минбаъдаи худ М.М. Критский таҳлили мазмунии истилоҳи «сармояи инсонӣ»-ро мухтасар баён мекунад, ки онҳоро чунин шарҳ додан мумкин аст:

– сармояи инсонӣ нақши ҳалкунандаи маълумот ва илмро дар истеҳсолоти муосир ифода намуда, сармояи моддиро ба шакли сармояи зеҳнӣ ва дар охир ба шакли маҳсулоти инноватсионӣ табдил медиҳад;

– сармояи инсонӣ нишон медиҳад, ки ӯ ягона инҳисоротест, ки аз ҷониби ҷомеа эътироф шудааст ва қонуни ин инҳисорот моликияти зеҳнӣ дониста мешавад[39].

Ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки рушду ташаккули сармояи инсонӣ асосии иқтисодиёти муосири инноватсионӣ дониста шуда, имкониятҳои амалинамоии эҷоду кашфиёт ва тавонмандиву ҳунарҳои нотакрори инсониро нишон медиҳад. Иқтисодиёти инноватсионӣ муҳити созандаи касбӣ дониста шуда, дар ташаккулёбии сармояи инсонӣ мусоидат мекунад. Рушду афзояндагии инноватсионии идоракунии замони муосирро сармояи зеҳнҳо таъмин сохта, асоси иқтисодиёти муосир ба ҳисоб мераванд.

Сармояи зеҳнҳо бошад, ин худ рушди бевоситаи илмиву техникӣ ва технологиву инноватсионии соҳибкории байналмилалӣ дониста шуда, дар асоси дараҷаи баланди рақобатнокии шадиди бозори глобалии ҷаҳонӣ рушду ташаккул ёфта, асосашро зеҳни баланди нерӯи инсонӣ, истеъдоди нотакрори созандагиву тавлиди моли навин ва кашфиёту ихтирооти бузурги ҷаҳонӣ ташкил медиҳад, ки сарчашмаи пайдоишашон инсонҳои комили касбӣ ва ё худ пешвоёни таърихӣ, донишмандону ихтироъкорони ҷаҳонӣ мебошанд.

---

[39] Критский М.М. Человеческий капитал. – Л.: Изд-во Ленингр. ун-та, 1991.

Чуноне ки устод Ғаниев Т.Б. қайд менамоянд, рушди иқтисоди донишҳо дар менеҷменти байналмилалӣ аз рӯйи чунин нишондиҳандаҳои рушди сармояи инсонӣ баҳо дода мешаванд:

- ✓ Дараҷа ва сифати баланди сармояи инсонӣ ва сармоягузории ташаккулёбиву рушди он.
- ✓ Риоя ва низоми устувори таъмини бехатарии рушди неруи зеҳнӣ ва устувории шуғли касбӣ ва дастгирии фаъолнокии истеъдодиву ҳунарии фарди ҳар як корманд.
- ✓ Дараҷаи баланди сатҳу сифати зиндагонии кормандон ва устувории сатҳи рушдёбандагии зинавии ихтисосмандии кормандон.
- ✓ Мавҷудияти пешвоёни комили касбӣ ва дараҷаи фаъолнокии идоракунии функсионаливу вазифавии онҳо.
- ✓ Дараҷаи баланди рушди марказҳову паркҳои техникиву технологии ширкатҳо ва ташкили муҳити озоди эҷодиву кашфиётии назариявию амалии истеҳслоти навин.
- ✓ Мавҷудияти корпоратсияҳои трансмиллии таъминкунандаи рақобатпазирии бузурги глобалии бозори ҷаҳонӣ ва рушди илмиву эҷодии соҳибкорӣ[40].

Олими дигар А.С. Климов ҳангоми таҳлили захираҳои зеҳнии ташкилот «сармояи инсониро ҳамчун маҷмуи қобилиятҳо ва имкониятҳои фаъолияти инноватсионӣ, эҷодӣ нишон медиҳад, ки ба интиқолдиҳандаи онҳо даромад медиҳад»[41].

Аз нуқтаи назари олимони соҳа[42], консепсияи муосири фаъолияти зеҳнии инсонӣ, дар рушду ташаккулёбии худ марҳила ва давраҳои

---

[40] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – С.161.

[41] Классификация и виды человеческого капитала в инновационной экономике. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://creativeconomy.ru/ library/prd165.php (дата обращения: 02.06.2023).

[42] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – 450с.; Эдвинсон Л., Мэлоун М. Интеллектуальный капитал. Определение истинной стоимости компании. М.: Harper Business, 1997. -

муайянеро тай менамояд, ки аз идоракунии захираҳои инсонӣ дар шакли умум, то идоракунии донишҳои муосир дар шакли хурдро дар бар гирифта, дар маҷмуъ мафҳуми «сармояи зеҳнии инсонӣ»-ро ташкил менамояд.

Омӯзиши консепсия, мазмун ва шартҳои маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ имкон дод, ки С.А. Дятлов ва А.Н. Добринин тавсифи умумии онро ҳамчун категорияи иқтисодии ҷомеаи иттилоотӣ-инноватсионӣ пешниҳод намоянд, ба ақидаи онҳо «... ин захираи зарурии саломатӣ, маҳорат, дониш ва малака аст, ки дар натиҷаи сармоягузорӣ ба вуҷуд омада, бевосита аз ҷониби шахс ташаккул ёфта, дар ҷараёни меҳнат, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва даромади он мувофиқи мақсад истифода бурда мешавад»[43].

Ба ақидаи Дятлов С.А. «тадқиқотҳои дар бораи сармояи инсонӣ гузаронидашуда, унсурҳои асосии сармояи инсонии инфиродиро таъкид мекунанд, ба монанди:

– дониши инсон шакли муосиртарини маълумотҳо дониста шуда, дар фаъолиятҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ истифода мешавад;

– қобилияти инсон маҳоратест, ки дар ҷараёни истеҳсолот ва иҷрои фаъолияти муайян истифода мешавад;

– маҳорат ва таҷрибаи инсон ин азхуд кардани амалиёти истеҳсолӣ ва дар ҳамон шакл иҷроиши онро нишон медиҳад;

– фарҳанги инсонӣ принсипҳои рафтори инсонро дар доираи ахлоқи ҷамъиятӣ нишон медиҳад;

---

240с.; Добрынин А.И. Человеческий капитал в транзитивной экономике: формирование, оценка, эффективность использования. – СПб.: Наука, 1999. – 309 с.

[43] Добрынин А.И. Человеческий капитал в транзитивной экономике: формирование, оценка, эффективность использования. – СПб.: Наука, 1999. – 309 с.

– ҳавасмандии инсонӣ таваҷҷуҳ ва шавқи кормандро ба фаъолият ва натиҷаҳои он нишон медиҳад»[44].

Дониш, қобилият, маҳорату таҷриба, фарҳанг ва ҳавасмандии корманд унсурҳои ниҳоятан муҳимми сармояи инсонӣ даниста шуда, асоси амалӣ гардондании фаъолияти навоваронаро нишон медиҳад.

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки ташаккули иқтисоди инноватсионӣ ба донишҳои муосир асос ёфта, рушду инкишофи иқтисодиёти муосирро нишон медиҳад. Рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир, инкишофест, ки дар он донишҳои муосири инсонӣ нақши аввалиндараҷа дошта, такмили доимии онро талаб менамояд.

Дар фаъолияти идоракунии инноватсионӣ тавлид ва интиқоли донишҳои нав дар он ҳолат имконпазир дониста мешавад, ки агар дар ин раванд сармояи зеҳнӣ мавҷуд бошад. Аз ин рӯ, “асоси консепсия сармояи зеҳнӣ манбаи асосии фаъолияти идоракунии инноватсионии ташкилот буда, рақобатпазирӣ ва инкишофёбии онро ташкил медиҳад”[45].

Сохтори сармояи зеҳниро олимон М.Мэлон ва Л.Эдвинсон пешниҳод мекунанд, ки унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

– сармояи инсонӣ – малака, дониш, қобилият, фарҳанги волои касбӣ ва арзишҳои ахлоқӣ;

– сармояи ташкилӣ, яъне натиҷаҳои идоракунии фаъолияти равонии кормандон, ки дар таъминоти барномавӣ ва техникӣ таҷассум ёфта, он дарбаргирандаи литсензияҳо, патентҳо, тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ, сохтори ташкилӣ ва ғайра мебошанд;

– сармояи истеъмолӣ тавассути ҳамкории кормандон ташаккул меёбад, аз ҷумла: муносибатҳои муштариён ва шартномаҳо, базаи иттилоотии муштариён, муносибатҳои муштариёни ғайришартномавӣ ва

---

[44] Дятлов С.А. Структурная трансформация социальной сферы в информационной экономике // Экономика образования. – 2015. – № 2. – С. 27–35.

[45] Доклад «О развитии человека ООН 2010» [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.un.org/ru/development/hdr/ 2010/hdr_2010_complete.pdf (дата обращения: 02.06.2023).

ҳама он маълумотҳое, ки барои истеъмоли молу маҳсулотҳо ҷамъоварӣ карда мешавад[46].

Ин равишҳои оварадашуда, ба ғайр аз муносибат бо илм ва давлат, инчунин сармояи соҳибкорӣ дар раванди тиҷоратикунонии инноватсияҳоро ба назар мегирад. Асоси ин низомро, ташаккулёбии сармояи зеҳнии инсонӣ дар доираи низоми муосири таълимӣ ташкил медиҳад, ки иқтидори инсониро афзун мекунад.

Алоқамандиҳои табиии сармояи зеҳнии инсон бештар ба сатҳи саломатӣ вобастагии зиёд дорад. Саломатии инсон аз солимии оила ва солимии ҷомеа маншаъ гирифта, асоси такрористеҳсоли солими қувваи кории оянда ва дуруст тарбия ёфтани онҳоро нишон медиҳад. Тарбияи солими инсон, боиси ҷамъияти солим гардида, барои омода кардани мутахассисони варзидаи соҳа таъсир мерасонад. Солимии инсонҳо шароитҳои муайянеро талаб менамоянд. Муҳайё кардани шароитҳо барои хуб нигоҳ доштани саломатии кормандон ба манфиати кор буда, доим дар фаъолият будани онҳоро кафолат медиҳад. «Аён аст, ки фаъолияти корманди солим ва пардохти музди меҳнати ӯ аз фаъолияти мутахассиси оддӣ ва музди меҳнати ӯ фарқ пайдо мекунад, чунки як фикри солим ҳам ба соҳибаш ва ҳам ба атрофиёнаш манфиат хоҳад овард. Аз ин ҷост, ки саломатии инсон барои худи ӯ ва ҳам барои корфармо бояд дар дараҷаи аввал бошад. Саломатии инсон муқаддастарин унсури сармояи инсонӣ дар ҳаёт донисиа мешавад, чунки агар аз даст равад, баргардонидани он кори саҳлу осон нахоҳад буд»[47].

Таваҷҷуҳ ба саломатии инсон ва самаранок идора кардани иқтидори меҳнатии кормандон паҳлуи муҳимми сармояи инсонӣ донисиа шуда, аз ҷониби муҳаққиқон ва олимони соҳа таҳқиқи ҳамаҷониба карда шуда истодааст. Ин омӯзишҳо далолат аз он медиҳад, ки саломатии инсон

---

[46] Edvinsson L. Intellectual Capital: Realizing Your Company's True Value by Finding Its Hidden Roots [Text] / L. Edvinsson, M. Malone. – New York: Harper Collins Publishers, 1997.

[47] Social Security and Public Health: Annual Report of the Public Health Society. – New York, 2004. – P. 126-127.

байёнкунандаи ҳолати сармояи инсонӣ ва яке аз нишондиҳандаи асосӣ дар шаклгирии иқтисодиёти муосир дониста шуда истодааст. Таваҷҷуҳ намудан ба ин унсури асосии сармояи инсонӣ яке аз ҳадафҳои асосӣ дониста шуда, диққати ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Дар шароити муосири иқтисодӣ саломатии инсон аз як қатор нишондиҳандаҳои сифати саломатӣ иборат мебошад ва онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст: сатҳи зиндагӣ, сифати таъмини саломатӣ фарҳангнокии саломатии аҳолӣ, тадбирҳои пешакии саломатии аҳолӣ, сифати муҳити экологии муқимият, сифати ҳаёти аҳолӣ.

Таъсири нишондиҳандаҳои овардашуда ба сармояи зеҳнии инсон биноҳоят муҳим буда, дар як сатҳи хуб нигоҳ доштани он боиси боз ҳам самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ гашта, рушду инкишофёбии иқтисодиётро таъмин менамояд.

Истифодашавии самараноки сармояи инсониро муҳайё будани шароитҳои корӣ ва мақсаднок истифодабарии тавонмандии ҷисмонии инсон муайян менамояд. Қувваи кории инсон яке аз категорияи муҳимми иқтисодӣ дониста шудааст. Олими иқтисоддон К. Маркс ин мафҳумро тобиши илмӣ бахшида, чунин ақида дорад: «Зери мафҳуми қувваи корӣ ё ин ки қобилияти инсон ба меҳнат, моҳияти маҷмуи қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳии организми инсонро донистан мумкин аст, ки чандин маротиба ба ҷараёни истеҳсолот ворид гардида, маҳсулоти арзиши истеъмолӣ доштаро истеҳсол менамояд»[48].

Қувваи ҷисмонии инсон дар баробари дигар қувваҳои истеҳсолӣ ягона тавонмандӣ ва асоси ҷараёни истеҳсолот дониста шуда, предмет ва воситаҳои истеҳсолотро бо ҳам мепайвандад. Воситаест, ки ҷараёни истеҳсолот ва ё хизматрасонӣ равиши муайяни худро гирифта, молу маҳсулот ва хизматрасониҳо анҷом дода мешавад.

Тавонмадии ҷисмонии инсонӣ ва рушду ташаккулёбии он бештар аз сатҳи қонеъ будани талаботҳои асосии инсон, ба хусус талаботҳои

[48] Ниг ба: Маркс К., Энгельс Ф. Капитал. – Соч. 2. -е изд. – Т-23. – 907 с.

физиологии он алоқаманд мебошад. Пурра қонеъ будани ин талаботҳо боиси самаранок истифодашавии тавонмандии инсон мегардад ва дар ҳолати баръакс ғайрисамаранок истифодашавии онро нишон медиҳад.

Унсури дигаре, ки ба сармояи зеҳнии инсонӣ таъсири мутавофит мерасонад, ин қобилиятҳои модарзодии инсон дониста мешавад. Қобилияти модарзодии инсон ин дороии доимии инсон дониста шуда, такондиҳанда ва ҳаракаткунандаи дигар қобилиятҳои инсон дониста мешавад. Қобилиятҳои модарзодии инсон такмилдиҳандаи дониши инсон дониста шуда, дар асоси омӯзиши маълумотҳо ва инкишофёбии малакаҳои амалии инсон ташаккул ёфта, натиҷаи худро дар рушди иқтисодиёт инъикос менамояд. Ҳиссагузории инсон дар ҷомеа вобаста ба талаботҳои муосири иқтисодӣ дар доштани маълумотнокӣ ва ихтироъкориҳо арзёбӣ карда мешавад.

Маълумотнокии инсон паҳлуи пурракунандаи сармояи зеҳнии инсонӣ ба ҳисоб рафта, хусусияти доим ба омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи донишҳои муосирро дорад. Дар шароити иқтисодиёти имрӯза арзишмандӣ ва савияи маълумотнокии инсон боло рафта, мавқеи онро дар рушди иқтисодиёт дучанд намуда истодааст. Донишазхудкунии инсон вобаста ба дигаргуншавии шароитҳои баамаломада, тағйир меёбад ва ин тағйирёбӣ инсонро водор ба он менамояд, ки дониши худро такмил дода, маълумоти зарурии дархӯрди ҷомеаро аз худ намуда, дар рушди иқтисодиёти муосир саҳмгузор бошад.

Олими иқтисоддон А. Смит нисбат ба вақт ва дигар хароҷотҳо баҳри аз худ намудани маълумоти муосири замонавӣ чунин қайд намудаанд: «Вақт ва хароҷотҳо барои азхудкунии маълумот сарфшавандаанд, вале натиҷаи арзишноки худро доранд»[49], ҳамчунин ин олим бар он назар аст, ки маълумотнок гардидани инсон, аз як тараф боиси рушду ташаккулёбии зеҳнияти ӯ ва аз тарафи дигар

[49] Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов: в 2 т. / А. Смит. - М.: Изд-во «Наука», 1993. – Т. 1. Кн. 1-3. – С.103.

масъулиятшиносии онро нишон медиҳад. Инчунин, Д. Рикардо низ вобаста ба ин масоил фикру ақидаҳои худро баён дошта, қайд менамояд, ки «яке аз сабабҳои ташаккул наёфтани иқтисодиёти давлатро дар надоштани мутахассисони маълумотдори касбӣ арзёбӣ менамояд». Аз ин гуфта маълум мегардад, ки инсонҳои маълумотдор асоси рушд ва ташаккулёбии иқтисодиёт дониста мешаванд.

Вобаста ба таҳқиқоти гузаронидашуда, маълумотнокии касбӣ-тахассусии инсон яке аз паҳлуҳои муҳимми сармояи инсонӣ дониста шуда, рушду ташаккулёбии он ин сармояи муҳимми ҷамъиятиро пурратар мегардонад. Дар ҳолати доштани маълумоти зарурӣ ва азхуд намудани донишҳои муосири касбӣ-тахассусӣ кормандон қодиранд, ки аз уҳдаи фаъолияти ба зимаи онҳо гузошташударо ба пуррагӣ иҷро намоянд.

Рушду ташаккулёбии дониши касбӣ-тахассусии инсон дар шароити муосири иқтисодӣ боис ба он мегардад, ки нозукиҳои он пурра аз худ карда шуда, хосилнокӣ ва самаранокии фаъолияти меҳнатии кормандро дар ширкату корхонаҳо баланд мегардонад. Тарзи дуруст азхуд намудани донишҳои муосири замонавӣ дар ҳолате хуб ба роҳ монда мешавад, ки ҳолати воқеии вуҷуддошта, бахусус, рафти истеҳсолот пурраю аниқ баррасӣ карда шуда, мувофиқ ба он омӯзиш ва азхудкунии маълумоти зарурӣ ба роҳ монда мешавад. Чуноне ки олими иқтисоддон Н.Г. Манкю қайд менамояд: «Сармояи инсонро дониш ва ихтисосмандии корманд ташкил менамояд, ки инро ӯ дар натиҷаи азхудкунии маълумоти касби ҳунарӣ, аз омӯзиши барномаҳои таълимии мактабҳо, азхудкунии дониш аз барномаҳои таълимии касбӣ-тахассусӣ ва андӯхтани таҷриба аз ҷараёни истеҳсолот ба даст меоварад»[50]. Дониш ва ихтисосмандии корманд асоси сармояи инсонӣ дониста шуда, такмили ҳамавақтаи худро талаб менамояд, чунки рушду ташаккули иқтисодиёти

[50] Манкю Н.Г. Макроэкономша: пщручник для Украши / Н.Г. Манкю. - К.: Основи, 2000. – С.144.

муосир сатҳи маълумотнокӣ ва сатҳи баланди донишҳои касбиро тақозо дорад.

Ин гуфтаҳоро ба инобат гирифта, вобаста ба дигаргуншавии талаботҳо ва шароити муосири иқтисодӣ, баҳри рушду ташаккули маълумотнокии кормандон барномаҳои махсус тартиб дода шуда, донишмандии онҳо мувофиқ ба заруриятҳои бавуҷудомада, дигаргун карда мешавад.

Донишҳои касбӣ-тахассусии инсон қисми таркибии сармояи зеҳнии инсон дониста шуда, рушду ташаккулдиҳии он такмили доимии худро мехоҳад. Аз ин нуқтаи назар, талаботи иқтисодиёти инноватсионии муосир, аниқтараш талаботи истеъмолкунанда, рӯз аз рӯз тағйир ёфта, дониши касбӣ-тахассусии муосирро талаб менамояд. Доштани мутахассисони ҳирфаӣ асоси рақобатпазирии ширкату корхонаҳо ба ҳисоб рафта, даромади доимии онҳоро таъмин менамояд.

Унсури дигари сармояи инсонӣ, ин иқтидори инноватсионии инсонӣ ба ҳисоб меравад. Иқтидори инноватсионии инсон дар ҳолате мушоҳида карда мешавад, ки ӯ дар ҷараёни фаъолият ба ихтироъкорӣ ва навовариҳо машғул мебошад. Дар шароити муосири иқтисодӣ иқтидори инноватсионии инсонро тавонмандии ӯ, натиҷаи он ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда муайян менамоянд.

Аз нигоҳи дигар, дар зинаҳои аввали амалигардонии стратегияи ояндабинии менеҷменти муосири касбӣ сармояи инсонӣ, бахусус, иқтидори инноватсионии онҳо лозим мегарданд, ки барои дигаргунсозии сохториву функсионалии ширкату корхона шарти зарурӣ ба ҳисоб меравад. Сохторҳои ташкиливу истеҳсолии ширкату корхонаҳо бояд ҳатман дорои иқтидори бузурги инноватсионӣ бошанд, чунки норасоии иқтидори инновтатсионии инсонӣ ва дигар захираҳои ба истеҳсолот муҳим метавонанд, ки сабаби қафомонӣ ва умуман иҷро нагаштани мақсадгузориҳо дониста шавад. Аз ин нуқтаи назар, зарур аст, ки иқтидору тавонмадии нерӯи зеҳнии кормандонро ба инобат

гирифта, дараҷаи мотиватсионии меҳнат ва самаранокии лоиҳавиро таъмин намояд.

Вобаста ба шароитҳои баамаломада, иқтидори инноватсионии инсониро дар шароити муосир метавон ҳамчун қобилияти муайяни инсонҳо ҳисобид, ки дар рафти ҷараёни истеҳсолӣ ва идоранамоии он самаранок истифода бурда мешавад. Аз рӯйи таркиби сифатӣ ва миқдорӣ, ки иқтидори инноватсионии инсониро дар бештари ҳолат баҳогузор мебошанд, ин иқтидор бояд ҷавобгӯи нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои рушди нерӯи онҳо бошад.

Рушду ташаккулёбии инноватсионии иқтисодиёт низ тақозои онро дорад, ки иқтидори инноватсионии инсонӣ бояд дорои хусусиятҳои мақсаднок, усулӣ ва нақшавӣ бошад. Риояи ин хусусиятҳо боиси омодасозии мутахассисоне мегардад, ки дар бозори меҳнати муосир талабот ба онҳо вуҷуд дорад. Ин гуфтаҳоро ба инобат гирифта, захираҳои асосии истеҳсолот бо як мақсади муайян, бояд омода карда шавад. Ин ҳам бошад, самаранок истифода намудани неруи инсонӣ мувофиқ ба талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёт.

Ҳавасмандкунии инсон унсури дигари сармояи инсонӣ  дониста шуда, нақши муҳимеро дар рушд ва рақобатпазирии ширкату корхонаҳо иҷро менамояд. Дар ҳолати ҳавасманд будани инсон, иқтидори меҳнатии ӯ дар ҷараёни истеҳсолот пурра истифода шуда, натиҷаи хубро ба даст овардан мумкин аст. Натиҷанок будани фаъолият боиси ба даст овардани манфиат ва асоси фаъолияти субъектони хоҷагидор дониста мешавад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо зарур аст, ки бо мақсади пурра ва самаранокии баланд амалисозии неруи креативию когнитивии созандагии кормандони худ шароитҳо, бахусус, ҳавасмандиҳоеро муҳайё сохтан лозим аст, ки  ҳар яке аз онҳо пурра ва саривақтӣ имконоти васеву ҳаматарафа ва ҳавасмандии баланди амалисозии  ҳунари

нотакрору волои худро дошта бошанд. Арзишнокии донишу тавонмандии корманд дар натиҷаи истифодаи самараноки ин донишҳову ҳунарҳо он баланд мегардад. Бинобар ин ташкили самаранокии баланди истифодаи донишҳо барои ширкату корхонаҳо талаботи дигари рушдёбандагӣ мегардад. Инчунин, боз имконоти волои баландбардории сифати молу хизматҳо ва муҳити созандагии касбӣ дар корхонаву ширкат ба майдон омада, он ба як қувваи муттаҳидкунандаи шахсиятҳои нотакрори ҳунари созандагии касбӣ барои корхонаву ширкат мубадал мегардад. Аз нигоҳи дигар ин кормандони ҳунарманд ҳамчун қувваи бузурги генератсионӣ ва ё кашишии магнитикӣ хизмат карда, донишу ақли касбии созандагии худро ба дигарон низ меомӯзонанд. Аз ин нуқтаи назар, менеҷменти ширкату корхонаро зарур аст, ки ба ин генератони асосӣ диққати махсус дода, онҳоро пайваста ҳавасманд гардонида, кушиш ба харҷ диҳанд, ки дар ҳайати кормандонашон ҳар чӣ қадар шахсиятҳои бузурги созандаи касбиву ҳунарӣ зиёд бошанд ва афзояндагии озоди худро дар корхона ва ё ширкат амал карда тавонанд. Менеҷерону роҳбарони зинаҳои гуногуни идоравиро зарур аст, ки ба ин гуна қобилиятҳову зеҳнҳо пайваста сармоягузорӣ карда, тавонмандии бузурги нотакрори онҳо самаранок истифода карда тавонанд. Аз ин хотир дар шароити муосир яке аз равиши асосии самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатии кормандон дар ҳавасмандгардонии баланди онҳо дида мешавад. Албатта, дараҷаи даромади қобилиятҳо вобаста ба равишҳо, хусусияти соҳавӣ ва тарзу усули амалисозии он фарққунанда мебошанд[51]. Вобаста ба ин гуфтаҳо, ҳамагуна фаъолиятеро ки инсон иҷро менамояд, бояд бо як ҳавасмандии баланд иҷро намояд. Фаъолияташро инсон ҳамон вақт самаранок иҷро менамояд, ки аз натиҷаи фаъолияти меҳнатии худ ҳавасманд аст. Аз ҷониби дигар

[51] Давлатов С.Н., Искандаров Ҳ.Ҳ. Сармояи инсонӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «СИНО», 2015. – №2/6(175). – С 94-97.

ҳавасмандии инсон дар як дараҷаи хуб истифода шудани сармояи инсонии ӯро бозгӯ мебошад.

Паҳлуи дигаре, ки самаранок истифодашавӣ ва идоранамоии сармояи инсониро пурра месозад, ин иқтидор ва ё тавонмандии соҳибкории инсон дониста мешавад. Қобилияти соҳибкории инсонро фаъолияти доимӣ ва истифодашавии иқтидори он муайян намуда, барои ба даст овардани манфиати зиёд баҳри қонеъ намудани талаботҳои инсонии ӯ баҳогузорӣ карда мешавад. Зери мафҳуми иқтидори соҳибкории инсон, имкониятҳои идоракунандаи инсонро дар фаъолиятҳо донистан мумкин аст. Инсони соҳибкор имконияти онро дорад, ки шахсони бекорро ба ҷойи корӣ таъмин намуда, дар рушду ташаккулёбии даромади онҳо саҳмгузор бошад. Барои ҳар як инсон доштани чунин иқтидор вобаста ба шароити замон шарти зарурӣ буда, манфиати зиёдеро ба интиқолдиҳандаи ӯ фароҳам меоварад ва дар баробари ин эҳтиёҷотҳои худро қонеъ намояд.

Олими иқтисоддон Устинова К.А. доир ба нақши асосии сармояи инсонӣ дар рушду инкишофдиҳии иқтисодиёти инноватсионӣ мулоҳизарони намуда, қайд менамояд, ки “сармояи инсонии дар иқтисодиёти инноватсионӣ амалкунанда, асосашро сармояи зеҳнӣ ташкил медиҳад”[52].

Дар баробари ин гуфтаҳо, сармояи зеҳнии ташаккулёфта бояд татбиқи худро дар фаъолияти муносиби инноватсионие пайдо кунад, ки боиси офариниши маҳсулотҳои навин аз иқтидори инноватсионии инсонӣ гардад. Ин функсия бо модели дар зер овардашуда ташаккул меёбад, ки он дар шакли расм чунин тасвир шудааст (нигаред ба расми 3).

[52] Ниг. ба: Устинова К.А. Человеческий капитал в инновационной экономике: монография / К.А. Устинова, Е.С. Губанова, Г.В. Леонидова. – Вологда: Институт социально-экономического развития территорий РАН, 2015. – 195 с.

Аз расм дидан мумкин аст, ки сармояи зеҳнии инсонӣ, ташаккулёбӣ ва инкишофи он дар идоракунии иқтисодиёти муосир шуруъ мешавад аз зерқисмати сармояи инсонӣ, яъне малакаи корманд, дониши азхудкарда, қобилият, фарҳанги меҳнат ва арзишҳои ахлоқӣ.

Зерқисмати дигари ин модел сармояи ташкилӣ ба ҳисоб меравад, яъне натиҷаҳои фаъолияти равонии кормандон, ки дар таъминоти барномавӣ ва техникӣ таҷассум ёфтаанд, он дарбаргирандаи литсензияҳо, патентҳо, тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ, сохтори идоравии ташкилӣ, ҳавасмандкуниҳо ва ғайра мебошанд.




**Расми 3. Ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи зеҳнии инсонӣ**

***Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.***

Зерқисмати сеюми, ки қисмати асосии ин модел дониста мешавад ва он дар баргирандаи унсурҳои асосии сармояи истеъмолӣ, ки тавассути роҳбарӣ ва ҳамкории истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон ташаккул меёбад, аз ҷумла: муносибатҳои дутарафаи истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда, базаи иттилоотии муштариён, муносибатҳои муштариёни ғайришартномавӣ ва ҳама он маълумотҳое, ки барои истеъмоли молу маҳсулотҳо ҷамъоварӣ кардашуда ба ҳисоб меравад.

Ташаккулёбӣ ва инкишофи сармояи зеҳнии инсонӣ дар асоси ҳамкории доимии ин се унсури пешниҳодшуда ба роҳ монда мешавад ва ин асоси иқтисодиёти инноватсионии муосир дониста мешавад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки рушду ташаккулёбӣ ва идоракунии ин сармояи муҳим ва алоқамандии он бо иқтисоди донишҳо дар менеҷменти муосир нақши ҳалкунандаро иҷро менамояд.

### 1.3. Рушди идоракунии сармояи инсонӣ ва иқтисоди донишҳо дар менеҷменти касбии асри XXI

Масоили имрӯзаи рушди сармояи инсониро дар менеҷменти муосир шакли нави рушди иқтисодӣ «иқтисоди донишҳо» ба миён овардааст. Ин шакли иқтисод рушди ҷомеаи нави инсониро дар ҷаҳон ташаккул дода истодааст, ки аз нигоҳи баъзе муҳаққиқон онро ҷомеаи шаҳрвандии иттилоотӣ, ҷомеаи донишҳо ва ё ҷомеаи шаҳрвандии касбӣ ном мебаранд.

Чуноне ки устод Ғаниев Т.Б. қайд менамоянд, дар ҳама ҳолатҳо хислатҳои асосии ин ҷомеаи навини касбиро метавон чунин баҳо дод:

- ✓ Фаъолнокии зеҳнии аксарияти аҳолӣ, тағйирёбии муносибатҳо ба идоракунии сармояи инсонӣ ва рушди зеҳнӣ, омода будан ба таваккали баланди касбӣ-ҳунарӣ ва пайваста дар ҷустуҷӯи эҷоду кашфиёт будан.

✓ Ташкили рафтори идоравии соҳибкориҳое, ки пайваста ба пайдо кардани бозори навин ва азхудкунии марзу буми захираву ашёи навини табиӣ дар тамоми ҷаҳон равона гардидааст.

✓ Рушди босуръати менеҷменти корпоратсияҳои байналмилалии ҷаҳонӣ ва трансмилливу бисёрмиллӣ дар шароити рушди глобалии иқтисодиву иҷтимоии бозори ҷаҳонӣ.

✓ Афзоиши гуногуншаклии моликият дар ширкату корхонаҳои байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон.

✓ Дигаргуншавии хислатҳои хоси роҳбарӣ ва пайдоиши моделу низомҳои навини идоракунӣ дар менеҷменти муосир[53].

Аз равишҳои дар боло овардашуда маълум мегардад, ки дар маҷмуъ фарҳанги корпоративии рафтории идоракунии сармояи инсонӣ куллан дигаргун шуда, рушди нерӯи зеҳнии инсонӣ ҳамчун унсури асосии рушди иқтисодии замони муосир баромад мекунад. Агар ба равишҳои хоси идоракунии менеҷменти асри гузашта назар афканем, дар он замон идоракунӣ дар шакли зинагии устувори технократӣ-маъмурӣ сурат гирифта, супоришу қарорҳо аз тарафи зердастон бояд ҳатман иҷро карда мешуд.

Ин шояд барои ҳамон давру замони рушди саноатӣ шаклу усули беҳтарини идоракунӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳолати имрӯза, заруратҳоеро ба миён овардааст, ки идоракунӣ дар ширкату корхонаҳо танҳо, дар асоси донишу малакаи баланди кордонӣ истеъдоду тавонмандӣ, донишҳои муосири касбии тамоми ҳайати кормандони ширкат амалӣ карда мешавад.

Яъне фарҳанги навини роҳбарӣ дар менеҷменти муосир ташаккул ёфта истодааст, ки онро фарҳанги корпоративӣ ва ё касбиву ширкатӣ низ ном мебаранд.

---

[53] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – С.191.

Ин равиши ташаккулёбии фарҳанги корпоративии идоракунии сармояи инсонӣ дониши баланд доштани ҳайат, муҳити эҷодиву кашфиётӣ ва навоварӣ, инчунин пайваста дар моделу низомҳои рушдёбандагиву худтасдиқкунӣ ҳаракат кардани ширкатҳоро талаб дорад. Ин шакли ташкили фаъолияти кадрҳо, ки тамоюли устувори болоравиро дорад, барои ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ имкониятҳои баланд фароҳам меорад, дар ҳоле ки дигар касбу донишҳои куҳна дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ рақобат карда наметавонанд.

Аз ин нуқтаи назар, бартарияти навини иқтисоди донишҳо пеш аз ҳама ташкили кор ва фаъолияти инноватсионӣ буда, якбора рушди устувори ҳайати кормандон, яъне, сармояи инсониро таъмин месозад, ки ин барои менеҷменти муосир хеле зарур мебошад. Имрӯз исбот шудааст, ки донишҳои касбӣ - ҳунарӣ дар ҳар як 3 сол пурра куҳна шуда, ба талаботи навин дигар ҷавобгӯй буда наметавонад[54]. Аз ин хотир, ҳайати кормандони ширкату корхонаҳоро зарурияти ҳар се сол аз курси такмили ихтисос гузаштан пеш омадааст. Доим такмил додани дониши кормандон рушдёбандагӣ ва эҷоду кашфиёти онҳоро боло бардошта, тавонмандии онҳоро ҷавобгӯй ба талаботи рӯзафзуни менеҷменти муосир менамояд.

Таваҷҷуҳнамоӣ ба соҳаи маориф яке аз унсурҳои асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар ин шароит дониста мешавад. Ба ин масъалаи муҳимми ҷамъияти ҳануз солҳои 1940-ум Ф.Кумбс таваҷҷуҳ намуда, истилоҳи «буҳрони маориф»-ро дар амал ворид намуд[55]. Мувофиқи ақидаи ин олим, буҳрони маориф дар ҳолатҳое рух медиҳад,

---

[54] Ғаниев Т.Б., Искандаров Ҳ.Ҳ., Эсанов М.Д. Ҳавасмандгардонии кормандон ва таъсири он ба системаҳои идоракунандаи захираҳои меҳнатӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020.- № 10-1. – С. 105-111.

[55] Ниг. ба: Кризис образования в современном мире: Системный анализ / пер. с англ. – С.Л. Володиной [и др.]; под ред. д-ра экон. Наук Г.Е. Скорова; послесл. д-ра экон. наук, проф. В.А. Жамина. – М.: Прогресс, 1970. – 261 с.

ки равандҳои таълим ва тамоми низоми маориф, ба талаботҳои муосир ва ҷаҳонишавию иттилоотикунонии ҷомеа ҷавобгӯй намебошад.

Таҷдиди сохторӣ аз калимаи инглисии – restructuring гирифта шуда, маънояш ин тағйиротдарорӣ дар сохтори донишгоҳҳо фаҳмида мешавад. Чуноне ки муҳаққиқ қайд менамояд, "restructuring ин раванди барқароршаванда, тағйиркунанда ва бунёдсозандаи сохтори объект, ё тағйирот даровардан дар тамоми фаъолияти низоми маориф ва илм, мувофиқ ба рушду ташаккулёбии технологияҳои муосири таълимие, ки бевосита дар тамоми кишварҳои ҷаҳон истифода мешаванд ва ҷавобгӯи стандартҳои раванди таълим мебошад, дониста мешавад"[56]. Ин тағйиротҳо боиси қафо намондан аз низоми ҷаҳонии таълим дониста мешавад.

Албатта, барои мувофиқат кардану муҳитсозии инноватсиониву эҷодӣ барпо кардан дар менеҷменти муосир сохтори ташкиливу вазифадории навини созанда зарур аст.

Тавре устод Комилов С.Ҷ. қайд мекунад. «Хусусияти сармояи инсонӣ бо қобилияти эҷодӣ сарватест, ки бе иштироки сармояи табиӣ ва моддӣ бо дарназардошти иқтисодиёти навъи ноосферии такрористеҳсол тавсиф мешавад. Ин гуна неъматҳо, пеш аз ҳама, донишҳои наве мебошанд, ки барои инкишофи инсон на камтар аз гуногунии сарватҳои моддӣ заруранд. Дониш, малака, таҷрибаи истеҳсолии инсон, маданияти ташкилотро метавон ҳамчун хусусиятҳои мушаххас ё салоҳиятҳои асосӣ тавсиф кунад. Дониш, ки дар айни замон захира, натиҷаи фаъолияти инсон буда, ҷузъи ҷудонашавандаи моҳияти инсонӣ дониста мешавад. Рушди равандҳои инноватсионӣ бошанд, зарурати чен кардани донишҳоеро, ки ба равандҳои ташкилӣ дохил менамоянд ва мутобиқати онҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои инсонӣ тақвият медиҳанд. Аз истифодаи максадноки донишҳои инсонӣ, сифати инкишофи истеҳсол ва

[56] Минаев В.А. Мониторинг вузов: работа над ошибками // Высшее образование сегодня. – 2013. – № 1. – С. 5–10.

такрористеҳсоли молу маҳсулотҳои навин асосан муайян карда мешавад»[57].

Рушд ва ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионии муосир дар асоси моделҳои замонавии идоракунӣ таркиб ёфтааст. “Омӯзиши омилҳои гуногуни рушди идоравии инноватсонӣ дар худ як қатор натиҷаҳои моддӣ-маънавӣ ба монанди: сармоягузорӣ барои хуб тарбия ёфтани насли наврас, маълумотнок кардани онҳо, соҳиби ҷойи кори мувофиқ намудан, мутахассиси варзидаи соҳаи мухталиф гардонидан, дар оянда рақобатпазир будани малакаю дониши аз худ кардаи ӯ ва дигар омилҳое, ки дар шароити имрӯза аз ҳар як инсони комил талаб менамояд”[58]. Инҳо омилҳоеанд, ки рақобатпазирии мутахассисонро дар оянда таъмин менамоянд.

Барои нигоҳдории чунин дараҷаи рақобатпазирӣ нишондиҳандаҳои мотиватсионӣ гузошта мешавад, ки яке аз онҳо ҳиссаи моли навин дар ҳаҷми умумии тиҷорат мебошад, ки он набояд аз 25% кам бошад. Инчунин, низоми расмӣ ва ғайрирасмие дар роҳбарии менеҷменти муосир амал мекунад, ки иттилооти махсуси инноватсиониву навовариҳои махсуси молу хизматрасониҳои ширкатро ҷамъоварӣ менамоянд. Пайваста дар ҷустуҷӯи ақидаҳои инноватсионӣ, баҳодиҳии воқеии молу маҳсулотҳо ва ҳамкори бо ниҳодҳои илмиву тадқиқотӣ, маркетингӣ, истеҳсоливу конструкторӣ, марказҳои стратегии рушд ва ғайра ҳамкорӣ намудан мақсади асосии он мебошад

Дар баробари ин, барномаҳои махсус тартиб дода мешавад, ки истеҳсоли молу маҳсулотҳои ба муҳлати 2-3 сол ба нақша гирифта,

---

[57] Комилов С.Дж. Особенности формирования экономики знаний на современном этапе// Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе: «СИНО», 2013. – № 2/8 (125). – С.15.

[58] Искандаров Ҳ.Ҳ. Рақобатпазирии кормандон ва асосҳои институтсионалии он // Маводи конфренсияи байналмилалии илмию амалии «Саноатикунонии босуръат ва масоили амалигардонии он дар Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С. 235-239.

мутахассисони варзидаи соҳа ва дастаҳои касбии илмию тадқиқотӣ ҷамъ оварда шуда, супоришҳои махсуси инноватсионӣ гузаронида мешавад.

Идоракунии низоми ҳавасмандсозии сармояи инсонӣ бошад, аз рӯйи қоидаи таъминкунии талаботи корманд – шахсият амалӣ шуда, аз натиҷагирии ниҳоӣ вобастагии калон дорад. Гузаронидан ба дигар вазифаву дигар сохтор, баландбардории дараҷаи маошу мукофоту дигар намуди ҳавасмандиҳо дар ширкат низ ба ҷумлаи вазифаҳои идоракунии сармояи инсонӣ дохил гаштааст. Меъёр, ҳаҷм ва тарзи пардохт вобаста аз нишондиҳандаҳои муайяни ширкату корхонаҳои байналмилалии мамолики ҷаҳон фарқкунанда мебошанд.

Ҳамчунин, дар ширкатҳои пешрафтаи дунё дар дохили ширкату корхонаҳо, сохтори алоҳидае мавҷуд аст, ки онҳо ба навовариву эҷод машғул буда, аз истеҳсолоти асосӣ аксар маврид ҷудо фаъолият карда, молиягузории зиёдтари маркази ширкатиро соҳибанд ва дар як мудати кӯтоҳ истеҳсоли моли навинро дар ширкат пешниҳод менамояд.

Чуноне ки устод Ғаниев Т.Б. қайд менамоянд: «ширкатҳои байналмилалии давлатҳои гуногуни ҷаҳонӣ боз моделу низомҳои дигари идоракунии навовариро амалӣ карда истодаанд, ки фаъолияти онҳо аз рӯйи барномаи стратегии истеҳсолии менеҷменти ширкат кору фаъолият карда, лоиҳаҳои рушди ояндабинии ширкатҳоро барои 10-20 соли оянда пешниҳод менамоянд»[59].

Аз ҷониби дигар, шарту шароити ташаккули фаъолияти инноватсионӣ дар ширкатҳои байналмилалии муосир дар асоси омилҳои ҳавасмандсозии кормандон ба роҳ монда шудааст.

Дар чунин шакли ҳавасмандсозии идоракунии сармояи инсонӣ низоми иртиботӣ-иттилоотии электронии асри XXI нақши муҳимро иҷро намуда истодааст. Ин низоми содакардашудаест, ки ҷараёни

[59] Ғаниев Т.Б. Тавонмандии неруи зеҳнии инсон ҳамчун сарчашмаи захираҳои амнияти миллӣ ва байналмилалӣ// Вестник. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ. Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯза. -№ 6 (49). – Душанбе – 2015. – С.102

фаъолиятҳои меҳнатии ширкат аз рӯйи қоидаи мубоҳисаи бевоситаи рӯ ба рӯ, доимияти мавзуи навоварӣ ва ихтироъкориҳо дар иртиботҳо ва иттилоотҳои электронии расмӣ, муносибатҳои дутарафа, имконоти амалисозӣ ва пешниҳодҳои ақидаву эҷодҳои фардӣ дар алоқамандии рушди иртиботии даставӣ ба роҳ монда шудааст.

Аз ҳама муҳим дар ин раванди идоракунии ҳавасмандсозии сармояи инсонӣ ин қоидаи «рушдёбандагӣ ва тағйирёбандагӣ ҳамчун меъёр ва ё худ чун шиори доимии рушди касбӣ бояд амал намояд».

Гузаштан ба мавҷи муосири рушди саноатии ҷаҳонӣ, талаботи зеҳникунонии фаъолияти меҳнатӣ ва ё худ илмғунҷоишии баланди меҳнатӣ дар ҷараёни истеҳсолоту истеъмолоти имрӯза бояд ҳукмфармо бошад, чунки пайдоиши соҳаи навини иқтисоди иттилоотии электронии касбӣ ин худ пойдевори молиявию моддии ширкату корхонаҳои муосири ҷаҳонӣ гаштааст.

Иқтисоди электронӣ-рақамии муосир доираи муносибатҳои одамонро вобаста ба шароитҳои махсуси бавуҷудомада, ба монанди: дигар шудани ҷараёнҳои истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, компютеркунонӣ, роботишавӣ, тезтағйирёбии муҳити тиҷорат ва хизматрасонӣ, тез-тез дигаргуншавии талабот ва таклифоти бозор, маҳдудияти захираҳо, сиёсати дутарафаи стандартҳо ва ғайра дида мебарояд. Ин тезтағйирёбиҳо намегузоранд, ки инсонҳо ба як ҳолати муайяни мутобиқ гардида, доимо як намуди молу маҳсулотҳоро истеҳсол ё истеъмол намоянд[60].

Чуноне ки олими рус Бандаренко В.М. пешниҳод менамояд, «Иқтисоди рақамӣ» – ин муттаҳидӣ, системавӣ ва кулли мушкилоти мураккабест, ки ба модели муносибатҳои байни одамон, ки бо инқилоби технологияҳои чоруми саноатӣ мутобиқ буда, пайдо мешавад ва

[60] Ходиев Д.А., Искандаров Х.Х. Человеческий капитал и кадровое обеспечение в сельском хозяйстве//Инновационные доминанты социально-трудовой сферы: экономика и управление/Материалы ежегод. межд. науч. прак. конф. (г. Воронеж). - Воронеж, 2016. – С. 246-251.

инчунин бо технологияи рақамӣ ва дигар технологияҳои олии асри XXI ва дар ташаккулёбӣ, рушд ва татбиқи он бояд муваффақияти ҳадафҳои мақсаднокро муайян кунанд[61].

Иқтисоди иттилоотӣ-электронии муосир тақозои онро менамояд, ки мутахассисони имрӯзаи бояд дорои дониши мукаммали замонавӣ буда, доим ба таълимот ва аз худ намудани донишҳои муосири замонавӣ бархурдор бошанд. Инчунин, аз тамоми сохторҳои институтсионалии ҷомеа оид ба илм, маориф ва дигар зерсохторҳои онҳо, талаб намуда истодааст, ки таълимоти доимиро ба ҷомеаи имрӯзаи шаҳрвандӣ ҷорӣ намоянд.

Солҳои охир таълимоти бефосилаи касбӣ барои тамоми кормандон, мутахассисони касбӣ ва ҳар як аъзои ҷомеаи шаҳрвандӣ шарти муҳим гаштааст. Дар ин замина зиёда аз 80 фисади афзоиши маҷмуи маҳсулоти ҷамъиятӣ аз ҳисоби рушди инновастионии ҷомеа таъмин карда мешавад ва ҳамасола дар бозори ҷаҳонӣ моли аз нигоҳи илмғунҷоишии баланд мавқеи устувори худро соҳиб гашта, маҳсулоти пастсифату аз нигоҳи маънавию ҷисмонӣ куҳнашударо аз бозор бароварда истодаанд.

Ҳамасола дар ҷаҳон маҳз ба хотири афзоиши техника, технологияи навини истеҳсолӣ ва буҳронҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳонӣ, зиёда аз 15-20 миллион нафар кормандон ҷойҳои кори худро аз даст медиҳанд. Вобаста аз ин сол аз сол камшавии шумораи кормандони доимӣ дар соҳаи саноату кишоварзӣ мушоҳида шуда истодааст.

Чунин пешгӯиҳо низ мавҷуд мебошад, ки дар солҳои наздик аз 10\1 ҳиссаи кормандони машғули касбу ҳунарҳои гуногун дар соҳаи саноат фаъолият менамоянд.

---

[61] Бондаренко В.М. Мировоззренческий подход к формированию, развитию и реализации «Цифровой экономики»//Современные информационные технологии и ИТ – образование. – М.: «Лига интернет-медиа», 2017. -Т. 13. – № 1. – С. 237-251.

Қисмати зиёди одамон дар соҳаи хизматрасонӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, иртиботи электронӣ, хизматрасониҳои тиҷоратии маркетингӣ ва бонку бонкдорӣ фаъолият менамоянд. Шумораи кормандони бахши идоравии электронӣ афзуда, соҳибкориҳои фардӣ, дасттавию ширкатӣ ва корхонавии байналмилалӣ рушду ташакул ёфта, масоили муҳим дар ҳамаи равишҳо боз ҳамон рушди ихтироъкорӣ ва худтасдиққунии фардӣ дар тамоми ҷаҳон боқӣ мемонад. Ташаккулу дастгирии ҳамин равиши иқтисоди иттилоотии электронии касбӣ маҳз масоили муҳимми мотивасионии сармояи инсонӣ гаштааст. Яъне имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳони навин масоили таълимот, тарбия ва рушди зеҳнии кормандон дар низоми интернети электронӣ ба яке аз масоили муҳимми стратегии рақобатпазириву бозорёбӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар асри XXI табдил ёфтааст.

Дар раванди истеҳсолӣ бошад, омили асосии рақобатпазириву устувори дар истеҳсолот молҳои навини хислати пурраи «зеҳнӣ» дошта мегарданд. Яъне ба ҷойи омили асосии меҳнат ва захираҳои замин имрӯз дар ҷараёни истеҳсолӣ мақоми авваларо зеҳни баланди касбӣ, иттилооту иртиботи касбии электронӣ ва манфиатҳо бозида, хислати муносибатҳои асосии замони муосирро ҷомеаи иттилоотии электронии касбӣ гирифтааст.

Оид ба хислати меҳнати зеҳнӣ ҳанӯз донишманд ва равоншиноси машҳури бахши менеҷмент С. Кова дар асарҳои нодири худ навишта буд: «Асоси рушди глобализатсия равиши чуқури бозори ҷаҳонӣ ва технологӣ дорад: Алоқамандии системавию барномавии корпоратсияву корхонаҳои бузурги байналмилалӣ дар як хатти электронии муносибатҳои имконотии иттилоотиву иртиботӣ амал менамоянд. Онҳо барои тамоми ҷомеаи инсонӣ ва афзоиши бемайлони рушди иқтисодӣ вобаста аз имконоти баланди иттилоотии электронӣ, инчунин озодии фаъолиятҳои касбӣ дар тамоми сайёра қарор доранд. Дар шароити

имрӯзаи иқтисодӣ мафҳуму ақидаи «боигарӣ» дигар молияву пул набуда, «зеҳни баланди инсонӣ» ҳисобида мешавад»[62].

Ба ақидаи донишманди дигари бахши менеҷменти байналмилалӣ Ч.Коттер «Ширкатҳое, ки намехоҳанд дигаргунсозӣ кунанд, мемиранд. Аммо он ширкатҳое, ки мехоҳанд дигарунсозӣ намоянд вале наметавонанд онро амалӣ гардонанд, зудтар мемиранд»[63].

Баъзе аз донишмандони дигар барои рақобатпазириву устуворӣ дар бозори байналмилалӣ зарурати аз худ намудани талаботу таклифоти бозорро пешкаш карда, чунин қайд менамоянд, ки «Омӯзиши талаботу таклифоти бозор ин аз худ намудани вазъияти бозор ва инчунин аз худ намудани доираи меъёрҳои фарҳангиву анъанавии одамон барои оғози рушди навин ва мутобиқшавӣ ба шароити муосири электронии иттилоотӣ-иртиботии фаъолиятҳои касбӣ мебошад»[64]. Аз ин нуқтаи назар, рақобатпазирӣ дар бозор аз омӯзиши доимии он ба амал омада, дигаргуншавии доимии он бояд аз мадди назар дур набошад. Гарчанде, ки олимон ва муҳаққиқони зиёд оид ба ин масъалаи иқтисодӣ фикру ақидаҳои худро баён кардаанд.

Муаммоҳои рақобатпазирии кормандон, ки бахше аз фаъолияти соҳибкорӣ дониста мешавад, аз ниҳодҳое, ки инсон дар онҳо рушд ва инкишоф меёбад, вобастагӣ дорад. Инчунин, рақобатпазирии кормандонро вобаста ба сатҳ, ба чунин гурӯҳҳо ҷудо менамоянд: рақобатпазирӣ дар сатҳи корманди алоҳида, рақобатпазирӣ дар сатҳи корхонаи алоҳида, рақобатпазирӣ дар сатҳи соҳаҳо, рақобатпазирӣ дар сатҳи мамлакат ва рақобатпазирии аз ин сатҳо болотар. Тафовути

---

[62] Стивен Р. Кова. Восьмой навык: от эффективности к величию. – М.:Альпа бизнес Бук.2007. – С.83.

[63] Маслов В.И. Стратегическое управление персоналом. – М. Макс Пресс.2017. – С.42

[64] Ғаниев Т.Б Менеҷмент: Пешвоӣ дар роҳбарӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2008. – С.67.

сатҳҳоро вобаста аз фаъолияти корманд ва дар кадом ҳудуд фаъолият намудан ҷудо менамоянд.

Вобаста ба рақобатпазирии корманд, олими рус Хлопова Т.В. иброз медорад, ки «Рақобатпазирии корманд» – ин тафсилоти интегралӣ, инъикоси дараҷаи мувофиқи сатҳи инкишофёбии қисматҳо «иқтидори фардии кадрҳо», ки дар ҷойҳои муайяни корӣ ва дар вақтҳои муайян, аз коргар дониши зиёди касбӣ, малака ва маҳоратро талаб менамояд, ки корманд худро дар ин ҷой мустаҳкам менамояд[65] дониста мешавад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, мо омӯзиши рақобатпазирии кормандонро дар сатҳи ниҳодҳо, ба монанди: оила, ташкилот, соҳа ва давлат омӯхта, онро дар шакли расм чунин пешниҳод менамоем (нигаред ба расми 4).

Шакливазкунии амиқи моделҳои институтсионалии хоҷагидорӣ дар худ равандҳои объективии таҳаввулот низоми иқтисодии замонавиро доранд. Дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ тағйиротҳои зиёди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити зиндагии мардум дида мешавад.

Ин дигаргуниҳо дар сатҳи оила, дар сатҳи ташкилот ва дар сатҳи соҳаҳои давлат дида мешавад. Он мутахассисе, ки дар ин сатҳо омода карда мешавад, бояд бо тағйирёбиҳои муосири иқтисодиёти инноватсионӣ мутобиқ бошад, яъне мутахассисе омода карда шавад, ки ӯ ҳама он меъёрҳо, механизмҳо, қоидаҳо, қонунҳо, маълумотҳо ва умуман ҳама он ченакҳои арзиширо аз сатҳи оила то ба сатҳи давлат аз худ карда бошад.

Модели дар шакли расм овардашуда аз асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва инкишофи рақобатпазирии кормандон, ки дарбаргирандаи ниҳодҳо, меъёрҳою қонунҳо, расмӣ ва ғайрирасмӣ иборат мебошад.

---

[65] Ниг. ба: Хлопова Т. Конкурентоспособный персонал предприятий // Служба кадров и персонал. – 2006. – № 12. – С. 26-31




**Расми 4. Асосҳои институтсионалии ташаккулёбӣ ва инкишофи рақобатпазирии кормандон (Тартибдодаи муаллиф).**

Дар қисмати аввали ин модел, он ниҳодҳои ҷамъиятие, ки ба рақобатпазирии ҳар як инсони комил таъсир мегузорад, ба монанди: оила, ташкилот, соҳа ва давлат оварда шудааст. Қисмати дуюми модел қоидаҳою меъёрҳои махсуси муайянкунандаи ташаккулдиҳӣ ва инкишофи рақобатпазирии кормандонро дар бар гирифта, он барои ҳар як сатҳ меъёрҳо, қоидаҳо, механизмҳо, қонунҳо, маълумотҳо ва дигар ченакҳои арзишии махсуси худро пешниҳод менамояд.

Дар қисмати сеюми модел оид ба фарсудашавӣ, дигаргуншавӣ, ҷавобгӯй набудан ва маҳдудиятҳои ин меъёрҳо, қоидаҳо, қарорҳо ва қонунҳои мавҷуда, ки ба ташаккулёби ва инкишофи рақобатпазирии кормандон таъсир мерасонанд, маълумотҳо оварда шудааст.

Дар қисмати чорум, яъне қисмати охир оид ба тағйирёбиҳои институтсионалӣ ва мувофиқати махсуси ташаккулёбии рақобатпазирии кормандон маълумотҳо ҷамъоварӣ шуда, баҳри ҳар як ячейкаи ҷамъиятӣ, ҳама он ташаккулёбиҳо, мутобиқшавиҳо, аз худ кардани навовариҳои низоми техникиву технологӣ ва иттилоотии касбӣ, коркарди навини меъёрҳою қоидаҳо, васеъшавиҳои уҳдадориҳо, коркарди стандартҳои навин, такмилдиҳии базаи қонунҳо ва умуман ҳама он дигаргуниҳои институтсионалие, ки барои ташаккулёбӣ ва инкишофи рақобатпазии кормандон таъсир мерасонанд, оварда шудааст.

Ба инобат гирифтани омилҳои таъсиррасон ба рақобатпазирии кормандон ба афзоиши самаранокии субъектҳои хоҷагидор кумак расонида, боиси ташаккули категорияи «сармояи зеҳнӣ» мегардад, ки инро муҳити имрӯзаи истеҳсолӣ-тиҷоратӣ тақозо менамояд. Муҳити истеҳсолӣ-тиҷоратӣ барои рушди ҷомеаи иттилоотӣ-рақамӣ хеле динамикӣ буда, фаъолияти устувори хоҷагидориро аз қобилият ва омодагии онҳо барои мутобиқ шудан ба тағйироти имконпазир вобаста медонад.

Ҳамин тариқ, махсусан муҳим ба назар мерасад, ки чунин як зуҳуроти муҳим, ба монанди таъсири мусбати сармояи зеҳнӣ ба тамоми фаъолияти ташкилот, ки боиси ба рақобаттҳо тоб овардани онҳо мегардад, дар динамикаи мусбати рушди соҳаи мазкур низ зоҳир хоҳад шуд. Аз ин ҷост, ки рақобатпазирии корманд, аз як тараф боиси ба рақобатҳои имрӯзаи иқтисодӣ тоб овардани ташкилотҳо дониста шавад, аз тарафи дигар кафолати доимии кормандро барои ба ҷойи кор таъмин шуданашро нишон медиҳад. Маҳз ҳамин тавр рушди инноватсионии иқтисодиёти муосир – бештар тавассути рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он, ҳамчун манбаи асосии рушди донишҳои муосир баҳо дода шуда, такмили доимии худро мехоҳад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, муайян кардан мумкин аст, ки рақобатпазирии кормандро дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, доим дар такмил қарор додани донишҳои касбии худ, нерӯ бахшида, тавонмандии онро дар фаъолиятҳои меҳнатӣ таъмин менамояд. Ҳамзамон, новобаста ба тағйирёбандагии ҳолатҳо, талаботу таклифоти бозор ва дигаргуншавии муносибатҳо низоми таълимотӣ бояд доим амал намояд ва мутахассисро ба шароити нав мувофиқ гардонад. Инчунин, бинобар сабаби хислати афзояндагӣ доштани талаботи бозор, таълимотгирӣ низ хислати афзояндагиву густаришу болоравӣ дошта, то ба талаботи бозори меҳнатии касбӣ ҷавобгӯ будани кормандро таъмин намояд.

Аз ин гуфтаҳо чунин бармеояд, ки низоми муосири иқтисодӣ ва махсусан талаботи бозори ҷаҳонии меҳнат ҳам ба шакл ва ҳам ба мазмун омода кардани кадрҳои навин барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ тақозои онро дорад, ки мутахассиси омодашаванда, рақобатпазир дар соҳаи фаъолияти худ бошад. Пас, мутахассисини имрӯзаро низ зарурат пеш омадааст, ки бо мақсади таъмин намудани рушди касбиву вазифадории худ, дониши касбии худро пайваста сайқал бидиҳанд. Зеро сармояи инсонӣ дигар ҳамчун захираи асосии рушди рақобатпазирии

менеҷменти ҷаҳонӣ баромад карда, дониши куҳнашуда бошад мушкилофару монеасозӣ рушди касбиву ҳунарии ҷомеа эътироф гардидааст.

Таълимотгирии доимии касбӣ тавонмандии ҳалли дуруст ва пурраи ин муамморо дар худ дорад. Таълимоти доимии касбӣ имрӯз имкон медиҳад, ки ҳар як мутахассиси омодашаванда, рақобатпазирии худро дар бозори меҳнат таъмин намуда, рушду инкишофёбии иқтисодиётро таъмин менамояд. Рушди низоми таълимоти доимии касбӣ дар ҷаҳони муосир ҳамчун асоси рушди стратегии соҳаи маориф қабул гардидааст, ки бевосита барои ҳалли масоили иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди фардиву равонии касбии кормандон нигаронида шудааст.

**Хулосаи боби аввал.**

1. Назарияи омӯзиши сармояи инсонӣ бо ба низом даровардани сохтори он, нишон додани унсурҳои асосӣ ва пурракунандаи сармояи инсонӣ шарҳу тавзеҳ дода шуд. Нисбати мафҳуми «Сармояи инсонӣ» таҳлилу баррасиҳо сурат гирифта, моҳияти он мувофиқ ба дарк ва фаҳмиши муаллиф чунин шарҳ дода шудааст: «Сармояи инсонӣ – ин маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо,  таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо ва дар баробари ин саломатии бардавом, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кушишҳо ваояндабиниҳо ба фаъолият дониста мешавад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт аз ҳар як инсони комил талаб карда мешаванд. Ин сармояи бузург ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро вобаста ба талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёт нишон медиҳад». Инчунин, нисбати нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушд ва ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионии муосир, роҳҳои замонавии ташмилдиҳии сармояи инсонӣ, мақсаднокии равандҳои муосири такмилдиҳии сармояи инсонӣ, механизмҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушду ташаккулдиии сармояи инсонӣ ва ғайра оварда шудааст;

2. Мавқеъгирии нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир чорабиниҳои ҳамаҷонибаро нисбат ба омоданамоии мутахассисони имрӯза ва оянда дигар намуда, талаботҳои ҷадиди худро вобаста ба ин шароитҳо дорад. Рушду ташаккулёбии сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт усулҳо ва воситаҳои ба он таъсиррасон дигаргун намуда, роҳҳои муосири такмилдиҳии онро таъмин менамоянд. Рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ аз ниҳодҳои ташаккулдиҳандаи он вобаста буда, низоми ҳамбастагии онро талаб менамояд. Инчунин, наздик будани раванди ташаккулёбӣ ба доираҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ, ҷараёнҳои ташкилу таъминамоии иқтидори кадрӣ, талаботҳои иҷтимоӣ ва аз ҳама муҳим ба талаботҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир вобаста мебошад;

3. Рақобатпазирии кормандро талаботи асосии бозори меҳнат муайян намуда, аз корманд донишҳои муосир, ихтироъкорӣ, эҷодкорӣ ва умуман фаъолиятҳои навоваронаро талаб менамояд. Таълиму тарбия ёфтани корманд дар як муҳити солим боиси ба рақобатҳои бозори меҳнат тоб овардани онро нишон дода, аз ҳама муҳим сарчашмаи асосии даромад ва пешбурди зиндагонӣ дониста мешавад. Тарбияи ҳамаҷонибаи кормандро ба инобат гирифта, онро мувофиқ ба дигаргуншавии меъёрҳои ташаккулёбӣ, мутобиқшавӣ ба шароитҳои нави иқтисодӣ, аз худ кардани донишҳо ва таҷрибаҳои замонавӣ омода намудан лозим меояд. Ин омоданамоиҳо боис ба он мегардад, ки мутахассис дар як сатҳи хуб омода гардида, рақобатпазирии худро дар раванди тезу тунд шудани муносибатҳои муосири иқтисодӣ-меҳнатӣ таъмин намояд.

# БОБИ II. РАВИШҲОИ МЕТОДОЛОГӢ ВА УСУЛҲОИ АРЗЁБИИ ТАШАККУЛЁБИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ва равишҳои арзёбии он дар шароити рушди инноватсионии иқтисодиёт

Дигаргуниҳое, ки имрӯз дар саросари ҷаҳон мушоҳида мешавад, талаботҳои муосирро нисбат ба назария ва методологияи сармояи инсонӣ тағйир дода истодаанд. Барои муайян кардани равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ бояд воситаҳо ва принсипҳои методологӣ ҳамчун асос дар идоракунии самараноки сармояи инсонӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Имрӯзҳо воситаҳо ва принсипҳои асосии идоракунии сармояи инсонӣ мавриди тағйиротҳои ҷиддӣ қарор доранд, ки ғояи маркозии онро омилҳои ба таъсиррасон: маълумотгирии бефосилаи касбӣ ва такмилу инкишофи доимии он, ташкил менамоянд.

Пайдоиши назарияҳои муосири идоракунӣ категорияи сармояи инсониро аз меҳнати неокласикӣ ба сатҳи корпоративӣ гузаронида, бо захираҳои инсонӣ, иқтидори инсонӣ ва дигар мафҳумҳои ба инҳо монанд, муайян карда мешаванд, ки дар натиҷа ба зиддиятҳои методологӣ оварда мерасонад. Иваз шудани як мафҳум ба мафҳуми дигар, такрори вазифаҳо дар идоракунии сармояи инсонӣ баъзе унсурҳо функсиашонро дигар менамоянд.

Дар асарҳои муосири олимони ватанию хориҷӣ оид ба идоракунии сармояи инсонӣ баъзе хусусиятҳои истилоҳӣ ба назар мерасад. Ба монадӣ: бар ивази категорияи идоракунии сармояи инсонӣ, “идоракунии захираҳои инсонӣ” истифода мешавад. Ба андешаи мо дар оянда агарчӣ яке бо маънои аслии “манбаъ” ва дигари “мояи арзиширо” ифода намояд, ҳамчун синоними якдигар истифода бурда мешаванд.

Вобаста ба маълумоти таҳқиқшаванда, методологияи идоракунии сармояи инсонӣ аз се зерқисмати асосӣ, ки якдигарро пурра менамоянд ташкил ёфта аст, инҳо: мақсаднокии идоранамоӣ, мусоидат намудан ба рушди шахсии ҳар як корманд барои беҳтар кардани фаъолияти

дастаҷамъӣ ва муттаҳид кардани мақсадҳои ҳар як корманди алоҳида бо ҳадафҳои ташкилот. Дар баробари ин усулҳо ва технологияҳои асосии идоракунии сармояи инсонӣ аз инҳо иборат аст: масоилҳои консептуалии идоракунии кадрҳо, идоракунии истеъдодҳо, мотиватсия, ҳавасмандӣ ва баҳодиҳии кормандон, ҷанбаҳои ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ, омода кардан ва такмили ихтисоси кормандон, интихоб, ба кор қабул кардан ва мутобиқ кардани кадрҳо.

Ин гуфтаҳоро ба инобат гирифта, талаботҳои рӯзафзуну тезтағйирёбандаи бозори меҳнат дараҷаи маълумотнокии мутахассисон, мавқеи муассисаҳои таҳсилотдиҳанда ва пеш аз ҳама дар кадом дараҷа омода кардани мутахассисони ояндаро бояд муайян кунанд. Нодида гирифтани аҳаммияти масъалаҳои зикргардида, ба сармояи инсонии кишвар хатари дар як ҳолати номуайянӣ (оқибатҳои беманфиат, заиф шудани рушди иқтисодиёти кишвар, паст гаштани шохиси рушди инсонӣ ва ғайра) қарор доштанашро нишон медиҳад. Аз ин рӯ, низоми муосир ва инноватсионии таҳсилот бояд бештар ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти имрӯзаи ширкатҳои дорои технологияи баланди дохилӣ ва берунӣ нигаронида шуда, мувофиқ ба талаботҳои онҳо мутахассисони ояндаро омода намояд.

Баҳодиҳии саривақтӣ ва объективии сармояи инсонӣ метавонад роҳи ҳалли мушкилоти вуҷудоштаро аз байн бурда, роҳҳои муосири расидан ба ҳадафҳои гузошташударо таъмин намояд ва барои роҳбарон ва идоракунандагони муассисаҳои таълимӣ равишҳои навини идоракунии замонавиро пешниҳод намояд. Дар асоси хусусияти номбурдашуда, як қатор меъёрҳо ё принсипҳои асосиро метавон риоя намуд, ки раванди дурусттар арзёбии сармояи инсониро дар муассисаҳо таъмин менамояд:

– объективият, дар раванди баҳодиҳӣ субъективият ва ғаразнокӣ нисбат ба объекти таҳқиқотшаванда бояд истисно карда шавад;

– конструктивӣ, ҳар як қарори баровардашуда, дар бораи рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ бояд асоснок ва бо далелҳои воқеъӣ тасдиқ карда шавад;

– риояи меъёрҳо, тартиби арзёбии сармояи инсонӣ аз рӯйи як модели ягона, ки барои ҳамаи респандентҳо муайян буда, гузаронидан ва натиҷаи он таҳия ва татбиқ карда шавад;

– махфият, натиҷаҳои арзёбӣ набояд дастраси умум бошад;

– мақсаднокӣ, дурустӣ ва пуррагӣ инчунин эътимоднокии маълумоти гирифташуда бояд таъмин карда шавад[66].

Риояи ин меъёрҳои номбурдашуда боиси дуруст арзёбии сармояи инсонӣ гашта, барои қабули қарорҳои идоракунииояндаи ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ мегардад. Ба хусус дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ таваҷҷуҳнамоӣ ва риояи ин меъёрҳо ҳангоми арзёбии сармояи инсонӣ ба манфиати фаъолият хоҳад буд, чунки ягона иқтидоре, ки бузургии сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт нишон медиҳад, ин донишмандӣ, таҷриба ва кордонии инсон дониста шуда истодааст, ки он бештар дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба даст оварда мешавад.

Низоми арзёбии сармояи инсонӣ як раванди мураккаб ва бисёрсатҳа дониста мешавад, бинобар ин он бояд то ҳадди имкон объективӣ ва шаффоф бошад. Муқаррар намудани таърифҳои сармояи инсонӣ мувофиқ ба нишондиҳандаҳои арзишӣ ё сифатӣ (дар расми 5 оварда шудааст), ки онҳоро ҳамчун меъёри инъикоскунандаи ҳадафҳои ниҳоии объекти истеҳсолӣ қабул кардан мумкин аст, нақши муҳим мебозад.




**Расми 5. Нишондиҳнадаҳои сармояи инсонӣ ва паҳлуҳои арзишӣ ва сифатии он (аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

---

[66] Кашапов М. М., Шаматонова Г. Л. Ресурсность мышления как основа конструирования акме-событий: теоретико-методологический аспект // Известия Иркутского государственного университета. Серия: Психология. – 2017. – Т. 22. – С. 10–20.

Аз сабаби гуногун будани усулҳои арзёбӣ дар адабиёти иқтисодии муосир онҳоро одатан ба панҷ гурӯҳ ҷудо мекунанд, ки он дар шакли ҷадвал бо чунин тарз оварда шудааст (ниг. ба ҷадвали 2.1).

**Ҷадвали 2.1. Равишҳои муосири усулҳои арзёбии сармояи инсонӣ**

| Равишҳои методӣ | Муаллиф (он) | Вижагиҳо |
|---|---|---|
| **Ҷамъи арзишҳо** | Добринин А.И., Дятлов С.А., Критский М.М., Критон М.М. ва дигарон. | Дар ин равиши методӣ аслан сармоягузориҳо ва арзишмандии сармояи инсонӣ дар шакли маҷмуавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. |
| **Даромад аз сармояи инсонӣ** | И.Фишер, Журавлев М.В., Сменов И.Н. ва дигарон. | Ин равиши методӣ арзёбии арзиши сармояи инсониро аз рӯи даромади сармояи инсонӣ муайян менамояд. |
| **Хароҷот ба сармояи инсонӣ** | Ҷ. Кендрик, Т. Шултс, К. Н. Чигоряев ва дигарон. | Дар ин равиши методӣ арзёбии арзиши сармояи инсонӣ аз рӯи хароҷотнамои ба ташаккулёбии он муайян карда мешавад. |
| **Нишондиҳандаҳои ягона** | Бонки ҷаҳонӣ, Ҷоргенсон Д.В., Фраумени Б.М. ва дигарон. | Ин равиши методӣ имкон медиҳад, ки баҳодиҳии сармояи инсониро аз рӯи аз сарвати миллӣ берун намудани сармояи ҷисмонӣ ва табии муайян намуд. |
| **Нишондиҳандаҳои интегралӣ** | Шохиси рушди инсонии СММ. | Дар ин равиши методӣ хароҷот ва самаранокии сармояи инсонӣ дар якҷоягӣ тавсиф ва баҳогузорӣ карда мешавад. |

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Оид ба мавзуи сармояи инсонӣ ба хусус дараҷаи маълумотгирию маълумотнокии инсон то ба имрӯз усулҳо ва методологияҳои маъмултарини арзёбии сармояи инсонӣ, ки аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ таҳия ва пешниҳод шудаанд. Вале таҳлилҳо нишон дод, ки сарфи назар аз шумораи зиёди равишҳо ба арзёбии сармояи инсонӣ, то ҳол равиши ягонаи муайянкунандаи ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ, ки аз ҷониби умум қабулшуда бошад, таҳия нашудааст.

Методологияи арзёбии самаранокии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар сатҳи донишгоҳ асосан ба принсипҳои идоракунии сармоягузориҳо (давлатӣ, хусусӣ, омехта ва ғайра) ба сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт бо истифода аз маҷмуи муайяни

нишондиҳандаҳое, ки равандҳои ташаккулро тавсиф мекунанд, асос ёфтаанд.

Дар адабиёти илмӣ таркиб ва ҳаҷми сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ бо равишҳои гуногуни методологӣ пешниҳод шудаанд. Олимони иқтисоддон Добринин А.И., Дятлов С.А., Коннов В.А. ва Курганский С.А. исбот мекунанд, ки аз миқдори умумии маблағгузориҳо ба сармояи инсонӣ маблағҳои асосӣ ба саломатӣ ва дониш (маориф) ба ҳисоб мераванд[67]. Маблағгузорӣ ба тандурустӣ ва маълумотнокии инсон, асоси сармояи инсонӣ дониста шуда, дар як сатҳи бисёр хуб фаъолият намудани кормандро таъмин менамояд.

Баҳогузории хароҷоти такрористеҳсоли сармояи инсониро олими иқтисодон Дятлов С.А. таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки «моделҳои арзёбии сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ бо шабеҳи арзёбии сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои сармоягузориҳо ба ҷисми инсон ташаккул меёбанд»[68]. Ин олим дар ин тадқиқоти худ як қатор усулҳо ва омилҳоиислоҳиро ҷорӣ мекунанд, ки пурра қобилияти инсонро фаро мегиранд.

Усули боэътимодтар ва дақиқтари арзёбии сармоягузорӣ ба фаъолияти эҷодии сармояи инсониро Критский М.М. пешниҳод намудааст. Усули пешниҳоднамудаи ин олим нишон медиҳад, ки давраи сармоягузорӣ инҳоянд: синни томактабӣ – 7 сол, мактаби миёна– 11 сол, таҳсилоти касбӣ-тахассусӣ дар донишкадаю донишгоҳо аз 4 то 6 сол[69]. Ин олим хароҷоти миёнаи солонаи ташкили сармояи инсониро бо нархҳои базавӣ муайян карда, қайд намудааст, ки вобаста ба болоравии

---

[67] Ниг. ба: Добрынин А.И. Производительные силы человека: структура и формы проявления / А.И. Добрынин, С.А. Дятлов, В.А. Коннов, С.А. Курганский. – СПб.: Изд-во СПб. ГУЭФ, 1993. – 163 с.

[68] Дятлов С.А. Основы теории человеческого капитала. Санкт-Петербург. ун-т экономики и финансов. – СПб.: Изд-во Санкт-Петербург. ун-та экономики и финансов, 1994. – 160 с.

[69] Ниг. ба: Критский М.М. Человеческий капитал в информационной рыночной экономике // Человеческий капитал в условиях современной трансформации экономики: сб. науч. тр. – СПб.: СПбГИЭУ, 2000. – С.6–46.

нархҳо хароҷотҳо низ барои рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дигаргун мешавад.

Олими иқтисодон Критон М.М. консепсияи мукаммалтари маблғгузориро дар шакли умумӣ ба ҷамъ кардан ва ташаккулу рушд додани сармояи инсонӣ медонад. Ин олим баъди тадқиқотҳои зиёди илмӣ ба хулосае меояд, ки барои муайян кардани арзиш ва ҳаҷми ҳама он маблағгузориҳое, ки ба сармояи инсонӣ гузошта шудааст, бо чунин роҳ ҳисоб карданашон мумкин аст:[70]

$$I = Ia + Iuc + Ip + Inom + Io, \quad (1)$$

ки дар ин ҷо: *Ia* – сармояи инсонии пешпардохтшуда;

*Iuc* – сармояи инсонии истифодашуда;

*Ip* – сармояи инсонии амалигардида;

*Inom* – иқтидори сармояи инсонӣ;

*Io* – сармояи инсонии боқимонда.

Дар шакли умум бошад, равиши методӣ шакли дигарро гирифта, аз қисматҳои зерин хароҷотҳо иборат мебошад:

– хароҷоти таълим ва нигоҳдории саломатии инсонҳо то синни қобили меҳнат;

– хароҷоти таҳсилоти умумӣ ва олии касбӣ;

– хароҷоти таълими истехсолӣ, такмили ихтисос, бозомузии касбӣ ва барқароркунии саломатӣ;

– хароҷот барои дарёфти иловагии иттилоотии фаъолияти касбӣ;

– хароҷотҳои дигаре, ки дар фаъолияти инсонҳо дида мешавад.

Яке аз усулҳои маъмултарини арзёбии сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари даромад аз сармояи инсонӣ аз ҷониби олими иқтисодон И.Фишер коркард карда шуда, пешниҳод шудааст. Ба ақидаи ин олим «Истифодабарии сармояи инсонӣ ин гирифтани фисадеро мемонад, ки

---

[70] Ниг. ба: Критский, М.М. Развитие человеческого капитала. – М.: Кнорус, 2014. – 314 с.

пешаки сармоягузорӣ карда шудааст»[71]. Ба ақидаи ин олим сармояи гузошташуда, маблағи тахфифшудаи даромади оянда дониста мешавад ва барои ҳисоб кардани арзиши он формулаи зеринро пешниҳод менамояд:

$$Dc = Dt / (1 + i)t, (2)$$

ки дар ин ҷо: Dc – бузургии даромад дар шароити ҳозира;

Dt – бузургии даромад дар оянда;

i – фоизи ҷорӣ дар шароити ҳозира;

t – вақт, сол.

Дар маҷмуъ Dc маблағест, ки барои t сол бо меъёри фоизии i сармоягузорӣ карда шуда, арзиши Dt меафзояд.

Ҳангоми арзёбии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, самаранокии арзёбии лоиҳа тавассути таносуби самараи иқтисодии сармоягузорӣ ба ҳаҷми хароҷоти сармоявӣ, ки ба сармояи инсонӣ гузошта мешавад, муайян карда мешавад. Яъне хароҷот нисбат ба фоидаи бадастомада муқоиса карда мешавад. Дар ҳолати натиҷа мусбӣ будан, сармоягузорӣ самаранок дониста мешавад. Чуноне ки Сменов И.Н. қайд менамояд: «Лоиҳаи рушди сармоягузориҳо ба сармояи инсонии донишгоҳҳоро дар рушди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва инноватсионии муосир, ки бо донишҳои нав асос ёфтааст маънидод менамояд, натиҷа додани онро дар ихтирои маҳсулоти нави муосир медонад»[72].

Мақсад ва арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ барои сармояи инсонӣ бештар барои муайян кардани самараи иқтисодии ин сармоягузориҳо ва дар баробари ин бештар барои муайян кардани сатҳи рушду инкишофёбии фаъолияти инноватсионӣ вобаста ба сармоягузориҳои гузошташуда мебошад.

---

[71] Фишер С. Экономическая теория / С. Фишер, Р. Дорнбуш, Р. Шмалензи. – М.: Юнити, 2002.

[72] Семенов И.Н. Творчество и человеческий капитал: рефлексивно-психологические аспекты взаимодействия и развития // Мир психологии. – 2010. – № 2. – С. 3.

Объекти арзёбӣ лоиҳаи сармоягузорӣ дар рушди сармояи инсонии як корманди алоҳида ва ҳам дар маҷмуъ ташкилот дониста мешавад.

Воситаҳои методии баҳодиҳии сармоягузорӣ ба сармояи инсонии ташкилот ва рушди фаъолияти инноватсионӣ дар асоси донишҳои нав бо дарназардошти технологияҳои иқтисоди инноватсионӣ ба ҳалли масъалаҳои зерин мусоидат мекунанд:

– рушди фаъолияти инноватсионии ташкилот дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои арзёбӣ ва таҳияи чораҳо баҳри бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта;

– ташаккулёбии фаъолият дар ҳолате самараи хуб медиҳад, ки вазифагузорӣ ва дуруст ҷобаҷогузории кадрҳо, дар корхона ба роҳ монда шуда, ба кормандон шароит фароҳам оварда шудааст, то дониши худро доим такмил диҳанд;

– ташхиси ташкили равандҳои инноватсионии тиҷорат ва равандҳои мушахаси сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, таҳияи тадбирҳо оид ба бартараф намудани мушкилотҳои мавҷуда оид ба рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ;

– ислоҳот ба шакл ва самтҳои фаъолияти инноватсионии ташкилот оид ба ҳифз, истифода ва рушди сармояи инсонӣ.

Инчунин, оид ба ин масъала олими иқтисодон Т.Шултс дар корҳои илмии худ асоснок менамояд, ки «сармояи инсониро бо ёрии хароҷоти давлат ва худи шахсони алоҳида барои нигаҳдории тандурустӣ, маориф ва хароҷоти меҳнати шунавандагони такмили тахассус баҳо додан мумкин аст»[73].

Дар таҳқиқоти Ҷ.Кендрик асоси усулҳои муосири баҳодиҳии сармояи инсониро мушоҳида намудан мумкин аст. Ин олим давомдиҳандаи фаъолияти олими иқтисоддон Т.Шултс дониста мешавад. Камбудиҳои усули Т.Шултсро ба назар гирифта онро пурра

[73] Ниг. ба: Schultz T. Investment in human capital: the Role of education and of research. –Los Angeles: Free Press, 1971. – 272 p.

намудааст. Ҷ.Кендрик дар асарҳои худ баҳодиҳии сармояи инсониро дар асоси «Усули барӯйхатгирии доимӣ»-и хароҷот барои таҳсили шахсони алоҳида дар давоми сол ва мансубияти онҳо ба аҳолӣ аз рӯйи гурӯҳҳои синну соли муайян пешниҳод кардааст[74]. Формулаи пешниҳоднамудаи ин олим чунин шаклро дорад:

$$ЧК = \sum_{i=1}^{n} TCi/Ni, \quad (3)$$

ки дар ин ҷо: $TCi$ – хароҷоти умумии солонаи таҳсилот;

$Ni$ – категорияҳои синну солии аҳолӣ.

Дар баробари ҳама он усулҳои пешниҳодшуда усули пешниҳоднамудаи муҳаққиқ Чигоряев К.Н. яке аз усулҳое мебошад, ки тамоми хароҷотҳои сарфшударо барои рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ муайян намуда, самаранокии натиҷаҳои бадастомадаро муайян менамояд. Мувофиқ ба ақидаи ин олим «Арзиши сармояи инсониро аз рӯйи ҷамъи хароҷотҳои сарфкардашуда ва самаранокии меҳнатӣ ба дастомада дидан мумкин аст»[75]. Чигоряев К.Н. ба он ақида аст, ки хароҷотҳо ба сармояи инсонӣ, аслан ба се гурӯҳ: хароҷот барои сармояи зеҳнӣ, хароҷот барои саломатӣ (нигоҳдории тиббӣ) ва фонди музди мехнат ҷудо карда мешавад. Барои муайян кардани ҳамаи ин хароҷотҳо ин олим чунин формуларо истифода менамояд.

$$ЧК = \sum_{i=1}^{n} К1хTСик + К2хТСко + К3хТСфот, \quad (4)$$

ки дар ин ҷо: *К – коэффисентҳои аҳаммиятӣ;*

*ТСик – нишондиҳандаи хароҷот ба сармояи зеҳнӣ;*

*ТСко – нишондиҳандаи хароҷот ба сармояи саломатӣ;*

*ТСфот – нишондиҳандаи хароҷот ба музди меҳнат.*

Дар методи ин олим ғайр аз нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда, боз нишондиҳандаҳои дигар барои дурустар муайян

---

[74] Ниг. ба: Кендрик Д. Совокупный капитал США и его формирование. – М.: Прогресс, 1978. – 275 с.

[75] Чигоряев К.Н. Оценка стоимости человеческого капитала на основе произведенных затрат // Известия ТПУ – 2008 – № 6.

намудани арзишнокии сармояи инсонӣ истифода бурда мешавад, ки онҳоро чунин номбар кардан мумкин аст:

– хароҷотҳо барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон дар дохили объекти истеҳсолӣ ва берун аз он;

– хароҷотҳо барои хурду хуроки кормандон ва беҳтар намудани шароити зисти кормандон;

– хароҷотҳои рафтуомади кормандон.

Равиши методи дигаре, ки баҳодиҳии сармояи инсонии инфиродии кормандро арзёбӣ мекунад, ин амсилаест, ки дар Донишгоҳи Мичигани Иёлоти Муттаҳидаи Амрико таҳия шудааст. Тибқи ин модел арзиши як корманди инфиродӣ аз рӯйи ҳаҷми хидматҳое, ки ӯ ҳангоми иҷрои вазифаҳои меҳнатиаш дар ташкилоти мазкур фурӯхтааст, муайян карда мешавад, яъне ин арзиши шартии пешбинишудаи корманд мебошад, ки дар маҷмуъ ҳама чизро дар бар мегирад. Он аз рӯйи эҳтимолияти кор кардани корманд дар ташкилоти додашуда ва дарк кардани қобилиятҳои меҳнатиаш муайян карда мешавад[76]. Он дар шакли риёзӣ чунин муайян карда мешавад:

$$РСР = УСР \times P(Т), \quad (5)$$

$$Р(У) = 1 - Р(Т), \quad (6)$$

$$ИТК = РСР \times Р(У), \quad (7)$$

ки дар ин ҷо: *УСР – арзиши пешбинишудаи шартии корманд;*

*РСР – арзиши пешбинишудаи амалишавандаи корманд;*

*Р(Т) – эҳтимолияти кор кардани корманд дар як муддати муайян дар ташкилот;*

*Р(У) – эҳтимолияти аз кор ихроҷ шудани корманд;*

*ИТК – хароҷоти имконпазири ҷойивазкунии кодҳо.*

Аз рӯйи методи мазкур бештар ҷанбаи амалии фаъолияти кормандон муайян карда мешавад, чунки ин ба манфиати ширкатҳо

[76] Чигоряев К.Н. Оценка стоимости человеческого капитала на основе произведенных затрат // Известия ТПУ – 2008 – № 6.

дониста мешавад ва ин метавонад ба рушд ва ташаккулёбии равишҳои инноватсионии корхона мусоидат намояд.

Олими иқтисодон, дорандаи ҷоизаи Нобел Г.Беккер, ки яке аз муҳаққиқон дар бахши сармояи инсонӣ дониста мешавад, барои арзёбии арзиши инфиродии сармояи инсонӣ ин олим тадқиқотҳои зиёди илмӣ намудааст ва барои муайян намудани арзиши сармояи инсониро вобаста ба синну сол, чунин методро пешниҳод кардааст[77]:

$$СЧКа = \sum_{i=1}^{n}(ФОТ - 1)\,(1 - i)^{-t}, \quad (8)$$

ки дар ин ҷо: *СЧКа* – арзиши сармояи инсонии корманд вобаста ба синну сол, *а* сол;

*ФОТ* – фонди ҳақмузди меҳнат;

*n* – синну соли қатъшавии фаъолияти меҳнатӣ;

*i* – меъёри тахфиф.

Сарфи назар аз он, ки усули баҳодиҳии арзиши инфиродӣ дар шумораи зиёди корҳои назариявӣ истифода мешавад, он чандон татбиқи амалӣ надорад. Ба гуфтаи олими иқтисоддон Соболева И.В., «Ин усул ба назар намегирад, ки кадом хароҷот ба сармоягузории сармояи инсонӣ ва кадомаш ба хароҷоти истеъмолӣ баҳри таҷдиди қувваи корӣ дахл дорад»[78].

Дар корхонаю ширкатҳо ҳангоми арзёбии арзиши сармояи инсонӣ, маҳдудиятҳои муайян мавҷуданд, ки фарқияти вазифаҳои тадқиқотӣ ва таҳияи воситаҳои мушаххаси арзёбиро талаб мекунанд. Вобаста ба ин мувофиқи ақидаи олимони иқтисоддон Комарова А.В. ва Пешков О.В., онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст[79]:

– таҳлил ва арзёбии сармояи инсонии корхонаю ширкатҳо;

---

[77] Беккер Г. Человеческий капитал. Воздействие на заработки инвестиций в человеческий капитал // США: ЭПИ. – 1993. – № 11.

[78] Соболева И.В. Парадоксы измерения человеческого капитала. Научный доклад. – М.: Институт экономики РАН, 2009. – С.15.

[79] Ниг. ба: Комарова А.В., Пешков О.В. Оценка вклада человеческого капитала в экономический рост регионов России (на основе модели Мэнкью-Ромера-Уэйла) // Вестник НГУ – Сер.: Социально-экономические науки. – 2007. – Т. 7. – Вып. 3.

– дурнамои рушди сармояи инсонӣ;

– арзёбии самаранокӣ ва натиҷаҳои истифодаи сармояи инсонӣ.

Тибқи равиши методии Бонки ҷаҳонӣ оид ба муайянамоии арзиши сармояи инсонӣ, тамоми сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ дар шакли хароҷот барои соҳаи тандурустӣ, маориф, таълими технологӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунанд, пешниҳод карда мешаванд.

Олимон Ҷоргенсон Д.В. ва Фраумени Б.М. ин равиши методии Бонки ҷаҳониро дастгирӣ намуда, чунин мешуморанд, ки «афзоиши сармояи инсонӣ ҳосилнокии меҳнати кормандро зиёд мекунад ва на танҳо баҳри пешбурди фаъолияти иқтисодӣ, балки барои пешрафти дигар фаъолиятҳо низ таъсири худро мерасонад»[80]. Муаллифони мазкур арзиши сармояи инсониро дар Иёлоти Муттаҳидаи Америко баҳо дода, арзиши ғайрибозории онро аз рӯйи ченакҳои вақт (одам/соат) ҳангоми машғул шудан ба ин гуна фаъолият, бо дарназардошти вақти омӯзиши ӯ ҳисоб кардаанд.

Инчунин, Бонки ҷаҳонӣ истифодаи усули тахфифшуда барои арзёбии арзиши сармояи инсониро пешниҳод кард, ки бо фарқияти байни сарвати миллии кишвар ва ифодаи арзиши сармояи ҷисмонӣ ва табиӣ муайян карда мешавад[81]. Дар аксари кишварҳо он нисф ё бештар аз сарвати миллии мавҷударо ташкил медиҳад. Онро дар шакли формула чунин нишон додан мумкин аст:

$$СИ=СМ\text{-}СҶваТ, \quad (9)$$

*ки дар ин ҷо: СМ – сарвати миллии кишвар;*

*СҶваТ - сармояи ҷисмонӣ ва табиии кишвар.*

---

[80] Jorgenson D.W., Fraumeni B.M. The Output of the Education Sector // Output Measurement in the Services Sector, Studies in Income and Wealch / ed. by Z. Griliches. – Chicago: University of Chicago Press, 1992. – Vol. 55. – P. 333.

[81] Ниг. ба: Всемирный экономический форум [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.weforum.org/issues/global-competitiveness (дата обращения: 05.10.2023).

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX аз ҷониби коршиносони Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид барои муайян намудани арзиши сармояи инсонӣ шохиси рушди инсонро истифода бурданд, ки дар асоси он консепсияи рушди инсон муайян карда шуд. Дар консепсияи мазкур инъикос ёфтааст, ки «барои фароҳам овардани шароит, баҳри зиндагии шоиста ва дар як сатҳи хуб зиндагӣ кардани одам даромади доимии калон лозим нест»[82].

Мувофиқи ақидаи Лосева О.В. «Байни мафҳумҳои рушди инсон ва шохиси рушди инсон фарқияти куллӣ вуҷуд надорад – онҳо захираи иқтидории дониш ва саломатиро бидуни ба назар гирифтани иштироки инсон дар фаъолияти иқтисодӣ арзёбӣ мекунанд, ки дар он объекти асосии арзёбӣ неруи инсонӣ дониста мешавад, ки дар раванди иштирок дар ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ ба сармояи инсонӣ табдил меёбад»[83].

Аз ҳама он усулҳои овардашуда усули сатҳи маълумотнокии сармояи инсониро пуратар арзёбикунанда методи олими амрикоӣ Ҷ. Кендрик дониста мешавад. Методи пешниҳонамудаи ин олим яке аз роҳҳои содатарини арзишии сармояи инсонӣ бахусус бахши маълумотнокии он, ин ба ҳисоб гирифтани вақти сарфшуда, барои омӯзиш гузаронидашуда, ченкунии сармояҳои гузошташуда, ба сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари маълумотгирӣ дар солҳои муайяншудае мебошад. Қисмати таҳсилоти сармояи инсонӣ, ба ҷуз аз таҳсилоти расмӣ, инчунин: таҳсилоти ғайрирасмӣ (худомузӣ, васоити ахбори омма, муассисаҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ ва ғайра), маълумотнокии оилавӣ ва дигар инфрасохторҳоеро дар бар мегирад, ки шахс таълиму тарбия меомӯзад. Мувофиқи ақидаи ин олим «Ҳар қадаре ки вақти пурарзиши инсон барои таҳсил сарф шавад, ҳамон қадар сатҳи маълумот баланд

[82] Human Development Statistical Tables [Electronic resource]. – URL: http://hdr.undp.org/en/data (accessed 06.11.2023).

[83] Лосева О.В. Оценка состояния и динамики развития человеческого капитала региона на основе индексного анализа // Социально-экономическая и финансовая политика России в процессе перехода на инновационный путь развития: материалы междунар. научно-практич. конф. – М.: Изд-во ВЗФЭИ, 2008. – С.126.

шуда, сармояи инсонӣ ӯ ҳамон қадар зиёд мешавад»[84]. Ин олим барои дурустар муайян намудани арзиши сармояи инсонӣ таҳсилоти инсонро ба давраҳои таҳлилшаванда ҷудо намудааст (масалан, таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ).

Мо низ ба ақида ва усули пешниҳоднамудаи Ҷ.Кендрик пайравӣ намуда, усули арзёбии сармояи инсониро бо дарназардошти маълумогирии инсон ва давраҳои ташаккулёбии он, пешниҳод менамоем. Усули пешниҳоднамудаи мо дарбаргирандаи маҷмуи хароҷотҳо ва вақти сарфнамудаи корманд барои донишазхудкунӣ вобаста аз сол, дар ҳар як давраи он оварда шудааст. Ин давраҳоеанд, ки инсон дар онҳо рушду ташаккул ёфта, бо як тавонмандии мукаммал дар ба бозори меҳнат пешкаш карда мешавад. Дар ин давраҳо рушду ташаккулёбии инсон хароҷотҳои муайяни худро дорад, ки бешубҳа ба такмил ва ташаккулёбии инсон харҷ карда мешавад. Дар давраи аввал, рушду ташаккулёбии инсон аз оила шуруъ гардида, хароҷотҳо бештар ба тарбияи инсон сарф карда мешавад ва ин вобаста ба сол аз давраи таваллуд то синни ҳафтсолагӣ давом менамояд. Давраи дуюм, давраи ба таҳсил фаро гирифтани инсон дониста мешавад. Дар ин давра тамоми хароҷотҳо барои ташаккул додани маълумотнокии инсон сарф карда мешавад ва он вобаста ба синну сол, аз ҳафтсолагӣ то ҳаждаҳсолигии инсонро дар бар мегирад. Давраи сеюмро давраи инкишофи маърифати инсонӣ номидан мумкин аст. Дар ин давра хароҷотҳо барои рушду ташаккул додани маърифатнокии инсон сарф карда мешавад. Ин давра, давраи асосӣ ва муҳим дониста мешавад, чунки давраест, назарияро бо амалия пайваст намуда, азхуднамоии маълумотҳо ва таҷрибаҳоеро тақозо менамояд, ки ба фаъолияти имрӯза ва ояндаи инсонҳо нигаронида шудааст. Вобаста ба сол ин давра аз синни

[84] Кендрик Дж. Совокупный капитал США и его формирование / Дж. Кендрик – Москва: Прогресс, 1978. – С.27.

ҳаждаҳсолагӣ шуруъ гардида, 4-5 солро дар бар мегирад ва бо ин анҷом наёфта, такмили доимии худро вобаста ба дигаргуншавии талаботҳои бозори меҳнат мехоҳад. Давраи чорумро давраи рушди зеҳнҳо ва тавлиди аввалин ихтироотҳо номидан мумкин аст. Ин давра асосон дар раванди истеҳсолот рушду ташаккулёбии инсонро муайян намуда, вобаста ба дигаргуниҳои баамаломадаи истеъмолию истифодашавӣ, такмили ҳамешагии худро мехоҳад. Хароҷотҳо дар ин давра, бештар хусусияти истеҳсолӣ-хизматрасониро дошта, доим дар такмил будани дониши кормандро вобаста ба дигаргуншавии раванди он талаб менамояд. Вобаста аз сол ин давраро давраи аввали фаъолияти меҳнатӣ ва шуруи ташаккули зеҳнияти инсонӣ номидан мумкин аст. Давраи панҷумро давраи хароҷотҳо барои кашфиётҳо ва фикру ақидаҳои нобиғавии инсонӣ номидан мумкин аст. Баъди аз худ намудани донишҳои муосири касбӣ-тахассусӣ ва таҷрибаҳои муосир, корманд барои истеҳсоли молу маҳсулот ва хизматрасониҳо кушиши ихтирои шакли нави онро менамояд. Самаранок фаъолият намудани корманд дар ширкату корхонаҳои муосир аз ихтироъ ва навовариҳои он баҳогузорӣ карда мешавад. Шарҳу тавзеҳи панҷ давраи асосие, ки инсон дар он рушд ва ташаккул меёбад, аз он далолат медиҳад, ки барои омода кардани мутахассиси ҳирфаӣ зарур аст, ки ҳар як давраи рушди он ҷиддӣ назорат карда шавад, чунки ин давраҳо бо якдигар алоқамандии сахт дошта, аз назорат берун гузоштани яке аз ин давраҳо, боиси ғайримақсаднок рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ мегардад. Методикаи овардашуда, барои муайян кардани хароҷотҳо барои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ мусоид буда, онро дар шакли формула бо чунин тарз ифода кардан мумкин аст:

$$\text{СИ} = \sum_{i=1}^{n} C\text{тар} + C\text{таъ} + C\text{маъ} + C\text{зеҳ} + C\text{каш}, \quad (10)$$

*ки дар ин ҷо:*

*Стар – хароҷотҳое, ки барои тарбия сарф карда мешавад,*

*Стаъ – хароҷотҳои таълимие, ки барои рушди таълимии инсон сарф карда мешавад,*

*Смаъ – хароҷотҳое, ки барои маърифатнокии инсон харҷ карда мешавад,*

*Сзеҳ – хароҷотҳои бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва дигар хароҷотҳое, ки ба дониши кормандон таҳвият мебахшад,*

*Скаш – хароҷотҳое, ки барои амалисозии идеаҳои кашфкардаи кормандон сарф карда мешавад.*

Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт тарбия, ахлоқ, маърифати инсонӣ, маҷмуи донишҳои муосир, қобилият, малака ва таҷрибаи андӯхташуда муайян менамояд, ки дар маҷмуи салоҳияти касбӣ, таҳсилоти доимӣ, зеҳнияти воло, фарҳангнокӣ ва тандурустии бардавоми инсонҳо ифода ёфтаанд. Инсон дар фаъолияти меҳнатии худ зеҳният, малака ва истеъдоди худро истифода намуда, кушиш менамояд, ки зиндагиашро то дараҷае хуб гузаронад. Ин талаботи табиии ҳар як инсон буда, омодагии ҳаматарафаи моро бо дарназардошти талаботи имрӯзаи ҷомеа инъикос менамояд. Низоми таҳсилоти олии касбӣ як ҷузъи асосии сармояи инсонӣ ба ҳисоб рафта, дорои як қатор хусусиятҳои ба худ хос аст:

– сармояи инсонӣ дар як низом – низоми тарбия, таълим, маърифат, таҷриба ва ихтироъкориҳо рушду ташаккул меёбад;

– номутавозунӣ ва нобаробарӣ дар рушди сармояи инсонӣ, асосан дар ҷузъи сармояи зеҳнии инсон акс меёбад;

– нисбат ба дигар захираҳои иқтисодӣ доим такмилталаб ва рушдёбанда будани сармояи инсонӣ;

– самаранок истифода шудани сармояи инсонӣ аз ҳавасманд будани соҳиби он яъне аз инсон вобаста аст;

– ягона сармояест, ки аз соҳибаш ҷудо намешавад, танҳо иқтидори он дар рафти фаъолият истифода мешавад;

– сармояи инсонӣ вобаста аз давраҳои муайяни зиндагонии инсонӣ ташаккул ва хусусияти рушдёбандагӣ дорад.

Тағйироти ҷидии инноватсионии фазои таълимӣ дигаргуншавии моҳият ва мазмуни таҳсилоти олии касбиро дигаргун намуда, сохторҳои ташкил, идоракунӣ ва азхуднамоии донишҳои муосири замонавиро бо механизмҳои ҷадиди иқтисодии фаъолият муайян мекунад. Ҳамзамон, шаклҳои муосири ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолотро дар якҷоягӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ нишон медиҳанд.

Баназаргирии талаботи бозори меҳнат, нишон медиҳад, сармояи инсониро ҳамчун асоси рушд ва инкишофёбии иқтисодӣ дар асоси равишҳои зерин омӯхт.

1. Зарурати омода намудани мутахассисони дорои дараҷаи баланди сармояи инсонӣ, ки дар хурди ҷомеа чӣ дар дохил ва берун аз он бошад. Барои чунин мутахассис омода кардан пеш аз ҳама талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ ҳатман бояд ба инобат гирифта шуда,ояндабинӣ карда шавад, чунки агар ин талабот ба инобат гирифта нашавад мутахассиси омодашаванда дар рушду ташаккулёбии иқтисодиёти муосир саҳм гузошта наметавонад.

2. Зарурати нигоҳ доштани анъанаҳои муваффақи таҳсилоти олии касбӣ ва эҳтиром ба нерӯи мавҷудаи илмӣ, таълимӣ ва зеҳние, ки сармояи инсониро тавлид, такмил ва густариш мебахшанд. Дар ин ҷо сухан дар бораи элитаи илмӣ, эҷодӣ ва зеҳнӣ меравад, ки аз ҷониби донишмандони донишгоҳҳои бонуфуз тавлид мешаванд. Эҳтиромгузорӣ ба дониш ва донишмандони миллӣ, яъне сармояи инсонӣ боиси аз насл ба насл рушд ва ташаккул ёфтани такрористеҳсолшавии ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ мегардад.

3. Сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии ширкатҳо ва соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ дониста шуда, муаррифгари илму дониш ва аз ҳама муҳим ба ҳайси даромади миллӣ баромад мекунад.

4. Сармояи инсонӣ ҳамчун манбаи асосии даромади аҳолӣ баҳисоб рафта, таъминкунандаи талаботҳои инсонӣ дониста мешавад. Сармояи инсонӣ ҳар чӣ қадар дараҷаи баландро соҳиб шавад, қонеънамоии талаботҳои инсонӣ ҳамон қадар хуб мешавад. Яъне маълумотнокии инсон боиси болоравии сатҳи хуби зиндагӣ мегардад.

5. Сармояи инсонӣ ҳамчун сарчашмаи асосии эҷодӣ, кашфиётӣ ва рушди инноватсионии калидии давлат, ширкату корхонаҳо ва умуман асоси рушди ҷомеаи инсонӣ дониста мешавад.

Ҳамин тариқ, мушкилоти рушди сармояи инсонӣ тавассути воситаҳо ва имкониятҳои низоми муосири таълим, ки иқтидори он ба донишҷӯён таъсири мақсаднок ва мунтазамро таъмин мекунад, такмил дода мешавад. Ин тавассути навовариҳо дар раванди таълим ва тадқиқоти донишгоҳҳои муосир бо мақсади ба даст овардани салоҳиятҳои касбӣ ва ташаккули як қатор сифатҳои инноватсионии он нигаронидашуда ба даст оварда мешавад.

## 2.2. Таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун асоси такомулёбии сармояи инсонӣ дар менеҷменти муосир

Рушд ва инкишофи иқтисодиёти кишварро сармояи инсонии ташаккулёфта, донишу маълумотнокии мутахассисон ва аҳолии дорои маълумоти муайян таъмин менамоянд. Ин вобастагиҳо, пеш аз ҳама ба рушди иқтисодиёт мусоидат намуда, сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа ё давлатро дар як сатҳи бисёр хуб нигоҳ медорад. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт кишваре, ки дорои беҳтарин мутахассисон мебошад, иқтисодиёташ рушду ташаккул ёфта, сатҳу сифати зинлагонии аҳолиаш аз дигар кишварҳо фарқкунанда мебошад. Бинобар ин барои омода кардани чунин мутахассисон зарур мебошад, ки ҷаҳду талошҳои зиёд намоем. Чунон ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба масоили мазкур, чунин қайд намудаанд: «Моро зарур аст, ки боз ҳам зиёдтар

заҳмат кашида, ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар диҳем, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо беҳтар кунем, барои таҳсилоти босифат аз тамоми имконот истифода карда, заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиро таҳким бахшем ва самарабахшии фаъолияти онҳоро таъмин намоем......мо бояд нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро беҳтар гардонем»[85].

Беҳтар гардидани шароитҳо барои таҳсилот дар зинаи олии касбӣ яке аз роҳҳои асосии омоданамоии мутахассисон дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт дониста шуда, ҳамкорӣ бо раванди истеҳсолот, дар амал татбиқшавии онро нишон медиҳад. Сифати таҳсилоти олии касбиро суръати рушди иқтисодӣ муайян намуда, фаъолиятҳои инноватсионии мутахассисон онро ҷило мебахшанд.

Асосгузорони назарияи сармояи инсонӣ ба он ақидаанд, ки таваҷҷуҳнамоӣ ба таҳсилот ва сармоягузории аҳолӣ нисбат ба дигар захираҳои иқтисодӣ самарабахш мебошад.

Аз солҳои 90-уми асри XX дар назарияи сармояи инсонӣ гузариш аз равиши миқдорӣ ба сифатӣ ба амал омад, ки тибқи он на танҳо ҳиссаи шахсони дорои маълумоти олӣ ва шумораи умумии солҳои таҳсил сатҳи сармояи инсониро муайян мекунад, балки сифати ин таҳсилот, ки дар малакаҳои навоваронаи шахсиятҳо, салоҳиятҳои универсалӣ ва донишҳои когнетивии муосир зоҳир мегардад, муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, Э. Ҳанушек ва Л. Войссманн тағйироти суръати рушди иқтисодии мамлакатҳои гуногунро ба андозаи зиёд бо нақши малакаҳои

[85] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (22.12.2017, шаҳри Душанбе. http://www.prezident.tj/node/16771.

когнетивӣ шарҳ медиҳанд[86]. Дар баробари корҳои илмии ин олимон ва омӯзиши як қатор корҳои илмии солҳои қаблӣ, ки қариб натиҷаҳои корҳояшон ба корҳои ин муаллифон пурра мувофиқат менамояд, имкон медиҳад, ки механизмҳои таъсири «сифат»-и сармояи инсониро ба инкишофи иқтисодиёт ворид намоем.

Консепсияи классикии сармояи инсониро паҳлуи асосии он: таваҷҷуҳ ба маълумотнокии инсон ва сармоягузории он – ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он – сармояи инсонӣ асоси рушди иқтисодӣ ва инкишофи иҷтимоӣ ташкил медиҳад (ниг.ба ҷадвали 2.2).

Дар натиҷаи идоракунии мақсадноки сармояи инсонӣ тавассути рушди таҳсилот асосҳои иқтисодиёти инноватсионӣ ва шароити рушди низомҳои инноватсионии миллӣ ташаккул меёбанд. Дар натиҷа консепсияи пешниҳодшуда дар асоси таҷрибаи кишварҳои рушду тараққикарда таҳия гардида, бештар ба низоми таҳсилоти ташаккулёфтаи онҳо такя мекунанд, ки имрӯзҳо дар омоданамоии мутахассисон аз ҷониби донишгоҳу донишкадаҳои ин кишварҳо истифода бурда мешавад. Вобаста ба консепсияи пешниҳодшуда, вазифаҳои таҳсилоти олӣ дар шаклҳои гуногуни манфиатҳои инфиродӣ ва неъматҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи корпоративӣ, минтақавӣ, миллӣ ва ҷаҳонӣ амалӣ карда мешаванд.

Чуноне ки муҳаққиқон қайд менамояд: "молҳои ҷамъиятӣ моли дастаҷамъӣ мебошанд, ки ба дороиҳои иҷтимоӣ алоқаманданд. Онҳо инкишофи умумии чамъиятро тавсиф мекунанд, ба монанди: якдилии иҷтимоӣ, баробарӣ, ҳуқуқ ва худмуайянкунии одамон, ҳаракати иҷтимоию ҷуғрофи (озодии ҳаракат), дониши умумӣ ва имконияти иштирок дар мубоҳисаҳо. Молҳои умумии ҷамъиятиро танҳо якҷоя ба вуҷуд овардан мумкин аст. Ин молҳо баъзеашон ба шахс (масалан, ҳуқуқи инсон) ва

[86] Hanushek, Eric A., Kimko, D. Schooling, Labor Force Quality, and the Growth of Nations. American Economic Review / Eric A. Hanushek, D. Kimko. – 2000. – N 90(5). – P. 1184–208; Hanushek, Eric A., Woessmann, L. The Role of Cognitive Skills in Economic Development / Eric A. Hanushek, L. Woessmann // Journal of Economic Literature. – 2008. – N 46 (3). – P. 607–68.

баъзеи дигараш ба гурӯҳҳои одамон (масалан, қонунҳо) нигаронида шудаанд”[87].

**Ҷадвали 2.2. – Консепсияи классикии сармояи инсонӣ, давраҳо ва маҳакҳои арзёбии он.**

| Давраҳои рушд | Маҳакҳои баҳогузорӣ | Сарчашмаҳои таҳқиқот |
|---|---|---|
| **Марҳилаи аввал** | Таҳсилот ҳаҷми сармояи инсониро зиёд намуда, дар қувваи корӣ хулосабандӣ мешавад ва ин ҳосилнокии меҳнатро зиёд мекунад. | Mankiw, N. Gregory, Romer, D., Weil, D. A Contribution to the Empirics of Economic Growth / N. Gregory Mankiw, D. Romer, D. Weil // Quarterly Journal of Economics. – 1992. – N 2 (May). – P. 407–437 |
| **Марҳилаи дуюм** | Таҳсилот иқтидори инноватсионии иқтисодиётро афзоиш дода, донишҳоро дар бораи технологияҳо, маҳсулотҳо ва равандҳои нави иқтисодӣ ба миён гузошта боиси рушди иқтисодиёт мегардад. | Aghion, P.P. Howitt, Endogenous Growth Theory / P. P. Aghion. – Cambridge, MA : MIT Press, 1998 |
| **Марҳилаи сеюм** | Дар баробари маълумотнок гардрнидани кормандон, зарурати доштани аҳолии дорои маълумот боиси рушди иқтисодиёт ва сармоягузоронро ба сармояи инсонӣ зиёд менамояд. | Acemoglu D., Angrist J. D. How Large are the Social Returns to Education? Evidence from Compulsory Schooling Laws, In NBER Macroeconomics Annual 2000, edited by Ben S. Bernanke and Kenneth Rogoff / D. Acemoglu, J. D. Angrist. – Cambridge, MA : MIT Press, 2000. – P. 90–99. |
| **Марҳилаи чорум** | Таҳсилот ба паҳн ва интиқоли донишҳои зарурӣ барои фаҳмидан ва коркарди иттилооти нав ва бомуваффақият татбиқи технологияҳои нави таҳиякардаи дигарон мусоидат мекунад ва ба ин васила рушди иқтисодиро метезонад. | Benhabib J., Spiegel M. M. Human Capital and Technology Diffusion. In Handbook of Economic Growth, edited by Philippe Aghion and Steven N. Durlauf / J. Benhabib, M. M. Spiegel. – Amsterdam: North Holland, 2005. – P. 935–966. |

**Сарчашма:** аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти зерин тартиб дода шудааст: Mankiw, N. Gregory, Romer, D., Weil, D. A Contribution to the Empirics of Economic Growth / N. Gregory Mankiw, D. Romer, D. Weil // Quarterly Journal of Economics. – 1992. – N 2 (May). – P. 407–437; Aghion, P. P. Howitt, Endogenous Growth Theory / P. P. Aghion. – Cambridge, MA : MIT Press, 1998; Acemoglu D., Angrist J. D. How Large are the Social Returns to Education? Evidence from Compulsory Schooling Laws, In NBER Macroeconomics Annual 2000, edited by Ben S. Bernanke and Kenneth Rogoff / D. Acemoglu, J. D. Angrist. – Cambridge, MA : MIT Press, 2000. – P. 90–99.; Benhabib J., Spiegel M. M. Human Capital and Technology Diffusion. In Handbook of Economic Growth, edited by Philippe Aghion and Steven N. Durlauf / J. Benhabib, M. M. Spiegel. – Amsterdam: North Holland, 2005. – P. 935–966.

[87] Deneulin, S., Townsend, N. Public Goods, Global Public Goods and the Common Good / S. Deneulin, N. Townsend // International journal of Social Economics. – 2007. – N 34 (1/2). – P. 19–36.

Аз гуфаҳои боло маълум мегардад, ки консепсияи класикии сармояи инсонӣ консепсияест, ки ташаккулёбии низоми соҳаи таҳсилотро барои ҷомеаи инсонӣ ва шахсони алоҳида пурра дар бар мегирад.

Вобаста аз таҳлилу баррасиҳои зиёди илмӣ донишомӯзии инсон як танҳо дар як давраи алоҳидаи ҳаёти инсон ҷамбаст нагардида, вобаста ба рафти фаъолиятҳо ва дигаргуншавиҳои иқтисодӣ, омӯзиши доимиро тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт доштани маълумот барои ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда муҳим дониста мешавад, чунки яке аз маҳакҳои арзёбии дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ маълумоти доштаи ӯ ба ҳисоб меравад. Оид ба ин масъала, профессор Ғаниев Т.Б. низ чунин қайд менамоянд: «Дониши истеъмолкунанда, ки ҳамчун дараҷаи некӯаҳволӣ баҳо дода мешавад, дар натиҷаи истеъмоли молу хизматрасониҳо пайдо гашта, метавонад дар мавриди истифодаи оқилонаи дониши азбаркарда, сатҳи зиндагии онҳоро баланд гардонад»[88]. Бинобар ин, дар баробари рушду ташаккул ёфтани иқтисодиёт, саводнокии ҷомеа низ бояд баланд бардошта шавад, чунки доштани донишҳои муосир боиси боз ҳам самаранок истифодабарии молу маҳсулотҳои замонавӣ мегардад ва баракс дар ҳолати надоштани дониш ва маълумотнокӣ молу маҳсулотҳо истифода карда намешаванд. Яъне дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт доштани дониш ва маълумот ҳам барои истеҳсолкунанда ва ҳам барои истеъмолкунандаи он шарти зарури дониста мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт дониш ё ин ки таҳсилот ҳамчун унсури муҳимми сармояи инсонӣ дониста шуда, аз ҷониби давлатдорон, сиёсатмадорон, соҳибкорону соҳибмулкон, падару модарон ва худи шахсиятҳо молиягузорӣ карда мешавад ва натиҷае, ки

---

[88] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Рушди нерӯи инсонӣ. – Душанбе, «Ирфон». – С. 87.

барои қонеъ намудани талаботи истеъмолии ҷамъият муҳим бударо мунтазиранд.

Молу маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки имруз истифода мешаванд, ҳатман давраи муайяни ихтиро, кашф, истеҳсол ва пешкаши истифодбарандаро гузаштаанд. Ин молу маҳсулотҳо, ҳатман маҳсули меҳнати мутахассисоне мебошанд, ки дар натиҷаи аз худ намудани донишҳои муосири замонавӣ ба миён омадаанд. Эҳтиёҷот ба азхудкунии донишҳо ва маълумот талаботи доимии инсонҳо дониста шуда, рушду ташаккулёбии ҷамъият, бахусус иқтисодиёт аз донишмандии онҳо вобастагӣ дорад. Донишмандии инсон боиси самаранок идора кардани рафти истеҳсолот ва хизматрасониҳо гашта, соҳибдаромад гардидани тамоми субъектони хоҷагидор дониста мешавад.

Вобаста ба рушду ташаккулёбии иқтисодиёти муосир ва дигаргуншавии низоми техникию технологии иттилоотӣ-иртиботии электронии муосир маълумотгирии инсон шакли фосилавии онлайниро ба худ гирифта, касбу ихтисосҳое пайдо мегардад, ки доим дар омӯзиш қарор доштани инсонро тақозо менамояд. Мувофиқ ба таҳқиқу баррасиҳо то солҳои 30-юми асри XXI талаботи баланди омӯзишии фосилавии касбӣ дар хатти пайвастаи электронӣ ва дар реҷаи онлайн сурат гирифта, одамон аз низоми таҳсилоти рӯзона дар соҳаҳову ихтисосҳои алоҳида даст кашида, рӯй ба касбу ихтисосҳои муосири ҷаҳонӣ меоваранд, ки инро ҷомеаи индустрияавии навин тақозо менамояд.

Иқтисодиёти муосир тақозои онро дорад, ки барои аз худ намудани маълумоти муосири замонавӣ зарур аст, ки аз ҳама зиёд он ихтисосҳоеро касб кунем, ки дархӯрди имрӯзу ояндаи ҷомеа бошад ва ҷарёнҳои тамаддунсозии асри XXI – ро таъмин созем. Ин мазумуни онро дорад, ки ҳамарӯзаву ҳамсола мазмуни зиндагонӣ,тарзи маълумотгириву омӯзиш ва роҳу равиш диққатҷалбкунандагиву лаззатбарии инсонӣ шаклу мазмуни навину сифатноку беҳтар гашта, худи инсоният ба

дараҷаи баланди зиндагӣ омада расида истодааст. Чунки имконоти низоми техникию технологии иттилоотӣ-иртиботии электронии муосир чунон рушд ёфта истодааст, ки ҳар як фарди соҳибақли касбӣ метавонад, ки дар мавқеи ҷойгиршудааш, аз ин хатти иттилоотии интернетӣ истифода карда, биомӯзад, таълим бигирад ва донишу ҳунари касбӣ, эҷодӣ ва ихтироотии худро сайқал дода, бо дониши муосири худ ҳамқадами замон бошад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, мутахассисони омодашавандаро зарур аст, ки арзишмандтарин маълумоти касбиро аз худ намуда, муайян созанд, ки маълумоти касбии аз худ менамудаи онҳо то чӣ андоза ба ҷомеа ба хусус ба корфармо лозим аст ва ӯ бо ин маълумоти аз худ кардаистодааш кадом фаъолиятҳои муосирро иҷро карда метавонад. Аз тарафи дигар, корфарморо низ талаботҳои бавуҷудомада, маҷбур менамоянд, ки буҷакунонии ҷараёни такмили таҳсилоти касбиро барои тамоми кормандони худ дар ҳама ҳолат таъмин созад. Такмилдиҳии ихтисосмандии кормандон, боиси такмилёбии донишҳои касбӣ гашта, рақобатнокии кормандон ва корхонаи онҳоро дар бозор таъмин менамояд.

Ҳамаи ин вобастагиҳо аслан ба алоқамандии талаботҳои истеъмолии аҳолӣ, талаботҳои дигаргуншудаи бозори меҳнат ва аз рафти омоданамоии мутахассисон вобаста ба омилҳои таъсиррасон иборат мебошад, ки муҳтавои он дар шакли расми 6 оварда шудааст.




**Расми 6. Алоқамандии раванди таҳсилот, истеҳсолот, истеъмолот ва омилҳое, ки ба муносибати онҳо дар шароити иқтисодиёти муосир таъсир мерасонанд. (Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст).**

Чуноне ки аз расм дида мешавад, вобаста ба шароитҳо ва муносибатҳои муосири иқтисодӣ барои корфармо саравал омӯзиши ҳолати бозори истеъмолии аҳолӣ шарти зарурӣ дониста мешавад. Дар ҳолати дуруст дарк намудани ҳолати мавҷуда корфармо он молу маҳсулотҳоеро истеҳсол менамояд, ки аҳолӣ ба ӯ ниёзи бештар дорад. Истеҳсолнамоии молу маҳсулотҳоро корфармо бештар ба воситаи кормандони маълумотдору таҷрибадор ва муосиртарин техникаю технологияи замонавӣ иҷро менамояд.

Вобаста ба раванди донишазхудкунӣ, паҳлуҳои муҳимме, ки ба ин раванд таъсири бевосита мерасонад, ин муассисаҳои таълимӣ, бозори меҳнат, аз ҳама муҳим истеъмолкунанда ва талаботҳои зудтағйирёбандаи онҳо дониста мешавад.

Фаъолияти доираҳои дар расм тасвир ёфта, дар муносибати дутарафаи онҳо дониста шуда, боиси доим дар омӯзиш қарор доштанашро нишон медиҳад. Барои омода кардани мутахассиси ҳирфаӣ талаботи бозори меҳнат пура омӯхта шуда, мувофиқ ба он мутахассисон омода карда мешавад. Дар ин ҷо фаъолгардии доираи сеюм шуруъ гардида, ҳамкории доимии корфармо ва донишкадаю донишгоҳҳо ва муассисаҳои бозомӯзии касбӣ фааъол гардонида шуда, раванди таълим бо раванди истеҳсолот наздик карда мешавад.

Корфармоён вобаста ба шароитҳои рушди инноватсионии иқтисодиёт дар омоданамоии мутахассисон фаъолона иштирок намуда, раванди онро таҳти назорати ҷиддӣ мегирад. Ин боис ба он мегардад, ки муассисаҳои олии касбӣ дар якҷоягӣ бо корфармо беҳтарин мутахассисонро мувофиқ ба талаботҳои асосии бозори меҳнат омода намоянд. Омода кардани мутахассисон мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат, ки он ҳам аз талаботи истеъмолии аҳолӣ вобаста мебошад, бар ҳадар нарафта, самаранокии фаъолиятро бозгу мебошад.

Мутахассисон ва донишмандони соҳа муайян кардаанд, ки ҳамарӯза таълимоти доимии касбӣ барои кормандон шарти зарурӣ даниста шуда, рушди устувори фаъолияти касбиашонро таъмин менамояд. Вобаста ба дигаргуншавиҳои иқтисодӣ дар баъзе соҳаҳо ҳамасола то 30-40% донишҳо тағйир ёфтаистодаанд. Ин зарурати онро ба миён меоварад, ки дар ҳар се сол тамоми он стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ мувофиқ ба талаботҳои дигаргуншуда аз нав карда шаванд. Низоми таҳсилот бо раванди имрӯзаи таълимоти олии касбӣ қоидаи асосии таъмини суръатнокии рушди касбӣ ва навсозии онро дар мадди аввал гузошта, масоили ҳамқадами касбӣ будани мутахассисинро нигоҳ дорад. Маҳз ҳама ин ҷаҳду талошҳо, дарку шинохти тағйирёбандагиҳои иқтисодӣ, пайдо кардани донишҳои муосир ва азхуд кардани онҳо боиси гузаштан ба истеҳсолу хизматрасониҳои инноватсионии молу маҳсулотҳо гардида, таъмини рушду инкишофёбии иқтисодиётро таъмин менамояд.

Омилҳои дохилию беруние, ки ба раванди фаъолияти онҳо таъсиргузор мебошанд, ин ҳама он шарту шароитҳои дохили истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ, бахусус, касбиятнокии мутахассисон дар ин доираҳо, муносибатҳо ва ҳамкориҳои дутарафаи онҳо, дохил карда мешаванд. Агар аз нуқтаи назари истеҳсоли маҳсулот назар афканем, таъсири воридоти молу маҳсулотҳои берунӣ, яке аз сабабҳои асосии коста гаштани истеҳсолоти дохилӣ гардида, боиси суст гардидани фаъолияти ин доираҳо мегардад. Истеъмол ва истифодабарии молу маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои ватанӣ боиси он мегардад, ки истеҳсол ва такрористеҳсолшавии онҳо зиёд гардад ва аз ҷониби дигар муносибати ҷиди байни ин доираҳо ба вуҷуд меояд.

Фаъолгардии ин доираҳо, боис ба он мегардад, ки ҳамкори байни онҳо дар як зинаи хуб ба роҳ монда шуда, омоданамоии мутахассисони ҳирфаӣ, истеҳсоли маҳсулотҳои босифат ва истеъмолу истифодабарии молу маҳсулотҳо босифат ба роҳ монда мешавад, ки ин ба манфиати

ҳар се ин доираҳо дониста мешавад. Дар ҳолати бо ҳам пайваст будани истеҳсолот бо таълимот маҳсулотҳои муосири замонавӣ истеҳсол карда мешавад. Ин тавзеҳдиҳиҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки азхуднамоии маълумотҳо аз раванди таълим, ҷараёни истеҳсолот ва суръати истеъсмолот вобаста аст.

Рушду инкишофёбии иқтисодиётро дар шароити муосири иқтисодӣ аслан фаъолияти якҷояи ин доираҳо, ташкил дода, таваҷҷуҳӣ ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Таваҷҷуҳ ба ин доираҳо, муносибати доимиро дар байни онҳо таъмин намуда, боиси доим дар фаъолият, донишомӯзӣ ва истифодабарии молу маҳсулотҳои ватании босифат мегардад. Ин истифодабарию истеъмолнамоӣ доимо ба фаъолият банд будани ширкату корхонаҳоро бозгӯ буда, боиси ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб намудани аҳолии қобили меҳнат дониста мешавад. Дар ҳолати фаъолияти хуб доштани бозори меҳнат доираи сеюм, ки онро доираи таълим низ меноманд, фаъолияти самаранокро пешаи худ намуда, кушиши омӯзонидан ва бозомӯзии кормандон бо донишҳои муосири касбӣ дониста мешавад.

Ин гуфтаҳоро ба инобат гирифта, фаъолияти доимии ин се доираро бояд доим мавриди омӯзиш қарор дод. Мавриди омӯзиши доимӣ қарор гирифтани раванди истеъмолот, истеҳсолот ва таълимот, роҳу усули донишомӯзии муосирро вобаста ба талабот ба роҳ монда, дараҷаи баланди некӯаҳволиро таъмин месозад. Чунончи, муҳаққиқ қайд кардааст: «Донишомӯзӣ ва маълумотгирӣ раванди муҳимми рушди нерӯи инсонӣ ба ҳисоб рафта, зиндагии шоистаро ба ҷамъият таъмин менамояд»[89]. Маълумотнок гардани инсон, натанҳо раванди истеҳсолоти иқтисодиётро ба роҳ мемонад, инчунин барои онҳо зиндагии оруму осударо фароҳам меорад.

---

[89] Ганиев Т.Б. Повышение эффективности управления формированием устойчивого человеческого развития и создание профессиональных рабочих мест //Вестник Таджикского национального университета серия экономических наук 2/5(1). – Душанбе, 2017с. – С.33.

Манфиатҳои таҳсилот, дар рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти муосир басо муҳим буда, амалкунӣ, рушд ва ташаккулёбиро таъмин менамояд. Бо ақидаи Саймон Марҷинсон, профессори Донишгоҳи Оксфорди ИМА “аз ҳама бисёр он тадқиқотҳои илмии бахши таҳсилоти олӣ иқтибосовари шудаанд, ки бешубҳа ба самтҳои саҳми таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеа ба манфиатҳои фардӣ ва умумӣ гурӯҳбанди шудаанд”[90]. Онро дар шакли расм чунин тасвир намудан мумкин аст. (ниг. ба расми 7).




**Расми 7. Самтҳои саҳми таҳсилоти олӣ дар рушди ҷомеа**

***Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти интернетӣ тартиб дода шудааст.***

Дар баробари ин нишондиҳандаҳои саҳми таҳсилоти олӣ дар ташаккули манфиатҳо баҳогузорӣ карда мешавад, ки он дар ҷадвал бо тарзи зерин оварда шудааст (нигаред ба ҷадвали 2.3).

Манфиатҳои инфиродии дорои аҳаммияти миллӣ дошта, имкониятҳои худидоракунии шахсро дар давлати мушаххас ташкил

---

[90] Marginson, S. Higher_Education_and_Inequality_in_Anglo-American_Societies / S. Marginson. – Режим доступа: https://www.researchgate.net/publication/305554529 _Higher_Education_and_Inequality_in_Anglo-American _Societies

медиҳанд. Илова бар ин, маҳакҳои аслии он дар минтақа ё давлати муайян бо истифода аз усулҳои сифатӣ арзёбӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 2.3 – Нишондиҳандаҳои саҳми таҳсилоти олӣ дар ташаккули манфиатҳо**

| Нишондиҳандаҳои микдорӣ | Нишондиҳандаҳои сифатӣ |
|---|---|
| **Манфиатҳои фардии дорои аҳаммияти миллӣ дошта** | |
| Рушди даромадҳо ва шуғлмандии аҳолӣ | Қобилияти мустақилона идора кардани касб ва саводнокии молиявии аҳолӣ |
| Беҳшавии шароитҳои иҷтимоӣ | Озодии фаъолият, қобилияти мустақилона ва дилпурона амал кардан |
| Саломатии беҳтар ва беҳшавии дарозшавии умр. | Имконияти ҳамкориҳо бо давлат, бозорҳо, ниҳодҳо |
| Вусъат додани фаъолияти сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ | Тавсеаи имкониятҳои муошарати иҷтимоӣ: қобилияти муошират, истифодаи технологияҳои коммуникатсионӣ, фаҳмидан ва қабул кардани фарқиятҳои фарҳангӣ, эътимод ба одамони дигар |
| **Манфиатҳои фардии дорои аҳаммияти байналмилалӣ дошта** | |
| Имкониятҳои ҳаракати байналмилалӣ | Озодии фаъолият, қобилияти мустақилона ва дилпурона дар фаъолияти байналмилалии меҳнат |
| Ҳаракати байналмилалии меҳнат ва рушди даромади аҳолӣ | Омӯзиши ҳудудҳо, фарҳангҳо ва анъанаҳои нав |
| Имконияти муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамкориҳо дар ин сатҳ | Дастрасӣ ба донишҳои ҷаҳонӣ ва дастовардҳои илмии байналмилалӣ |
| Омӯзиши забонҳо ва фарҳангҳои гуногун | Инкишофи тафаккури инсонӣ ва муошрати байналмилалӣ |
| **Манфиатҳои ҷамъиятии дорои аҳаммияти миллӣ дошта** | |
| Сатҳи саводнокии аҳолӣ | Инкишофёбии доимии касбҳо/фаъолиятҳо бо дарназардошти талаботҳои зудтағйирёбандаи аҳолӣ |
| Дониши мушаххаси аҳаммияти миллӣ дошта, (таърих, молия, ҳуқуқ ва ғайра) | Имкониятҳои иҷтимоӣ барои хатмкунандагони низомҳои муҳимми ҷамъиятӣ |
| Маълумоти олӣ ҳамчун низоми | Самаранок идоранамоии соҳаҳои |

| | |
|---|---|
| таъминнамоии аҳолӣ бо зеҳниятҳои мушаххаси соҳавӣ | мушаххаси ҷамъиятӣ ва навовариҳои доимии соҳавӣ |
| Саҳми арзишманд гузоштан дар идоракунии давлатӣ ва танзими иқтисодиёт | Бо таффакур ва андешаҳои солим идора намудани ҳокимият ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт |
| Рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар | Қабули барномаҳои дарозмудат оид ба рушд ва ташаккул додани сармояи инсонӣ |
| **Манфиатҳои ҷамъиятии дорои аҳаммияти байналмилалӣ дошта** | |
| Дониши ҷаҳонӣ дар соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва комёбиҳои илмии онҳо | Фазои ягонаи донишҳои озоди интиқодӣ, ки аз ҷониби шабакаҳои байналмилалии интизомӣ дастгирӣ карда мешавад |
| Низомҳои байналмилалии натиҷаҳои илмӣ, нашрияҳо ва қоидаҳои баррасии онҳо | Баҳогузорӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои стандарти байналмилии сифати таҳсилот |
| Дастгирии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи тадқиқот, аз ҷумла тадқиқоти муаммоҳои универсиалӣ дошта | Дар мадди аввал гузоштани ҳалли муаммоҳои унверсиалии ҷамъиятӣ ва сатҳбандии ин тадқиқотҳо |
| Барномаҳо барои ҳамкории байналмилалӣ, ҳаракат ва табодулот байни донишгоҳҳо | Арзёбии барномаҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рафти доду гирифти донишгоҳҳо |

***Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти таҳқиқкардашуда тартиб дода шудааст.***

Манфиатҳои инфиродии дорои аҳаммияти байналмилалӣ дошта, қобилияти шахсро барои худмуайянкунӣ ва рушд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ тавассути дастрасӣ ба дониш, дастовардҳои илми ҷаҳонӣ ва ҳаракати байналмилалӣ ташаккул медиҳанд. Ба манфиатҳои ҷамъиятии дорои аҳаммияти байналмиллӣ дошта на танҳо молҳои якҷоя истеъмолшаванда, балки молҳои якҷоя истеҳсолшуда низ дохил мешаванд.

Манфиатҳои ҷамъиятии дорои аҳаммияти байналмилалӣ дошта, манфиатҳое мебошанд, ки якҷоя истеҳсол ва ё дар миқёсӣ ҷаҳонӣ аз рӯйи стандартҳои байналмилалӣ истеҳсол карда мешаванд. Низоми ҷаҳонии тадқиқот назар ба низомҳои миллӣ зудтағйирёбанда мебошанд. Маҳз ин боис ба он мегардад, ки тағйиротҳои ин сатҳ нисбат ба сатҳи миллӣ зуд зуд тағйир ёфта талаботҳои худро дар сатҳи ҷаҳонӣ нишон диҳад ва

муайян намояд, ки мутахассисони омоданамуда дар кадом сатҳ бояд омода карда шаванд.

Дар шароити муосири иқтисодӣ, таҳсилоти олӣ дар рушду инкишофёбии ҷомеаи мутамадин нақши барҷаста дошта, дар бештари кишварҳо фарқиятҳои фарҳангию миллӣ тавофутро дар ин система ҷорӣ намудааст. Вобаста ба ин таҳқиқот ва консепсияҳои сиёсат дар бораи саҳми таҳсилоти олӣ дар кишварҳои алоҳида ва мактабҳои олии тараққикардаи ҷаҳон гуногун ба чаашм мерасад. Аммо, дар баъзе соҳаҳо, гуногуни дар стратегия ва барномаҳои таълимӣ ба чашм намерасад, чунки мутахассисони омодашаванда аз рӯи як стратегия умумӣ омода карда мешаванд.

Дар баробари ин гуфтаҳо, суръати рушди технология ва бо суръати баланд паҳншавии он дар ҷаҳони муосир ба дараҷае баланд аст, ки барои муассисаҳои анъанавии таҳсилоти олӣ ҳамчун омилҳои пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ ва технологӣ (бозори кушодаи меҳнат, ҳифзи ҳуқуқи моликият, сиёсати зиддиинҳисорию асъорӣ ва ғайра) ҳисобида мешаванд ва онҳо дар ин шароит имкониятхои худро самаранок истифода бурда наметавонанд. Ин донишгоҳҳоро зарур аст, ки раванди ҷараёни таълимро бо стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот мутобиқ намуда, мутахассисони дорои дониши замонавӣ омода намоянд.

Мутахассисони дорои дониши муосирдошта, аз як тараф боиси тавлиди навовариҳо ва кашфиётҳои муосир, аз тарафи дигар идоракунандаи техникаю техналогияи муосир дониста мешаванд. Тибқи арзёбие, ки дар гузориши «2017 Deloitte Global Human Capital Trends»[91] пешниҳод шудааст, тавонмандии одамон нисбат ба созмонҳо, муассисаҳо ва давлатҳо беҳтар аз тағйироти технологӣ дониста шудааст ва бешубҳа, дар ояндаи наздик сегменти асосии бозори меҳнат, сармояи инсонӣ ба

[91] 2017 Deloitte Global Human Capital Trends. – P. 4. – Режим доступа: https://www2.deloitte.com/insights/ us/en/focus/human-capital-trends/2017/introduction.html

ҳисоб меравад ва тавлидкунандаи арзиши иловашуда танҳо ҳамкории одамон бо истифода аз технологияҳои муосир хоҳад буд. Рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва рушди инноватсионӣ танҳо тавассути такмили пайвастаи ниҳодҳо ва тавассути амалҳои фаъоли иҷтимоӣ имконпазир хоҳад гашт. Чуноне ки олими иқтисодон Окункова Е.А. қайд менамояд «Таҳаввулоти бозори меҳнат ва ниҳодҳои он аллакай дар ин самт пеш рафта истода, нақши сармояи инсонии «умумӣ» меафзояд ва арзиши он аз арзиши сармояи инсонии «инфиродӣ» зиёдтар гардида, аҳаммияти малакаҳои «асри XXI» меафзояд»[92].

Вобаста ба ин талаботҳои шароити имрӯзаи иқтисодӣ «сармояи инсонии умумӣ» яке аз манбаҳои муҳим ва пешбарандаи онҳо дониста шуда, дар самаранок идоракунии фаъолияти онҳо таъсири бевоситаи худро мерасонад. Имконоти баланди техникӣ-технологӣ пайдо кардани инсониятро дар тамоми секторҳои иқтисодӣ: тиб ва маориф, саноату кишоварзӣ, химатрасониву сохтом ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст. Ширкату корхонаҳои бузурги дунё имрӯзҳо масоили муттаҳидсозии сармояи инсонии умумиро, яъне як қатор равишҳои техникиву технологиро пешниҳод доранд, ки онро ҳамчун «зеҳни сунъӣ», «технологияи квантӣ» ва ё «ақли омехта» ҳамчун дороии менеҷменти муосир донистан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки вобаста ба дигаргуншавии талаботҳои муосири иқтисодӣ, дар низоми муносибатҳои ҷаҳонӣ майдони навини рақамии истифодабарии техникиву технологии байналмилалӣ сохта шудааст, ки муносибатҳои доду гирифтро осонтар намуда истодааст. Ин ҷараёни имконоти бузурги баландбардории суръатнокии ҳаракатҳои фардии касбиро дошта, пайвастагии доимии инсонҳоро ба низоми муосири иқтисодӣ таъмин месозад. Яъне «зеҳни сунъӣ», ки асоси сармояи зеҳнии инсонҳо дониста мешавад, талаботи рушдёбандагии касбиро таъмин

[92] Ниг. ба: Окунькова Е. А. Роль человеческого капитала в инновационном развитии экономических систем // Глобальный научный потенциал. – 2018. – № 11 (92). – С. 120–123.

намуда, боз барои ҳар як инсон имконоти васеи донишҳои ташхисиву муқоисавӣ ва ё ояндабинии стратегиро таъмин месозад, ки он ҳамчун дороии бузурги инсонӣ дар менеҷменти муосири ҷаҳонӣ хизмат менамояд.

Махсусан, технологияи квантӣ дар компютерҳои муосир ва ё худ «копютерҳои квантӣ» қоидаҳои таҳлилу ҳисобу китоби муосирро пурра дигаргун сохта, тавонмандии бузургеро доро мебошанд, ки он барои ҳалли муаммоҳои бузурги ҷаҳонии менеҷменти трансмилливу ҷаҳонӣ хеле куллайю самаранок мебошанд. Воқеияти омехта ва зеҳни сунъӣ дар компютерҳои квантӣ гарчанде дар алоҳидагӣ пайдо шуда бошанд ҳам, имрӯзҳо як низоми мукаммалро ташкил намуда, бавуҷудоварандаи муносибатҳои муосири иқтисодӣ доништа шуда, истодааст.

Вобаста аз ба майдон омадани чунин як табадуллоти ҷаҳонии чоруми саноатӣ зарурияти муҳиме имрӯз ба майдон омадааст, ки менеҷменти корхонаву ширкатҳои бузурги ҷаҳони соҳибкорӣ ва ҷомеаи инсонӣ бояд ҳатман муттаҳид гардида, имконоти ташаккулу истифодабарии сармояи инсониро мувофиқ ба талаботҳои имрӯзаи иқтисодӣ таъмин созанд. Яъне дар тамоми равишҳои рушдёбандагии касбӣ ва зинаҳои идоравии менеҷменти муосир истифодаи самараноки зеҳни сунъиро ба роҳ монда, таҳлилҳои аниқу дақиқи тавонмандиву ҳунармандӣ ва фардии ҳар як шахсиятро дар ин хатти технологии ҷаҳонии интернетӣ ҳатто бо нишондиҳандаҳои аниқу дақиқи хуниву (ДНК) ҷониашон муайян намуда, пурра имконоти рушдёбандагиашонро таъмин бояд кард.

Дигаргуниҳои иқтисодиёти муосир талаби онро дорад, ки мутахассисони омодашаванда ва рушду ташаккулёбии онҳо мувофиқ ба талаботҳои бозори меҳнат ва инкишофёбию бавуҷудоии донишҳои муосири ҷаҳонӣ роҳандозӣ карда шавад. Чунки тамоми он ҳама заҳмату талошҳо, ки барои рушду ташаккули онҳо сарфкардашуда, дар оянда боздеҳи мусбии худро дошта бошад. Вобаста ба ин гуфтаҳо, профессор

Низомова Т.Д. ба он ақида аст, ки: «Дар айни замон, мо ба кадрҳои салоҳиятдор дар ҳама соҳаҳо ва ихтисосҳо ниёз дорем, бахусус ба мутахассисони соҳаҳои энергетика, технологияҳои нав, геология ва дигар бахшҳои иқтисодиёти миллӣ. Аммо, таҳлили сохтори довталабон ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки аксарияти довталабон ихтисосҳои ҳуқуқӣ, тиббӣ ва иқтисодиро афзалтар мешуморанд. Ин интихобнамоии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки хатмкунандагони мактаб роҳнамоии касбии нокифоя доранд».[93]

Инчунин, бояд қайд кард, ки дар иқтисоди муосир сармоягузории дурусти сармояи инсонӣ ҳамчун сармояи универсаливу умумӣ барои тамоми соҳаҳои иқтсиодӣ-иҷтимоӣ дониста шуда истодааст. Аз ҷониби дигар ин ҳамчун сармояи фарҳангии меросӣ барои тамоми ҷомеаи инсонӣ буда, рушду ташаккулёбии ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ самаранокии баланди моливу хизматарсониро таъмин созанд.

Арзишнокии сармояи инсониро талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёти муосир дучанд гардонида, унсурҳои асосии онро бо ҳам муттаҳид месозад. Ин мутаҳидшавиҳо дар маҷмуъ як сармояи бузурги рушди нерӯи инсонӣ ва алалхусус, зеҳни сунъии технологиро ташкил дода, қудратмандии созандагиро пайдо намуда истодааст.

Албатта, табадуллоти чоруми саноатӣ ин зинаи баланди рушди низоми технологияи иттилоотӣ-иртиботии электронӣ буда, донишмандии васеъи инсониро талаб намуда истодааст. Барои расидан ба истифодабарии имконотҳои баланди техникиву технологии муосир, зарурати болоравии зеҳни касбиву ҳунарӣ ва пайдо кардани қувваи бузурги «боварӣ» ба ин қудрату тавонмандии зеҳнии инсоният лозим аст.

---

[93] Низомова Т.Д. Оптимизация соотношения подготовки специалистов высшего и среднего образования: отраслевые и региональные аспекты//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе: Сино, 2017. -№2-5. Ч.1. – С.70.

Вобаста аз ин гуфтаҳо, зарурати комилан дигаргун кардани муҳити меъёрию ҳуқуқӣ, арзишиву стандартии рафторӣ ва умуман арзишҳои сармояи инсонии навин зарур мебошад, чунки талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёт тақозои чунин муҳитро дорад. Низоми муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва экологиву сиёсии дунё низ дар баробари рушдёбандагии баланди низоми технологии иттилоотӣ-иртиботии электронии муосир, ки дар ҳалли аксари масоили иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъмини зиндагонии арзандаи одамон асос гузошта истодааст. Дар баробари ин маҳдудияти захираҳои иқтисодӣ ба назар гирифта шуда, самаранок истифодашавии онҳо ба роҳ монда шуда истодааст.

Ин дигаргуншавиҳои иқтисодӣ ҳамчун қонунияти диалектикии рушдёбандагии гузариш аз як сатҳи зеҳнӣ ба сатҳи дигари зеҳнии инсонӣ дар менеҷменти муосири касбӣ дониста шуда, донишмандии инсонро вобаста ба ин рушду ташаккулёбии иқтисодиёт тақозо менамояд.

Аксарияти донишмандони илми менеҷмент бар он назаранд, ки инқилоби чоруми саноатӣ имконоти бузурги зеҳниро дар зинаи дигари фаҳмишҳо, коркард ва мувофиқакунии фаъолиятҳои касбиву ҳунарӣ ва истеҳсоли молу хизматарасониро дар сатҳи дигар имконпазир гардонистааст. Ин имконоти бузурги навсозии арзишҳои созандагии менеҷменти муосири касбӣ дар роҳбарӣ буда, рушди низоми технологии иттилоотӣ-иртиботии электрониро дарояндаи наздик ҷилвагар мегардонанд.

Рушди иқтисодиёт ва сармоягузориҳои марбут ба инноватсия дар иқтисодиёти муосир ҳамчун муҳаррики рушди дигар соҳаҳо пайдо шуда, пайдоиши ниҳодҳо ва воситаҳои нави ташаккули сармояи инсониро ба манфиати рушди инноватсионӣ муайян мекунанд. Фаъолиятҳои эҷодкоронаи инсонҳо дар омӯзиш ва доимо дар ҷустуҷӯй будани онҳоро талаб менамояд, ки ин ҳамкории одамон бо истифода аз технологияҳои

муосир генератори арзиши иловашуда ва рушди иқтисодӣ дар иқтисодиёти инноватсионӣ мегардад.

## 2.3. Хусусиятҳои тавсифии омоданамоии кадрҳо мувофиқ ба талаботи рушди иқтисоди рақамӣ

Дар солҳои охир, техникаю технологияҳои ҷаҳони имрӯза бештар тағйир ёфта, инсонҳоро водор ба он намуда истодааст, ки ҳар чӣ бештар ба сарфакорию сариштакории захираҳои имрӯзаи иқтисодӣ таваҷҷуҳ намоянд. Ин дигаргуниҳо пеш аз ҳама ҷомеаро водор менамояд, ки аз усулҳои анъанавии кор ва фаъолият даст кашида, ба шаклҳои навини истифодабарии самараноки захираҳо гузаранд. Гузаштан ба шаклҳои навини истифодабарии захираҳо, дигаргуншавии муносибатҳоро дар ҷомеа ба вуҷуд меоварад. Иқтисоди рақамӣ низ муносибатҳои одамонро дар асоси шароитҳои махсуси бавуҷудомада, ба монанди: дигаргуншавии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, тезтағйирёбии муҳити тиҷорат, тез-тез дигаргуншавии арза ва тақазои бозор, маҳдудияти захираҳо, сиёсати дутарафаи стандартҳо ва ғайра, тағйир медиҳад. Ин тағйирёбиҳо намегузоранд, ки инсонҳо ба як ҳолати муайян мутобиқ гардида, доимо як намуди молу маҳсулотҳоро истеҳсол ё истеъмол намоянд[94].

Ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки барои ба муносибатҳои навини иқтисодӣ ворид гардидан, бояд омодагии ҷиддӣ дошта бошем, ки ин таъғирёбиҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Ба хусус дар соҳаи маориф ва илм, ки бахши муҳим дар омодакунандаи беҳтарин мутахасисон дониста мешаванд.

Иқтисоди рақамӣ дорои як қатор нишондиҳандаҳо буда, аз иқтисодиёти имрӯза аз нуқтаи назари иқтисодӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад, ки дар ҷадвали 2.4. оварда шудааст.

---

[94] Искандаров Х.Х., Абдуллозода Р.А. Особенности подготовки кадров в условиях цифровой экономики//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. – № 5. – С.46.

**Ҷадвали 2.4. Хусусиятҳои хос ва фарққунандаи иқтисоди рақамӣ**

| № | Нишондиҳандаҳо | Хусусиятҳои хос ва фарққунандаи | |
|---|---|---|---|
| | | **иқтисоди имрӯза** | **иқтисоди рақамӣ** |
| **1** | Истеҳсоли молу маҳсулотҳо | Бештар дар асоси таввакал | Бештар дар асоси иттилооти дуруст ва фармоиш |
| **2** | Тақсимоти молу маҳсулотҳо | Дар асоси нақша ва таввакал | Дар асоси талаботи истеъмолӣ ва фармоишҳо |
| **3** | Мубодилаи молу маҳсулотҳо | Дар асоси марҳилаҳои муайян | Мубодилаи зуд ва саривақтӣ |
| **4** | Истеъмоли молу маҳсулотҳо | Бо маҷбурӣ ва таввакал | Бо хоҳишу фармоиши худ |
| **5** | Рақобатнокӣ | Қисман рақобатнок | Пурра дар доираи рақобатҳои озод |
| **6** | Пардохти музди меҳнат ё дигар пардохтҳои иҷтимоӣ | Моҳона ё 15-рӯза | Рӯзпардохт ё соатпардохт |
| **7** | Самаранокии меҳнат | То ба ҳадди имкон баробар | Беҳад дар як дараҷаи баланд |
| **8** | Истифодаи захираҳои табии, молиявӣ, иттилоотӣ ва вақт | То дараҷае самаранок | Дар дараҷаи баланди самаранокӣ |
| **9** | Муносибатҳои иқтисодӣ | Дар доираи таҳлилу баррасиҳои зиёд | Саривақтӣ ва дар доираи муносибатҳои электронии он |
| **10** | Тафтишот ва назорат | Ба восиати хараҷотҳои иловагӣ | Бе ягон хароҷотҳои иловагӣ |

***Сарчашма: тартибдодаи муаллиф.***

Хусусиятҳои хос ва фарққунандаи иқтисоди рақамӣ аз иқтисоди муосир бештар дар асоси иттилооти дуруст ва фармоиши истеҳсоли молу маҳсулотҳо, мубодилаи зуд ва саривақтии маҳсулотҳо, рақабатнокӣ пурра дар доираи рақобати озод, пардохти музди меҳнати саривақтӣ, самаранокии бениҳоят баланди меҳнат, истифодаи самаранoктарӣ захираҳои иқтисодӣ, муносибатҳои иқтисодии муосир ва тафтишоту назорат бе ягон хароҷотҳои иловагӣ дида мешавад.

Ин гуфтаҳоро ба инобат гирифта, зери мафҳуми иқтисоди рақамӣ маҷмуи муносибатҳои навини одамон дар доираи истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот бо истифода аз техникаю технологияҳои замони

мусир баҳри самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ва қонеъ намудани талаботҳои инсонӣ дониста мешавад. Ин иқтисодиётест, ки ядрои муносибатҳои асосии онро пулҳои ғайринақдӣ ташкил менамояд. Ҳаракат ва муносибати ин захираҳои маҳдуди иқтисодӣ дар чор доираи асосии ин иқтисодиёт танҳо ба воситаи пулҳои ғайринақдӣ сурат мегирад. Мубодилаи молу маҳсулотҳо дар ин иқтисодиёт танҳо ба воситаи пулҳои ғайринақдӣ, иҷро карда мешавад. Дар ин иқтисодиёт нақши эквиваленти умумиро пулҳои ғайринақдӣ иҷро менамоянд.

Барои он ки ҳар чӣ бештар ба ин шароитҳо мутобиқ гардем, бояд, ки беҳтарин мутахассисонро мувофиқ ба талаботҳои замони муосир, яъне иқтисоди рақамӣ омода намоем. Ин омоданамоӣ хароҷотҳои зиёди молиявию моддиро талаб менамояд, вале натиҷаи хуб хоҳад дод. Мувофиқ ба тадқиқотҳои зиёди илмии олимони соҳа, сармоягузорӣ ба захираҳои инсониро, чанд маротиба боздеҳии онро дар шароити кӯтоҳ кафолат медиҳад[95].

Болоравии нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир чорабиниҳои ҳамаҷонибаи давлатро нисбати сиёсати кадрӣ дигар намуда, дар ҳама соҳа талаботҳои махсуси худро талаб мекунад. Ташаккулдиҳӣ ва инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ аз усулҳои омоданамоӣ ва воситаҳои муосири инкишофдиҳии сармояи инсонӣ сарчашма мегирад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, дар доираи васеи категорияҳои илмҳо оид ба рушду ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ мавҷуд аст, ки инсонро – ҳамчун унсури зарурии фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ мешуморанд. Асосгузони бунёдии консепсияи сармояи инсонӣ В. Петти, А. Смит, Д. Рикардо дар корҳои илмии худ, аввалин шуда, оид ба нақшу аҳаммияти ин сармояи асосии ҷамъиятӣ фикру ақидаҳои худро баён кардаанд.

---

[95] Искандаров Х.Х., Абдуллозода Р.А. Особенности подготовки кадров в условиях цифровой экономики//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018. – № 5. – С.48.

Аввалин фаҳмишҳоро В. Петти оид ба гурӯҳи «Қувваҳои фаъоли ҷомеаи инсонӣ» дар илм ҷорӣ кард ва таҳқиқоти анҷомдодаи ин олим аввалин таҳқиқот дар бораи сармояи инсонӣ ва қувваи асосии истеҳсолот донистани он ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи ин олим «сармояи инсонӣ ягона сармояест, ки воситаи асосии истеҳсолот маҳсуб ёфта, инчунин ташкилкунанда ва идоракунандаи давлат ба ҳисоб меравад»[96].

Вобаста ба дигаргуниҳо ва рушду ташаккулёбии илмӣ дар баробари ибораҳои дигари илмӣ, ибораи «кадр» ва «омоданамоии кадрҳо» ба миён омад, ки нақш ва муҳиммияти инсонро дар ҷомеа баръало нишон дод. Чуноне ки муҳаққиқон қайд менамоянд, “Мафҳуми «омоданамоӣ» пеш аз ҳама хусусияти пешгирикунанда дошта, дар заминаи фаъолияти пешакӣ ё раванди таълим инсон рушду ташаккул дода мешавад”[97]. Мувофиқ ба дигаргуншавии муносибатҳо ва принсипи синергетикии консепсияҳои илмӣ ва гузариш ба муносибатҳои навини иқтисоди рақамӣ истилоҳи «омоданамоии кадрҳо» ҳам ба сабаби таҳаввулоти илмӣ дигаргун гардида, равиши ба худ хосро гирифта истодааст.

Чуноне ки олимон Метляхин А.И., Никитина Н.А., Яргина Л.В., Орлова Э.О. қайд менамоянд, “Рақамикунонӣ - ба тамоми унсурҳои раванди меҳнат таъсири назаррас расонида, аз мутахассисон дониши баланди рақамии муосирро талаб менамояд”[98]. Бо зуҳуроти навини муносибатҳои истеҳсолӣ ва меҳнатӣ дарку фаъолиятҳои муносибатҳои меҳнатӣ тағйир карда, бештар шакли электрониро ба худ гирифтааст. Дигаргуншавии фазои корӣ, тағйир кардани меъёрҳо ва маҳакҳои

---

[96] Петти В. Экономические и статистические работы. – М.: Соцэкгиз, 1940. – 324 с.

[97] Siddiqui A.W., Raza S.A., Tariq Z.M. A web-based group decision support system for academic term preparation // Decision Support Systems. 2018. Vol. 114. P. 1–17. doi: 10.1016/j.dss.2018.08.005.

[98] Ниг. ба: Метляхин А.И., Никитина Н.А., Ярыгина Л.В., Орлова Э.О. Анализ влияния цифровизации экономики на производительность труда в России // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. 2020. Т. 13, Вып. 2. P. 7–17. doi: 10.18721/je.13201.

вуҷудошта, боис ба он гардида истодааст, ки омоданамоии мутахассисон бо дарназардошти ин дигаргуниҳо ба роҳ монда шавад.

Ҳамзамон, равишҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар шароити рушдёбии инноватсионии иқтисодиёт аз қисматҳои бо ҳамдигар алоқаманд иборат мебошанд, ки онҳоро чунин шарҳ додан мумкин аст:

– аз худ намудан ва истифодабарии техникаю технологияи муосир дар раванди таълим ва ҳамкории доимӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ, баҳри амалисозии фикру ақидаҳо дар раванди истеҳсолот;

– масоили самаранок идоракунии сармояи инсонӣ ва рушди инкишоф додани он, махсусан сармояи зеҳнӣ ва эҷодиву кашфиётии онҳо;

– истифодаи самараноки роҳбарӣ дар амалисозии доимии малакаҳои назариявии пайдошуда ва назорати амалишавии онҳо дар раванди истеҳсолот;

– пайваста ба равишҳои инновастионии фаъолиятҳо такя намуда, тағйирёбиҳоро ба раванди таълим пиёда карда, молиягузориву таъмин амалисозии саривақтии онҳоро натиҷагирӣ кардан зарур мебошад.

– ба фаъолиятҳои имрӯзаи иқтисодиёт, назари баланди стратегии инновастисонӣ дошта, дурнамои устувори раванди таълимро барои имрӯз ва ояндаҳои дури инноватсионӣ пешгӯӣ кардан.

Мутобиқи ин равишҳои овардашуда, бояд низоми омодасозии кадрҳо ҳам аз ҷиҳати беруна – таъмини бозори меҳнат бо мутахассиси дорои салоҳияти рақамӣ ва ҳам дар дохили он – худи раванди таълим бо истифода аз технологияҳои инноватсионии рақамӣ модернизатсия карда шуда, бо истеҳсолот наздик карда шавад[99].

---

[99] Кузьмицкая Т.В. Факторы эволюции трудовых отношений в сетевой экономике // Вестник Полоцкого государственного университета. Серия D. Экономические и юридические науки. 2018. № 6. – С. 27–34.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, низоми омодасозии кадрҳо шакли навро гирифта, ба якбора зиёд шудани талабот ба мутахассисони дорои донишҳои рақамӣ оварда расонида истодааст. Аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардан, ба низом даровардан ва инкишоф додани ҷараёни таълим бо дарназардошти хусусиятҳои рақамкунонии фаъолияти истеҳсолию хоҷагӣ ва муносибатҳои истеҳсолию меҳнатӣ мақсади асосии иқтисодиёти имрӯза дониста мешавад.

Дар марҳалаи минбаъда олимон Т.Шултс ва Г.Беккер эътирофи нақши аввалиндараҷаи инсонро дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ афзалиятнок гардонидаанд. Онҳо муносибати иқтисодиро ба рафтори инсон асоснок карда, "сармояи инсониро ҳамчун захираи дониш, малака ва ангезаҳои барои ҳар як фард дастрас донистанд. Ин сифатҳои арзишманд, ки модарзодӣ ё ба даст оварда шудаанд, ба гуфтаи олимон, метавонанд тавассути сармоягузории мувофиқ (аз ҷумла, таҳсилот, таҷрибаи касбӣ, ҳифзи саломатӣ ва ғайра), ки ба интиқолдиҳандаи онҳо имкон медиҳанд, ки даромад гиранд"[100].

Тавзеҳи ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ сармояи инсонӣ ба яке аз категорияҳои муҳимми иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва ҳатто сиёсӣ табдил ёфта, ҳаракатдиҳанда ва рушдкунандаи иқтисодиёти муосир дониста мешавад.

Бояд қайд кард, ки вобаста аз зинаи рушдёбандагӣ, имконоти захиравию иқтидори кадрӣ ва системаи иқтисодиву иҷтимоии рушдёбандагӣ ҳар як муасисаи таълимӣ имконоти интихобу низоми инноватсионии худро ба роҳ монда, метавонад, ки мақсадгузориву барномасозӣ, банақшагирӣ ва вазифагузориҳои мушаххаси инноватсионии худро пиёда намояд ва лоиҳаҳои мақсадноки инноватсионии худро дар омоданамоии мутахассисон амалӣ гардонад.

[100] Ниг. ба: Schultz T.W. Investment in human capital: The role of education and of research. N. Y.: Free Press, 1971. 545 p.; Becker G.S. Human capital: A theoretical and empirical analysis with special reference to education. Chicago: University of Chicago Press Books, 1993. 412 p.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, олимони иқтисоддон В.Н. Белкин ва Н.А. Белкин иқтидори инноватсиониро ҳамчун қудрату тавонмандии муассисаҳои таълимӣ донистa, истифодаи самараноки онро дар омоданамоии мутахассисон медонанд[101]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки иқтидори инноватсионӣ ин ҷамъи захираҳои гуногуни материаливу пуливу сармоявӣ, зеҳниву молиявӣ ва техникиву технологие, ки барои амалигардонӣ рушди инноватсионӣ зарур мебошанд, дониста мешавад. Аслан ин иқтидор дар рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ таъсир расонида, омоданамоии онҳоро мувофиқ ба шароитҳои имрӯза ва талаботҳои асосии бозори меҳнат мутобиқ менамояд. Аз ин иқтидорҳои номбурдашуда, иқтидори зеҳнии муассисаи таълимӣ ягона иқтидорест, ки нақши худро дар рушд ва инкишофи зеҳни мутахассиси омодашаванда мерасонад.

Фаъолияти зеҳнии мутахассис ва бароноmaю консепсияи он, рушди худро аз идоракунии захираҳои инсонӣ то идоракунии дониш, тай намуда, мафҳуми аслии худашро пайдо менамояд. Аз ин бармеояд, ки идора кардани инсон, аз таълимдиҳанда маҳорати махсуси касбиро талаб намуда, дониш, малака ва маҳорати муайяни идора-таълимдиҳиро талаб  менамояд. Аз ин ҷост, ки идоракунии кадрҳо дар шароити муосири иқтисоди мафҳуми ба худ хосро гирифта, дар идоракунии онҳо маълумоти муосири иқтисодӣ нақши бағоят муҳимро иҷро менамояд.

Дар илми муосир мафҳуми «идоракунии кадрҳо» ба як соҳаи алоҳидаи тадқиқот табдил ёфта, ҳадафи асосии он қонеъ гардонидани талаботҳои муосири ширкату корхонаҳо бо дар назардошти дигаргуниҳои иқтисодӣ дониста мешавад.

Асоси методологии ин самти тадқиқотро дар тарбияи кадрҳо метавон рушди «Мактаби муносибатҳои инсонӣ» ё «Мактаби кадрҳо» донист, ки ибтидои онро олимон Э.Майо, Ф.Ретлисбергер, П.Фолле

---

[101] Белкин В.Н., Белкина Н.А. Экономическая теория труда.- М.: ЗАО Издательство "Экономика", 2007. –С.56.

гузоштаанд. Хизматҳои онҳо аз ташаккул ва татбиқи психотехника (технологияҳои интихоби кадрҳо), омӯзиши рафтори инсон дар идоракунӣ, муносибати байни хусусиятҳои психофизиологии шахс ва кори ӯ, робитаҳои ғайрирасмӣ ва муносибатҳои байнишахсӣ, муҳити психологӣ дар корхона дониста мешавад. Дар робита ба масъалаҳои тарбияи кадрҳо назарияи муносибатҳои инсонӣ «иқтидори иҷтимоӣ»-ро ҳамчун «маҷмуи системавии қобилиятҳои шахс, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва умуман ҷомеа, ки дар натиҷаи амалҳо, муносибатҳои мутақобила ва муносибатҳои онҳо ташаккул меёбанд, муайян кардааст. Яъне иқтидори иҷтимоӣ танҳо вақте ба амал меояд, ки эҳтиёҷоти фард ба самти иҷтимоии чунин худтаъминкунӣ, аз ҷумла дар раванди фаъолияти меҳнатӣ табдил ёбад.

«Ҷаҳонишавӣ ва иттилоотикунонии иқтисодиёт боиси пайдоиши технологияҳои нави шабакавӣ, ҳамкориҳои дутарафа ва назарияи муосири иқтисодиро дигаргун намуд. Дар робита ба раванди таълим, назарияи шабакавӣ соҳаи менеҷментро, аз ҷумла ҳамчун объекти таъсиррасонӣ, иқтидори иттилоотӣ ва сармояи иҷтимоӣ - шаклҳои мушаххаси шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонии муосир хеле васеъ кардааст»[102]. Бо истифода аз таърифи Ҷ.С. Коулман метавон гуфт, ки сармояи иҷтимоӣ ҳам объект ва ҳам воситаи шабакаҳои иҷтимоии воқеӣ ва виртуалӣ мебошад, ки муносибатҳои нави байни иштирокчиёни раванди меҳнатро ташкил медиҳанд.

Вобаста ба тағйирёбиҳои муосир, раванди рақамикунонӣ тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятиро дигаргун намуда истодааст, ки дар ин раванд ҷараёни таълим низ дар истисно нест. Тағйироти глобалии соли 2020, ки ба оқибатҳои паҳншавии коронавирус алоқаманд аст, таъсири технологияҳои рақамиро ба фаъолияти меҳнатии одамон хеле зиёд

[102] Keene A. T. James S. Coleman // Coleman, James S. (12 May 1926–25 March 1995), sociologist and educator (англ.) // American National Biography Online / S. Ware — New York City: Oxford University Press, 2017. — ISSN 1470-6229

намуда, мафҳумҳои «таълими фосилавӣ»-ро устувор намуда истодааст. Асосноккунии илмии ин равияҳо дар давраи ибтидоӣ қарор дорад, вале аллакай маълум аст, ки ин як қабати бузурги дониш аст, ки бояд дарк ва ба таври мунтазам таҳлил карда шавад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт мафҳуми омода кардани кадрҳо ва тарбияи дурусти кадрҳо, дар адабиёти иқтисодӣ аз ду мавқеъи ба худ хос ва бо ҳам доим пайванд – ҳамчун раванди давомдори вақт ва ҳамчун объекти захиравии фаъолияти истеҳсолию иқтисодӣ баррасӣ карда шуда истодааст.

Ташаккули сармояи инсонӣ пеш аз ҳама ба рушду нумуи низоми соҳаи маориф ва ташклиотҳои дигари ба он вобаста, менеҷменти корхонаву муассисаҳо, алоқамандии зич дошта, онро бояд ҳамчун низоми ягонаи бисёрфунксионалӣ шинохт. Чунки боигарии миллӣ низ бевосита аз истеҳсолоти ғайримоддӣ–комплексии маълумотгирӣ вобастагии калон дорад. Омода кардани кадрҳои тавонманд барои соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, коркарди барномаҳову мавзуҳои навини илмиву эҷодӣ-зеҳнӣ ин худ болоравии қудрату тавонмандии рушдёбандагии корхонаву ташкилотҳо мебошад.

Аслан ташаккули сармояи инсонӣ дар панҷ субъекти асосӣ: оила, боғча, мактаб, муассисаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ ва корхона ба роҳ монда мешавад. Маҳз ташкилу идоракунии ин панҷ субъекти идоракуниву рушдёбандагии низоми ташаккули сармояи инсонӣ бевосита дар як модели пайвастаи рушди сармояи инсонӣ ва муайян сохтани талаботи функсионалии ҳар як субъект дар ин ҷараён ҳамчун раванди таъмини талаботи такрористеҳсоли сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷа боз донишҳо, эҷодкориҳо, кашфиётҳо, молу хизматрасониҳои муосир пайдо гашта, ҳамчун асоси идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ хизмат мерасонанд.

Маҳз чунин ҷараёни бефосилаи рушди иқтисодӣ имконоти васеи рушдёбандагии касбиву ҳунариро аввал дар як фард ташаккул дода, баъдан ба субъектони хоҷагидор хусусан ба ҷомеа таъсир расонида, ҳамчун сарчашмаи рушди инноватсиониву эҷоду кашфиёт баромад менамояд. Бояд қайд намуд, ки дар ин ҷараён сармояи инсонӣ боз ташаккулу такрористеҳсол ёфта, арзишҳои навини баландро пайдо карда, кормандон дараҷаи касбиву ҳунарии худро боло бардошта, ҳосилнокии меҳнати касбиву ҳунариашон баланд мегардад. Вобаста аз маошу боздеҳӣ сармояашон зиёд гашта, дар умум арзиши сармояи зеҳнӣ–эҷодии субъектони хоҷагидор ва ҳатто давлатро низ боло мебардоранд.

Аслан рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ, бахусус сармояи зеҳнии инсон, бештар дар натиҷаи фаъолиятҳои меҳнатӣ дида мешавад. Фаъолиятҳои меҳнатии инсон, вобаста ба шароитҳои баамаломада, кулан дигар гашта, хусусияти эҷодӣ-инноватсиониро ба худ гирифтааст. Аз нуқтаи назари иқтисодиёти меҳнат, иқтисоди рақамӣ намудҳои нави фаъолиятҳои меҳнатиро пешниҳод мекунад, ки дар соҳаҳои гуногуни дорои хусусияти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва маҳсулоти онҳо амалӣ карда мешаванд. Аз ин нуқтаи назар шароити рақамисозӣ дар хусусияти истифодаи захираҳои инсонӣ ва механизми муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ дар бозори меҳнат, ки бо истифода аз захираҳои шабакавӣ амалӣ карда мешавад, зоҳир мегардад.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ омода кардани кадрҳо зинаи болотари таъминоти захираҳо – интеллектуалӣ ва кадрӣ дониста мешавад, ки ин аз ҳисоби мунтазам васеъ шудани вазифаҳо вобастагӣ дорад.

Ҷараёни омоданамоии кадрҳоро вобаста ба шароити иқтисоди рақамӣ аз мақсадҳо, принсипҳо, функсияҳо ва объекту субъекти

фаъолияти меҳнатӣ иборат мебошад, ки дар шакли расм чунин тасвир шудааст (нигаред ба расми 8).




**Расми 8. Ҷараёни омоданамоии кадрҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ**

***Сарчашма: аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.***

Мақсади ин низом ин татбиқи мунтазами равишҳои умумии фаъолияти меҳнатӣ, қоидаҳо, принсипҳо, талаботҳо, тартиби ҷалби кадрҳои соҳибтахассус бо дарназардошти талаботҳои иқтисоди рақамӣ ва инчунин талаботи бозори меҳнат.

Принсипҳои асосии ин низом: асоснокии илмӣ, пайвастагӣ, равишҳои стратегӣ, истифодаи оқилона ва самараноки сармояи инсонӣ,

ҳамоҳангсозии манфиатҳо, озод будани фаъолияти меҳнатӣ ва аз ҳама муҳим рақамикунонии фаъолияти меҳнатии онҳо дониста мешавад.

Зерқисмати дигари ин низом функсияҳои он мебошад, ки дарбаргирандаи банақшагирии эҳтиёҷ ба кадрҳо, омода кардани кадрҳо, ташаккул додани иқтидори меҳнатӣ, қабули кормандон ва ҷо ба ҷогузории кадрҳо, баҳодиҳии фаъолияти кормандон, баланд бардоштани сатҳи салоҳияти касбии кормандон, бозомӯзии кадрҳо, қатъ кардани фаъолияти меҳнатӣ, амнияти иҷтимоӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Масъалаи муҳим дар ин шароит ин муайян кардани моҳият ва мазмуни омоданамоии мутахассисон ҳамчунин ҳудуди объекти фаъолият ва предмети он ба ҳисоб меравад. Объекти раванди омоданамоии кадрҳо, ин раванди фаъолияти ҳамаи кормандон дониста мешавад, субъекти он бошад, мақомотҳо, шуъбаҳо ва хадамотҳои махсус таъсисдодашуда мебошанд, ки дар доираи қонун ҷорӣ намудани фаъолиятҳоро амалӣ мегардонанд ва дорои салоҳият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд.

Бо таҳлили маълумоти дар расм овардашуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи раванди омода кардани кадрҳо дар ин шароит, ин бартарияти пешниҳоди меҳнат нисбат ба талаботи он дар ин бозори меҳнат дида мешавад. Бартарияти пешниҳоди меҳнат дар ин шароит бештар аз сатҳи маълумотнокии корманд ва тавонмандии ӯ дар рафти фаъолият дониста шуда, имконияти то кадом андоза, ҷавобгӯй будан ба талаботҳои кордиҳандаро дорад нишон медиҳад. Дар ҳолати ҷавобгӯй набудани дониши корманд, ба талаботҳои асосии кордиҳанда дар бозори меҳнат, кордиҳанда бо коргари кироя шартнома баста наметавонад, чунки кордиҳанда бо ин корманд ба ҳадафҳои инноватсионии худ расида наметавонад.

Бояд гуфт, ки иқтисоди рақамӣ принсипҳо ва вазифаҳои асосии раванди омоданамоии мутахассисонро бекор намекунад, балки онҳоро

ба дигаргуншавии шароитҳои муосири иҷтимоӣ-иқтисодӣ боз ҳам наздиктар мутобиқ мекунад. Тамоми марҳалаҳои таълим, дар ин шароит, шуруъ аз зинаи поён то болоӣ ва такмили доимии ихтисос, пешбарӣ кардани корманд то охири фаъолияти меҳнатиаш як хел мемонад, вале мазмуни дохилии онҳо тағйир меёбад.

Рушди иқтисодиёт ва фаъолият намудан бо технологияҳои муосир истифодаи сармояҳои асосии иқтисодиётро талаб намуда, сармоягузорӣ ва рушди таҳсилотро тақозо менамояд, ки ин вобастагӣ дорад аз таъмини соҳаҳаи муҳимми иқтисодиёт бо кадрҳои дорои тахассуси баланд таъмин карда шаванд. Чунон ки Овчинникова О.П. қайд намудаанд, «Азхудкунии донишҳои замонавӣ ва кашфиёти навини муосир ба афзоиши доимии ҳосилнокии меҳнат мусоидат карда, кормандони ихтисоснокро торафт бештар талаб менамояд, ки ин барои ба вуҷуд омадани донишҳои саноатии замонавӣ асос гардад»[103].

Имрӯз ҷорӣ намудани технологияҳои босуръати рақамӣ зарурати тағйир додани касбҳоро аз рӯйи маҷмуи салоҳиятҳо (салоҳиятҳои рақамӣ) талаб менамояд, аз ин рӯ, низоми таълими касбӣ ва таҳсилоти олиро аз мадди назар гузаронида, раванди онро мувофиқ ба низоми муосир ба роҳ мондан лозим меояд[104]. Дар амал натиҷаи ин дигаргунсозӣ қафомонии соҳаи маорифро бо эҳтиёҷотҳои бахши воқеӣ, номувофиқати байни талабот ва таклифотро дар бозори меҳнат дуруст намуда, мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат мутахассис омода карда мешавад. Дар баъзе минтақаҳо «норасоии шадиди мутахассисони соҳибихтисос ба чашм мерасад ва ин боис ба он гаштааст, ки бе озмун кормандонашонро

---

[103] Овчинникова О.П., Овчинникова, Н.Э. Этапы развития человеческого капитала в экономической истории // Вестник Пермского национального исследовательского политехнического университета. Социально-экономические науки. – 2018. – № 3. – С. 339.

[104] Okunkova E.A., Karpunina E.K., Konovalova M.E., Ermolaev K.N., Yakovleva E. A. The Social Dimension of the Digital Economy // Proceedings of the 34th International Business Information Management Association Conference (IBIMA). Vision 2025: Education Excellence and Management of Innovations through Sustainable Economic Competitive Advantage. – 2019. – P. 3688–3697.

ба кор қабул намоянд, ки ин яку якбора паст гаштани ҳосилнокии меҳнатро нишон медиҳад»[105]. Инро ба инобат гирифта ҳамчун вокуниш ба вазъ, ширкатҳои баландтехнологӣ ва инноватсионӣ донишгоҳҳои корпоративиро таъсис дода истодаанд ва ба воситаи конкурсҳо, олимпиадаҳо ва таълими минбаъдаи мақсаднок ба ин донишгоҳҳо донишҷӯ қабул менамоянд.

Ҳамин тариқ, имрӯз робитаи мустақим байни низоми маориф ва илм бо дарназардошти рушди идоракунии инноватсионии иқтисоди муосир ва талаботҳои бозори меҳнат бояд дар як дараҷаи хуб ба роҳ монда шавад, чунки барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, робитаи равшани инкишофи сармояи инсонӣ ва рушди иқтисодӣ, маҳаки баҳогузории онҳо дониста мешавад. Дар илми иқтисодии муосир раванди табдили мафҳуми сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари робитаи доимии он бо рушди иқтисоди муосир амал намуда истодааст, ки дар самти сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва навоварию ихтироъкориҳо ҳамчун мафҳумҳои асосии иқтисодиёт карда шудаистодаанд. Ин масоилҳо боиси такмили сармояи инсонӣ вобаста ба таҳаввулоти иқтисодиёти муосир дониста мешавад.

## Хулосаи боби дуюм

1. Ба ақидаи муаллиф равишҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ ва арзёбии арзишҳои сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ шакли худро дигар карда, бештар ба чунин мақсадҳо нигаронида шудааст: зарурати омода намудани мутахассисони дорои дараҷаи баланди сармояи инсонӣ, ки ба ҷомеа лозим, зарурати нигоҳ доштани анъанаҳои муваффақи таҳсилоти олии касбӣ ва эҳтиром ба неруи мавҷудаи илмӣ, таълимӣ ва зеҳние, ки сармояи инсониро тавлид, такмил ва густариш мебахшанд.

[105] Грядунова А. В. Инновационные специальности как приоритеты молодежи и способ расширения профессиональных границ // Россия: тенденции и перспективы развития. – 2019. – №14-2. – С. 414–418.

2. Мувофиқи талаботҳои иқтисодиёти муосир сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии ширкатҳо ва соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ дониста шуда, муарифгари илму דониш ва аз ҳама муҳим ба ҳайси даромади миллӣ баромад мекунад, сармояи инсонӣ ҳамчун манбаи асосии даромади аҳолӣ дониста шуда, таъминкунандаи талаботҳои инсонӣ дониста мешавад. Яъне маълумотнокии инсон боиси болоравии сатҳи хуби зиндагӣ мегардад;

3. Донишмандӣ ва доим такмил додани он дороиест, ки инсонро нерӯманд ва мутахассиси арзишманди соҳаи фаъолият нишон медиҳад. Маълумотнокии инсон, давраҳои муайяни ташаккулёбии худро дошта, риояи онҳо барои ҳар як иштирокчии раванди иқтисодиёт шарти зарурӣ дониста мешавад. Таълимоти бефосилаи касбии инсон, мувофиқ ба талаботҳои имрӯзаи бозори меҳнат, ба роҳ монда шуда, ҳамкории доимии муассисаҳои таълимӣ ва кордиҳандагонро тақозо менамояд. Пайванди илм бо истеҳсолот боиси ихтироъ ва навовариҳо дар соҳаҳои мухталифи ҷамъиятӣ дониста шуда, саҳми арзандаи худро дар рушди иқтисодиёт мегузорад;

4. Дигаргуниҳои иқтисодиёти муосир бештар хусусиятҳои техникӣ-технологии электрониро дошта, аз мо омоданамоии мутахассисони ҳирфаиро мувофиқ ба талаботҳои асосии ин иқтисодиёт талаб намуда истодааст. Зеҳнияти баланди касбии инсон, боиси офаридани молу маҳсулотҳои муосири иқтисодӣ гардида, рушду инкишоф додани он вазифаи асосии ҳар як иштирокчии фаъоли ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин гуфтаҳо, дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт донишазхудкунӣ ва маълумотнокунии инсон тавре ба роҳ монда шавад, ки ӯ тавонад бо ин дониши азхудкарда, ба зиндагии худ сару сомон бубахшад ва саҳме дар ҷамъият дошта бошад;

5. Рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва болоравии талаботи баланди эҷодиву кашфиётӣ ва криативию когнетивии касбӣ дар

менеҷмент водор ба он месозад, ки дар интихобу ҷобаҷогузорӣ ва таъмини талаботи функсионалӣ-вазифавии кадрҳои баландихтисос диққати махсус дода, дар идоракунии онҳо танҳо талаботҳои махсуси системавии техникиву техналогӣ ва иртиботиву иттилоотии электрониро пурра амалӣ созем.

# БОБИ III. ТАҶРИБАИ ДАВЛАТҲОИ ТАРАҚҚИКАРДАИ ҶАҲОН ОИД БА САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА ОМОДАНАМОИИ МУТАХАССИСОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ

## 3.1. Сармоягузорӣ ба маълумотгирӣ ҳамчун омили ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар низоми идоракунии иқтисоди ҷаҳонӣ

Гузоштани ҳадаф ва талоши расидан ба он иҷроиши функсияву вазифаҳоеро талаб намуда, дар дуруст тарҳрезӣ намудан ва қабул кардани барномаву стандартҳои муосири технологии универсиалии ҷаҳонӣ акс мегардад. Тарҳрезиҳои мақсаднок, ки ба сохтори рушдёбандагии зеҳнии одамон мусоидаткунанда, боиси ташаккулёбии сармояи инсонӣ мегардад. Аз ин нуқтаи назар, зарурати пайваста молиягузориву маблағгузории рушдёбандагии сармояи инсонӣ низ дар баробари инқилоби технологии муосир шарти зарурӣ дар менеҷмент хоҳад буд. Аз ҷониби дигар, бештари техника ва технологияи инноватсионии инқилоби чорум талаботи дигари таъсиррасониву зинаи болотарро дошта, мумкин аст, ки нобаробарии имконоти истифодабарӣ ва натиҷагирии иқтисодиву иҷтимоиро ба бор оварда, бекориву камбизоатии мардумро муайян намояд, инчунин дар ҳолатҳои дигар ба муҳити табиӣ ва такрористеҳсоли сарватҳои табиӣ низ таъсири манфӣ расонанд.

Алоқамандии идоракунии рушди иқтисодӣ ва сармоягузорӣ ба сармояи инсониро олимон ва муҳаққиқони соҳаи иқтисод таҳқиқу баррасӣ кардаанд. Ба ақидаи ин олимон, сармоягузори ба сармояи инсонӣ баъзе хислатҳои хоси худро дорад, ба монанди:

– боздеҳиву муҳлатнокии сармоягузории нерӯи инсонӣ бевосита ба давомнокии умр ва фаъолнокии касбии субъекти он вобастагӣ дорад;

– дар баробари ғуншавии сармояи инсонӣ дараҷаи даромаднокии он то зинаи рушдёбандагиву тавонмандии донишмандӣ ва ҳунармандии

инсон афзун гашта, баъдан боз аз рӯи каҷхатаи вақтии синну солӣ, оҳиста – оҳиста поён мефароянд;

– на ҳама сармоягузориҳо имконоти баланди рушдёбандагиву тавонмандии инсонро таъмин карда метавонад, чунки сармоягузориҳои бемақсад ба рушду инкишофёбии инсон таъсири манфи мерасонад;

– ба инобатгирии хислатҳои махсуси инсонӣ дар рафти сармоягузорӣ нақши муҳимро иҷро намуда, риояи онҳо ҳавасмандӣ ва рушди пурраи инсонро нишон медиҳад;

– фоиданокии ин сармоягузориро нисбат ба дигар сармоягузориҳо хеле баланд буда, хислати эҷодӣ-ихтирооткориро дар худ дорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ва хислати хоси муосири сармоягузории сармояи инсонӣ гуфтан мумкин аст, ки таъминоти самаранокии рушдёбандагиву созандагии он боз хислати синергетикӣ ва алоқамандии якдигарро пурракунандаи иҷтимоиву сиёсӣ, қонунӣ ва муҳити ҷомеаи солим, рушди муҳити институтсионалии солимро низ тақозо дорад.

Олими иқтисоддон Т.Шултс, муайянкунандаи саҳми таҳсилот дар рушду инкишофёбии иқтисодиёт дониста мешавад, ин олим бар он ақида аст, ки ҳиссаи афзоиши маҳсулоти умумӣ, бештар дар сармоягузорӣ ба соҳаи маориф алоқаманд мебошад, чунки рушди дилхоҳ соҳаро мутахассиси донишманд таъмин менамояд. Мувофиқи ин назария “маълумот ҳамчун шакли сармоя эътироф карда мешавад, зеро он бевосита ба истеҳсолот ва рушди иқтисодиёт таъсир мерасонад”[106].

Ин олим дар мақолаи илмии худ «Маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ» чунин қайд менамояд: «Консепсияи маблағгузорӣ ба мавҷудияти воситаҳое, ки воқеан вуҷуд доранд, асос ёфта, моликияти иқтисодии хизматрасонии оянда ба ҳисоб рафта, арзиши муайяни худро дорад. Фаҳмиши сармоя ҳамчун воситае, ки хидматрасониҳоиояндаро

[106] Ниг. ба: Shultz T. Capital Formation by Education / T. Shultz // Journal of Political Economy. – 1960. – Vol. 68. – № 6. – P. 571–583.

фароҳам меорад ва имкон медиҳад, ки бо як мақсади муайян онро ба гурӯҳҳо тақсим намоем: сармоягузориҳои инсонӣ ва ғайриинсонӣ»[107]

Консепсияи пешниҳоднамудаи Т.Шултс дарбаргирандаи паҳлуҳои гуногуни сармояи инсонӣ буда, рушду ташаккулёбии онро вобаста ба дигаргуниҳои иқтисодӣ ва истифодабарии самараноки онҳо пешниҳод намудааст:

1. «Сармояи инсонӣ» сарчашмаи даромадҳои асосӣ ва иловагии инсонҳо дониста шуда, бештар ба донишмандӣ, ихтироот ва истеъдодҳои навини инсонӣ асос меёбад;
2. Маълумотнокии инсон ҳамчун унсури асосии сармояи инсонӣ ва захираи асосии рушду ташаккулёбии иқтисодиёт дониста шуда, даромади ячекаҳои асосии ҷамъиятӣ ва аз ҳама муҳим сатҳи зиндагиро хуб мегардонад;
3. Сармоягузорӣ ба инсон таҳавуллоти сармояи инсониро доимо таъмин менамояд, чунки он аз инсон ҷудо намешавад;
4. Донишмандии инсон бозгукунандаи сарчашмаи даромад ва хушҳолии онҳо дониста мешавад;
5. Дар маҷмуъ сармоягузорӣ ба соҳаи маориф яке аз маблағгузориҳои самараноке дониста мешавад, ки ба рушдёбии истеҳсолот мусоидат намуда, боиси пайдоиши молу маҳсулоти замонавӣ ва хизматрасониҳои муосир мегардад.

Сармояи инсонӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ аз ҷониби олимон ва маҳақиқони зиёд, таҳлилу баррасӣ гардида, сармоягузорӣ ба он яке аз роҳҳои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ дониста шудааст. Вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ сармоягузорӣ ба инсон пуркунанда ва мустаҳкамкунандаи паҳлуҳои асосии сармояи инсонӣ ба ҳисоб рафта, тавонмандии онро дар рафти истеҳсолот нишон медиҳад.

---

[107] Schulz T. Investment in Human Capital // American Economic Revien.– 1961, March – № 2.

Яке аз олимони соҳаи иқтисод Г. Беккер нисбат ба дарку фаҳмиши сармояи инсонӣ ва сармоягузорӣ ба онро таҳлилу баррасиҳои зиёди илмӣ намудааст. Ин олим дар китоби худ «Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ», ки соли 1962 рӯйи чоп омадааст, чунин қайд менамояд: «Сармояи инсонӣ тавассути сармоягузорӣ дар шахс ташаккул меёбад»[108]. Ин донишманди машҳур ин сармоягузориҳоро сараввал ба сатҳи маълумотнокии инсон, рушду ташаккулдиҳии он бевосита дар рафти истеҳсолот, барқарорсозии саломатии инсон, ҳаракату муҳоҷират ва сатҳи даромаднокиҳои инсонро ҳамчун самтҳои асосии ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ баррасӣ намудааст. Ин донишманд ба ақида аст, ки хароҷот барои рушду ташаккули сармояи инсонӣ тавонмандии фардии инсонро баланд бардошта, самаранокии меҳнатро дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ баланд мебардорад.

Инчунин, ин олими иқтисодон ба чунин ақида аст, ки: «Маблағгузорӣ дар сармояи инсонӣ сармоягузории мақсаднок дар минтақаҳо ва соҳаҳоест, ки беҳбудии параметрҳои сифатии инсон, пеш аз ҳама, қувваи кориро (сатҳи маълумотнокӣ, рушди зеҳнӣ, эҷодӣ, солимии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, низомҳои ҳавасмандгардонӣ ва дигар низомҳои арзишманди инсонро дарбаргиранда) таъмин менамояд»[109]. Мувофиқ ба гуфтаҳои ин олим, омода кардани мутахассис ва рушду инкишоф додани иқтидори меҳнатии ӯ сифати кории ӯро дар ҷараёни истеҳсолот боло бардошта, боиси ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошта дониста мешавад.

Вобаста ба масоили таъсири сармоягузориҳо ба соҳаи маориф ва бахшҳои алоҳидаи он, солҳои 90-уми асри гузашта, таҳқиқотчиёни хориҷӣ К. Ванга, Н. Герланда, Г. Грейсон, Ҷ. Минтсер, О. Нордхог, Г. Псахаропулос ва Т. Шулс таҳлилу баррасиҳои зиёд намудаанд. Чуноне ки О. Нордхог қайд менамояд: «Шароити имрӯзаи иқтисодиёт

---

[108] Becker G. S. Investment in Human Capital: A. Theoretical Analysis // Journal of Politikal Economy. Supplement. Oct., 1962.

[109] Беккер Гэри С. Человеческое поведение: экономический подход/ Беккер Гэри С – М: ГУ–ВШЭ, 2013. - 305с.

истифодаи арзиши сармояи инсониро дар амалисозии идоракунии маълумотгирӣ, таҳсилот ва қобилияти меҳнатӣ баҳогузорӣ менамояд, чунки васеъшавии фаъоли иқтисодиёт бештар ба илмҳои ҷомеашиносӣ, техникию технологӣ ва илмҳои муосири алоқаманд бо шароитҳои муосири компютерӣ бахшида шудаанд»[110].

Ҳамзамон, мувофиқ ба таҳлилу баррасиҳои зиёди олими иқтисоддон Л. Туроу, ки бештар ба ташаккул ва рушди назарияи сармояи инсонӣ анҷом дода шудааст, оид ба имкониятҳои сармояи инсонӣ чунин ақида дорад: «Сармояи инсонӣ имкониятдиҳандаи одамон баҳри баландбардории иқтидори истеҳсолӣ, идоранамоии самараноки он ва хизматрасониҳои онҳо фаҳмида мешавад»[111]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки ҳаракатдиҳанда ва рушдиҳандаи ҷараёни истеҳсолоту хизматрасонӣ дар шароити муосир сармояи инсонӣ дониста мешавад. Дар баробари ин гуфтаҳо, ин олими машҳури соҳаи иқтисод қайд менамояд, ки: «Соҳиби сармояи инсонӣ – соҳиби моликияти инсонӣ ба ҳисоб намеравад. Имкониятҳои табиӣ, муҳити ишғолнамуда ва қобилиятнокии инсон ҳамчун омил ба ташаккул ва рушд намудани сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ хизмат мерасонад»[112].

Таҳқиқоти муҳаққиқон ва олимони соҳа оид ба молиягузорӣ намудан ба инсон ва самаранок идора намудани он боис бар он гашт, ки дар ҷомеа соҳаҳои алоҳидаи илм пайдо гардида, бахши алоҳидаи рушду ташаккулёбии сармояи инсониро мавриди омӯзиш қарор диҳанд. Чунин таваҷҷуҳнамоиҳо боиси он гашт, ки зерқисматҳои муҳимми ин бахш аз нуқтаи назари илмӣ-амалӣ пайдо гардада, ба онҳо сармоягузориҳо шуруъ гардиданд.

Донишмандони бахши иқтисодӣ бар он назаранд, ки бузургии сармояи инсонӣ (вобаста ба таркиби бойигарии миллӣ) аз 65 то 80%

---

110 Ниг. ба: Nordhoug O. Human Capital in Organizations: Competence, Training and Learning. Oslo: Scandinavian University Press, 1993.

111 Туроу Л. Будущее капитализма. Как сегодняшние экономические силы формируют завтрашний мир. – Новосибирск: Сибирский хронограф, 1999. – 432 с.

112 Thurou L. Jnwestment in Human Capital. Belmont, 1970. – С. 116-117.

ҳисоб менамоянд. Ҳолати имрӯзаи иқтисодиёт ва яку якбора рушду ташаккул ёфтани молу маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои муосири иқтисодӣ далели аз ин гуфтаҳо боло будани ҳиссаи онро дар боигарии миллӣ нишон медиҳад.

Вобаста ба ин дар ин шароит сармоягузорӣ ба низоми маориф ва зерсохторҳои он яке аз вазифаҳои асосии идоранамоии он ба ҳисоб рафта, алоқамандиро байни сармоягузорӣ, таълимотгирӣ ва рушди иқтисодӣ ба вуҷуд оварда, инкишофёбии иқтисодиётро таъмин менамояд.

Олими иқтисоддон Плаксий С.И., ки бештари фаъолияти илмии худро дар бахши сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ анҷом додааст, чунин мешуморад, ки: «Алоқамандии сармоягузорӣ ба маориф ва рушди иқтисодӣ, аз ҷониби олимон собит шудааст ва ин алоқамандӣ зарурати зиёд намудани ҳиссаи хароҷоти соҳаи маорифро дар ММД барои қонеъ гардонидани талаботҳои он ба мушкилоти замон муайян мекунад»[113].

Олими иқтисодон Капелюшников Р.И. қайд менамояд, ки «Роҳи ягонаи маблағгузорӣ (сармояҳои дарозмуддат) ба инсон дар шаклҳои хараҷот барои таҳсил ва такмили ихтисоси кувваи корӣ дар истеҳсолот бояд бошад»[114]. Рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ бахусус дар раванди таҳсил ва истеҳсолот яке аз роҳҳои беҳтарини маълумотнок гардонидани инсон дониста мешавад, чунки яке раванди касбомӯзӣ ва дигаре такмили доимии онро таъмин менамояд.

Олими иқтисоддон, профессор Ғаниев Т.Б. вобаста ба масоили рушду ташаккул додани нерӯи инсонӣ дар баробари муҷҷаҳазгардонии раванди истеҳсолот бо беҳтарин технология чунин мефармоянд: «Сармоягузорӣ ба техникаву технологияи нав бе назардошти сармоягузории нерӯи инсонӣ наметавонад ҳосилнокии меҳнатро ба дараҷаи дилхоҳи ҳисобӣ-техникӣ расонад. Яъне, агар мо якбора оид ба рушди сармояи инсонӣ ва рушди техникиву технологии соҳаҳо

---

[113] Плаксий С.И. Инвестиции в образование // Знание. Понимание. Умение. – 2015. – № 3. – С. 18–29.

[114] Капелюшников Р.И. Экономический подход Гэри Беккера к человеческому поведению. США: экономика, политика, идеология, 1993, № 11. – С.17–32.

сармоягузории мувофиқ надошта бошем, пас сармоягузории яктарафа натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад»[115].

Таҳлилгарони дигари муосир бошанд, чунин ақида доранд, ки «Бозтавлидии сармояи инсонӣ- ин ҷараёни сохтани иқтидори истеҳсолии инсон ба воситаи сармоягузорӣ мебошад»[116]. Яъне, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ бозтавлидии онро зиёд намуда, боиси баланд гардидани иқтидори истеҳсолӣ ва истеҳсол гардидани беҳтарин молу маҳсулотҳо гардад.

Бояд қайд кард, ки сармояи инсонӣ дар шакли тавоноиву қудрату доноӣ ва зеҳнии ақлонии одамон ва ихтирооту кашфиёти беназири онҳо ҷамъ шуда, иқтидори бузурги созандагиву рушдёбандагиро барои имрӯзу фардои ҷомеаи инсонӣ дар худ дорад. То замоне ки сармоягузори ба инсон давом меёбад, молу маҳсулотҳои эҷоди навини онҳо қобилияти рақобатпазирии худро гум намекунаду кашфиёти бузург судоваранд, боздеҳии баланди сармояи инсонӣ нигоҳ дошта мешавад ва пайваста дар оила, корхона, ҷомеа ва давлат аз он самаранок истифода мешавад.

Имрӯзҳо кашфиёти баланди зеҳнӣ-эҷодӣ ва тағйирёбандагиву суръатнокии тези созандагиву рушдёбандагии ширкату корхонаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки назари инсоният ба тавоноиву қудрату имконоти рушдёбандагии худ комилан тағйир ёфта, ҳамчун сарчашмаи асосии дигаргунсозиву муҳитсозии иҷтимоиву иқтисодӣ ва институтҳои навини давлатдориву ширкату корхонадорӣ ва амалисозии моделу системаҳои навини идоракунии стратегии рушди босуботи иқтисодӣ баромад менамояд.

Махсусан, дар замони рушди иқтисоди рақамӣ ва ё иттилоотии электронӣ мақоми нерӯи зеҳнӣ-эҷодии инсонӣ на танҳо дар дараҷаи микрозинаи корхонаву ширкатҳо боқӣ мемонад, балки он дар доираи муносибатҳои макроиқтисодӣ амал карда, арзишу судоварии чандинкаратаро ба худ ноил гаштааст.

---

115 Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, «Ирфон». – 2017. – С.138.

116 Добрынин А.И., Дятлов С.А., Цыренова Е.Д. Человеческий капитал в транзитивной экономике: формирование, оценка, эффективность использования. Санкт-Петербург, Наука, 1999, 309 с.

Аз нигоҳи дигар, дастовардҳои бузурги рақобатпазириву устувории ширкату корхонаро дар бозор танҳо фаъолияти баланди зеҳнӣ –эҷодиву созандагии кормандону менеҷерон ва алоқамандии бевоситаи он ба истеъмолкунандагону харидорон ва шарикони стратегии ҳамкорони онҳо мебозанд. Вобаста аз ин хислати идоракунии стратегии менеҷменти муосири касбӣ пеш аз ҳама ба пурқувватсозии сармояи инсонӣ ва сармоягузории баланди рушди нерӯи инсонӣ, омӯзишу таълимгирии бефосилаи касбӣ –ҳунарии онҳо вобаста мебошад.

Таълимоту омӯзиш бояд дониши касбии чандириятиву универсалӣ, иртиботиву иттилоотии байниякдигарӣ, кор дар дастаҳои меҳнатӣ ва қабули мустақилонаи қарори роҳбариро таъмин карда тавонанд.

Аз ин рӯ ба хотири таъмини пайвастаи афзояндагиву такрорситеҳсоли сармояи инсонӣ вобаста аз ҳолати тағйирёбандагии босуръати бозори меҳнат ва ноустувории муҳити институтсионалии соҳибкории ширкату корхонаҳо маҷбур мебошад, ки бефосила фаъолияти худро ба низоми мутобиқатӣ, мувозинатӣ ва ё одаткунонӣ ба роҳ монанд, ки ин ҳатман талаботро ба донишу зеҳну дараҷаи эҷоду кашфиёти кормандон боз ҳам боло мебардорад. Яъне барои таъмини ин тағйирёбандагиҳо мутахассисини зинаи баланди зеҳнӣ-эҷодӣ ва созандаву рушдёбанда зарурат доранд.

Бинобар ин, дар илми менеҷмент ҷараёни таълимро ҳамчун ҷараёни рушдёбандагии сармояи инсонӣ на ҳамчун омили мутобиқсозии музди меҳнат, балки ҳамчун ҷараёни афзояндагии арзиши сармояи инсонӣ шинохтаанд. Дар натиҷаи амалисозии навсозиву рушди инноватсионӣ ва беҳтарсозиҳои ҷараёнҳои касбӣ-эҷодӣ, истеҳсоли молу наву бозорёбии навини ширкату корхонаҳо истифода карда мешавад. Аз нигоҳи дигар, баландбардории дараҷаи касбиятнокиву ҳунармандии баланди касбии зеҳнӣ-эҷодии кормандон ҳамчун стратегияи идоракунии рушди босуботи иқтисодӣ барои гирифтани даромади иловагӣ ва фоидаоварии таъминкунандаи устувориву рақобатпазирии корхонаву ширкат дар ҳолатҳои тезтағйирёбандагии иқтисоди бозори ҷаҳонӣ мебошад. Ҳамчунин таваҷҷуҳ ба сармоягузории сармояи инсонӣ рушди

ҳамаҷонибаи онро таъмин намуда, нақши муосире дар дар соҳаҳои гуногуни ҷамъият дорад.

Вобаста ба ин масоил, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ чунин қайд карданд: «Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад.

Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад»[117].

Объектҳои сармоягузорӣ дар соҳаи маориф метавонанд фондҳои асосӣ, эҷоди барномаҳои таълимӣ, усулҳо ва технологияҳои таълим, тарбия ва назорати сифати таҳсилот, фондҳои инфиродӣ, ки барои дастгирии молиявии ташкилотҳои таълимӣ пешбинӣ шудаанд, инчунин дигар объектҳои марбут ба соҳаи маориф бошанд. Сармоягузорӣ дар соҳаи маориф метавонад чунин шаклҳоро дар бар гирад: хароҷоти расмии таҳсил, хароҷоти таълим, сармоягузории хусусӣ ва сарпарастии тиҷорат ва объекҳое, ки бо соҳаи маориф алоқамандананд ва инчунин маблағгузории лоиҳаҳои муштарак.

Тадқиқотчиёни сармояи инсонӣ пешниҳод мекунанд, ки сармоягузориҳо ба соҳаи маориф ҳамчун воситаи ташаккул, ҷамъоварӣ ва такрористеҳсоли сармояи инсонӣ дониста шуда, аҳаммияти аввалиндараҷаро дар шароити имрӯза аз худ намудааст. Чунончи олимон соҳа Смирнов В.Т., Сошников И.В., Романчин В.И., Скоблякова

---

[117] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28.12.2023, шаҳри Душанбе. http://www.prezident.tj/node/16771).

И.В. ин хароҷотҳоро яке аз сармоягузориҳои муҳимми ҷамъиятӣ шуморида, онҳоро чунин номбар кардаанд:

1) хароҷот барои нигоҳдорӣ ва тарбияи фарзандон дар оила то синни қобили меҳнат;

2) хароҷот барои таълими умумӣ ва миёнаи касбӣ;

3) хароҷот барои таҳсилоти олии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзиҳо;

4) хароҷоти таъминоти иттилоотии мутахассисон ва роҳбарон;

5) хароҷот барои омӯзиши ҳаракати иҷтимоӣ дар бозори меҳнат[118].

Идоракунии сармоягузориҳои молиявӣ дар низомҳои маориф метавонад ба иҷрои се вазифаи асосӣ равона карда шавад:

• сафарбар намудани захираҳои молиявӣ, диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ;

• тақсимоти захираҳои молиявӣ;

• таъмини истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ[119].

Сафарбаркунии захираҳои молиявӣ ҷалби манбаъҳои гуногуни маблағгузории таҳсилоти олиро дар бар мегирад, ки асосии онҳо инҳоянд:

1) буҷети давлатӣ;

2) пардохтҳои донишҷӯён барои таҳсил, маблағҳои маъмурие, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои иҷрои вазифаҳои муайян равона менамоянд, хариди адабиёти таълимӣ, пардохтҳо барои зист дар хобгоҳҳои донишҷӯён ва ғайра;

3) маблағҳои аз бахши корпоративӣ гирифташуда (барои пардохти идрорпулии мақсаднок ба донишҷӯёне, ки баъди хатми донишгоҳҳо ба ширкатҳои сармоягузор ба кор қабул карда мешаванд; пардохтҳо барои гузаронидани тренингҳо, такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони ширкат ва ғайра);

---

118 Ниг. ба: Человеческий капитал: содержание и виды, оценка и стимулирование: монография / В. Т. Смирнов, И. В. Сошников, В. И. Романчин, И. В. Скоблякова; под ред. профессора В. Т. Смирнова. – М.: Машиностроение-1; Орел: ОрелГТУ, 2005. – 513 с.

119 Менеджмент в профессиональном образовании. Эффективное управление финансовыми ресурсами. Учебно-консультационное пособие. Европейский фонд образования. Люксембург; 2004. 112 с.

4) маблағҳои фондҳои донишгоҳ;

5) маблағгузории аз ташкилотҳои ғайридавлатӣ, фондҳои хайрия, хайрияҳои хусусӣ, ки барои рушди донишгоҳҳо ё барномаҳои алоҳидаи таълимӣ ва чорабиниҳо равона карда шудаанд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки манбаҳои асосии маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ, дар ҳама давлат якхела набуда, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи ин давлатҳо метавонад, барои рушду ташаккул додани сармояи инсонӣ мусоидат намояд.

Муҳимтарин манбаи маблағгузории низоми маориф дар аксари давлатҳои ҷаҳон маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ мебошад. Ба ҳисоби миёна, хароҷоти Ҳукумат барои муассисаҳои таълимӣ дар ҳама сатҳҳои маориф дар кишварҳои ИА 4,1% ММД-ро ташкил медиҳад. Аммо ҳаҷми хароҷоти ба маориф ҷудо кардашуда хеле фарк мекунад. Ҳамин тариқ, дар Ирландия, Ҷопон, Литва ва Федератсияи Россия сармоягузории давлатӣ ба соҳаи маориф камтар аз 3,0% ММД-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки дар Коста-Рика ва Норвегия зиёда аз 6,0% ММД-ро ташкил медиҳад[120].

Ба ақидаи як қатор олимон, афзоиши ҳиссаи хароҷоти давлатӣ ба соҳаи маориф дар ММД ба суръати рушди иқтисоди кишварҳои ҷаҳон, бахусус ба иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ таъсири мусбат мерасонад[121].

Инчунин барои рушд ва ташаккулёбии маълумотгирӣ бахусус дар зинаи таҳсилоти олӣ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ ба ин зинаи таҳсилот хело муҳим мебошад. Аз рӯйи маълумоти овардашудаи ҷадвали 3.1., ки сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои таҳсилоти олӣ, аз сарчашмаҳои байналмилалӣ, буҷети давлатӣ, бахши хусусии ғайридавлатӣ, аз ҳисоби хонаводаҳо ва сарчашмаҳои дигари хусусӣ иборат мебошад.

---

[120] Education at a Glance. OECD,2021. URL: https://www. oecd-ilibrary.org /docserver/b35a14e5-en.pdf?expires=1638618664&id=id&accname=guest&checksum=1A 48 CBF AD 0E 7D 0960638DC 7150BF4143.

[121] Божечкова А. В., Клячко Т. Л., Кнобель А. Ю., Лощенкова А. Н., Любимов И. Л., Синельников-Мурылев С. Г. Образование и экономический рост. М.: Издательский дом «Дело» РАНХиГС; 2019. 120 с.

**Ҷадвали 3.1. Сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои таҳсилоти олӣ аз рӯйи кишварҳо, ки аз рӯи ҳиссаи камшавии маблағгузории давлатӣ ва зиёдшавии бахши хусусии ғайридавлатӣ гурӯҳбандӣ шудаанд**

| Рӯйхати давлатҳо | Сарчашмаҳои байналмилалӣ, % | Буҷети давлатӣ, % | Бахши хусусии ғайритаълимӣ, % | Хонаводаҳо, % | Сарчашмаҳои дигари хусусӣ, % |
|---|---|---|---|---|---|
| Норвегия | 1,5 | 92,3 | 6,2 | 3,8 | 2,4 |
| Финландия | 5,2 | 91,0 | 3,8 | 0,1 | 3,7 |
| Люксенбург | 4,3 | 90,1 | 5,6 | 2,2 | 3,4 |
| Австрия | - | 89,5 | 10,5 | 3,2 | 7,3 |
| Исландия | 3,3 | 88,3 | 8,4 | 7,7 | 0,7 |
| Словения | 4,5 | 84,4 | 11,1 | 7,1 | 3,9 |
| Шведсия | 4,6 | 83,9 | 11,6 | 1,1 | 10,4 |
| Белгия | 3,2 | 83,6 | 13,2 | 7,5 | 5,7 |
| Олмон | 1,8 | 83,4 | 14,8 | - | - |
| Дания | 5,9 | 82,0 | 12,1 | 0,1 | 12,0 |
| Колумбия | 0,0 | 79,7 | 20,3 | 20,3 | 0,0 |
| Лаҳистон | 1,1 | 79,0 | 19,9 | 14,4 | 5,5 |
| Гресия | 9,2 | 76,9 | 13,9 | 13,9 | - |
| Франсия | 1,8 | 76,5 | 21,7 | 11,6 | 10,1 |
| Чехия | 6,3 | 76,2 | 17,5 | 7,1 | 10,4 |
| Кишварҳои ИА | 4,9 | 74,6 | 20,5 | 13,2 | 7,2 |
| Туркия | 0,8 | 72,0 | 27,2 | 12,2 | 15,0 |
| Эстония | 13,0 | 69,4 | 17,6 | 6,2 | 11,3 |
| Словакия | 2,5 | 68,2 | 29,3 | 14,7 | 14,6 |
| Ирландия | 4,6 | 67,9 | 27,5 | 24,9 | 2,6 |
| Нидерландия | 3,4 | 67,7 | 28,9 | 15,8 | 13,1 |
| Венгрия | 1,8 | 67,7 | 30,5 | - | - |
| Литвия | 5,7 | 66,1 | 28,2 | 19,7 | 8,5 |
| Россия | 1,3 | 65,3 | 33,5 | 20,4 | 13,1 |
| Испания | 1,6 | 64,7 | 33,7 | 30,8 | 2,9 |
| Италия | 2,2 | 61,9 | 35,9 | 31,9 | 4,0 |
| Португалия | 8,8 | 59,4 | 31,8 | 27,9 | 3,9 |
| Латвия | 11,1 | 57,6 | 31,3 | 24,5 | 6,9 |
| Мексика | 0,0 | 57,6 | 42,4 | 42,2 | 0,3 |
| Израил | 0,0 | 53,4 | 46,6 | 27,1 | 19,5 |
| Зеландия | 0,0 | 53,3 | 46,7 | 32,3 | 14,4 |
| Канада | - | 52,3 | 47,7 | 24,1 | 23,6 |
| Чили | - | 41,3 | 58,7 | 56,5 | 2,2 |
| Корея | - | 39,7 | 60,3 | 41,4 | 18,9 |
| ИМА | - | 35,6 | 64,4 | 44,7 | 19,7 |
| Австралия | - | 34,8 | 65,2 | 52,4 | 12,8 |
| Ҷопон | 0,0 | 32,1 | 67,9 | 52,7 | 15,2 |
| Британия | 4,1 | 24,6 | 71,3 | 52,3 | 19,0 |

*Сарчашма: Source:* составлено автором по данным OECD. URL: https://stats.oecd.org / compiled by the author based on data OECD. URL: https://stats.oecd.org.

Аз ин панҷ бахш, ки манбаи асосии сармоягузорӣ ба таҳсилоти олӣ дониста мешаванд, манбаи асосиро ду бахш, маблағгузориҳо аз буҷети давлатӣ ва бахши хусусии ғайритаълимӣ ташкил менамоянд. Ин ду бахш, ки дар бештари давлатҳои ҷаҳон сарчашмаи асосии сармоягузорӣ ба таҳсилоти олӣ дониста мешаванд дар шакли диаграмма чунин шаклро мегирад.




**Диаграммаи 3.1. Тағйирёбии сарчашмаи молиягузорӣ ба таҳсилоти олӣ дар байни давлатҳо аз рӯи бахши буҷети давлатӣ ва бахши хусусии ғайритаълимӣ**

Қобили зикр аст, ки коҳиши молиягузории буҷетӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар баробари кам шудани ҷалби молиягузории хусусӣ аз ҳисоби кам шудани даромад ва таназзули демографӣ ба имкониятҳои молиягузории фаъолияти илмии донишгоҳҳо таъсир мерасонад.

Дар муқоиса бо муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ, дар аксари кишварҳои ҷаҳон донишгоҳҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд. Дар кишварҳои OECD сармоягузорӣ аз буҷети давлатӣ 87% тамоми хароҷоти муассисаҳои таҳсилоти олиро фаро мегирад. Ғайр аз ин, дар 11 мамлакат, аз ҷумла дар Чили, Юнон, Латвия,

Зеландияи Нав, Британияи Кабир, Туркия, Лаҳистон, Эстония, Португалия ва як қатор давлатҳои дигар то 100 фоизи хароҷотро буҷети давлатӣ мепушонад. Дар кишварҳое мисли Белгия, Канада, Олмон, Испания ва Швейтсария беш аз 65% маблағгузории таҳсилоти олӣ аз ҳисоби буҷетҳои давлатӣ ва минтақавӣ сурат мегирад. Буҷетҳои маҳаллӣ дар маблағгузории донишгоҳҳо амалан иштирок намекунанд, ба истиснои ИМА (12%) ва Фаронса (5%). Дар Россия 82% маблағгузории таҳсилоти олӣ аз буҷети федералӣ ва 18% аз буҷетҳои минтақавӣ сурат мегирад[122].

Илова ба молиягузориҳое, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҳаққи таҳсил (донишҷуёне, ки тариқи шартнома таҳсил менамоянд), аксари донишгоҳҳои ҷаҳон манбаъҳои молиягузориро аз ҳисоби фондҳои гуногун ба мисли фондҳои эндаументии донишгоҳҳо (*endowment*) ва маблағҳои бахши корпоративӣ барои омӯзиш, таълими кормандон, тадқиқот ва хидматрасонӣ ба таври фаъол ҷалб мекунанд.

Фондҳои эндаументии донишгоҳҳо ҳамчун фондҳои хайриявӣ хизмат мекунанд, ки бо хайрияҳои хайрхоҳон, аксаран хатмкунандагони собиқи донишгоҳ таъсис дода шудаанд. Амволи фондро ширкатҳои идоракунанда идора карда, асосан ба коғазҳои қиматнок дар бозорҳои фондӣ сармоягузорӣ мекунад ва даромади бадастомадаро катъиян мувофиқи таъиноти пешбинишуда тақсим мекунанд. Бештари вақт ин гуна чорабиниҳо барои иҷрои вазифаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок дар соҳаҳои маориф, илм, нигаҳдории тандурустӣ, маданият ва санъат истифода бурда мешавад. Дороии фондҳои эндаументӣ дар бузургтарин донишгоҳҳои ИМА аз 30% зиётарӣ сарчашмаҳои маблағгузориҳоро ташкил менамояд. Чунончи дар донишгоҳи Гарвард бештар аз 30 млрд доллари ИМА, дар донишгоҳи

---

122 Sedash T.N. F inancing of higher education as a factor of human capital development. Ekonomika. Nalogi. Pravo = Economics, taxes & law. 2022;15(6):112-121. (In Russ.), DOI : 10.26794/1999-849X- 2022-15-6-112-121

Йел – 16 млрд доллари ИМА, дар донишгоҳҳои Принстон ва Стенфорд бештар аз 12 млрд доллари ИМА-ро ташкил менамояд[123]. Аз ҳисоби фондҳои эндаументӣ, барои таҷдиди стандартҳою барномаҳои таълимӣ ва муҷаҳҳазгардонии синфхонаҳои таълимӣ бо васоитҳои таълимӣ молиягузорӣ карда шаванд. Инчунин аз ин фонд идрорпулиҳои донишҷӯёни болаёқат ва ҳавасмандгардонии устодон дар шакли пулӣ пардохт карда мешавад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт сарчашмаҳои дигари молиягузорӣ ба маълумотгирии олии касбӣ, ки дар бисёр донишкадаю донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳон дида мешавад, ин дар назди донишгоҳҳо фаъолияти пурсамар доштани ниҳодҳо ва корхонаҳои истеҳсолӣ ва ғайри истеҳсолӣ мебошад. Ин ниҳодҳо бештар ба коркарди барномаҳои гуногуни таълимию илмӣ машғул буда, асоси маблағгузориҳои онҳо аз ҳисоби грантҳо мебошад ва корхонаҳо бошанд бештар ба коркард ва истеҳсолу хизматрасониҳои молу маҳсулотҳое машғуланд, ки дар асоси коркарди зиёди илмии мутахассисони омоданамудаи ин донишгоҳҳо ба роҳ монда шудааст.

Оид ба манбаҳои молягузорӣ ба таҳсилоти олӣ дар адабиётҳои хориҷӣ ва ватанӣ чаҳор модели дастгирии молиявии таҳсилоти олӣ муайян карда шудаанд, ки бо низоми механизмҳои ҳавасмандгардонии давлат мувофиқат мекунанд[124].

Модели якум таҳсилоти олии комилан ройгон барои шаҳрвандон мебошад. Дар ин низом ҳар як шаҳрванд ҳақ дорад дар асоси озмун таҳсилоти олии ройгон гирад. Чунин модел дар иттиҳоди Шуравӣ вуҷуд дошт. Барои фаъолияти хуб доштани ин модел бояд аз ҷониби давлат як

---

[123] Осипов И. Эндаументы в России: что мешает развитию вузовских фондов целевого капитала? Forbes: электронный журнал. 2021. URL: http://www.forbes.ru/kompanii/340629-endaumenty-v-rossii-chto-meshaet-razvitiyu-vuzovskihfondov-celevogo-kapitala.

[124] Goksu A., Goksu G.G. A Comparative Analysis of Higher Education Financing in Different Countries. Procedia Economics and Finance, 2015, vol. 26, pp. 1152–1158. URL: https://doi.org/10.1016/S2212-5671(15)00945-4

қатор ҳавасмандгардониҳои қавӣ вуҷуд дошта бошад, ба монанди: музди меҳнати баланд ҳангоми хатми донишгоҳ ва соҳиб гаштан ба маълумоти олӣ, баланд шудани сатҳи иҷтимоӣ ва дигар нишондиҳандаҳое, ки инсонро барои доштани он водор менамояд.

Модели дуюм дар нархи баланди таҳсили олӣ дида мешавад, аммо донишҷӯён дарк мекунанд, ки пас аз хатми донишгоҳ онҳо нисбат ба онҳое, ки маълумоти олӣ надоранд, бартарии назаррас хоҳанд дошт.

Модели сеюм дар нархи баланди таҳсил ва ҳавасмандии паст барои гирифтани маълумоти олӣ дида мешавад ва таҳсилоти олиро бештар барои ба даст овардани имтиёзҳо ва ё аз худ намудани мансабҳо истифода мебаранд.

Модели чорум ин нархи пасти таҳсил ё умуман ройгон будани он ва низоми пасти ҳавасмандгардонии таҳсил аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ дониста мешавад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ бисёр моделҳо ва усулҳои маблағгузории хароҷоти хизматрасонии таълимии муассисаҳои таълимӣ мавриди баррасӣ қарор доранд.

Аз рӯйи таҳқиқоти бисёре аз олимон, ки дар ин самт анҷом ёфтаанд, ба мо маълум аст, ки хароҷот дар самтҳои гуногун барои рушди сармояи инсонӣ истифода шудаанд ва дар маҷмуъ онҳоро чунин номбар намудан мумкин аст:

– соҳаи маориф, соҳаи асосии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ маҳсуб мешавад ва хароҷоти зиёди моддӣ ва вақтро талаб мекунад. Дастрасии аҳолӣ ба таълимот ва рушду вусъатёбии зеҳнияти онҳо яке аз нишондиҳандаҳои асосии байналмилалии арзёбии маълумотнокии инсонҳо дониста мешавад;

– ҷустуҷӯи кор ва муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун сармоягузорӣ оид ба хароҷоти ҷустуҷӯ ва дарёфти маълумот дар бораи бозори меҳнат алоқаманд буда, муҳоҷирати меҳнатии шахс ба минтақае, ки маошаш баланд аст, даромади сармоягузориро зиёд намуда, ба инсон донишу

таҷрибаи нав мебахшад. Инчунин, дар ин бахш сармоягузориҳо барои беҳтарсозии шароити кор, имкониятҳои баланд бардоштани касбу ҳунар ва такмили ихтисоси кормандон низ дохил карда мешаванд;

– саломатӣ ва ғизои солим нишондиҳандаҳоеанд, ки ба воситаи онҳо дараҷаи саломатӣ ва ғизонокии инсонҳо баҳогузорӣ карда мешавад. Инчунин, сатҳи даромаднокӣ ва давомнокии умри аҳолиро зиёд намуда, боиси аз байн бурдани бемориҳои бемаҳал ва фавтро мегирад.

Маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ ба хусус ба таҳсилоти олии касбӣ, яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар рушди иқтисодиёти давлатҳо ба ҳисоб рафта, таваҷҷуҳи ҳамаҷониба ва идоракунии самаранокро тақозо менамояд.

## 3.2. Арзёбии таҷрибаи давлатҳои хориҷ оид ба рушди маълумотгирии касбӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт

Дар шароити муосири иқтисодӣ сармояи инсонӣ яке аз қисматҳои бузурги дороии давлат ба ҳисоб меравад. Рушд ва ташаккулёбии ин сармояи муҳимми иқтисодӣ, аз он ҳадафҳое, ки боиси инкишофёбии инсонҳо мегардад вобаста мебошад. Сармояи инсонӣ дар ҳама иқтисодиёти давлатҳо омили асосии истеҳсолот, рушдиҳандаи иқтисодиёт ва ба рақобат тобоварандаи ширкату корхонаҳо дониста мешавад. Аз ин нуқтаи назар давлат бояд ба аҳолӣ тавассути нигоҳ доштани сатҳи ҳадди ақали зиндагӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ, инчунин ҳавасманд кардани одамон барои истифодаи бештари донишҳову кашфиётҳо кумак расонад.

Инчунин, намудҳои дигари сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, ки дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони зиёди ватанию хориҷӣ дида мешавад, аз қабили хароҷотҳо дар соҳаҳои дигари ҷамъиятӣ, фарҳанг ва фароғат, инноватсия ва рушд, тадқиқоти илмӣ, экология ва дигар соҳаҳое, ки тарзи ҳаёти солимро барои ҷамъият муҳайё менамоянд.

Ҳамчун нишондиҳандаҳое, ки олимон ва муаққиқони соҳа барои муайян намудани даромади сармояи инсонӣ ва тавсифи он бештар истифода мекунанд, он нишондиҳандаҳое мебошад, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ дар доираи барномаи СММ таҳия шудаанд[125]: шохиси сармояи инсонӣ, шохиси сатҳи маориф, шохиси тандурустӣ, хароҷоти маориф (ба ҳисоби фоиз аз ММД), хароҷоти тандурустӣ (ба ҳисоби фоиз аз ММД), индекси даромад. Инчунин ба онҳо шохиси байналмиллалии хушбахтӣ, ки аз ҷониби New Economics Foundation (NEF)[126] пешниҳод шудааст, илова кардан мумкин аст.

Нишондиҳандае, ки рушди нерӯи инсониро муайян менамояд, ин шохиси рушди инсонӣ мебошад. Ин нишондиҳандаи ҷамъбастии рушди инсонӣ дар кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон мебошад, ки аз ҷониби Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид (БРСММ) тартиб дода шуда, дар доираи як қатор гузоришҳои махсуси Созмони Милали Муттаҳид (СММ) оид ба рушди инсон истифода мешавад.

Дар ҷадвали 3.2 шохиси ҷаҳонии рушди инсонии 25 кишвари аввал дар радабандӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Аз рӯйи маълумоти ҷадвал мушохида кардан мумкин аст, ки аз рӯйи шохиси рушди инсонӣ дар миқёси ҷаҳон мавқеи аввалро давлати Норвегия бо нишондоди 0,957 ишғол менамояд. Баъд аз ин давлат мавқеи дуюм ва сеюмро давлатҳои Ирландия ва Шветсария бо нишондоди 0,955 ишғол менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин радабандӣ бо нишондоди 0,685 ҷойи 122-юмро ишғол менамояд.

Барои ҳисоб кардани ченаки нишонҳандаҳои шохиси рушди инсонӣ се нишондиҳандаи асосии ташкилкунандаи он шохиси сатҳи

---

[125] Программа развития ООН: Индекс человеческого развития в странах мира в 2013 году //Центр гуманитарных технологий. – URL: https://gtmarket.ru/news /2013/03/14/5622 (дата обращения: 14.01.2022).

[126] Всемирный индекс счастья. Гуманитарная энциклопедия // Центр гуманитарных технологий. – URL: http:// https://gtmarket.ru/ratings/happy-planet-index/info (дата обращения 14.01.2022).

маълумотнокӣ, шохиси давомнокии миёнаи умр ва шохиси маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 3.2. Шохиси ҷаҳонии рушди инсонии 25 кишвари аввал дар** радабанд**ӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2023-юм**

| Ҷой | Давлат | ШРИ | Ҷой | Давлат | ШРИ | Ҷой | Давлат | ШРИ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Норвегия | 0,957 | **10** | Сингапур | 0,938 | **19** | Лихтенштейн | 0,919 |
| 2 | Ирландия | 0,955 | **11** | Финландия | 0,938 | **20** | Ҷопон | 0,919 |
| 3 | Швейцария | 0,955 | **12** | Британия | 0,932 | **21** | Словения | 0,917 |
| 4 | Исландия | 0,949 | **13** | Белгия | 0,931 | **22** | Люксембург | 0,916 |
| 5 | Олмон | 0,947 | **14** | Зеландия | 0,931 | **23** | Кореяи Ҷан | 0,916 |
| 6 | Шветсия | 0,945 | **15** | Канада | 0,929 | **24** | Испания | 0,904 |
| 7 | Австралия | 0,944 | **16** | ИМА | 0,926 | **25** | Франсия | 0,901 |
| 8 | Нидерландия | 0,944 | **17** | Австрия | 0,922 | **122** | Тоҷикистон | 0,685 |
| 9 | Дания | 0,940 | **18** | Израил | 0,919 | | | |

**Сарчашма:** Индекс человеческого развития (ИЧР) в странах мира https://terravisor.com/data/hdi (рузи муроҷиат: 14.01.2024)

1. Шохиси сатҳи маълумотнокӣ дастовардҳои кишварро аз рӯйи сатҳи бадастомадаи таҳсилоти аҳолии он муайян мекунад. Барои муайян кардани шохиси сатҳи маълумотнокӣ нишондиҳандаҳои зерин истифода мешаванд: индекси саводнокии калонсолон (2/3) ва индекси ҳиссаи умумии хонандагони таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олӣ (1/3). Ин ченакҳо дар Шохиси ниҳоӣ ҷамъбаст карда шудаанд, ки ҳамчун арзишҳои ададӣ аз 0 то 1 пешниҳод карда мешаванд. Ба таври умум қабул шудааст, ки кишварҳои пешрафта бояд нишондиҳандаи ҳадди ақали 0,8 дошта бошанд.

Дар ҷадвали 3.3 рейтинги 25 кишвари аввали ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи шохиси сатҳи таҳсилот оварда шудааст.

Чуноне ки аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 3.3 маълум аст, мавқеи аввалро аз рӯи шохиси сатҳи маълумотнокӣ дар миқёси ҷаҳон давлати Олмон бо нишондоди 0.943 ишғол менамояд. Ҳукуматдорони давлати

Олмон ба рушду инкишофёбии зеҳнияти шаҳрвандон манфиатдор дониста мешаванд, чунки рушди иқтисодии кишвар ба кадрҳои баландихтисоси муосир дар соҳаҳои гуногуни илм ниёз дорад. Аз ин рӯ, низоми маориф ва илми Олмон аз марҳилаи ибтидоии таҳсил дастгирии ҳамаҷонибаро фароҳам меорад. Барои шаҳрвандон барои интихоби озодонаи касб ҳама шароитҳо фароҳам оварда шуда, имкон медиҳад, ки ба афзалиятҳо ва майлҳои худ пайравӣ кунад ва имконияти гирифтани таълими доимии босифатро фароҳам меорад.

**Ҷадвали 3.3. Шохиси сатҳи таҳсилот дар 25 кишвари аввал аз рӯйи радабандӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2023.**

| Ҷой | Давлат | Шохис | Ҷой | Давлат | Шохис | Ҷой | Давлат | Шохис |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Олмон | 0,943 | **10** | Шветсия | 0,918 | **19** | Израил | 0,883 |
| 2 | Норвегия | 0,930 | **11** | Нидерландия | 0,914 | **20** | Латвия | 0,883 |
| 3 | Британиё | 0,928 | **12** | Словения | 0,910 | **21** | Эстония | 0,882 |
| 4 | Финляндия | 0,927 | **13** | Белгия | 0,902 | **22** | Гонконг | 0,880 |
| 5 | Исландия | 0,926 | **14** | Шветсария | 0,900 | **23** | Полша | 0,869 |
| 6 | Зеландияи нав | 0,926 | **15** | ИМА | 0,900 | **24** | Австрия | 0,865 |
| 7 | Австралия | 0,924 | **16** | Литва | 0,898 | **25** | Кореяи Ҷан | 0,865 |
| 8 | Ирландия | 0,922 | **17** | Канада | 0,894 | **96** | Тоҷикистон | 0,682 |
| 9 | Дания | 0,920 | **18** | Чехия | 0,890 | | | |

**Сарчашма:** ТОП-189 стран мира по уровню образования населения. https://dzen.ru/a/YuZ6mFpWmXf3V7Lj?experiment=942751 (рузи муроҷиат 14.01.2024)

Дар кишвари Олмон муассисаҳои таълимӣ дар ҳама зинаҳо бештарашон давлатӣ буда, ҳиссаи муассисаҳои хусусӣ низ ҳастанд, ки шумораи онҳо хеле кам аст. Ҳам шаҳрвандони Олмон ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ метавонанд дар он ҷо номнавис шаванд ва ройгон таҳсил кунанд. Мавқеи дуюм бо нишондоди 0,930 давлати Норвегия ва мавқеи сеюмро бошад, давлати Британиёи кабир бо нишондоди 0,928 ишғол менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин радабандӣ мавқеи 96-ро бо нишондоди 0,682 ишғол намуда истодааст.

2. Шохиси давомнокии миёнаи умр. Нишондиҳандаи асосии давомнокии миёнаи умр дар кишварҳои ҷаҳон яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию демографӣ мебошад. Шохиси давомнокии миёнаи умр дар ҷаҳон мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи СММ дар моҳи январи соли 2024-ум 72,8 солро ташкил намудааст, ки нисбат ба соли 2014-ум 2,5 сол зиёд гардидааст. Мувофиқи пешгӯии ин созмон дар соли 2030-юм давомнокии миёнаи умр дар ҷаҳон ба 74 сол хоҳад расид.

Дар ҷадвали 3.4 шохиси давомнокии миёнаи умр дар 25 кишвари аввали ҷаҳон аз рӯйи радабандӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023-юм оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.4. Шохиси давомнокии миёнаи умр дар 25 кишвари аввал аз рӯйи радабандӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023.**

| Ҷой | Давлат | Сол | Ҷой | Давлат | Сол | Ҷой | Давлат | Сол |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Монако | 89,5 | **10** | Израил | 83,3 | **19** | Франсия | 82,5 |
| 2 | Сингапур | 86,3 | **11** | Гернси | 83,2 | **20** | Италия | 82,5 |
| 3 | Макао | 84,9 | **12** | Швецария | 83,2 | **21** | Лихтенштен | 82,5 |
| 4 | Ҷопон | 84,8 | **13** | Малта | 83,2 | **22** | Норвегия | 82,5 |
| 5 | Сан-Марино | 83,8 | **14** | Австралия | 83,0 | **23** | Испания | 82,5 |
| 6 | Канада | 83,8 | **15** | Люксенбург | 82,9 | **24** | Зелендияи нав | 82,5 |
| 7 | Исландия | 83,6 | **16** | Кореяи Ҷан | 82,9 | **25** | Австрия | 82,2 |
| 8 | Гонкон | 83,6 | **17** | Шветсия | 82,7 | **179** | Тоҷикистон | 69,3 |
| 9 | Андора | 83,4 | **18** | Ҷерси | 82,6 | | | |

**Сарчашма:** Рейтинг стран по продолжительности жизни 2023 / https://basetop.ru/reyting-stran-po-prodolzhitelnosti-zhizni (рузи муроҷиат 14.01.2024)

Маълумоти ҷадвали 3.4 аз он шаҳодат медиҳанд, ки давомнокии миёнаи умр дар миқёси ҷаҳон аз рӯйи радабандӣ мавқеи аввалро давлати Монако бо нишондоди 89,5 сол ишғол менамояд. Дар байни аҳолии маҳаллӣ бештари одамони синну солашон 65-сола ва аз он калонтар мебошанд. Дар давлати хурди Монако ба 1000 нафар аҳолӣ 6,6 пизишк рост меояд. Дар ин давлат сатҳи фавти кӯдакон дар дараҷаи хело паст қарор дошта, дар байни 1000 нафар таваллуд 1,76 нафар рост меояд. Дар ин кишвар мушкилоти ҷиддии ифлосшавии ҳаво ва об, умуман ба назар

намерасад, инчунин фазои мусоиди иқтисодӣ, маоши баланд ва шароити хуби зиндагӣ дида мешавад. Умуман мардуми зери хатти фақр зиндагӣ надоранд. Зиёда аз 30% сокинони Монако миллионер мебошанд[127].

Мавқеи дуюмро аз рӯйи нишондиҳандаҳои давомнокии миёнаи умр дар миқёси ҷаҳон давлати Сингапур бо нишондоди 86,3 сол ва мавқеи сеюмро давлати Макао бо нишондоди 84,9 сол ишғол намудаанд.

3. Даромади умумии миллӣ арзиши тамоми молҳо ва хизматрасониҳои дар давоми сол дар ҳудуди давлат истеҳсолшударо муайян мекунад (яъне маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, ММД), бо иловаи даромаде, ки шаҳрвандон ва ширкатҳои худии дар хориҷабуда гирифтаанд, бо тарҳи даромади содиротие, ки шаҳрвандони хориҷӣ ва ширкатҳои хориҷӣ. Ин яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушду ташаккулёбии иктисодиёт ба ҳисоб меравад. Ин нишондиҳандаро барои муайян намудани дороии як кишвар дар бораи ҳаҷми молу хидматҳо ба ҳисоби миёна ба як сокини давлат тасаввурот медиҳад.

Мувофиқи методологияи Бонки ҷаҳонӣ, ҳамасола даромади миллиро ба ҳар сари аҳолӣ дар кишварҳои ҷаҳон ҳисоб мекунад. Аз рӯйи ин ҳисобкуниҳо тамоми давлатҳо ва қаламравҳо ба се категория тасниф карда мешаванд.

а) Кишварҳо даромаднокиашон ба ҳар сари аҳолӣ баланд (аз 12,616 доллари ИМА болотар).

б) Кишварҳои дорои даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ (аз 1,036 то 12,615 доллари ИМА).

в) Кишварҳое, ки даромаднокиашон ба ҳар сари аҳолӣ паст (аз 1,035 доллари ИМА пастар).

Дар ҷадвали 3.5 рӯйхати 25 кишвари аввал ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи даромади нохолиси миллӣ, яъне ММД ба ҳар сари аҳолӣ ҷойгир карда шудааст.

---

[127] Рейтинг стран по продолжительности жизни 2023 / https://basetop.ru/reyting- stran-po-prodolzhitelnosti-zhizni

Аз рӯйи нишондиҳандаҳо, ки дар ҷадвали 3.5 оварда шудааст, мавқеи аввалро дар соли 2023-юм давлати Монако бо нишондоди 173688 доллари ИМА ба ҳар нафари аҳолӣ ишғол менамояд. Мавқеи дуюмро давлати Бермуд бо нишондоди 125240 доллари америкоӣ ба ҳар нафар аҳолӣ ва мавқеи сеюмро давлати Лихтенштен бо нишондоди 116600 доллари ИМА ба ҳар сари аҳолӣ ишғол менамояд.

**Ҷадвали 3.5. Рейтинги кишварҳо ва минтақаҳо аз рӯйи ММД ба ҳар сари аҳолӣ, дар соли 2023.**

| Ҷой | Давлат | Даромад | Ҷой | Давлат | Даромад | Ҷой | Давлат | Даромад |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Монако | 173688 | **10** | Дания | 73200 | **19** | Австрия | 56140 |
| 2 | Бермуд | 125240 | **11** | Қатар | 70500 | **20** | Израил | 54650 |
| 3 | Лихтенштен | 116600 | **12** | Ҷазираҳои Ферарӣ | 69560 | **21** | Гонконг | 54370 |
| 4 | Норвегия | 95510 | **13** | Исландия | 68220 | **22** | Финландия | 54360 |
| 5 | Луксенбург | 91200 | **14** | Сингапур | 67200 | **23** | Олмон | 53390 |
| 6 | Шветсария | 89450 | **15** | Ҷазираҳои Каймонофӣ | 65190 | **24** | Канада | 52960 |
| 7 | Ирландия | 81070 | **16** | Шветсия | 62990 | **25** | АМА | 48950 |
| 8 | Ҷазираҳои Мен | 79300 | **17** | Австралия | 60430 | **180** | Тоҷикистон | 1210 |
| 9 | ИМА | 76370 | **18** | Нидерландия | 57430 | | | |

**Сарчашма:** Рейтинг стран мира по уровню валового национального дохода на душу населения/World Bank: Gross National Income per Capita 2023. https://gtmarket.ru/ratings/gross-national-income-ranking

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин радабандӣ мавқеи 180-ум бо нишондодӣ 1210 доллари ИМА буда, ба рӯйхати кишварҳои даромади миёна дохил мешавад.

Ҳамин тариқ, кишварҳое, ки мавқеи аввалро аз рӯйи нишондиҳандаи дар боло баррасишуда дар соли 2023-юм кишвари Норвегия, Олмон ва Монако (яку якбора аз рӯйи ду нишондод) ишғол менамоянд. Дар баробари ин давлатҳо дигар давлатҳое низ ҳастанд, ки тули 10-20 соли охир ба даҳгонаи пешрафтатарин давлатҳо аз рӯйи шохиси рушди инсонӣ, шохиси сифати таҳсилот, шохиси давомнокии миёнаи умр ва тақсими ММД ба ҳар сари аҳолӣ дохил карда мешаванд.

Давлатҳои тараккикардаи ҷаҳон оид ба омоданамоии мутахассисон, инкишофдиҳӣ ва равнакдиҳии қобилияти зеҳнии онҳо

баҳри рушди иқтисодиёти ин кишварҳо дар як дараҷаи хуб ба роҳ монда шудааст. Ин давлатҳо кушиши онро намуда истодаанд, ки мутахассисонро бо дарназардошти талаботҳои муосири бозори меҳнат омода намуда, зиндагии шоистаеро баҳри онҳо таъмин намоянд. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи онҳо боиси дар як дараҷаи хуб омода намудани мутахассисони ояндаро нишон медиҳад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт яке аз давлатҳое, тараққикардаи ҷаҳон, ин давлати Чин ба ҳисоб меравад. Давлати Чин бо сармояи инсонии худ яке аз абарқудратмандтарин давлат дар ҷаҳон шинохта мешавад. Стратегияи рушду вусъатёбии имрӯзу ояндаи давлати Чин бешубҳа ба ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он нигаронида шудааст. Сармояи инсонии давлати Чин дар баробари зиёд буданаш, хароҷотҳо ва сармоягузориҳои молиявии зиёдеро талаб менамояд. Ҳамаи ин хароҷотҳо ва сармоягузориҳо ба уҳдаи давлат буда, ба ҳама имкониятҳои баробар дар ташаккули сармояи инсонӣ ва унсурҳои асосии он дода шуда аст.

Вобаста ба дигаргуншавиҳои муосири иқтисодӣ ва тағйир ёфтани талаботҳо дар низоми илму маориф, давлати Чин ин дигаргуни ва тағйиротҳоро ба инбат гирифта, раванди маълумотнокунии одамонро аз рӯйи донишҳои муосир ва инноватсионии иқтисодӣ ба роҳ мондааст. Ин бароҳмониҳо таҳавулотҳоеро ба вуҷуд овардааст, ки гардиши молу маҳсулотҳо дар давлат ва берун аз он ҳар соле 1,5-2 баробар зиёд гардида истодааст. Ин рушду вусъатёбиҳо бевосита аз сатҳи самаранок истифодабарии сармояи инсонии давлат гувоҳӣ дода, тавонмандии мутахассисони омоданамудаи онҳоро нишон медиҳад.

Дар ширкату корхонаҳои чинӣ ба ҳавасмандии корманд ва шарту шароитҳои кории он аҳаммияти ҷиддӣ дода шуда, қадршиносии кормандон дар як сатҳи бисёр баланд ба роҳ монда шудааст. Чуноне ки олими иқтисоддон Пустаев А.Л. қайд менамояд: «Барои баландбардорӣ ва такмили ихтисоси корманд дар ширкату корхонаҳои чинӣ чораҳои

зарурӣ андешида шуда, барнома ва стратегияҳои мушахаси касбӣ-тахассусӣ аз ҷониби корфармо ва ширкатҳои миёнарав, ки бевосита ба барои таъмин намудани кормандон ба ҷойҳои корӣ масъуланд тартиб дода мешавад»[128], ки ин нақши бениҳоят муҳимро дар самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ нишон медиҳад.

Ҳаҷми маблағгузориҳо барои рушду ташаккули сармояи инсонӣ (илм ва маориф) дар се даҳсолаи охир хело боло рафта, натиҷаи худро ба инкишофи иқтисодиёт расонида истодааст. Зиёдшавии хаҷми маблағгузориҳо ба сармояи инсонӣ аз на танҳо ба рушд ва ташаккулёбии иқтисодиёти кишвар балки муаррифгари сармояи инсонии тавонманди ин давлати абарқудрат дониста шуда истодааст.

Дар давлати Чин маълумотнокии аҳолӣ яке аз ҳадафҳои асосии далат ба ҳисоб рафта, вобаста ба хусусият ва хислатҳои махсуси маълумотнокунии аҳолӣ ба роҳ монда шудааст. «Шумораи умумии аҳолии бемаълумот сол аз сол кам шудааст, агар он дар солҳои 90-уми асри гузашта 20%-ро ташкил медод, ҳоло бошад он ба 5% омада расидааст»[129].

Таҷрибаи ИМА барои бисёре аз кишварҳои ҷаҳон мавриди омӯзиш қарор гирифта, яке аз кишварҳои дорои беҳтарин мутахассисони кордон дониста мешавад. ИМА яке аз давлатҳое ба шумор меравад, ки шароитҳои ҳуқуқӣ ва молиявӣ барои сармоягузорӣ намудани аҳолӣ ва субъектону хусусӣ ба сармояи инсонӣ муҳайё карда шудааст. Вобаста ба ин шароитҳо давлат ин ҷараёнро назорати ҷидӣ намуда, рафти такрористеҳсолшавии аҳолӣ, таъмини тарбияи солим, ахлоқи ҳамидаи касбӣ ва рушду вусъатёбии онро дар рафти истеҳсолот назорат мебарад.

---

128 Пустуев А.Л. Зарубежные модели формирования человеческого капитала аграрной сферы и их использование / А.Л. Пустуев, О.С. Горбунова, В.И. Набоков, С.В. Петрякова, В.В. Калицкая, И.М. Перминова //Аграрный вестник Урала. -2017. – № 04 (158). – С.92-96.

129 Белая Н.В. Особенности формирования и использования человеческого капитала в аграрном секторе экономики (на материалах Алтайского края): дис. … канд. экон. наук: 08.00.05/Белая Наталья Владимировна. - Барнаул, 2015 – 191с.

Дар ИМА, шартномаи таҳсил дар сатҳи хеле баланд қарор дошта, нисбат ба нархи дигар молу маҳсулотҳо 3-4 маротиб дар тули 20 соли охир баланд гардидааст. Бо вуҷуди баланд будани нархи таҳсилот боз талабот барои азхудкунии донишҳои муосири иқтисодӣ зиёд ба чашм мехурад. Сармоягузориҳо барои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ, на ҳамчун хароҷот барои оила, балки ҳамчун манбаи асосии даромади оила дар шароити имрӯза ва ояндаи онҳо дониста мешавад. Бинобар ин интихобу касб барои ҳар як шаҳрванди ин давлат, дар мадди аввал истода, муҳиммияти ин касб на танҳо барои имрӯзи иқтисодиёт, балки барои 20-30 соли оянда, ба инобат гирифта мешавад. Давлат вобаста ба рафти интихоби касбу ихтисосҳои муосир ва ҷавобгӯ ба талаботҳои бозори меҳнат шуъбаҳои маслиҳатдиҳиро таъсис намудааст. Инчунин, ҳамасола Президенти кишвар бо ихтироъкорон, навоварон, илмомӯзони ҷоизадор ва соҳибкорони муваффақ мулоқот анҷом медиҳад.

Муносибат байни коллеҷҳо, донишкадаю донишгоҳҳои олӣ ва субъектони хоҷагидор дар як дараҷаи хеле хуб ба роҳ монда шуда, кушиши омоданамоии беҳтарин мутахассисонро мувофиқ ба талаботҳои дигаргуншудаистодаи имрӯзаи иқтисодиёт доранд. Дар ин муассисаҳо он барнома ва стандартҳои таълимие истифода бурда мешавад, ки сараввал розигии иттифоқи касаба, иттифоқи кордиҳандагон ва хадамоти сифати таҳсилотро гирифта бошанд. Сифати барномаҳои таълимиро Шуроҳои таъсисшуда, ки дар назди Хадамоти сифати таҳсилот амал менамояд, муайян менамояд. Дар ҳолати ба талабот ҷавобгӯ набудан, аз рафти таълим бардошта мешавад ё ин, ки натиҷаҳои ба даст овардашуда, таҳлил карда мешаванд, арзёбии барномаи таълимӣ баҳогузорӣ шуда, ислоҳоти онҳо анҷом дода мешаванд[130].

---

[130] Клаверов В. Б. Повышение эффективности трудовых ресурсов в условиях становления экономики знаний // Известия регионального финансово-экономического института. –М. – 2014. – № 2. – С. 66.

Бахши дигари соҳаи маориф ва илмро дар ИМА рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, робототехника ва автоматикунонии ҷараёни истеҳсолот ташкил менамояд.

Дар Ҷопон барои рушду таҳаввул додани сармояи инсонӣ таваҷҷухи ҳамаҷониба карда мешавад, чунки ташаккул ёфтани ин сармояи боиси ихтирои беҳтарин технологияҳо, зеҳни сунъӣ, робототехника ва ғайра хоҳад гашт. «Дар ин ҷо сатҳи рушди сармояи инсонӣ ҳамеша баланд аст, аз ҷумла сатҳи таҳсилот ва давомнокии ҳаёти солим. Ҷопон аз надоштани захираҳои табиӣ танқисӣ мекашад. Бинобар ин, рушди сармояи инсонӣ ба самаранокии иқтисоди он омили муҳим шуморида мешавад»[131] .

Таҳсил намудан ва маълумоти олӣ гирифтан дар Ҷопон барои ҳамаи шаҳрвандон ҳатмӣ буда, аз дастгириҳои зиёди давлатӣ иборат мебошад. Дар баробари ин ба низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва саломатии шаҳрвандон эътибори зиёд дода мешавад. Низоми якумраи фаъолият дар ширкату корхонаҳои ҷопонӣ ба кормандон имконият додааст, ки доим дар фикри рушду ташаккул додани сармояи инсонии худ буда, даромаднокиро дар ширкату корхонаҳо зиёд намоянд.

Вобаста ба ин масоил профессор Ғаниев Т.Б. чунин мефармояд: «Таҷрибаи идоракунии сармояи инсонии давлати Ҷопон, хислати таърихиву фарҳангӣ ва менталитету анъанавии тамаддуни мардумии шарқӣ дошта, он бевосита ба рушди ҷамъиятиву иқтисодии ин мамлакати рушдёфтаи дунё вобастагии ногусастанӣ дорад. Тарзу усули роҳбарӣ ва идоракунии сармояи инсонӣ дар ширкатҳои байналмилалии ҷопонӣ аз амрикоӣ куллан фарққунанда мебошад.

Ширкатҳои ҷопонӣ нисбат ба амрикоиҳо бартарияти пурсамаре надоранд, вале дар муносибат бо кормандону ҳайати идоравии хеш

---

[131] Пустуев А.Л. Зарубежные модели формирования человеческого капитала аграрной сферы и их использование / А.Л. Пустуев, О.С. Горбунова, В.И. Набоков, С.В. Петрякова, В.В. Калицкая, И.М. Перминова //Аграрный вестник Урала. –М: 2017. – № 04 (158). – С. 92-96.

тарзу усул ва методҳои хоси фарҳангиву тамаддунии худро истифода мебаранд, ки дар дигар фарҳангҳо камтар ба назар мерасад»[132].

Ширкату корхонаҳои ҷопонӣ оид ба усулҳои муосиртарини идоракунии сармояи инсонӣ, ки талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёт тақозои онро дорад, чораандешиҳои заруриро роҳандози намуда, пайваста ба рушди технологияи электронӣ, навовариҳои инноватсионӣ, иҷроиши функсионалӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ нигаронидаанд ва талоши омӯзонидану аз худ намудани донишҳои муосири замонавиро ба кормандон дар як дараҷаи баланд ба роҳ мондаанд. Идоракунии сармояи инсонӣ дар ширкату корхонаҳои ҷопонӣ бисёр дар як сатҳи хуб ба роҳ монда шуда, онҳо фаъолияти худро на танҳо дар дохили кишвар балки берун аз он низ нигоҳ дошта тавонистаанд.

Хусусиятҳои ба худ хоси самаранок идоракунии сармояи инсониро дар ширкатҳои ҷопонӣ коршиносон чунин тавзеҳ додаанд:

1. Муносибати боваринок дар байни кордиҳанда ва коргари кироя ва кафолати доим бо шуғл таъмин будан;

2. Қадршиносӣ ва ҷорӣ будани адолат дар фаъолияти кории кормандони ширкату корхонаҳо ва идоракуниҳо дар асоси маълумоти дурусту саҳеҳ;

3. Таваҷҷуҳ ба ихтироотҳои бузург ва ҳавасмандгардонии доимии ихтироъкорон ва навоварон дар ширкату корхонаҳо;

4. Доимо тозаю озода будани маҳали кории корман дар ширкату корхонаҳо;

5. Ба фаъолияти доимӣ банд будани роҳбарон ва идоракунандагони ширкату корхонаҳо[133].

---

[132] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ. – Душанбе «Ирфон», 2018. – С.190-191.

[133] Ғаниев Т.Б. Сармояи инсонӣ ҳамчун омили асосии рушди инноватсионии менеҷменти ширкатҳои байналмилалӣ//Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Масоили иҷтимоию иқтисодии модернизатсиякунонии (навкунии) инноватсионии механизмҳои иқтисодӣ ва тағйирёбии парадигмаҳои рушди сармояи инсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (26-27 октябри соли 2018). – С.25.

Ин хусусиятҳо, боиси самаранок идора кардани қобилиятҳои кории кормандон дар ширкату корхонаҳо гашта, ба ҳадафҳои дар назди худ гузошташуда нигаронида шудааст. Инчунин, корманд худро дар ин ҳолат ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ширкат ҳисобида, тавонмандии пурраи худро барои ноил гардидан ба натиҷаи баланд сарф менамояд.

Ҷобаҷогузории кадрҳо ва низоми он дар ширкату корхонаҳои ҷопонӣ шакли ба худ хосро дошта, корманд дар ҳолати ба кор қабулшавӣ бояд аз якчанд нишондиҳандаҳои баҳогузорӣ гузарад. Дар ин шароит, корманд дар фаъолияти меҳнатӣ тамоми қудрати худро истифода намуда, исботи тавонмандии  худро нишон медиҳад. Дуюм, таҷрибаи корманд нақши бағоят муҳимро иҷро менамояд, чунки надоштани таҷриба боиси ба кор қабул нагардидани корманд дар ширкату корхонаҳо мегардад.

Дар Олмон инсони соҳибмаълумот муҳаррики асосии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, таҳаввулоти дониши он боиси самаранок ҳаракат кардани ин муҳаррик дониста мешавад. Мувофиқ ба нишондиҳандаҳои баҳогузории ҷаҳонӣ иқтидори иқтисодӣ, ҳисса дар истеҳсолоти ҷаҳонӣ, сатҳи ҷалбнамоӣ дар тақсимоти байналмилалии меҳнат ва дигар нишондиҳандаҳои ҷаҳонӣ кишвари Олмон ба рӯйхати ҳафт кишвари абарқудрати ҷаҳон дохил мешавад. Дар кишвари Олмон таваҷҷуҳи асоси дар омода кардани мутахассисони баландтахассус зиёд буда, кушиши ҳукуматдорон дар маълумотнок гардонидани одамон мебошад.

Чуноне ки Тугускина Г.Н. қайд менамояд: «Дар Олмон хароҷот ба маълумотгирӣ ду маротиба нисбат ба дигар соҳаҳои муҳим, ба монанди қувваҳои ҳарбӣ ва 15-20 маротиба аз дигар соҳаҳои боқимонда зиёдтар мебошад»[134].

[134] Тугускина Г.Н. Человеческий капитал предприятия: теория, методология, оценка: дис. ... докт. экон. наук: 08.00.05 / Тугускина Галина Николаевна. - Москва, 2011. - 339 с.

Чуноне ки Кушлин В.И. қайд менамоянд, «таҳсилоти миёнаи касбӣ дар Олмон аз рӯйи модели дугона сурат мегирад, ки дар сатҳи байналмилалӣ самаранок эътироф шудааст»[135]. Модели дугонаи олмонӣ аз ду бахши бузурги таҳсилот иборат мебошад: бахши аввал қариб 60% вақти омӯзишии истеҳсолотро дар бар гирифта, дар ҷараёни истеҳсолот (корхонаҳо) барои аз худ намудани дониш ва малакаҳои амалии барои касб зарурииро дар давоми аз 2-4 сол азхуд мекунанд ва 40 фоизи боқимондаи вақтро дар коллеҷҳо ва дигар муассисаҳои таълимии касбию техникӣ гузаронида, донишҳои назарияивиро вобаста ба касбашон аз худ менамоянд. Масъулият барои раванди таълим байни объекти истеҳсолӣ ва муассисаи таълимӣ тақсим карда мешавад.

Донишкадаҳои таълими касбии Олмон ҳар сол рӯйхати касбу кор ва музди меҳнати кормандони дорои маълумоти олидошта, инчунин дастури «Таълими касбӣ дар Олмон»-ро нашр намуда, ба ҳама муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ паҳн менамояд. Ҳар сол беш аз нисфи хатмкунандагони мактабҳои олмонӣ тасмим мегиранд, ки таҳсилро дар муассисаҳои таълимии касбии техникӣ идома диҳанд, то соҳиби тахассуси касбӣ шаванд. 22 фоизи тамоми корхонаҳои олмонӣ дар ҷори намудани низоми модели дугонаи таълими касбӣ-техникӣ фаъолона иштирок мекунанд.

Самаранокии низоми модели дугонаи таҳсилоти касбии олмонӣ дар он дида мешавад, тақрибан 80 фисади палатаи савдо ва саноатро дар бар гирифта дар муттаҳид кардани миллионҳо соҳибкорони ширкатҳои хурду калон нақши муҳим доранд. Палатаҳои савдо ва саноат ба хатмкунандагон дар пайдо кардани ҷойи корӣ кумак мерасонанд, ба шарикони иттифоқҳои касаба маслиҳат медиҳанд, ки имтиҳонҳои тахассусиро ташкил намуда, қабул намоянд.

---

[135] Кушлин В.И. Государственное управление научно-инновационным развитием. Новое в мировой практике [Текст]: монография / отв. ред. В. И. Кушлин. - Москва : Проспект, 2019. - 272 с.

Ҳамзамон дар Олмон ҳукуматдорон дар сатҳи федералӣ ва минтақавӣ низоми дугонаи таълими касбиро фаъолона дастгирӣ мекунанд. Дар Олмон заминаи меъёрию ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки фаъолияти босамари низом ва сатҳи баланди маблағгузориро ба мақомоти таҳсилоти касбӣ ва таълими таъмин менамояд. Ин ба корхонаҳо ва муассисаҳои таълимӣ имкон медиҳад, ки таҷҳизоти худро навсозӣ кунанд ва ба таҷрибаомӯзону таҳсилкунандагон шароитҳои нав ба навро муҳайё намояд.

Дар Нидерландия, донишгоҳҳои олии касбӣ бештар ба илмҳои тиббӣ-технологӣ таваҷҷуҳ намудаанд, қариб 65% донишҷӯёни ин донишгоҳҳои олиро  таълимгирандагони ин бахш ташкил менамояд, ки дар минтақаи Аврупо мавқеи аввалро ишғол менамояд. (Финландия дар мавқеи дуюм бо нишондоди 46%)[136].

Дар Швейтсария низ донишгоҳҳои олии касбӣ аз рӯйи зиёда аз 300 барномаи таълимии илмҳои хусусияти амалидоштаи имрӯза ба донишҷӯён тадрис дода мешавад. Давомнокии барномаҳои бакалавр дар ин донишгоҳҳо се сол ва магистратура се семестрро ташкил менамояд. Таҳсилкунандагони ин донишгоҳҳо, ки аз рӯйи равияҳои илмҳои амалидошта таҳсил менамоянд, қисми бештари вақташонро дар корхонаҳои истеҳсолӣ мегузаронанд. Бештари устодони ин донишкадаю донишгоҳҳоро мутахассисони варзида ва донишмандони шинохтаи илмҳои дар амал тасдиқгардада ташкил менамояд, ки дар соҳаҳои наздик ба касбу ихтисоси донишомӯзон фаъолият мекунанд ва дар баробари фаъолият ба донишомӯзон курсҳои омӯзиширо таълим медиҳанд. Корфармоёни маҳаллӣ сармоягузорони асосии донишгоҳҳо ба ҳисоб рафта, ба ҳайати идоракунандаи донишгоҳ дохил мешаванд. Онҳо оид ба таҳияи барномаҳои таълимии амалкунанда ва дар оянда

[136] Обзоры инновационной политики ОЭСР: Нидерланды. [Электронный ресурс] URL: https://doi.org/10.1787/9789264213159-en (дата обращения 20.11.23).

қабулшаванда, маслиҳат медиҳанд ва дар арзёбии сифати татбиқи онҳо иштирок мекунанд.

Кореяи Ҷанубӣ низ дар баробари дигар давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ, бештар ба сатҳи навоварӣ ва рушди инноватсионии молу маҳсулотҳо ва хизмаирасониҳо рӯй оварда ба дастовардҳои бузурги иқтисодӣ ноил гардидааст.

Рушду инкишофёбии соҳаи маориф ва илми Кореяи Ҷанубӣ бештар бо истифода аз таҷрибаи давлати Ҷопон ба роҳ монда шуда, барнома ва стандартҳоеро истифода менамояд, ки дар давлати Ҷопон аллакай дар истеҳсолот ҷорӣ гардидааст. Кореяи Ҷанубӣ сармоягузорӣ ба сармояи инсониро нисбат ба дигар сармоягузориҳо зиёд намуда истодааст, ки яке аз ҳадафҳои асосии давлат ба ҳисоб рафта, дар маълумотнокии аҳолӣ ва омода намудани кадрҳои ҳирфаии муосир асос меёбад.

Вобаста ба таҳавулоти баамаломадаи иқтисодиёти муосир, Ҳукуматдорони Кореяи Ҷанубӣ асоси инкишофёбии сармояи инсониро дар дастовардҳои донишҳои муосири ҷаҳонӣ медонанд. Ҳукумати кишвар кушиши онро намуда истодааст, ки барои муассисаҳои таълимии худ, тамоми шароитҳоро муҳайё намуда, беҳтарин мутахассисонро омода намояд. Доштани мутахассисони ҳирфаӣ сатҳи истеҳсолоти иқтисодиётро баланд бардошта, рушду ташаккулёбии онро таъмин менамояд. Ин кишвар дорои 408 донишгоҳҳои олӣ буда, бо беҳтарин имкониятҳо муҷаҳаз гардонида шудаанд. «Донишгоҳҳои давлатии олии Кореяи Ҷанубӣ аз пардохти ҳама гуна намуди андоз ва донишгоҳҳои ғайридавлатӣ бошанд қисман озод карда шудаанд»[137]. Дар донишгоҳҳои Кореяи Ҷанубӣ зиёда аз 3,5 млн. донишҷӯ таҳсил менамоянд, ки 32-35 фисади онҳо маълумоти муҳандис-технолог мегиранд.

---

[137] Капелющников Р.И. Теория человеческого капитала. [Электронный ресурс] / Р.И. Капелюшников. Режим доступа: http://www.libertarium.ru/10624 (дата обращения: 28.08.2017).

Таҷрибаи давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва рушду ташаккул додани он яке аз роҳҳои асосии расидан ба мақсадҳо ва вазифаҳои гузошташуда дониста мешавад.

Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон собит менамояд, ки сармояи инсонӣ яке аз афзалиятҳои асосии ин кишварҳо ба шумор меравад. Барои фаъолияти самараноки онҳо шароитҳои корӣ дар дараҷаи хуб ташкил карда шуда, баҳри такмилдиҳии дониш ва зеҳниятҳо чи аз нуқтаи назари назарявӣ ва амалӣ шароитҳо фароҳам оварда шудааст.

### 3.3. Риштаҳои муосири омоданамоии мутахассисон дар кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон

Тавре ки таҷрибаҳои давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон нишон медиҳад, дар рушд ва вусъатёбии иқтисодиёти муосир нақши сармояи инсонӣ хеле зиёд ба чашм мерасад. Аҳаммияти сармояи инсонӣ шуруъ аз сатҳи оила, ҷомеа ва давлат хеле назаррас буда, масъалаи ташаккули маълумотнокии одамон ҳамчун омили асосии истеҳсолот ва рушди иқтисодиёти онҳо дониста мешавад. Таҳаввулоти сармояи инсонӣ ва самаранок истифодабарии он яке аз мақсадҳои асосии давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ дониста шуда истодааст. Вазъияти иқтисодиёти муосири инноватсионӣ собит намуда истодааст, ки самаранокии сармоягузорҳо ба сармояи инсонӣ дар ҳолате мусбӣ арёзёбӣ мегардад, ки ба мақсади гузошташуда ноил гаштанро нишон диҳад.

Дар бештари муассисаҳои таълимии олии кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон барои азхудкунии барномаҳои таълимӣ моделҳое, кор карда баромадаанд, ки бештар хислати таҷрибавӣ-амалиро доранд. Стандартҳои таълимие, ки аз ҷониби донишкадаю донишгоҳҳои ин кишварҳо барои омоданамоии мутахассисони оянда тартиб дода мешавад, дар асоси хулосаи мусбии корхонаҳои истеҳсолӣ-хизматрасонӣ

аз ҷониби мақоматҳои дахлдор тасдиқи худро мегиранд. Ин стандартҳо дар тули ҳар 1,5-2 сол мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат боз аз нав дида баромада мешавад. Дар ҳолати ҷавобгӯй набудани ихтисос ба талаботи бозори меҳнат ихтисос пурра аз раванди таълим бардошта шуда, ба ҷойи он ихтисосе, ки дар ояндаи наздик барои онҳо зарур мебошад, роҳандози карда мешавад.

Сармояи инсонӣ дар ин кишварҳо яке аз нишондиҳандаи асосии рушди иқтисодӣ דониста мешавад. Он бояд бо сифати хеле баланд омода карда шавад, то ки мушкилоти иқтисодии ҷомеаро сари вақт ҳал карда тавонанд ва рушду вусъатёбии иқтисодиёти муосирро таъмин карда тавонанд.

Дар баробари ҳама ин чораандешиҳо, рушд ва инкишофёбии босуръати технологияҳои муосири рақамӣ, зеҳни сунъӣ, робототехника ва автоматикунонии ҷараёни истеҳсолот боис ба он гаштааст, ки қисмати зиёди кормандон бекор монда, касбу ихтисоси худро дигар намоянд. Ин муаммо яке аз муаммоҳои муҳимми ҷамъиятӣ на танҳо дар ягон кишвари алоҳида, балки дар саросари ҷаҳон гаштааст. Чуноне ки олимон Карл Фрей ва Майкл Осборн дар ин мавзуъ тадқиқот бурда, муайян карданд, ки «....47 фисади касбҳо дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дигаргун гашта, дар тӯли 10-20 соли оянда, хатари баланди зеҳни сунъӣ, робототехника ва автоматизатсия ҷараёни истеҳсолотро пурра аз худ менамояд»[138]. Корбарон ва тадқиқотбарони Citibank, ки дар зиёда аз 50 кишвари OECD тадқиқот мегузаронанд, ба хулосае омаданд, ки дар 57 фисади касбҳои имрӯзае, ки дар бештари ин кишварҳо дар

[138] Frei B., Osborn M. The future of employment: how susceptible are jobs to computerization [Электронный ресурс] / Oxfordmartin. – 2013. Режим доступа: https://www.oxfordmartin.ox.ac.uk/downloads/academic/The_Future_of_Employment.pdf.

ҷараёни истеҳсолот истифода бурда мешавад, алгоритмҳои мошинӣ ва нейротехнологияҳои муосир онҳоро иваз мекунанд[139].

Чуноне ки Қодирзода Д.Б. ва Шамсов И.С. қайд менамоянд, «Иқтисоди рақамӣ ба сохтори бозори меҳнат таъсири бисёрҷанба дорад, ки аз як тараф, боиси афзоиши бекорӣ тавассути автоматикунонӣ ва роботикунонии истеҳсолот мегардад, ки ин танзими фаъоли давлатиро тақозо мекунад. Аз тарафи дигар, технологияи нав боиси пайдо шудани касбҳои нав, ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои шуғл ва ба миён омадани талаботи баланд нисбат ба сифати омода кардани кадрҳо мегардад»[140]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дигаргуншавиҳои иқтисодӣ талаботҳои имрӯзаи бозори меҳнатро дигаргун намуда, доштани маълумоти муосирро аз кормандон тақозо менамояд. Ҳамзамон, дар баробари аз байн рафтани баъзе ихтисосҳо, боз ихтисосҳои нав пайдо гардида, аз худ кардани онҳо вазифаи асосии ҳар як иштирокчии бозори меҳнат дониста мешавад. Интизор меравад, ки ин дигаргуниҳо, дар саросари ҷаҳон, боиси аз байн рафтани беш аз 75 миллион ҷойҳои корӣ ва пайдо гардидани зиёда аз 140 миллион ҷойҳои нави корӣ гардад. Ин 140 миллион ҷойҳои корие мебошанд, ки аз кормандон донишҳои муосири замонавиро талаб менамоянд.

Вобаста ба ин масоил, қайд кардан ба маврид аст, ки дар натиҷаи таҳаввулоти ҷараёни истеҳсолӣ ва пайдоиши техникаю техналогияи муосир иҷронамоии раванди фаъолият дигаргун гашта, боиси пайдо гардидани шуғлмандиҳои нав мегардад. Ҳамин тариқ, «тибқи ҳисобҳои WEF, таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар 15 кишвари ҷаҳон то соли 2030

---

[139] Citibank. Technology at Work v 2.0 [Электронный ресурс] / Citibank. – 2016. – Режим доступа: https://www.citivelocity.com/citigps/ReportSeries.action.

[140] Кодирзода Д.Б., Шамсов И.С. Рынок труда и система подготовки кадров при переходе к цифровой экономике: теория, методология и механизм взаимосвязи. – Душанбе: Ирфон, 2021. – С. 149.

тақрибан 2 миллион ҷойҳои кориро ташкил медиҳад»[141]. Хатмкардаи MIT Media Lab (MIT) ва муассиси стартапи технологӣ Айя Бдаир бовар дорад, ки «то соли 2035-юм 65 фисади ҷойҳои кории имрӯза дигар вуҷуд дошта наметавонанд ва бар ивази онҳо касбҳои нав, масалан, касби мутахассис оид ба танзими ҳуқуқии масъалаҳои истифодаи зеҳни сунъӣ, менеҷери дронҳо, ветеринар оид ба робототехника, биолог оид ба парвариши узвҳои сунъӣ ва ғайра талабгори бозори меҳнатӣ оянда хоҳанд буд»[142].

Аз таҷрибаи Россия бармеояд, ки агентии ташаббусҳои стратегӣ ва Мактаби менеҷменти Маскав Сколково таъсири технологияҳои нави рақамиро ба бозори меҳнат ва шуғли аҳолии Россия дар миқёси зерин арзёбӣ ва пешгӯӣ мекунанд: то соли 2030-юм 57 касби «анъанавӣ»-е, ки дар ҷомеа камфаъол гашта истодаанд аз байн рафта, дар ҷойи онҳо 186 касбҳои нав пайдо мешаванд[143]. Раванди рақамикунонӣ, автоматикунонӣ, роботизатсия ва зеҳни сунъӣ, ки бештар дар раванди истеҳсолот истифода карда мешаванд, "аз рӯйи ҳисобҳои гуногун оғоз ёфтаанд, дар даҳсолаи оянда ба хатари аз 9 то 50% тамоми касбҳои ҳозира аз байн рафтани онҳо оварда мерасонад"[144].

Чуноне ки муҳаққиқи соҳа, Мирзоалиев А.А. қайд менеамояд "Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт, мувофиқ ба талаботи бозор касбҳои анъанавии фаъолкунанда ба тағйироти куллӣ дучор шуда, синтези технологияҳои нави рақамиро ифода мекунад. Ин раванд бо мутобиқшавии касбҳо хос буда, дар 5-10 соли оянда идома хоҳад ёфт. Дар шароити таҳияи системаву моделҳои технологияҳои нави рақамӣ бо

[141] Weller, C. 5 strange jobs that could exist by 2030 [Электронный ресурс] / Businessinsider. – 2016. – Режим доступа: http://www.businessinsider.com/strange-jobs2030-2016-8.

[142] Bdeir, A. Littlebits Ted Talk [Электронный ресурс] / 2017. – Режим доступа: https://littlebits.com/education.

[143] Атлас новых профессий. Профессии-пенсионеры [Электронный ресурс] / 2015. – Режим доступа: http://atlas100.ru/future/articles/professii-pensionery/.

[144] Citibank. Technology at Work v 2.0 [Электронный ресурс] / Citibank. – 2016. – Режим доступа: https://www.citivelocity.com/citigps/ReportSeries.action.

истифода аз зеҳни сунъӣ, дастгоҳҳои автоматикунонидашуда ва роботизатсияшуда дар фаъолияти худ, корхонаҳо дар экосистемаҳои мураккаби рақамӣ ҳамчун синтези як қатор корхонаҳо ва технологияҳо бештар ҳамкорӣ мекунанд”[145].

Роботикунонии ҷараёни истеҳсолот дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт ҳамчун як тамоюли алоҳида бо автоматикунонии равандҳои истеҳсолот ҳамчун тамоюли дуюми ин раванд, ки бисёр бо ҳам алоқаманд, буда дар алоҳидагӣ омӯхта мешаванд. Раванди роботикунонӣ нисбат ба автоматикунонии раванди истеҳсолот, миқёси васеътареро дар иҳотаи худ дошта, аз корхонаҳо сармоягузориҳои назаррас ва дарозмуддатро талаб мекунад. Роботикунонии бисёре аз бахшҳои иқтисод аз нуқтаи назари фоидаи иқтисодии он ба манфиати хоҷагидор нахоҳад буд, чунки маблағе, ки дар харидорӣ ё ихтирооти онҳо сарфшуда, то муҳлати истифодаи он ба даст нахоҳад омад. Дар кишварҳое, ки нархи меҳнат паст аст, эҳтиёҷ ба роботикунонии ҷараёни истеҳсолот дида намешавад. Дар робита ба ин, аз рӯйи таҷрибаҳои давлатҳои тараққикарда, «равандҳои роботизатсия бештар дар соҳаҳои меҳнатталаб бо арзиши иловагии баланд истифода мешаванд, масалан, дар соҳаи электроника, саноати мошинсозӣ ва ғайра. Дар ҷаҳон дар соли 2017-ум шумораи роботҳои амалкунанда беш аз 1,6 млн. ададро ташкил медиҳад ва тибқи маълумоти пешгӯишаванда то соли 2025-ум шумораи онҳо метавонад ба 5 млн. адад хоҳад расид»[146].

Дар бештари донишкадаю донишгоҳҳои давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон вобаста ба тағйиротҳои ба амаломада ва дар оянда ба амал меомада, барномаҳои махсуси рушди касбиву ҳунарӣ тартиб дода,

---

145 Мирзоалиев А.А. Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия // дисс. ... докт. илм. иқт: 08.00.12-Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 2023. – 400с.

146 Bdeir A. Littlebits Ted Talk [Электронный ресурс] / 2017. – Режим доступа: https://littlebits.com/education.

вобаста ба пайдоиши муаммои рушди зеҳни сунъӣ пайваста курсҳои бозомӯзии касбӣ, конференсияву семинару мизи мудаввар ва курсҳои баландбардории ихтисосу омӯзиши инноватсия ва дигарро ташкил менамоянд.

Вобаста ба ин масоил, профессор Ғаниев Т.Б. чунин қайд менамоянд, ки «яке аз хусусиятҳои хоси менеҷменти байналмилалии ширкатҳои амрикоӣ он аст, ки таъмини баланди фаъолнокии ҳаракатҳои рушдёбандагии ҳайатро амалӣ намуда, ҳеҷ гоҳ монеаи рушди онҳо намегарданд. Дар ҳама гуна конференсияву курсҳои дахлдори касбӣ ба молиягузории иштироку баромаду нишондиҳии озоди истеъдоду қобилияти фардӣ ҳар як кормандонашон дастгирии бевосита доранд»[147]. Албатта, наздик гардидани илму амал боиси рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ гардида, тавонмандии кормандонро зиёд менамояд. Дар баробари зиёд гардидани тавонмандии кормандон, манфиатнокиро дар ширкату корхонаҳо баланд намуда, пардохтпазирии онҳоро таъмин менамояд.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар инқилоби чоруми саноатӣ на танҳо рушди низоми техникию технологии иттилоотию иртиботии электронӣ, балки рушди зеҳнии креативию когнитивии кормандони касбӣ мақоми олӣ мебозанд. Яъне ба кормандони зинаҳои гуногуни идоракунӣ низ масъулияти баланди рушдёбандагӣ шарти зарурӣ гашта, фаъолияти имрӯза ва ояндаи онҳоро муайян менамояд. Вобаста ба ин масоил, дар тамоми ҷаҳон дар 10-15 соли охир бозомӯзии касбии техникиву технологӣ ва ё баландбардории дараҷаи касбӣ аз рӯйи барномаҳои электронӣ ва амамлисози барномаҳои махсуси ҷаҳонӣ мақоми хеле баландро дар худ кашф кардааст. Ин шароитҳо аз ҳар як корманду менеҷерони комили касбӣ дар менеҷмент оид ба амалисозиву истифодаи зеҳнии баланди рушди низоми техникию технологии иттилоотию

---

[147] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ. – Душанбе «Ирфон», 2018. – С.187-188.

иртиботии электронӣ бояд дар сафи пеш қарор дошта, ҳар яке онҳо эҷодкор ва нававари навини менеҷменти касбӣ баромад карда тавонанд.

Махсусан амалисозиву истифодаи пурраи моделу низоми касбӣ-ихтисосии технологӣ ва масоили таъсиррасонии иқтисодию иҷтимоӣ ва таъсиррасонии зеҳни сунъӣ ба рафори роҳбарии менеҷмерони талаботи омӯзишиву донишмандии технологиву техникии инқилоби чорум мебошад. Маҳз агар менеҷерони зинаҳои гуногуни идоравӣ ва дар ҷамъоҷамъ дастаи касбии копоративӣ аз ин илм бохабар гаштаву имконоти зеҳнии пурра истифодбарии онро дар фаъолияти касбиву ҳунарии худ бифаҳманд, метавон гуфт, ки зеҳни инсонӣ нисбат ба зеҳни сунъӣ дар пеш истодааст. Риояи чунин як қонунияти рушдёбандагии диалектикии низоми техникию технологии иттилоотию иртиботии электронӣ имконоти васеи ташаккулу истифодаи фарҳанги навин дар менеҷмент шинохта шудааст.

Албатта бо мақсади то ба дараҷаи зеҳни сунъӣ расонидани зеҳни касбии инсонӣ низ маблағи иловагии сармоягузории нерӯи инсонӣ зарурат дорад. Маълум аст, ки дар навбати аввал дастовардҳову арзишҳои фарҳангиву иқтисодии дилхоҳ нававарии рушди низоми техникию технологии иттилоотию иртиботии электронӣ дар корхонаву ширкатҳо ва корпоратсияҳои трансмилливу байналмилалӣ сурат мегиранд. Аз ин хотир масоили асосии молигузориву буҷакунонии рушди зеҳнии инсонӣ ва зеҳни сунъӣ дар навбати аввал ба зимаи соҳибкорону сармоягузорони ғайридавлатӣ буда, баъдан албатта ба дастгириву молиягузориҳои калони давлатӣ ниёз доранд.

Чунки сармоягузорону соҳибкорони муваффақи ҷаҳон имконоти васеи муайян сохтани роҳу равиши навини рушди низоми техникию технологии иттилоотию иртиботии электронӣ ҷустуҷӯй дошта, пайваста дар роҳи рушди инноватсионии касбӣ қарор дошта, хоҳиши баланди сармоягузории рушди зеҳнии сунъиро доранд. Ин равиш албатта

вобастагии зич ба рушди нерӯи касбии кормандони онҳо низ дорад. Пас мувофиқаи ин ду равишро мо ҳамчун қонунияти пайвастагии моделу низоми рушдёбандагии муосири корпоративӣ дар менеҷмент арзёбӣ менамояд. Яъне чунин як равиши омӯзишиву рушдёбандагии менеҷменти корпоративӣ имконоти таъминсозии стратегии рушди устуворо дар менеҷмент муосири касбӣ дорад.

Вобаста ба дигаргуниҳои имрӯзаи иқтисодӣ, имрӯзҳо дар ширкатҳои рушдкардаи дунё синфхонаҳои махсуси «Макетӣ ва схемавии махсуси тамринӣ» ташкил карда мешавад, ки ҳангоми ворид гардидан ба он донишомӯз ё худ таҷрибаомӯз худро дар раванди аслии истеҳсолот ҳис менамояд. Донишомӯз дар ин макетҳо пайваста тамрин намуда, нозукиҳои касби худро вобаста ба тағйирёбиҳои муосир аз худ менамоянд. Кормандони ҷавонро аз ҳисоби кормандону муҳандисони таҷрибадори касбиашон якбора аз нигоҳи назария ва амалия таълим дода, як дар як муддати кӯтоҳ барои фаъолияти касбӣ кадрҳои ҷавонро омода менамоянд.

Чунин тарзи таълимии «Таълимоти омӯзишии ташкили – рафторӣ» имрӯз дар тамоми ширкатҳои пешқадами дунё амалӣ шуда, самаранокии баланд бо хароҷоти камтарин ба даст оварда мешавад. Чунин шакли ташкили рафторӣ ҳанӯз аз тарафи донишманди намоёни бахши менеҷмент Майк Подлер солҳои 70-уми асри гузашта пешниҳод кард шуда буд, ки инро ба таври муфасал олими иқтисоддон Н.Н. Шаш дар корҳои илмиаш истифода намудааст[148].

Яке аз талаботи асосии ин намуди таълимот пеш аз ҳама дар он аст, ки омӯзишу ҳаракатҳои иҷрои фаъолият бояд дар як вақт сурат гирифта, ҳамарӯза дараҷаи азхудкунии маводи таълимӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани он бояд раҳандозӣ шавад.

[148] Шаш Н.Н. Управление интеллектуальным капиталом развывающиеся компании. М.: Магистр, 2016. С 254.

Албатта, чунин талабот дараҷаи баланди зеҳнӣ – эҷодӣ ва кашфиётиву созандагиро тақозо дорад. Чунки якбора таълим гирифтану иҷро кардан, яъне амалисозии он хеле зеҳни буррову тезу тавонмандии баланди касбӣ талаб дорад.

Донистани мазмуни аслии масоил, омилҳои дохилаву берунаи таъсиррасонӣ бар он ва роҳҳову моделу низоми дурусти ҳалли он аз таълимдиҳандаву омӯзгору мураббӣ дониши баланди зеҳнӣ-эҷодиро талаб менамояд.

Барои ворид кардани навовариҳо, эҷодкориҳо, кашфиёту созандагиҳо ва дигаргуниҳо дар ҷараёни истеҳсолот ва истеҳсоли молу маҳсулотҳои навин дар корхонаву ширкатҳо вақт ва захираҳои муайяни зарурӣ лозим меояд. Аммо чунин равиши таълимоти рафторӣ–ташкилӣ имконоти васеи сарфаи вақт ва кӯтоҳ кардани азхудсозии мавод ва дар баробари ин, самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодиро нишон медиҳад.

Вобаста ба дигаргуниҳои муосир ташкили таълимотгирии гурӯҳӣ самараи хуб дода, шунавандагон дар ҷараёни таълимгирӣ ва иҷрои он аз якдигар меомӯзанд, ба якдигар баҳо мегузоранд ва якдигарро ислоҳ мекунанд. Хулоса синф, гурӯҳ ба якдигар кумаки бевоситаи амалӣ расонида, ҷараёни омӯзишии фаъолияти касбӣ-ҳунариро пурқувват месозанд ва  шароити мувофиқ муҳайё менамоянд.

Аз нигоҳи дигар, чунин шакли таълимоту маълумотгирӣ имкон медиҳад, ки донишомӯзон зинаҳои аниқи идоравиро пурра аз худ намуда, имконоти назорати ҷараёни истеҳсолотро бо тамоми нозукиҳояш меомузанд ва онҳо якдигарро метавонанд эрод бигиранд, пурра кунанд, машварат диҳанд, суръатнокии иҷрои фаъолиятҳоро аз тарафи дигар рафиқони дастаӣ бо чашми худ дар амал бубинанд ва дар муқоиса ба тавонмандии худ хулосаи зарурӣ бароранд.

Яке аз талаботи барномавии чунин равиши таълимотиву омӯзишӣ қоидаҳои қобилияту зеҳни фаъоли касбӣ, хоҳиши баланди омӯзишӣ-касбӣ ва шинохти масоили норасоии донишу маҳорати касбӣ, талаботи мақоми иҷтимоӣ гирифтани худи шахсият, мутахассисини шинохта ва дигар унсурҳои мотиватсионии баландбардории хоҳиши азхуднамоии маълумоти муосир, инчунин дигаргуншавии ташкили рафтори роҳбарӣ дар менеҷмент ва ё фаъолиятҳои функсионаливу сохтории вазифадорӣ мебошад.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки таълимотгирӣ, омӯзиш ва аз худ намудани таҷрибаҳои муосири ҷаҳонии истеҳсоли молу маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои ташкилӣ - истеҳсолӣ ҳамчун як воситаи бузурги таъсиррасонии ҳаракаткунандагӣ барои бамақсадрасӣ ва рушдёбандагӣ, созандагӣ, эҷодӣ ва кашфиётӣ хизмат мерасонад.

Мувозинати қувваи дохилаи тавонмандӣ, яъне иқтидори меҳнатии инсон, зеҳни ҳар як фарди соҳибақли касбиро нишон дода, амалисозии бевоситаи идеаҳои муосири онро дар ҷараёни иҷрои фаъолиятҳои касбӣ бахусус дар раванди истеҳсолот муайян намуда, имконоти баланди ташаккулёбии сармояи инсониро дар менеҷменти муосири касбӣ ба роҳ мемонад, ки ин ҳамчун роҳи асосии идоракунии стратегии ташаккулёбии рушди босуботи иқтисодӣ шинохта шудааст.

Аз ин хотир, барои пайваста пурра сохтану таъмини ташаккули сармояи инсонӣ тариқи чунин шакли таълимот омӯзиши назариявӣ, татбиқи амалии он ва ташкили истеҳсолии он талаботи зерин иҷро менемояд, ки онҳоро чунин шарҳ додан мумкин аст:

– таълимотгирӣ дар зинаи олии касбӣ ҳамчун зинаи баланди зеҳнӣ-эҷодӣ шинохта шуда, нозукиҳои пураи назариявию амалии он ба донишомӯз, омӯзонида шавад ва мақсадгузориву натиҷагирӣ аз нуқтаи назарӣ иқтисодӣ баҳогузорӣ карда шавад;

– мазмуну мундариҷаи таълим, раванди дар истеҳсолот ҷорӣ намудани он ва самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ ба таълимгирандагон пурра баён гардида, роҳҳои боз ҳам манфиатноки он омӯзонида мешавад;

– машғулиятҳои амалӣ- тамринии ба донишомӯз омӯзонида шаванда, дар ҷараёни таълимоти муосир бояд аз ҷониби устод-мутахассисон амалӣ карда шавад ва ба шунаванда нозукиҳои амалӣ-истеҳсолии он бо бартариятҳояш омӯзонида шавад;

– дар натиҷаи таълимот ва омӯзиш хатмкунандаи машқҳои таълимӣ, бояд чунон тавонмандӣ ва қудратеро аз худ намоянд, ки аз уҳдаи ҳалли мустақилонаи аксари масоилҳои шуғли касбии худ сарбаландона баромада тавонанд;

– таълимот ҳамчун таҷрибаи илмиву амалии рушдёбандагии зеҳнӣ-эҷодӣ ва кашфиётиву созандагӣ барои давраи дигари рушдёбандагии касбиии мутахассисони оянда, кумакрасон ва таҷрибаи бузург дар ояндаи онҳо гардад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, шароити имрӯзаи иқтисодиёт тақозои онро дорад, ки вобаста ба талаботи асосии бозори меҳнат мутахассисон омода намуда, талаботи имрӯза ва ояндаи ҷомеаро бо беҳтарин молу маҳсулотҳо таъмин намоем. Вобаста ба ин гуфтаҳо дар бештари донишкадаю донишгоҳҳои ҷаҳон мувофиқ ба талаботҳои ҷойдоштаи бозори меҳнат мутахассисонро омода менамоянд.

Дар бештари донишгоҳҳои кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон касбҳои нави муосир, махсусан дар соҳаи IT, дар соҳаи иқтисод, дар соҳаи тиб ва дигар соҳаҳои техникиву технологии ба ҷамъият муфид мутахассис омода менамоянд. Касбҳои муосире, ки дар бештари ин донишгоҳҳо мавқеи муайянро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ишғол намудаанд, инҳо мебошанд:

– Муҳандиси маълумот. Вазифаи асосии ин мутахассисон аз он иборат мебошад, ки дар ширкатҳо идоракунандаи низоми кор бо маълумот мебошанд. Барои ин, ӯ ҷамъоварии онҳоро аз сарчашмаҳои гуногун, аз қабили пойгоҳи пешниҳодшудаҳо ва низомҳои CRM ташкил мекунад. Он гоҳ он маълумотро дар шакли барнома таҳрезӣ ва ба сохторҳо ҷудо намуда, тоза мекунад ва ба эътидол меорад. Сипас он дар як анбори муштарак ҷойгир карда мешавад, ки таҳлилгарон бо он кор мекунанд. Муҳандис лавозимотҳои заруририро барои ҷамъоварӣ ва нигоҳдории маълумот интихоб мекунад. Вобаста ба маълумоти ба дастомада, молу маҳсулотҳо истеҳсол шуда, пешкаши фармоишгар ё истеъмолкунандагон мешавад.

– Мурабии AI. Ин як касби нав дар бештари кишварҳои ҷаҳон ба хусус Россия аст, он танҳо дар соли 2023 пайдо шуд. Нашри шабакаҳои нейронии ChatGPT ва Midjourney барои аудиторияи васеъ таваҷҷуҳи корбаронро ба технологияҳои зеҳни сунъӣ ба вуҷуд овард. ChatGPT метавонад мувофиқи дархост матн ва рамзи барнома эҷод кунад, Midjourney метавонад тасвирҳо эҷод кунад. Маркетингҳо, копирайтерҳо, тарроҳон ва барномасозон метавонанд аз ин шабакаҳои нейронӣ барои ҳалли мушкилоти касбии худ истифода баранд. Ширкатҳои калон ба эҷод кардани шабакаҳои нейронии худ шуруъ карданд, ки метавонанд барои кор ва ҳадафҳои шахсӣ истифода шаванд. Масалан, Яндекс шабакаи нейронии YandexGPT-ро таҳия мекунад, ки дар ёрдамчии овозии Алиса амалӣ карда мешавад. Шабакаи нейрон ба саволҳои корбар ҷавоб медиҳад. Барои он ки шабакаи нейронӣ дуруст, дақиқ ва ахлоқӣ посух диҳад, он бояд омӯзонида шавад. Ин аст он чизе ки мурабии AI кор мекунанд. Онҳо матнҳо менависанд, ки дар асоси онҳо шабакаи нейрон тавлид кардани ҷавобҳоро меомӯзад ва ба онҳо баҳо медиҳанд.

– Меъмори воқеияти виртуалӣ ва васеъшуда. Воқеияти виртуалӣ (ба забони англисӣ virtual reality ё VR) ҷаҳонест, ки комилан бо истифода аз воситаҳои техникӣ сохта шудааст. Шумо метавонед ба он тавассути дастгоҳҳои махсус-кулоҳ ё айнак ғарқ шавед. Технология, масалан, дар саноати бозӣ – барои ғарқ шудан ба ҷаҳони бозӣ, сохтмон ва амволи ғайриманқул – барои шиносоӣ бо тарҳҳои муфассали биноҳои оянда дар миқёси воқеӣ, дар тиб – барои омӯзиши табибони оянда барои ҷарроҳӣ дар беморон истифода мешавад. Воқеияти васеъшуда (ба забони англисӣ: augmented reality, ё AR) технологияест, ки имкон медиҳад ҷаҳони воқеӣ ва объектҳои ба таври сунъӣ офаридашударо якҷоя кунед. Намунаҳои воқеияти афзоянда ниқобҳо ва филтрҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ё озмоиши либоси 3D дар як барномаи мағоза мебошанд. Меъмор воқеияти виртуалӣ ё объектҳои афзояндаро тарроҳӣ мекунад. Барои ин, ӯ ҳар як ҷузъиёт – манзаравӣ (ландшафт), дизайни дохили бино (интерер), эффектҳои садо, вақти ҳаракати объект ва ҳатто эҳсосоти корбарро фикр мекунад.

– Дизайнери чопи 3D маҳсулотро дар принтери сеченака эҷод мекунад: ашёи дохилӣ, қисмҳои эҳтиётии таҷҳизот, протезҳои тиббӣ ва ҳатто тамоми биноҳо. Барои ин ӯ моделҳои чопкуниро тартиб медиҳад, тачҳизот васл мекунад, масолеҳ интихоб мекунад ва озмоишҳо мегузаронад. Конструктор вобаста ба соҳа бо маводҳои гуногун кор мекунад. Масалан, барои табобати беморone,ки дар натиҷаи сӯхторҳо захм бардоштаанд, дар шакли 3D (воқеият) чоп карда мешавад.

– Мутахассиси амнияти маълумотҳо ва киберҳо. Амнияти низомҳои иттилоотӣ ва нармафзорро назорат мекунад, ҳамлаҳои кибериро пешгирӣ мекунад ва ба ҳодисаҳо вокуниш нишон медиҳад. Барои ин, мутахассис тадбирҳои ҳифзи маълумотро таҳия ва татбиқ мекунад, осебпазирии эҳтимолиро таҳлил мекунад ва ба ширкатҳо барои беҳтар кардани амнияти иттилоотӣ ҳалли техникӣ пешниҳод мекунад.

– Мутахассиси омӯзиши маълумоти муосири мошинҳои низоми техникиву технологии электронӣ. Моделҳои муосиртарини омӯзиши мошинсозиро эҷод мекунад ва дар асоси дигаргуниҳои нав ба нави истеъмолкунандагон зеҳни сунъии дар техникаю технология насбшударо таҳия мекунад. Масалан, вай шабакаҳои нейрониеро таҳия мекунад, ки метавонанд ба саволҳои корбарон ҷавоб гардонад ё алгоритмҳоеро таҳия менамояд, ки эҳтимоли дар панҷ даҳ соли оянда дар асоси маълумоти чандсолаи пурсишҳо пешгӯӣ мекунанд. Ин мутахассисон агарчӣ як сол пеш соҳиби диплом шуда бошад ҳам, ҳар 3-6 моҳ бояд аз курси такмили ихтисос гузаранд.

– Мутахассиси таҳлилгари тиҷорати электронӣ. Ин мутахассис ҷараёни кор ва нишондиҳандаҳои асосии онро таҳлил намуда, роҳҳои ҳар чӣ беҳтар намудани онҳоро меёбад. Ин ба ширкатҳо кумак мекунад, ки бо кадом роҳ хароҷотро кам кунанд ва даромадро афзоиш диҳанд. Масалан, як таҳлилгари тиҷорати электронӣ метавонад бифаҳмад, ки бо кадом роҳи муосир хароҷотҳои истеҳсолиро кам намуда, роҳҳои самараноки истеҳсоли маҳсулотҳоро ба роҳ монда, даромади бештареро ба даст биёранд.

– Менеҷер-контент. Ин мутахассисест, ки сайтҳоро бо маводҳои зарурӣ пур мекунад, масалан мақолаҳо, хабарҳо, аксҳо. Ба вазифаҳои ӯ ҳамоҳангсозии кори копирайтерҳо, модераторҳо ва дигар мутахассисоне, ки дар сайт кор мекунанд, иборат аст. Фаъолияти ин мутахассис нисбат ба дигар мутахассисон каме душвор ва масъулиятнок аст, ки аз ин мутахассис таҷриба ва дониши муосирро талаб менамояд. Ин мутахассис як рӯзи ҳафтаро барои такмили ихтисос ва аз худ намудани маълумоти нав ба нав харҷ менамояд.

Дар баробари ин ихтисосҳои номбардашуда, боз ихтисосҳои муосири дигаре низ пайдо гаштаанд, ки дар 5-10 соли охир дар бисёре аз кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон ба вуҷуд омаданд, ба монанди: мутахассиси сайтҳо (созандаи сайтҳо), интернет-коуч (машваратчии

донишҳои муосир), байер (дастраскунандаи маҳсулот), логистик, хед-хантер (миёнарав байни коргар ва корфармо), марчендайзер (дастраскунандаи маҳсулот), PR менеҷер (мутахассиси кор бо имиҷи корхона), андерайтер (суғуртакунанда) ва садҳо ихтисосҳои дигар.

Аз рӯйи маълумоти ташхисшуда дар солҳои 2022-2023-юм ихтисосҳое, ки серталабтарин шуморида шуданд инҳоро ном бурдан мумкин аст:

1. Менеҷери фурӯш. Касби серталабтарин дар соли 2022-юм, ки барои ин касб дар портали Head Hunter, ки яке аз агентҳои калонтарин дар ҷаҳон оид ба таъминамоии кормандон ба ҷойи кор ҳисоб меравад, 497 ҳазор ҷойҳои холӣ барои менеҷерони фурӯш пешниҳод шудаанд. Сарфи назар аз рушди технологияҳои электронии иттилоотӣ, кори онҳоро автоматӣ кардан душвор аст. Ширкатҳо дар ҳама соҳаҳо ба мутахассисоне ниёз доранд, ки малакаҳои муошират, маҳорат ва қобилияти муаррифии маҳсулот ва хидматҳоро доранд.

2. Пизишкон ва коркунони тиб. Дар бозори меҳнат ба кормандони соҳаи тиб ҳамеша талабот вуҷуд дошт ва он сол аз сол ба хусус баъдии бемории ҳамагир COVID-19 боз афзоиш ёфт. Табибро бо барномаҳои сунъӣ иваз кардан хеле душвор аст. Зуҳни сунъии сохтаи инсон то дараҷае рушд накардааст, ки тавонад, ба ҳар як бемор муносибати инфиродӣ намуда, дармони дарди бемор шавад. Тибқи як пажӯҳиши хадамоти rabota.ru, касби тиббӣ яке аз серталабтарин касб дар солҳои 2022-2023-юм ба шумор меравад.

3. Муҳандис. Мувофиқи маълумоти Salary Index муҳандисон дар солҳои пешин ҳозира ва оянда мутахассисонеанд, ки дар қатори ду касби дар боло номбурда, талаботи бештаре дар бозори меҳнати байналмилалӣ доро мебошанд. Ба онҳо конструкторҳо, лоиҳачиён, муҳандисони таҷҳизоти техникӣ ва дигар мутахассисони техникӣ дохил мешаванд, ки онҳо техникаи ҳозиразамонро нигоҳубин ва такмил дода метавонанд.

Мавқеи чорумро дар ин радабандӣ дар ин солҳо мутахассисони IT, мавқеи панҷумро дизайнерон, мавқеи шашумро маркетологҳо, мавқеи ҳафтумро муаллимон, мавқеи ҳаштумро равоншиносон, мавқеи нуҳумро таҳлилгарони молиявӣ ва мавқеи даҳумро тарҷумонон ишғол намуда истодаанд.

**Хулосаи боби сеюм**

1. Донишомӯзии инсон ҳамавақт, хароҷотҳои муайяни худро дошта, рушду ташаккулдиҳандаи даромади оила, ҷамъият, ширкату корхона ва давлатро таъмин менамояд. Хароҷотҳо барои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ давраҳои муайяни худро дошта, нисбат ба дигар сармоягузориҳо барқарорсозии тезтарро доро мебошад. Аз рӯйи таҳқиқоти гузаронидашуда, муайян карда шудааст, ки манфиатоварии он нисбат ба дигар сармоягузориҳо ба маротиб зиёдтар аст. Дар баробари ин гуфтаҳо, ҳамаи он неъматҳое, ки майлу рағбати истеъмолкунандагонро қонеъ мегардонанд, ҳатман сармоягузориҳои муайяни худро доштанд ва маҳсули ҳамон сармоягузориҳо дониста мешаванд;

2. Мувофиқ ба таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон дар шароити муосири иқтисодӣ сармояи инсонӣ яке аз қисматҳои бузурги боигарии онҳо ба ҳисоб меравад. Таҷрибаҳои онҳо нишон медиҳад, ки рушд ва вусъатёбии ин сармояи муҳимми иқтисодӣ, аз он чораандешиҳое мебошад, ки боиси ташаккулёбии сармояи инсонӣ мегардад. Сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти ин давлатҳо омили асосии истеҳсолот, рушдиҳандаи иқтисодиёт ва ба рақобатҳои зиёд тоб оварандаи ширкату корхонаҳо дониста мешавад. Аз ин нуқтаи назар, мувофиқ ба таҷрибаи ин давлатҳо бояд роҳеро пешаи худ намуд, ки боиси ташаккулёбии сармояи инсонӣ, баланд бардоштани сифати зиндагӣ, инчунин ҳавасманд кардани одамон барои истифодаи бештари донишҳо кумак расонад.

3. Аз рӯйи маълумоти ташхисшуда, риштаҳои муосире, ки дар бештари муассисаҳои таълимии кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон дар солҳои 2022-2023-юм ба роҳмондашуда, мавриди омӯзиш қарор гирифта, он ихтисосҳое, ки дарояндаи наздик дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар лозиманд омода карда шаванд. Инчунин он ихтисосҳое, ки дар бозори меҳнат серталабтарин шуморида шуданд ба монанди: менеҷери фуруш, духтурон ва коркунони тиб, муҳандисон, конструкторҳо, лоиҳачиён, муҳандисони таҷҳизоти техникӣ, мутахассисони IT, дизайнерон, маркетологҳо, муаллимон, равоншиносон, таҳлилгарони молиявӣ ва тарҷумонон ишғол намудаанд. Ҳамаи ин гуфтаҳо ба инобат гирифта шуда, омоданамоии мутахассисонро мувофиқ ба талаботҳои бозори меҳнати байналмилалӣ ба роҳ мондан лозим меояд.

# БОБИ IV. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МАЪЛУМОТГИРИИ ОЛИИ КАСБӢ, ҲОЛАТИ БОЗОРИ МЕҲНАТ, САТҲИ ДАРОМАД ВА ДАРАҶАИ ЗИСТИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 4.1. Вазъи маълумотгирии олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили такомулёбии сармояи инсонӣ

Масъалаи ташкилу идоракунии маълумотгирӣ, ҷиҳати зиндагонии шоиста доштани ҳар як фарди ҷомеа ва фаротар аз он давлату ҳукумат, аз тариқи тарбия ва омода намудани кадрҳои дорои дониши замонавӣ ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим аз равишҳои гуногуни идоракуниву давлатдорӣ ва хоҷагидории мардуми Ориёӣ, Форсӣ, Чинӣ, Юнонӣ, Ҳиндӣ ва Мисрӣ, бо таълимотҳои даврони худ ба монанди: таълимоти Авасто, Даосизм ва Конфутсий ба роҳ монда шуда буданд, ки ин гуфтаҳо аз асарҳои файласуфон ва олимон ба амсоли Суқрот, Арасту ва Афлотун сарчашма гирифтааст.

Минбаъд маълумотгирӣ дар асрҳои миёнамаъразии омӯзишу баррасии донишмандону сиёсатмадорони форсу тоҷик қарор гирифта ва басоривоҷу равнақ дидааст. Тайи садсолаҳои охир бошад, масъалаи мазкур дар мамолики Ғарбиву кишвари Амрико низ, нуфуз пайдо намуда, то ба имрӯз рӯйи он ҳамчун сарчашмаи меҳварии ташаккули рушди неруи касбӣ, ҳунарӣ ва тавонмандии инсонӣ тадқиқот бурда мешавад.

Донишмандону мутахассисони соҳа, диққати худро пайваста ба мавзуи омоданамоии мутахассисон мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат ва рушду равнақ додани соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт равона намудаанд. Ҳамзамон, кӯшиши пайдо кардани равишҳои хоси илмӣ – назариявӣ, фарҳангиву анъанавии идоракунии халқу миллатҳои гуногунро, барои рушди устувори таълимоти бозомӯзии инсонӣ, худинкишофёбиву худтасдиқкунӣ, барпо намудани ҷомеаи комилан

солим ва давлату давлатдориҳои пурқудрату беназири ҷаҳониро дар ҳама давру замон доштаанд.

Ҳанӯз дар замони худ донишманди таърихӣ Афлотун оид ба таълимотгирии инсон навишта буданд: «Аз натиҷаи таълимоти дурусти салоҳиятнок руҳи инсон болидаву тоза гашта, дар дили ӯ як қувваи бузурги созандагӣ пайдо мешавад», ё худ донишманди дигари таърихӣ Конфутсий чунин овардааст: «Мо бояд ба омӯзишу таълимот тарзе муносибат дошта бошем, ки доимо дар тарси норасогӣ ва аз даст додани он бошем»[149].

Бояд қайд кард, ки арзишҳои муосири менеҷменти соҳибкориву созандагии замони инқилоби чоруми саноатӣ низ талаби нигоҳдории мувозинати рушди нерӯи инсонӣ ва рушди зеҳнии сунъиро доранд. Ҳолати имрӯзаи иқтисодиёт исботи онро дорад, ки имрӯзҳо ширкату корхонаҳои бузурги саноатӣ пайваста кушиши дастрас намудани ақлҳои бузурги ҷаҳониро дошта, ҳамасола барои расидан ба ин мақсадҳо миллиард доллари амрикоиро сарф менамоянд. Яъне сармоягузорӣ ба зеҳни инсон, ба маълумотгирии олии онҳо ва фаъолиятҳои креативию когнитивии эъҷодиву кашфиётӣ ва ё созандагии ҷаҳонии онҳо, ки эҷодкунандаи зеҳни сунъӣ мебошанд, гувоҳӣ аз он доранд, ки барои субъектони асосии бозори меҳнат ин равиш аллакай як шакли олии рафтории роҳбариро дар тули 10-15 соли охир гирифтааст. Аксари роҳбароини касбӣ аллакай ин арзишҳои олии рушдёбандагии зеҳни касбӣ ва зеҳни сунъиро ҳамчун як модели устувори ҷаҳонӣ қабул карда, аз рӯйи он фаъолият намуда истодаанд. Махсусан таъмини арзишҳои олии рафтори касбӣ ва ё ташвиқу тадқиқотҳои инсондӯстиву рушдёбандагии зеҳнии онҳо, додани маоши баланду таъмини сатҳи баланди некуаҳволии кормандонашон дар тамоми ҷаҳон имконоти баланди диққатҷалсозиву рушдёбандагии неруҳои созандаи инсониро

[149] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Таълимотгирии бефосилаи касбӣ-электронӣ. – Душанбе: «Ирфон» - 2016. – С.45.

дар ширкату корхонаҳо таъмин карда истодаанд. Дар илми менеҷмент инро ҳамчун самараи доминогӣ гуфта, қайд кардан бомаврид аст, ки агар дар яке аз равишҳои системавии рушди технологӣ судоварӣ таъмин карда шавад, таъсиррасонии он албатта ба дигар равишҳо чашмрас хоҳад гашт. Ё ин ки ин равишҳои рушдёбандагии зеҳнӣ ҳамчун нишонаи арзишҳову меъёрҳои рафтории роҳбарӣ таъсирасон гашта, барои таъмини рушди стратегии босуботи иқтисодии ширкату корхонаҳо ҳатман таъсиррасон хоҳад буд. Ин гуфтаҳо имконоти васеи идоракунии менеҷменти муосири касбиро дар ҳама соҳаҳову равишҳои функсионаливу вазифадории касбӣ таъмин хоҳад кард.

Дар ин замина, масоили таъмини рушди устувори таълимоти олии касбӣ ва идоракунии самараноки он, ҳамчун як равиши таърихӣ – фарҳангӣ ва тавсеаи иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаи муосир зуҳур намудааст. Ин масоил мебоист дар баробари дигар захираҳои менеҷменти муосир шинохта ва ҳамчун сохтори ташкиливу вазифадорӣ дар роҳбарии менеҷменти давлативу хусусии навин ворид карда шавад.

Аз ҷониби дигар, функсияи навини фаъолияти касбии менеҷмент, корманди замони муосир, роҳбарону пешвоёни мондагори таърихӣ ба зинаи дигари рушди роҳбарии фаъолияти касбиву ҳунарӣ ва қобилиятҳо ворид гашта, ҷиҳати нишон додани эҷоду ҳунари волои касбӣ заминаи мувофиқи инноватсионӣ фароҳам омадааст.

Рушду ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионии муосир тақозои онро дорад, ки донишомӯзӣ ё худ аз бар намудани маълумотҳо ва таҷрибаҳои муосири иқтисодӣ барои ҳар як аъзои ҷамъият шарти зарурӣ дониста шуда истодааст. Доштани маълумотҳою таҷрибаҳои муосири иқтисодӣ кафолати доимо ба кор банд будани кормандро ва гирифтани даромади бештарро ҳам барои корманд ва ҳам барои корфармо таъмин менамояд.

Дар шароити муосири инноватсионии иқтисодӣ ҳаёти ҷомеа дигаргун гашта, вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии зиндагӣ низ тағйирёбанда

гашта истодааст. Ин дигаргуниҳо боис бар он гашта истодааст, ки соҳаи маориф ва илмӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар зерсохторҳои алоқаманди соҳа вазъияти баамаломадаро ҷиддӣ қабул намуда, мутахассисонро мувофиқ ба талаботҳои муосири бозори меҳнат дар дохил ва берун аз он омода намоянд. Дар шароити муосир, муассисаҳои маълумотдиҳандаи олии касбӣ ҳамчун зерқисмати асосии иқтисодиёти муосир дониста шуда, вазифаҳои зеринро иҷро менемоянд:

– таъминкунандаи дарку фаҳмишҳо ва донишҳои муосири инсонӣ ва дар баробари инҳо рӯҳан омоданамоӣ ва рушду инкишофдиҳандаи инсонҳо;

– таъмини соҳаҳои муҳимми ҷамъиятӣ бо мутахассисони ҳирфаӣ ва мусоидат намудан ба рушду вусъатёбии иқтисодиёти муосири инноватсионӣ .

Рушди иқтисодиётро бешубҳа соҳаҳои таркибии он таъмин менамояд, ки идоранамоии ин соҳаҳоро бешубҳа мутахассисони кордон бояд ба уҳда дошта бошанд. Мутахассисони кордон қодиранд, ки дилхоҳ соҳаро дар шароити муосири иқтисодӣ бо дониш ва маҳорату таҷрибаи кордонии худ пеш баранд. Донишу кордонии мутахассисон танҳо дар натиҷаи омӯзиш ва азхудкунии маълумотҳо ва таҷрибаи муосири иқтисодӣ аз худ карда мешавад, ки хароҷотҳои муайянро талаб менамоянд. Ин хароҷотҳо дар асл ба омода кардани мутахассисони дорои дониши замонавии муосир равона гардида, рушду ташаккулёбии иқтисодиётро таъмин менамоянд.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, вобастагии равандҳои принсипиалӣ ва арзишмандии муассисаҳои таҳсилоти олиро дар ҷамъият ва иқтисодиёти муосир метавон чунин гурӯҳбандӣ намуд:

– ба донишҷӯён маълумотҳо ва таҷрибаҳое омӯзонида мешавад, ки айни замон дархӯрди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Донишҳои касбӣ ва зеҳнияти онҳо ба он раванде ташаккул дода мешавад, ки барои

донишомӯз ва фармоишгар, самаранок дониста мешавад. Инчунин, касбҳо дуруст ва мувофиқ ба талаботи имрӯзаи бозори меҳнат интихоб гардида, кафолати дар соҳаҳои иқтисодиёт фаъолияти доимӣ ва самаранок доштанашонро пешгӯи менамояд;

– маълумоти олии касбии инсон, ҳамчун паҳлӯи пуркунандаи сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, таъминкунанда ва пешбарандаи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии инсонҳо дониста мешавад.

– Дигаргуншавиҳои иқтисодӣ, вусъат ёфтани муносибатҳо ва зуд-зуд тағйирёбиҳои талаботҳои имрӯзаи бозори меҳнат, вазифаҳои муҳимми ҷамъиятиро дар назди соҳа ва мақомоти олии идоракунандаи он, давлат гузошта истодааст, ки онҳоро чунин шарҳ додан мумкин аст:

– таҳкими функсияҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар рушду ташаккулёбии нерӯи зеҳнии инсонӣ масъуланд;

– муҳайё кардани шароитҳои муносиб барои фаъолияти самаранокии муассисаҳои олии касбӣ ҳамчун ячейкаи асосии ҷамъиятӣ бо дарназардошти дигаргуншавии муносибатҳои инноватсионии иқтисодӣ.

Вобаста ба ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун унсури асосии такмилу ташаккулдиҳандаи ихтисосҳои оммавӣ, рушду инкишофдиҳандаи сармояи инсонӣ, омӯзишу бозомӯзии мутахассисон ва паҳн кунандаи маълумоти нав ба шумор меравáнд.

Муҳиммияти ин гуфтаҳо ба инобат гирифта шуда, Ҳукумати кишвар кушиш ба харҷ дода, муассисаҳои таҳсилоти олии касбиеро таъсис намуда истодааст, ки мутахассисони омодашавандаи онҳо мувофиқ ба талаботҳои муосири бозори меҳнат мебошанд. Омода кардани чунин мутахассисон мақсади асосии Ҳукумати кишвар ба ҳисоб рафта, доим таҳти назорат будани онро нишон медиҳад.

Аз таҳлилу баррасиҳо дидан мумкин аст, ки шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишомӯзони он сол то сол зиёд гардидааст, ки маълумоти пурраи он дар ҷадвали 4.1 ба таври мукаммал оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.1. Шумораи МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва донишҷӯёни онҳо дар солҳои хониши 2000-2001 ва 2023-2024 (дар оғози соли хониш)**

| Дар оғози соли хониш | Нишондиҳандаҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Адади муассисаҳо, воҳид | Донишҷӯёни онҳо, ҳазор нафар | Аз он ҷумла, ба 10000 аҳолӣ, нафар |
| 2000-2001 | 30[1] | 77,7 | 127 |
| 2010-2011 | 33[1] | 151,7 | 202 |
| 2011-2012 | 33[1] | 152,2 | 200 |
| 2012-2013 | 34[1] | 150,2 | 188 |
| 2013-2014 | 34[1] | 159,4 | 195 |
| 2014-2015 | 38[1] | 165,3 | 198 |
| 2015-2016 | 38[1] | 176,5 | 206 |
| 2016-2017 | 39[1] | 186,9 | 214 |
| 2017-2018 | 39[1] | 195,7 | 219 |
| 2018-2019 | 39[1] | 209,8 | 232 |
| 2019-2020 | 40[1] | 229,6 | 249 |
| 2020-2021 | 41[1] | 245,9 | 261 |
| 2021-2022 | 41[1] | 239,5 | 244 |
| 2022-2023 | 46[1] | 218,1 | 218 |
| 2023-2024 | 46[1] | 214,4 | 211 |
| **Солҳои 2023-2024 нисбат ба солҳои 2000-2001** | **+16** | **+136,7** | **+84** |

**[1] Эзоҳ - дар якҷоягӣ бо филлиалҳо.**

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.53.

Аз ҷадвали 4.1 дидан мумкин аст, ки дар тули ин солҳо шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 33 муасиса ба 46 адад расида 16 муасиса зиёд гардидааст. Шумораи донишҷӯёни онҳо низ дар ин солҳо зиёд гардида, аз 77700 нафар донишҷӯи соли хониши 2000-2001-ум ба 214400 нафар донишҷӯ, дар соли хониши 2023-2024-ум расида, зиёдшавии он 136700 нафар донишҷӯро ташкил менамояд.

Нишондиҳандаи дигар, ки шуомраи донишҷӯёнро дар байни 10000 нафар аҳолӣ муайян мекунад. Мувофиқ ба ин нишондиҳанда, дар соли хониши 2000-2001-ум 127 донишҷӯ ва дар соли хониши 2023-2024-ум ин нишондиҳанда ба 211 донишҷӯ расидааст, ки нисбати соли хониши 2000-2001-ум 84 донишҷӯ, зиёд мебошад.

Динамикаи шумораи донишҷӯёни МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳо дар солҳои хониши 2000-2001 ва 2023-2024 ба таври муфасал дар ҷадвали 4.2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.2. Тағйирёби (динамика)-и шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳо дар солҳои хониши 2000-2001 ва 2023-2024, ҳазор нафар**

| Нишонди-ҳандаҳо | 2000-2001 | 2010-2011 | 2017-2018 | 2018-2019 | 2019-2020 | 2020-2021 | 2021-2022 | 2022-2023 | 2023-2024 | **2023-2000 +/-** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи донишҷуён дар МТОК** | 77,7 | 151,6 | 195,7 | 209,7 | 229,6 | 245,9 | 239,5 | 218,1 | 214,4 | +136,7 |
| бо % | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | |
| **Аз он ҷумла, дар соҳаҳои** | | | | | | | | | | |
| **Саноат** | 6,7 | 18,1 | 26,3 | 29,1 | 27,7 | 33,7 | 30,5 | 33,4 | 17,6 | +10,9 |
| бо % | 8,6 | 11,9 | 13,4 | 13,8 | 12,0 | 13,7 | 12,7 | 15,3 | 8,2 | -0,4 |
| **Хоҷагии қишлоқ** | 4,2 | 9,8 | 12,5 | 15,5 | 10,0 | 11,3 | 11,6 | 8,9 | 6,8 | +2,6 |
| бо % | 5,4 | 6,4 | 6,3 | 7,3 | 4,3 | 4,5 | 4,8 | 4,0 | 3,1 | -2,3 |
| **Иқтисодиёт ва ҳуқуқ** | 16,2 | 43,7 | 55,4 | 58,4 | 59,6 | 66,5 | 62,4 | 26,3 | 28,6 | +12,4 |
| бо % | 20,8 | 28,8 | 28,3 | 27,8 | 25,9 | 27,0 | 26,0 | 12,0 | 13,3 | - 7,5 |
| **Тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш** | 6,2 | 9,3 | 19,0 | 19,2 | 20,9 | 23,8 | 23,8 | 19,3 | 20,8 | +14,6 |
| бо % | 7,9 | 6,1 | 9,7 | 9,1 | 9,1 | 9,6 | 9,9 | 8,8 | 9,7 | +1,8 |
| **Маориф** | 41,4 | 66,2 | 74,4 | 78,9 | 102,3 | 101,0 | 102,0 | 124,4 | 131,3 | +89,9 |
| бо % | 53,2 | 43,6 | 38,0 | 37,6 | 44,5 | 41,0 | 42,5 | 57,0 | 61,2 | +8,0 |
| **Фарҳанг ва санъат** | 0,9 | 2,2 | 4,0 | 4,3 | 4,7 | 5,2 | 4,9 | 4,6 | 4,2 | +3,3 |
| бо % | 1,1 | 1,4 | 2,0 | 2,0 | 2,0 | 2,1 | 2,0 | 2,1 | 1,9 | +0,8 |
| **Дигар соҳаҳо** | 1,7 | 2,1 | 3,8 | 4,1 | 4,4 | 4,5 | 4,4 | 1,1 | 4,2 | +2,5 |
| бо % | 2,1 | 1,4 | 1,9 | 1,9 | 1,9 | 1,8 | 1,8 | 0,5 | 1,9 | -0,2 |

***Сарчашма:*** Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуи оморӣ/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 - С.87; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.55.

Маълумоти овардаи ҷадвал далолат аз он медиҳанд, ки ҳамасола теъдоди донишҷӯён дар ҳама соҳаҳои асосии иқтисодиёт зиёд гардидааст. Зиёдшавии теъдоди донишҷӯёни соҳаи саноат дар ин солҳо аз 6700 нафар донишҷӯи соли хониши 2000-2001-ум ба 17600 нафар донишҷӯ дар соли хониши 2023-2024 расида, 10900 нафар донишҷӯ зиёд гардидааст. Дар соҳаи кишоварзии кишвар бошад, дар тули ин солҳо 2600 нафар донишҷӯ зиёд гардидааст.

Дар соли хониши 2000-2001-ум дар соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳуқуқ шумораи донишҷӯён 16200 нафаро ташкил менамуд, ин нишондиҳанда дар соли хониши 2023-2024-ум ба 286000 донишҷӯ баробар гашта, 12400 нафар донишҷӯ зиёд гардидааст. Дар соҳаи тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дар соли хониши 2000-2001-ум 6200 нафар донишҷӯ ва дар соли хониши 2023-2024-ум 20800 нафар донишҷӯ таҳсили илм намуда, зиёдшавии донишҷӯён дар ин соҳа 14600 нафар донишҷӯ зиёд мебошад.

Дар соҳаи маорифи кишвар теъдоди донишомӯзон нисбат ба дигар соҳаҳо зиёд буда, дар соли хониши 2000-2001-ум 41400 донишҷӯро ташкил намудааст, ин нишондиҳанда дар соли хониши 2023-2024 89900 донишҷӯ зиёд гардида, ба 131300 донишҷӯ омада расидааст. Дар соҳаи фарҳанг ва санъат дар тули ин солҳо аз 900 донишҷӯи соли таҳсили 2000-2001-ум ба 4200 нафар донишҷӯи соли хониши 2023-2024-ум омада расида, 3300 донишҷӯ зиёд гардидааст. Дар дигар соҳаҳои боқимонда бошад, дар соли хониши 2000-2001-ум 1700 донишҷӯ таҳсили илм намудаанд ва дар соли 2023-2024-ум ин шумора ба 4200 донишҷӯ омада расидаанд, ки нисбати соли базавӣ 2500 донишҷӯ зиёд мебошад.

Теъдоди донишҷӯёни МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳо, дар соли хониши 2023-2024-ум зиёд шуда бошанд ҳам, тағйирёбии онҳо вобаста ба фоиз нисбати соли таҳсили 2000-2001-ум чунин ба чашм мерасад, ки бо тарзи аёнӣ дар диаграммаи 4.1 оварда шудааст.




**Диаграммаи 4.1. Шумораи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба соҳаҳо дар солҳои хониши 2000-2001-ум ва 2022-2023-юм, бо фоиз**

Теъдоди донишомӯзони МТОК-и кишвар вобаста ба соҳаҳо, дар соли хониши 2000-2001-ум 77700 нафарро ташкил намудааст, ки агар онро бо фоиз ишора наоем чунин шаклро мегирад: 8,6% дар соҳаи саноат, 5,4% дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, 20,8% дар соҳаи иқтисодиёт ва ҳуқуқ, 7,9% дар соҳаи тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, 53,2% дар соҳаи маориф ва 1,1% дар соҳаи фарҳанг ва санъат ва 2,1% дар дигар соҳаҳо. Дар ин сол аз ҳама ҳиссаи зиёди донишҷӯён дар соҳаи маориф 53,2% ё 41400 нафар донишҷӯро ташкил намудааст. Аз ҳама шумораи ками донишҷӯён 1,1% ё 900 донишҷӯ дар соҳаи фарҳанг ва санъат дониста мешавад.

Дар соли хониши 2023-2024-ум бошад, теъдоди умумии донишомӯзони МТОК-и кишвар 214400 донишҷӯро ташкил додааст, ки аз рӯйи фисади соҳабандии онҳо чунин мебошад: 8,2% дар соҳаи саноат, 3,1% дар соҳаи хоҷагии кишлоқ, 13,3% дар соҳаи иқтисодиёт ва ҳуқуқ, 9,7% дар соҳаи тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, 61,2% дар соҳаи маориф, 1,9% дар соҳаи фарҳанг ва санъат ва 1,9% ба дигар соҳаҳо рост меояд.

Интихоби касб ва таҳсилоти олӣ, аз рӯйи фоиз аз шумораи умумии донишҷӯён дар соҳаи тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 1,8%, дар соҳаи маориф 8,0% ва дар соҳаи фарҳанг ва санъат 0,8% зиёд гардидааст. Дар дигар соҳаҳо ба андозаҳои зайл: дар соҳаи саноат 0,4%, дар соҳаи хоҷагии қишлоқ – 2,3%, дар соҳаи иқтисодиёт ва ҳуқуқ – 7,5% ва дар дигар соҳаҳо – 0,2% кам гардидааст. Ин зиёду камшавӣ аслан ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва берунӣ вобастагӣ дорад.

Бахши дигаре, ки дар кори илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ин молиягузорӣ ба сармояи инсонӣ дониста мешавад. Вобаста ба ин масъалаи муҳим Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд карданд: «Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон тибқи таҳлилҳои ЮНЕСКО ва Бонки ҷаҳонӣ ба гурӯҳи кишварҳое дохил шудааст, ки ҳаҷми маблағгузории онҳо ба соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлат зиёд мебошад.

Дар ин радабандӣ мамлакати мо аз 183 кишвари таҳти омӯзиш қарордошта ҷойи 21-умро ишғол менамояд»[150]. Таваҷҷуҳу ғамхориҳои Ҳукумати кишвар нисбат ба соҳаи маориф хеле зиёд буда, сол аз сол маблағгузориро ба ин соҳаи муҳимми иқтисодӣ зиёд намуда истодааст. Вобаста ба ин гуфтаҳо тағйирёбии хароҷотҳои буҷетӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023-юм дар ҷадвали 4.3 оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвали 4.3 нишон медиҳад, ки дар соли 2000-ум хароҷот дар соҳаи маориф дар сатҳи хеле паст қарор дошта, 41,6 млн сомониро ташкил намудааст. Рушдёбии он аз солҳои 2010-ум 1019,5 млн сомонӣ, шуруъ шудааст. Яъне шуруъ аз солҳои 2010-ум Ҳукумати Ҷумҳурии

[150] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28.12.2023, шаҳри Душанбе. http://www.prezident.tj/node/16771).

Тоҷикистон ба соҳаи маориф аҳаммияти аввалиндараҷа дода, аз шаш як ҳиссаи даромади буҷети ҷумҳуриро ба ин соҳа ҷудо намуда истодааст.

**Ҷадвали 4.3. Тағйирёбии хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023-юм**

| Солҳо | Хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф, млн. сомонӣ | Бо ҳисоби % | |
|---|---|---|---|
| | | ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ | нисбат ба хароҷоти буҷети давлатӣ |
| **2000** | 41,6 | 2,3 | 15,5 |
| **2005** | 260,0 | 3,5 | 18,0 |
| **2010** | 1019,5 | 4,0 | 14,0 |
| **2011** | 1443,1 | 4,8 | 16,9 |
| **2012** | 1540,6 | 4,3 | 16,9 |
| **2013** | 2111,6 | 5,2 | 18,2 |
| **2014** | 2353,9 | 5,2 | 17,8 |
| **2015** | 2976,0 | 5,2 | 15,7 |
| **2016** | 3093,7 | 5,8 | 16,7 |
| **2017** | 3572,6 | 5,5 | 16,0 |
| **2018** | 3072,6 | 4,3 | 15,3 |
| **2019** | 4338,5 | 5,5 | 18,2 |
| **2020** | 4806,6 | 5,2 | 17,5 |
| **2021** | 5763,0 | 5,3 | 18,9 |
| **2022** | 6753,6 | 5,4 | 17,9 |
| **2023** | 6240,8 | 5,2 | 19,4 |
| **2023 нисбат ба соли 2000 (+/-)** | **+6199,2** | **+2,9** | **+3,9** |

*Сарчашма:* Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуи оморӣ/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 –С.12; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.366-397.

Дар соли 2023-юм 6240,8 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбати соли 2000-ум 6199,2 млн. сомонӣ ё зиёда аз 149 маротиба зиёд гардидааст.

Хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф бо ҳисоби фоиз ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ соли 2000-ум 2,3%, соли 2005-ум 3,5%, соли 2010-ум 4,0%, соли 2015-ум 5,2%, соли 2020-ум 5,2% ва дар соли 2023-юм он 5,2% расидааст, ки нисбати соли базавӣ 2,9% зиёд мебошад. Ин тағйирёбиро дар

шакли диаграмма бо чунин тарз овардан мумкин аст (нигаред ба диаграммаи 4.2).




**Диаграммаи 4.2. Хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023-юм, нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, бо фоиз**

Хароҷоти буҷети давлатӣ бошад дар ин солҳо аз 15,5% соли 2000-ум ба 19,4%-и соли 2023-юм расида, 3,9% зиёд гардидааст. Яъне таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар барои рушд ва инкишоф додани сармояи инсонӣ ба хусус паҳлуи маълумотнокии онҳо зиёд буда, сол аз сол маблағгузориҳо дар ин соҳаи муҳимми ҷамъиятӣ равона карда мешавад.

Сарчашмаи дигаре, ки ба маълумотгирии захираҳои инсонӣ мусоид менамояд, ин бахши хусусӣ ё худмаблағгузорӣ дониста мешавад. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт донишҷӯёне, ки бо таври шартнома дар донишкадаю донишгоҳҳои кишвар таҳсил менамоянд зиёд гардидааст. Аз рӯйи таҷрибаҳои давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ба мо маълум аст, ки молиягузорӣ ба сармояи инсонӣ яке аз роҳҳои расидан ба ҳадафҳои худ дониста мешавад. Бинобар ҳамин бо таври шартнома таҳсил кардан низ яке аз нишонаҳои молиягузори шудани маълумотгирӣ аз ҷониби аҳолии кишвар дониста мешавад. Шумораи донишҷӯёне, ки дар асоси шартнома таҳсил менамоянд вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи шакли таълим дар ҷадвали 4.4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.4. Шумораи донишҷӯёне, ки дар асоси шартнома вобаста ба минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд аз рӯйи шакли таълим (дар аввали соли таҳсил, нафар)**

| Солҳо | Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВМКБ | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | Шаҳри Душанбе | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ дар асоси шартнома таҳсил доранд** | | | | | | |
| 2000/01 | 26700 | 120 | 1804 | 13534 | 11242 | - |
| 2010/11 | 67184 | 1130 | 9680 | 23689 | 32685 | - |
| 2012/13 | 87864 | 1712 | 10068 | 24608 | 51476 | - |
| 2013/14 | 90649 | 1895 | 10436 | 25909 | 52125 | 284 |
| 2014/15 | 97442 | 1872 | 11694 | 26823 | 56718 | 335 |
| 2015/16 | 108316 | 1916 | 14566 | 29994 | 61307 | 533 |
| 2016/17 | 120799 | 2063 | 16591 | 33894 | 67480 | 771 |
| 2017/18 | 129281 | 1807 | 18878 | 34094 | 73087 | 1415 |
| 2018/19 | 144636 | 2445 | 22829 | 37369 | 80262 | 1731 |
| 2019/20 | 162310 | 2307 | 26641 | 40708 | 90801 | 1853 |
| 2020/21 | 182336 | 2305 | 33067 | 40820 | 103923 | 2221 |
| 2021/22 | 178742 | 1931 | 34569 | 41277 | 98973 | 1992 |
| 2022/23 | 162181 | 1297 | 31903 | 38434 | 88756 | 1791 |
| 2023-24 | 151787 | 1089 | 29256 | 36188 | 83789 | 1465 |
| **2023/24 нисбат ба 2000/01 (-/+)** | **+125087** | **+969** | **+27452** | **+22654** | **+72547** | **+1465** |

*Сарчашма:* Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуи оморӣ/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021 –С.68; Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуи оморӣ/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2024 –С.73.

Аз таҳлили ҷадвали 4.4. бармеояд, ки хароҷот барои азхуднамоии маълумоти олии касбӣ аз ҷониби субъектони хоҷагидор ва аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол зиёд гардида, аз 26700 донишҷӯ соли 2000-ум ба 151787 донишҷӯи соли 2023-юм омада расида, 125087 донишҷӯ ё зиёда аз шаш маротиба бештар гардидааст.

Вобаста ба минтаҳо ин нишондиҳанда вусъат пайдо намуда, рушду ташаккул ёфтааст. Масалан, дар соли таҳсили 2023-2024-ум 151787 донишҷӯ, ки ба тариқи шартномавӣ дар МТОК-и ҷумҳурӣ таҳсил менамоянд, ки аз онҳо: 83789 донишҷӯ аз шаҳри Душанбе, 36188 донишҷӯ аз Вилояти Суғд, 29256 донишҷӯ аз Вилояти Хатлон, 1465 донишҷӯ аз НТҶ ва 1089 донишҷӯ аз ВМКБ, ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Таносуби шумораи донишҷӯёне, ки дар асоси шартнома таҳсили илм менамоянд, дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он сол аз сол зиёд гардидааст ва муқоисаи онро нисбат ба солҳои каблӣ дар ҷадвали 4.5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.5. Шумораи умумии донишҷӯёни МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо таври шартномавӣ ва ройгон таҳсил дошта, дар солҳои хониши 2000-2001-ум ва 2023-2024-ум**

| Дар оғози соли хониш | Нишондиҳандаҳо | | |
|---|---|---|---|
| | Шумораи умумии донишҷӯён, ҳазор нафар | Донишҷӯёни бо таври шартнома таҳсил кунанда, ҳазор нафар | Донишҷӯёни бо таври ройгон таҳсил кунанда, ҳазор нафар |
| 2000-2001 | 77,7 | 26,7 | 51,0 |
| 2010-2011 | 151,7 | 67,1 | 83,9 |
| 2012-2013 | 150,2 | 87,8 | 62,2 |
| 2013-2014 | 159,4 | 90,6 | 68,8 |
| 2014-2015 | 165,3 | 97,4 | 67,9 |
| 2015-2016 | 176,5 | 108,3 | 68,2 |
| 2016-2017 | 186,9 | 120,7 | 66,2 |
| 2017-2018 | 195,7 | 129,2 | 66,5 |
| 2018-2019 | 209,8 | 144,6 | 65,2 |
| 2019-2020 | 229,6 | 162,3 | 67,3 |
| 2020-2021 | 245,9 | 182,3 | 63,6 |
| 2021-2022 | 239,5 | 178,7 | 60,8 |
| 2022-2023 | 218,1 | 162,1 | 56,0 |
| 2023-2024 | 214,4 | 151,7 | 62,7 |
| **Солҳои 2023-2024 нисбат ба солҳои 2000-2001** | **+136,7** | **+125,0** | **+11,7** |

***Сарчашма:*** Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуи оморӣ/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021. – С.68-83; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.53-73

Таҳлили ҷадвали 4.5 аз он шаҳодат медиҳад, ки шумораи донишҷӯёне, бо таври шартномавӣ дар муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ таҳсилкунанда, дар ин солҳо 125,0 ҳазор донишҷӯ зиёд гардидааст ва шумораи донишҷӯёни бо таври ройгон таҳсилкунанда бошад, 11700 донишҷӯ зиёд гардидааст. Ин дигаргуниро дар шакли диаграмма бо чунин тарз овардан мумкин аст.




**Диаграммаи 4.3. Тағйирёбии шумораи умумии донишҷӯён дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои хониши 2000-2001-ум ва 2023-2024-ум, аз рӯи шакли таҳсил.**

Аз диаграммаи 4.3 дидан мумкин аст, ки тағйирёбии шумораи донишҷӯёни МТОК Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 77700 донишҷӯи соли хониши 2000-2001-ум ба 214400 донишҷӯ расида, 136700 донишҷӯ дар ҳарду бахш зиёд гардидааст. Ин тағйирёбӣ бештар дар донишҷӯёни бо таври шартнома таҳсилкунанда, дида мешавад. Донишҷӯёне, ки бо таври шартнома дар МТОК таҳсил менамоянд, нисбат ба донишҷӯёни ройгон таҳсилкунанда рӯз аз рӯз зиёд гардида, нисбат ба соли базавӣ 125000 донишҷӯ ё қариб 10 маротиб зиёд гардидаанд. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки дар баробари кушишу ғамхориҳои Ҳукумати кишвар кушишу заҳматҳои субъектони хоҷагидор, ба хусус аҳолии кишвар низ баҳри сармоягузори намудан ба ояндаи фарзандони худ дида мешавад.

Бахши дигаре, ки идомадиҳанда ё рушду инкишофдиҳандаи сармояи инсонӣ дониста мешавад, ин баъди хатми донишкадаю донишгоҳҳои олӣ идома додани таҳсил ба шумор меравад. Дар давоми таҳлил мо ба бахши илм ва инноватсия шуруъ менамоем, ки он дар ҷадвали 4.6 бо таври зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.6. Хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм ва инноватсия, шумораи муассисаю ташкилотҳои илмӣ ва шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (дар солҳои 2000-2023)**

| Солҳо | **Нишондиҳандаҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Хароҷоти буҷети давлатӣ, ҳазор сомонӣ | Шумораи муасисаю ташкилотҳои илмӣ, воҳид | Шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ, нафар | | | |
| | | | Ҳамагӣ | Доктороapprove-ни илм | Номзадо-ни илм | Бе унвони илмӣ |
| 2000 | 1155,8 | 57 | 5376 | 351 | 967 | 4058 |
| 2005 | 7663,3 | 57 | 4891 | 415 | 1245 | 3231 |
| 2010 | 27581,4 | 56 | 5756 | 334 | 896 | 4526 |
| 2015 | 52890,7 | 66 | 3704 | 328 | 748 | 2628 |
| 2016 | 55503,8 | 74 | 3894 | 307 | 767 | 2820 |
| 2017 | 60636,7 | 80 | 3720 | 293 | 731 | 2696 |
| 2018 | 66910,7 | 82 | 3923 | 325 | 816 | 2782 |
| 2019 | 76401,0 | 82 | 4505 | 362 | 839 | 3304 |
| 2020 | 82820,4 | 82 | 4269 | 337 | 849 | 3083 |
| 2021 | 99690,7 | 81 | 4446 | 322 | 866 | 3258 |
| 2022 | 119586,7 | 80 | 4496 | 320 | 913 | 3263 |
| 2023 | 143510,8 | 80 | 7272 | 336 | 933 | 6003 |
| **Соли 2023/ 2000 (+/-)** | **+142355,0** | **+23** | **+1896** | **-15** | **-34** | **+1945** |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.68-69.

Аз таҳлили ҷадвали 4.6 бармеояд, ки хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи илм дар соли 2000-ум 1155,8 ҳазор сомонӣ буда он дар соли 2023-юм ба 143510,8 ҳазор сомонӣ расида, 142355 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Шумораи муассисаҳои илмӣ низ дар ин солҳо аз 57 муассиса ба 80 муассиса расида, 23 муассиса зиёд гардидааст.

Шумораи кормандони илмӣ дар ин соҳа аз 5376 корманди соли 2000-ум ба 7272 нафари соли 2023-юм расида, 1896 нафар зиёд гардидааст. Аз ин шумораи кормандон, дар соли 2000-ум 351 нафар доктарони илм, 967 нафар номзадони илм ва 4058 нафар кормандони бе унвони илмӣ ба фаъолият машғул буданд. Дар соли 2023-юм ин шумораҳо тағйир карда аз шумораи умумии 7272 нафар, ки аз инҳо: 336 доктори илм, 933 нафар номзадони илм ва 6003 нафар бе унвони илмиро ташкил менамуд. Нисбат ба соли базавӣ шумораи умумии кормандон 1896 нафар зиёд гардиданд, ки аз онҳо докторони илм 15 нафар,

номзадони илм 34 нафар кам гардидава шумораи кормандони бе унвони илмӣ 1945 нафар зиёд гардидаанд.

Зиёдшавии маблағгузорӣ ба соҳаи илм ва инноватсия ин шаҳодат аз рушд ва ташаккулёбии соҳаи мазкур хабар медиҳад. Бинобар ин фаъолият намудан дар соҳаи илм ва ихтироотҳои муосири илмӣ хароҷотҳои зиёдеро талаб мекунанд. Аз рӯйи таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон ҳама он навовариҳо ва ихтироотҳои муосир сармоягузориҳои муаянеро талаб менамояд.

Нақши сармоягузориҳо дар илм ва инноватсия дар такмили сармояи инсонӣ бағоят муҳим буда, тавлиди идеаҳои муосир ва рушди иқтисодиётро таъмин менамояд. Вобаста ба ин гуфтаҳо алоқамандии хароҷоти буҷети давлатӣ барои илм ва инноватсияро бо дигар нишондиҳандаҳо дар шакли модели регрессия дида мебароем. (нигаред ба ҷадвали 4.7.)

**Ҷадвали 4.7. Такмили сармояи инсонӣ дар шароити рушди инноватсионии иқтисоди муосир**

| Солҳо | Y | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ |
|---|---|---|---|---|---|
| **2000** | 1155,8 | 77,7 | 288,4 | 15,57 | 41,6 |
| **2005** | 7663,3 | 132 | 1062,8 | 83,58 | 260,0 |
| **2010** | 27581,4 | 151,7 | 3285,8 | 354,44 | 1019,5 |
| **2015** | 52890,7 | 176,5 | 6031,7 | 878,91 | 2976,0 |
| **2016** | 55503,8 | 186,9 | 6336,3 | 962,16 | 3093,7 |
| **2017** | 60636,7 | 195,7 | 7291,4 | 1144,19 | 3572,6 |
| **2018** | 66910,7 | 209,8 | 7870,2 | 1233,82 | 3072,6 |
| **2019** | 76401,0 | 229,6 | 8580,1 | 1335,52 | 4338,5 |
| **2020** | 82820,4 | 245,9 | 8922,2 | 1393,78 | 4806,6 |
| **2021** | 99690,7 | 239,5 | 10312 | 1540,84 | 5763,0 |
| **2022** | 119586,7 | 218,1 | 11838,8 | 1760,29 | 6753,6 |
| **2023** | 143510,8 | 214,4 | 12868,8 | 2013,11 | 6240,8 |

Y-Хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия (ҳазор сомонӣ), $X_1$- Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ, $X_2$- ММД бар сари аҳолӣ (сомонӣ), $X_3$- Музди меҳнати миёнаи номиналӣ (сомонӣ), $X_4$- Хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф, (млн. сомонӣ)

Барои таҳияи модели алоқамандии хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия чунин нишондиҳандаҳо: $X_1$ – Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ, $X_2$ – ММД ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ), $X_3$ –

музди меҳнати миёнаи номиналӣ (сомонӣ) ва $X_4$ – хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф (млн. сомонӣ) истифода гардида, коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт муайян карда шуданд.

**Ҷадвали 4.8. Матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт.**

| | *Y* | $X_1$ | $X_2$ | $X_4$ |
|---|---|---|---|---|
| **X1** | 0,8173 | | | |
| **X2** | 0,9869 | 0,8845 | | |
| **X4** | 0,9716 | 0,8678 | 0,9825 | |
| **X3** | 0,9815 | 0,8847 | 0,9971 | 0,9764 |

Аз матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт дида мешавад, ки дар байни аломати натиҷавӣ ва аломатҳои омилӣ алоқамандии зич мавҷуд аст. Ҳамаи коэффитсиентҳои коррелятсия ба як наздик мебошанд ва ин маънои алоқамандии зич доштани нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 4.7-ум овардашударо дорад. Аз ҷадвал дида мешавад, ки аломатҳои омилӣ низ байни ҳам алоқамандии зич доранд ва ин боиси пайдо шудани мушкилии мултиколлинеарӣ мегардад. Мушкилии мултиколлиниеарӣ боиси ғалат шарҳ додани параметрҳои модели овардашуда мегарданд. Барои бартараф кардани ин мушкилӣ якчанд аломатҳои омилиро аз таҳлили регрессионӣ хориҷ мекунем. Тағйирёбандаҳои $X_1$ ва $X_3$-ро аз модел хориҷ менамоем, чунки онҳо бо дигар аломатҳои омилӣ алоқамандии зич доранд.

Бинобар ин пешниҳод мекунем, ки хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия аз омилҳои $X_2$- ММД ба ҳар сари аҳолӣ (сомонӣ), $X_4$-хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф (млн сомонӣ) хаттӣ вобаста аст. Барои ошкор кардани чунин алоқамандӣ аз воситаҳои техникии муосир истифода бурда, модели регрессияи зеринро таҳия менамоем:

$$Y=a+bx_2+cx_4+\varepsilon \qquad (1)$$

Дар ин ҷо:

а,в,с, параметрҳои муодилаи регрессияи маҷмуӣ;

ε-бузургиҳои тасодуфӣ ва омилҳои ба инобат нагирифтаи баҳодиҳии параметрҳо мебошанд.

Барои баҳодиҳии ин параметрҳо аз усули квадратҳои хурдтарин ва ё аз воситаҳои техникии иттилоотии муосир истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар натиҷаи истифодаи алгоритми муайян дар пакети барномаҳои амалӣ натиҷаҳои зерини модели регрессияи маҷмуиро ҳосил менамоем (нигаред ба ҷадвали 4.9):

**Ҷадвали 4.9. Натиҷаҳои моделсозии регрессиявӣ.**

| ***Омори регрессионӣ*** | | |
|---|---|---|
| **Коэффитсиенти коррелятсияи маҷмуӣ (R)** | | 0,987 |
| **Коэффитсиенти детерминатсияи маҷмуӣ ($R^2$)** | | 0,974 |
| **Коэффитсиенти детерминатсияи меъёришуда** | | 0,968 |
| **Мушоҳидаҳо** | | 12 |
| **F-меъёри Фишер** | | 169,319 |
| ***параметрҳо*** | *Коэффитсиентҳо* | *t-меъёри Стюдент* |
| ***а*** | -8247,697 | -1,592 |
| ***в*** | 10,039 | 3,239 |
| ***с*** | 1,0292 | 0,187 |

Дар асоси маълумоти ҷадвали 4.9 модели регрессяи маҷмуиро тартиб медиҳем:

$$Y=-8247,697+10,039x_2+1,0292x_4+\varepsilon \qquad (2)$$

Тамоми тавсифҳои модели регрессия, ки дар ҷадвали 4.9 ифода шудааст, аз сифати хуб доштани модели регрессияи **(2)** гувоҳӣ медиҳанд.

Қимати коэффисиентҳои коррелятсияи маҷмуӣ ва детерминатсияи маҷмуӣ ба як наздик буда, алоқамандии зичи аломати натиҷавӣ ва аломатҳои омилиро нишон медиҳанд. Қимати F-меъёри Фишер ба 169,319 баробар буда, он аз қимати ҷадвалиаш ($F_{ҷадвалӣ}$=4,26) ба маротиб калон аст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фарзияи сифрии $H_0$ инкор карда шуда, доир ба аҳаммиятнок будани модели регрессия хулоса бароварда мешавад.

Қимати t-меъёри Стюдент барои коэффитсиентҳои назди аломатҳои омилӣ мувофиқан ба 3,239 ва 0,187 баробар аст. Қимати ҷадвалии t-меъёри Стюдент ба 2,26 баробар аст. Танҳо барои параметри “*в*” қимати ҳисобӣ аз ҷадвали калон буда (3,239>2,26) аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин параметр аҳаммиятнок аст.

Коэффитсиенти назди $X_2$ ба 10,039 баробар маънои онро дорад, ки ҳангоми 10 сомонӣ афзудани ММД ба хар сари аҳолӣ нишондиҳандаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия 100,39 млн сомонӣ меафзояд.

Коэффитсиенти назди $X_4$ ба 1,0292 баробар маънои онро дорад, ки ҳангоми 1.0 млн сомонӣ афзудани хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф, нишондиҳандаи хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия 1,03 млн сомонӣ меафзояд.

Азбаски тамоми тавсифҳои модели регрессия эътимоднок мебошанд, нишондиҳандаҳои Y-Хароҷоти буҷети давлатӣ ба илм ва инноватсия (ҳазор сомонӣ), $X_2$- ММД ба хар сари аҳолӣ (сомонӣ), $X_4$- Хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маорифро барои давраи то соли 2030 ояндабинӣ намудан мумкин аст.

Азбаски нишондиҳандаҳои зикршуда тамоюли хаттӣ доранд, онҳоро бо истифода аз модеди каторӣ вақтӣояндабинӣ намуда, нишондиҳандаҳои зеринро ба даст меорем (нигаред ба ҷадвали 4.10):

**Ҷадвали 4.10. Дурнамои нишондиҳандаҳои сармояи инсонӣ**

| Солҳо | Y-дурнамо | $X_2$ - дурнамо | $X_4$ - дурнамо |
|---|---|---|---|
| **2025** | 152645 | 15090,1 | 8011,28 |
| **2026** | 164172 | 16161,13 | 8613,47 |
| **2027** | 175698 | 17232,16 | 9215,65 |
| **2028** | 187225 | 18303,19 | 9817,84 |
| **2029** | 198751 | 19374,22 | 10420 |
| **2030** | 210278 | 20445,25 | 11022,2 |

Дар шакли диаграмма дурнамои рушди сармояи инсониро вобаста ба модели регрессионии гузаронидашуда чунин тасвир намудан мумкин мебошад.




**Диаграммаи 4.4. Нишондиҳандаҳои воқеӣ ва дурнамои соҳаи таҳқиқот**

Ин яке аз сенарияҳои рушди нишондиҳандаҳои сармояи инсонӣ буда, вариантҳои рушди интенсивӣ низ имконпазир аст.

Мувофиқи ин сенария хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи илм дар соли 2030 ба 210278 млн сомонӣ бояд баробар шавад, агар омилҳои тасодуфӣ бетаъсир бошанд, ки метавонанд ба рушди сармояи инсонӣ ва гузариш ба иқтисоди инноватсионӣ мусоидат намоянд.

Дар охири ин зербоб ҳаминро қайд кардан бо маврид аст, ки маблағгузорӣ ба соҳаи илм яке аз ҳадафҳое дониста мешавад, ки бештар ба ихтирокориҳо ва навовариҳо ҷамбаст гардида, кашфиётҳои муосирро дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ҷилвагар мебошад. Интихоби дурусти касбу тахассус бошад, масоилест, ки ояндаи кормандро муайян менамояд ва дар баробари ин ба инсон имконияти доимо ба фаъолияти доимӣ машғул буданро кафолат медиҳад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, холати имрӯзаи иқтисодиёт ва дигаргуншавии талаботҳои бозори меҳнат аз муасисаисаҳои таълимӣ,

дар якҷоягӣ бо раванди истеҳсолот тақозои онро дорад, ки мутахассисонро дар доираи талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёти инноватсионӣ омода намоянд. Инчунин, инсонҳо касбҳо ва ихтисосҳоеро интихоб ва сармоягузорӣ намоянд, ки шуғлмандии доимиро таъмин намуда, зиндагии орому осудаи онҳоро таъмин намоянд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши вазъи имрӯзаи бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили он вобаста ба шароити имрӯзаи иқтисодиёт яке аз самтҳои омоданамоии мутахассисон дониста мешавад.

### 4.2. Ҳолати бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳлили он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт

Шарту шароитҳои фаъолиятҳои меҳнатии кормандон ва дигаргуншавии муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт тақозои онро дорад, ки мутахассисони имрӯза дорои донишҳои муосир буда, тавонмандии бузургро дар худ дошта бошанд. Муҳаққиқон ва донишмандон бар он назаранд, ки дар натиҷаи гузаштан ба тамаддуни муосир, масоили категориявии муносибатҳои бозорӣ, доду гирифтҳои пулӣ, сармоявӣ дар шакли пешинаи худ аз байн мераванд. Танҳо ва танҳо муносибатҳои илмғунҷоишии баланд ва ё донишғунҷоишии баланди креативию когнитивии касбии тамаддунсози навини асри XXI, метавонад, ки ин масоилро ҳаллу фасл намуда, дар асоси муносибатҳои навини ҳар як фард – инсони созанда-эҷодкор муайян карда шаванд.

Аз рӯйи нишондаҳои ояндабинии баъзе аз донишмандони бахши менеҷменти муосири касбӣ оғози чунин як рушдёбандагии фарҳангии тамамадунсозро солҳои 2030 – 2040 гуфта, давомнокии онро то солҳои 2060 – 2070 аср XXI пешгӯи мекунанд. Ин пешгӯиҳо аз рӯйи фазаи рушдёбандагии техникиву технологияи ҷаҳонӣ, яъне зеҳни сунъӣ муайян карда шудааст. Ин ҷараён дар ояндаи наздик рушди иқтисодиётро ба низоми алоҳидаву мустақили иқтисодии зеҳни сунъӣ гузашта, бештари фаъолиятҳои касбиро дар шакли нави муосир компютеру роботҳои

электронӣ иҷро карда, иштироки инсонҳоро дар ин ҷараён камтар менамоянд.

Аз тарафи дигар, чунин як суръатнокии баланди низоми технологии иттилоотию иртиботии электронӣ, ки асосгузори рушди тамаддунии имрӯзу фардои ҷомеа дар асри XXI мегарданд, имконоти васеи тағйирёбандагии функсионаливу сохтории менеҷменти корхонаву ширкатро таъмин сохта, инсоният техникаю техналогияи имрӯза ба низоми «боварӣ ба технология дар асоси ташаккули зеҳни сунъӣ» гузашта, талаботи идоракунии фаъолиятҳои меҳнатӣ пурра дигаргун мешавад. Ҷараёни идоракунии фаъолиятҳо дар ширкату корхонаҳо пурра ба низоми муосири технологӣ гузашта, тамоми муносибатҳои идоракунӣ тариқи онлайн реҷаи электронии фосилавӣ сурат гирифта, сохторҳову зинаҳои гуногуни куҳнашудаи идоравӣ аз байн рафта, ба ҷойи онҳо сохтору зинаи навини иқтисодие пайдо гашта истодааст, ки самарнокии баланди рушдёбандагии тамаддунии асри XXI-ро таъмин хоҳад кард.

Аз рӯйи ақидаи қисми дигари донишмандон бахши менеҷмент дар 40 – 50 соли оянда, худи мазмуни меҳнат дигар шуда, касбу ҳунар, эҷоду кашфиёт ва ихтирооту инноватсия мақоми баландро соҳиб мегардад, ки имрӯзҳо аллакай давлати Ҷопон, ИМА ва қисман давлати Чин ба ин модел аллакай гузашатаанд ва ин равишро ҳамчун равиши тамаддунсозии насли ояндаи худ қабул намудаанд.

Дар ҷомеаи навини индустриявии 2-юми асри XXI инсоният дигар ба равиши истеҳсолӣ-истеъмолии иқтисодӣ на бо дасту бозу, балки танҳо бо дониши баланди креатвию когнитивии касбӣ таъсиррасонида метавонад. Яъне худрушдёбандагии эҷодиву ҳунарии одамон метавонад, ки ҳамчун асоси пойдевори иштироки корманд дар ҷараёни фаъолияти касбӣ бигардад. Ин талаботҳо албатта дар шакли супоришҳои техникӣ, пешниҳоди лоиҳаҳо ва ё ягон кашфиёту роҳҳои инноватсионии навин амалӣ мегарданд. Инсон бо пешниҳоди моли эҷодиву инноватсионии

ихтироотии худ метавонад маблағеро талаб намояд, ки барои таъмини талаботҳои ӯ мувофиқат намоянд.

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз дар замони худ иқтисодшиноси машҳур К.Маркс оиди аз ҷараёни истеҳсолот берун баровардани одамонро таъкид карда буд, ки дар натиҷаи рушдёбандагии техникиву технологӣ инсоният маҷбур мешавад, ки аз иштироки бевосита дар ҷараёни истеҳсолӣ даст кашида, таъсиррасонии худро бо тариқи нерӯи донишҳои худ идома медиҳад. Махсусан равиши сифатан навини иқтисодиву индустриалӣ ҳамчун равиши сифатан муосири механизми таъминкунандаи рушдёбандагии тамаддуни навин такя бар қоидаву хислати муосири истеҳсоливу истеъмолӣ карда, такроristеҳсоли васеи истеҳсоливу истеъмолиро таъмин месозанд.

Ин албатта, аз талаботи истеъмолии аҳолӣ ва фармоишҳои онҳо вобаста мебошад, чунки дархост ба кадом шакли мол мешавад, ҳамон намуди мол пешниҳод карда мешавад. Ин ҳолат боиси тағйир ёфтани бисёре аз касбу ихтисосҳо мегардад, чунки рафти иқтисодиёт ба ихтисосҳои навини индустриалӣ гузашта, худро ба талаботи тамаддуни нав мувофиқ мегардонанд. Бозори меҳнат комилан тағйир ёфта, шакли пурра дигарро мегирад. Мақсаднок омода кардани кадрҳои баландихтисос зарур мегарданд. Бояд гуфт, ки ин нишондиҳандаҳо асоси худро дошта, он дар тули 23-24 соли аввали асри XXI мушоҳида карда шуда истодааст, ки ихтисосҳои барномасози компютерӣ, менеҷменти инноватсионӣ, иқтисоди сабз, менеҷменти байналмилалӣ, логистика, зеҳни сунъӣ ва боз чандин ихтисосҳои навине пайдо гаштаанд, ки он аз талаботи худи замона ба майдон омадаанд.

Нишонаҳои рушдёбандагии меҳнати фикрӣ ҳамчун таъминкунандаи раванди истеҳсолоти муосир дониста шуда, ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнатро баланд намуда истодааст. Дар ин шароит дар ҷараёни истеҳсолот зинаи болотару босифаттари талаботҳои касбӣ ва рушдёбандагии креативию когнитивии эҷодӣ, кашфиётӣ ва ихтирооту инноватсияҳои навин ба майдон омадааст, ки танҳо иҷрои фаъолиятҳои

касбӣ дар ин сатҳ имконоти баланди таъминсозии талаботи инсониро доранд.

Бозори меҳнат бар хилофи бозорҳои дигар ба тағйироти берунӣ ва дохилӣ бештар ҳассос аст, ки мавқеи хоси онро дар низоми иҷтимоию иқтисодии ҳар ҷомеа муайян мекунад. Бозори меҳнат объекти махсуси муносибатҳои мубодила ва ба таваққуф расидани кордиҳанда ва коргари кироя мебошад, ки барои қонеъ гардондани эҳтиёҷотҳои якдигар ва мақсади олии низомҳои муосири иқтисодӣ мебошад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки бозори меҳнат ин механизми баҳамоӣ ва созиши коргару корфармо дониста шуда, вобаста ба ҳолат ва шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дигаргунӣ ё тағйирёбии худро нишон медиҳад. Вобаста ба нишондиҳандаҳои оморӣ тағйирёбии аҳолии машғули фаъолият аз рӯйи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар тули солҳои 2000-2023-юм, ки дар ҷадвали 4.11 оварда шудааст, чунин ҳолатро бозгу мебошад.

**Ҷадвали 4.11. Тағйирёбии аҳолии машғули кор аз рӯйи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2000-2023, ҳазор нафар.**

| Солҳо | Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул | Аз он ҷумла аз рӯйи шакли моликият | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Давлатӣ** | **Хусусӣ** | **Коллективӣ** | **Омехта бо иштироки хориҷиён** | **Омехта бе иштироки хориҷиён** |
| **2000** | 1745,4 | 558,5 | 751,7 | 415,2 | 14,1 | 5,9 |
| **2005** | 2111,7 | 542,4 | 1082,0 | 469,7 | 16,2 | 1,4 |
| **2010** | 2233,3 | 432,9 | 1406,6 | 371,1 | 16,2 | 6,5 |
| **2015** | 2379,7 | 441,5 | 1588,6 | 323,8 | 18,5 | 7,3 |
| **2016** | 2384,2 | 456,1 | 1577,8 | 325,8 | 18,4 | 6,1 |
| **2017** | 2407,0 | 470,3 | 1594,1 | 317,4 | 19,0 | 6,2 |
| **2018** | 2425,5 | 484,5 | 1728,9 | 207,8 | 4,3 | 0,02 |
| **2019** | 2463,4 | 490,7 | 1733,1 | 216,0 | 4,3 | 19,3 |
| **2020** | 2506,2 | 497,5 | 1770,5 | 216,2 | 4,8 | 17,2 |
| **2021** | 2533,2 | 509,9 | 1775,5 | 226,2 | 4,9 | 16,9 |
| **2022** | 2545,0 | 502,4 | 1784,9 | 235,5 | 5,1 | 17,1 |
| **2023** | 2625,3 | 498,3 | 1857,7 | 247,1 | 5,1 | 17,1 |
| 2023/2000 (+/-) | **+879,6** | **-60,2** | **+1106,0** | **-168,1** | **-9,0** | **+11,2** |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.82-83.

Таҳлили ҷадвали 4.11 нишон медиҳад, ки аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар соли 2000-ум 1745,4 ҳазор кормандро нишон медиҳад, ки ин сол аз сол зиёд гардида, дар соли 2023-юм 2625,3 ҳазор корманд расида, нисбат ба соли 2000-ум 879,6 корманд зиёд гардидааст.

Аз он ҷумла, аз рӯйи шакли моликият ба панҷ гурӯҳ: давлатӣ, хусусӣ, коллективӣ, омехта бо иштироки хориҷиён ва омехта бе иштироки хориҷиён ҷудо карда мешаванд. Дар соли 2000-ум шумораи машғулин дар бахши давлатӣ 558,5 ҳазор корманд ва дар соли 2023-юм 498,3 ҳазор кормандро ташкил намуда, нисбат ба соли базавӣ 60,2 ҳазор кам гардидааст. Дар бахши хусусӣ бошад, дар соли 2000-ум 751,7 ҳазор корманд ва дар соли 2023-юм 1857,7 ҳазор кормандро ташкил намуда, муқоисаи ин дар ин солҳо 1106 ҳазор кормандро ташкил менамояд. Дар бахши коллективӣ бошад, аз 415,2 ҳазор корманди соли 2000-ум ба 247,1 ҳазор корманди соли 2023-юм омада расида, 168,1 ҳазор корманд кам гардидааст. Дар бахши омехта бо иштироки хориҷиён аз 14,1 ҳазори соли 2000-ум ба 5,1 ҳазори соли 2023-юм омада расида, 9,0 ҳазор корманд кам гардидааст. Дар бахши омехта бе иштироки хориҷиён бошад, дар ин солҳо аз 5,9 ҳазор корманд ба 17,1 ҳазор корманд омада расида, 11,2 ҳазор корманд зиёд гардидааст.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки аз ин панҷ бахши таҳлилшуда дар солҳои 2000-2023-юм дар се бахши он, давлатӣ, коллективӣ ва омехта бо иштироки хориҷиён шумораи шуғлмандон кам гардидааст ва ду бахши он, хусусӣ ва омехта бе иштироки хориҷиён шумораи шуғлмандон дар ин солҳо зиёд гардидааст.

Тағйирёбии аҳолии машғул аз рӯйи шакли моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фисади ишғолнамуда, дар солҳои 2000-2023-юм дар ҷадвали 4.12 оварда шудааст.

Аз рӯйи фисади ишғолнамуда низ дидан мумкин аст, ки дар соли 2000-ум дар бахши давлатӣ – 32,0, дар бахши хусусӣ – 43,1, дар бахши коллективӣ - 23,8, дар бахши омехта бо иштироки хориҷиён - 0,8 ва дар

бахши омехта, бе иштироки хориҷиён - 0,3 фисадро ташкил намудааст. Дар соли 2023-юм бошад, дар бахши давлатӣ – 19,0, дар бахши хусусӣ – 70,7, дар бахши коллективӣ - 9,4, дар бахши омехта бо иштироки хориҷиён – 0,2 ва дар бахши омехта, бе иштироки хориҷиён – 0,7 фисадро ташкил менамояд.

**Ҷадвали 4.12. Тағйиёбии аҳолии машғули кор аз рӯйи шаклҳои моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои 2000-2023, бо фоиз.**

| Солҳо | Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул | Аз он ҷумла аз рӯйи шакли моликият | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Давлатӣ** | **Хусусӣ** | **Коллективӣ** | **Омехта бо иштироки хориҷиён** | **Омехта бе иштироки хориҷиён** |
| **2000** | 100 | 32,0 | 43,1 | 23,8 | 0,8 | 0,3 |
| **2005** | 100 | 25,7 | 51,2 | 22,2 | 0,8 | 0,07 |
| **2010** | 100 | 19,4 | 63,0 | 16,6 | 0,7 | 0,3 |
| **2015** | 100 | 18,6 | 66,8 | 13,6 | 0,8 | 0,2 |
| **2016** | 100 | 19,1 | 66,2 | 13,7 | 0,8 | 0,3 |
| **2017** | 100 | 19,5 | 66,2 | 13,2 | 0,8 | 0,3 |
| **2018** | 100 | 20,0 | 71,3 | 8,6 | 0,1 | 0,0 |
| **2019** | 100 | 19,9 | 70,4 | 8,7 | 0,2 | 0,8 |
| **2020** | 100 | 19,9 | 70,6 | 8,6 | 0,2 | 0,7 |
| **2021** | 100 | 20,1 | 70,1 | 8,9 | 0,2 | 0,7 |
| **2022** | 100 | 19,7 | 70,1 | 9,3 | 0,2 | 0,7 |
| **2023** | 100 | 19,0 | 70,7 | 9,4 | 0,2 | 0,7 |
| 2023/2000 (+/-) | | **-13,0** | **+27,6** | **-14,4** | **-0,6** | **+0,4** |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.82-83.

Таносуби ин бахшҳо дар солҳои 2000-2023-юм, дар бахши давлатӣ – 13,0, дар бахши коллективӣ 14,4, дар бахши омехта бо иштироки хориҷиён 0,6 фисад кам гардидааст ва дар ду бахши дигар, дар бахши хусусӣ – 27,6 ва дар бахши омехта, бе иштироки хориҷиён 0,4 фисад зиёд гардидааст.

Ин зиёду камшавӣ бешубҳа, баъди соҳибистиқлол гаштан ва хусусигардониҳо дониста мешавад. Ин сабаб боис ба он гаштааст, ки дар тули ин солҳо аз 751,7 ҳазор ё 43,1 фисади машғулин ба 1857,7 ҳазор ё

70,7 фисад расидааст. Яъне айни замон бештар аз 70 фисади аҳолии машғул дар бахши хусусӣ фаъолияти меҳнатӣ менамоянд.

Нерӯи асосии истеҳсолот, захираҳои меҳнатӣ дар ҳама кишварҳои ҷаҳон, аз сиёсати иҷтимоию иқтисодии давлатҳо ва уҳдадориҳои иҷтимоии ширкатҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва умуман корфармоён вобаста мебошад. Чунон, чӣ муаллифон қайд менамоянд: “Дар кишварҳои мутараққӣ ҳиссаи бештари шуғлдоштагон дар соҳаи хизматрасонӣ банд буда (60-80%), дар соҳаи саноат (25-35%) ва дар соҳаи кишоварзӣ (2-5%) ин нишондиҳанда нисбатан пасттар аст. Дар кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад (ба истисмои кишварҳои нави саноатӣ), қисми зиёди шуғлдоштагон ба соҳаи кишоварзӣ (аз 30% зиёдтар) рост меояд ва ба соҳаи саноату (15-20%) хизматрасонӣ (35-45%) ҳиссаи боқимонда мансуб аст”[151]. Вобаста ба ин гуфтаҳо ба рақамҳои омории Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, дар соли 2023-юм чунин ҳолатро дидан мумкин аст: “63,2% шуғлдоштагон дар соҳаҳои кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ, 4,0% дар саноат (дар якҷоягӣ саноати истихроҷ ва коркард), 5,1% бештар дар соҳаи сохтмон ва боқимонда дигар соҳаҳо, банд мебошанд. Дар бахши хизматрасонӣ бошад 27.7 фисади аҳолии машғул рост меояд”[152].

Тағйирёбии нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ ва тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2011-2023-юм дар ҷадвали 4.13 оварда шудааст.

Аз таҳлили ҷадвали 4.13 дида мешавад, ки захираҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4530,0 ҳазор нафарро дар соли 2011-ум ташкил намудааст ва ин нишондиҳанда ба 5990,0 ҳазор нафар дар соли 2023-юм баробар гашта, 1460,0 ҳазор нафар зиёд гардидааст.

---

[151] Ғаниев Т.Б., Искандаров Ҳ.Ҳ., Давлатов С.Н. Ташаккулёбӣ ва инкишофи идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ/Монография. – Душанбе, матбаи ДМТ. - 2023.- 170с. ISBN: 978-99985-41-02-3.

[152] Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.89.

**Ҷадвали 4.13. Тағйирёбии нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ ва тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои 2011-2023.**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Захираҳои меҳнатӣ умумӣ, ҳазор нафар | Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул, ҳазор нафар | Тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, тунфи-2 | | | |
| | | | Дар бахши воқеӣ | | Дар бахши хизматрасонӣ | |
| | | | Ҳамагӣ | Бо фоиз | Ҳамагӣ | Бо фоиз |
| 2011 | 4530 | 2249,3 | 1671,8 | 74,3 | 577,6 | 25,7 |
| 2015 | 5111 | 2379,7 | 1704,0 | 71,6 | 675,7 | 28,4 |
| 2016 | 5224 | 2385,3 | 1694,8 | 71,0 | 690,5 | 29,0 |
| 2017 | 5326 | 2407,0 | 1685,3 | 70,0 | 721,7 | 30,0 |
| 2018 | 5427 | 2425,5 | 1691,6 | 70,0 | 726,6 | 30,0 |
| 2019 | 5521 | 2463,0 | 1731,0 | 70,3 | 732,4 | 29,7 |
| 2020 | 5585 | 2506,0 | 1754,4 | 70,0 | 751,8 | 30,0 |
| 2021 | 5653 | 2533,5 | 1764,1 | 69,6 | 769,4 | 30,4 |
| 2022 | 5754 | 2545,0 | 1839,5 | 72,3 | 705,5 | 27,7 |
| 2023 | 5990 | 2625,3 | 1854,5 | 70,6 | 770,8 | 29,4 |
| **2023/ 2000 (+/-)** | **+1460** | **+376,0** | **+182,7** | **-3,7** | **+193,2** | **+3,7** |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.84-89.

Аҳолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ 2625,3 ҳазор нафарро дар ҳамаи соҳаҳо дар соли 2023-юм ташкил менамояд, ки ин нисбати соли 2011-ум 376,0 ҳазор нафар зиёд аст.

Вобаста ба бахшҳо бошад, дар бахши воқеӣ шумораи аҳолии машғули иқтисодӣ дар соли 2011-ум 1671,8 ҳазор нафар, ё 74,3 фисади аҳолии машғул ва дар соли 2023-юм 1854,5 ҳазор нафар, ё 70,6 фисад аҳолӣ машғули фаъолият мебошанд. Фарқият дар ин солҳо 182,7 ҳазор зиёд ва аз ҳисоби фоиз бошад, 3,7 фисад нисбат ба соли 2011-ум кам мебошад.

Шумораи машғулмандон дар бахши хизматрасонӣ дар соли 2011-ум 577,6 ҳазор нафар ё 25,7 % ва дар соли 2023-юм ба 770,8 ҳазор нафар ё 29,4 % аз шумораи умумии машғулбудагон омада расид, ки ин нисбатан 193,2 ҳазор нафар ё 3,7 % зиёд гардидаст. Яъне зиёдшавии шумораи

шуғлмандон дар соҳаҳои хизматрасонӣ ҳам аз ҳисоби шумора ва ҳам аз ҳисоби фоиз гувоҳи аз шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои ру ба тараққӣ мебошад. Ин тағйирёбӣ дар шакли диаграмма бо чунин тарз оварда шудааст. (Нигаред ба диаграммаи 4.5).




**Диаграммаи 4.5. Аҳолии машғул дар иқтисодиёт ва тақсимоти онҳо вобаста ба бахшҳо дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2023, ҳазор нафар**

Афзоиш ёфтани шуғлмандии аҳолӣ дар ин ё он соҳаи фаъолият бештар аз сиёсати пешгирифтаи давлат ва талаботи бозори меҳнат вобастагӣ дорад, чунки афзалияти кадом соҳаеро, ки давлат ҳоҳад ва ба кадом соҳае, ки ниёзи мардум зиёд гардад, шумораи шуғлмандони ҳамон соҳа низ зиёд мегардад.

Бахши дигаре, ки таваҷҷуҳи моро ба он водор менамояд, ин захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ, қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт ва дараҷаи бекорӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар ҷадвали 4.14 оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвали 4.14 нишон медиҳад, ки захираҳои меҳнатӣ дар соли 2000-ум 3186 ҳазор нафар ва соли 2023-юм 5990 ҳазор нафарро ташкил намуда, нисбатан 2804 ҳазор нафар зиёд гардидааст.

Қувваи корӣ дар ин солҳо аз 1794 ҳазор нафари соли 2000-ум ба 2675 ҳазор нафар дар соли 2023-юмро ташкил намуда, 881 ҳазор нафар

зиёд гардидааст. Аҳолии машғул дар ин солҳо аз 1745 ҳазор нафар ба 2625 ҳазор нафар расида, 880 ҳазор нафар зиёд гардидааст. Бекорони расман эътирофшуда, аз 49 ҳозори соли 2000-ум ба 50 ҳазори соли 2022-юм баробар шуда, 1 000 зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 4.14. Шумораи захираҳои меҳнатӣ, қувваи корӣ ва дараҷаи бекорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023 (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2000 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Захираҳои меҳнатӣ, ҳамагӣ** | 3186 | 3893 | 4530 | 5111 | 5585 | 5653 | 5754 | 5990 | **+2804** |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | | |
| **Қувваи корӣ** | 1794 | 2154 | 2280 | 2437 | 2557 | 2587 | 2600 | 2675 | **+881** |
| **- аҳолии машғул** | 1745 | 2112 | 2233 | 2380 | 2506 | 2534 | 2545 | 2625 | **+880** |
| **- бекорони расман эътирофшуда** | 49 | 42 | 48 | 57 | 51 | 53 | 55 | 50 | **+1** |
| **Қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт** | 1392 | 1739 | 2250 | 2674 | 3068 | 3066 | 3154 | 3315 | **+1923** |
| **- хонандагон** | 243 | 476 | 557 | 602 | 670 | 663 | 628 | 725 | **+482** |
| **Дараҷаи бекорӣ** | 2,7 | 2,0 | 2,1 | 2,3 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 1,8 | **-0,9** |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.81.

Аз ҳама муҳим қувваи кории истифоданашуда, дар иқтисодиёт (бо хонандагон), ки ин нишондиҳанда, дар соли 2000-ум 1392 ҳазор нафарро ташкил намудааст ва дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда, ба 3115 ҳазор нафар расидааст. Таносуби ин нишондиҳанда, дар ин солҳо 1923 ҳазор нафарро нишон медиҳад. Муқоисаи ин нишондиҳандаро агар мо нисбат ба қувваи кории дар иқтисодиёт машғул муқоиса намоем, хеле ҷидӣ ба чашм мерасад, ки дар диаграммаи 4.6 оварда шудааст.

Дар соли 2000-ум ин нишондиҳандаҳо аз 1794 ҳазор нафари қувваи корӣ ва 1392 ҳазор нафари қувваи кории дар иқтисодиёт истифоданашуда иборат буда, тафовути онҳо баракс аст, яъне шумораи қувваи корӣ зиёдтар аст. Дар соли 2023-юм ин нишондиҳандаҳо аз 2675 ҳазор нафар қувваи корӣ ва 3315 ҳазор нафар қувваи кории истифоданашуда, дар иқтисодиёт иборат аст.




**Диаграммаи 4.6. Тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ ва таснифоти он дар солҳои 2000-2023-юм, ҳазор нафар**

Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки 3315 ҳазор захираҳои меҳнатии кишвар дар иқтисодиёт истифода карда намешаванд, ки ин шумора 1,21 маротиба аз қувваи кории истифодашаванда зиёд буда, ин барои рушди иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад.

Инчунин вазифаи дигари бозори меҳнат ин пешниҳод барои омода кардани мутахассисон вобаста ба талаботҳои муосир ва оянда наздики соҳаҳо дониста мешавад. Талаботи ҷойдошта ва дигаргуншавии онҳо ба муассисаҳои олии касбӣ имконият фароҳам меоварад, ки онҳо бештар барои кадом соҳа бо кадом дониш ва қобилият чӣ гуна мутахассисонро омода намоянд. Ҳолати ҷойдоштаи талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои омода кардани мутахассисон нақши ҳалкунандаро иҷро менамоянд, дар ҷадвали 4.15 ба тариқи зайл оварда шудааст.

Аз таҳлили ҷадвали 4.15 бармеояд, дар соли 2000-ум шахсони ба фаъолияти меҳнатӣ машғулнабуда ва дар ҷустуҷӯйи корбуда, ки худро ҳамчун бекор дар хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта 54681 нафарро ташкил менамояд, ин нишондиҳанда дар соли 2023-юм 51898 нафар зиёд гашта, 106579 нафарро ташкил намудааст.

**Ҷадвали 4.15. Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023 (дар охири сол, нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2000 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шахсоне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд, дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд** | 54681 | 72373 | 59669 | 72521 | 103457 | 106262 | 110484 | 106579 | +51898 |
| Аз он ҷумла мақоми бекоронро доранд | | | | | | | | | |
| **ҳамагӣ** | 43168 | 43645 | 48145 | 51122 | 49888 | 54564 | 53519 | 48328 | +10351 |
| **занҳо** | 22752 | 23775 | 25471 | 27313 | 23840 | 26841 | 26569 | 22362 | +5160 |
| **ҷавонони 15-29 сола** | 28155 | 25524 | 27743 | 30882 | 51974 | 43887 | 77497 | 50655 | +22500 |
| **Изҳороти корхонаҳо дар бораи талабот ба кормандон** | 7883 | 15748 | 10473 | 7275 | 9416 | 12667 | 18935 | 15945 | +8062 |
| **Шумораи бекороне, ки ба як ҷойи холи кор талабгоранд** | 6,9 | 4,6 | 5,7 | 10,0 | 11,0 | 14,0 | 17,1 | 15,0 | +8,1 |
| **Ба кор таъминшуда-гон** | 16300 | 22900 | 32000 | 37900 | 72200 | 70600 | 74500 | 72800 | +56300 |
| **Ба ҳисоби % аз шумораи умумии муроҷиаткар-дагон** | 49,3 | 39,2 | 53,6 | 52,3 | 69,8 | 66,4 | 67,4 | 68,3 | +19,0 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.93-94.

Ба шахсоне, ки мақоми бекор дода шудааст, дар соли 2000-ум 43168 нафарро ташкил намуда, ки аз онҳо 22572 нафарашонро занҳо ва 28155 нафари дигарашро ҷавонони аз 15-29-сола ташкил менамояд. Ин нишондиҳанда дар соли 2023-юм 48328 нафар расида, шумораи занҳои бекор дар ин сол 22362 нафар ва шумораи ҷавонони 15-29-сола 50655 нафарро ташкил намудааст.

Изҳороти корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи талабот ба кормандон дар соли 2000-ум 7883 нафарро ташкил намудааст, ки ин шумора дар соли 2023-юм ба 15945 нафар омада расида, 8062 нафар нисбат ба соли базавӣ зиёд гардидааст.

Шумораи бекороне, ки ба як ҷойи холии кор талабгоранд, дар соли 2000-ум 6,9 нафарро ташкил менамояд ва ин нишондиҳанда дар соли

2023-юм ба 15,0 нафар дар як ҷойи кори холӣ рост меояд, ки нисбати соли 2000-ум 8,1 нафар зиёд мебошад.

Шахсони ба ҷойи кор таъмин шуда, дар соли 2000-ум 16300 нафарро ташкил намудааст ва дар соли 2023-юм бошад, 72800 нафарро ташкил намуда, нисбат ба соли базавӣ 56300 нафар ё 3,4 маротиба зиёд мебошад.

Аз рӯйи фисади ба кор таъмин намудани шахсони мурочиаткунанда, дар соли 2000-ум 49,3 фисади онҳо ба кор таъмин карда шудаанд, дар соли 2023-юм бошад, 68,3 фисади муроҷиаткунандагон ба кор таъмин шудаанд, ки нисбати соли базавӣ 19,0 фисад бештар ба кор таъмин карда шудаанд.

Арза ва тақозои қувваи корӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли ин солҳо дар як сатҳи муътадил қарор дошта, сатҳи бекорӣ ва фисади таъмини шахсони муроҷиаткунанда дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ аз рӯйи меъёрҳои байналмилалии муайяншуда, дар як сатҳи муайян қарор дорад.

Дараҷаи маълумотнокии шахсони бекор дар бозори меҳнат, яке аз нишондиҳандаҳои асосии муайяннамоии сатҳи маълумотнокии бекорон дар ин бозор ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин муайяннамоии дараҷаи бекорӣ аз рӯйи сатҳи маълумотнокии онҳо, идомадиҳандаи таҳлилҳои мо дар ин бахш ҳисобида мешаванд.

Тақсимоти шумораи бекорони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар мақомоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шуда, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, дар сатҳи вилоятҳо, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе дар ҷадвали 4.16 оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвали 4.16 нишон медиҳад, ки тақсимоти бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар соли 2000-ум 49700 нафарро ташкил менамояд, ки ин шумора дар соли 2024-ум ба 48300 нафар омада расидааст, ки нисбати соли базавӣ 1400 нафар кам гардидааст.

**Ҷадвали 4.16. Тақсимоти бекорони дар мақомоти шуғли аҳолӣ бақайдгирифташуда, аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва НТҶ (то 1-уми январ, ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/2000 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | | | | | | | | | |
| **Шумораи бекорон** | 49,7 | 44,5 | 55,5 | 49,0 | 49,9 | 54,6 | 53,5 | 48,3 | **-1,4** |
| **Аз он ҷумла дорои маълумоти** | | | | | | | | | |
| **Олӣ** | 3,8 | 2,8 | 4,2 | 4,0 | 4,0 | 5,1 | 4,8 | 4,5 | **+0,7** |
| **Миёнаи касбӣ** | 7,2 | 7,5 | 8,0 | 6,3 | 7,7 | 8,2 | 7,6 | 8,6 | **+1,4** |
| **Ибтидои касбӣ** | 6,9 | 6,1 | 8,8 | 6,9 | 6,6 | 8,0 | 8,4 | 9,3 | **+2,4** |
| **Миёнаи умумӣ** | 31,8 | 28,1 | 34,5 | 31,8 | 31,6 | 33,4 | 32,7 | 25,9 | **-5,9** |
| **ВМКБ** | | | | | | | | | |
| **Шумораи бекорон** | 13,8 | 3,5 | 3,3 | 4,5 | 4,7 | 5,5 | 3,7 | 2,2 | **-11,6** |
| **Аз он ҷумла дорои маълумоти** | | | | | | | | | |
| **Олӣ** | 0,5 | 0,2 | 0,2 | 0,3 | 0,2 | 0,4 | 0,3 | 0,2 | **-0,3** |
| **Миёнаи касбӣ** | 0,4 | 0,4 | 0,2 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,4 | **-** |
| **Ибтидои касбӣ** | 0,8 | 0,3 | 0,7 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 1,1 | 0,8 | **-** |
| **Миёнаи умумӣ** | 12,1 | 2,6 | 2,1 | 2,9 | 3,2 | 3,6 | 1,8 | 0,8 | **-11,3** |
| **Вилояти Хатлон** | | | | | | | | | |
| **Шумораи бекорон** | 6,9 | 15,1 | 24,3 | 14,6 | 15,0 | 16,2 | 17,0 | 14,5 | **+7,6** |
| **Аз он ҷумла дорои маълумоти** | | | | | | | | | |
| **Олӣ** | 0,7 | 1,1 | 1,7 | 0,7 | 1,0 | 1,0 | 1,5 | 1,6 | **+0,9** |
| **Миёнаи касбӣ** | 1,6 | 2,0 | 3,7 | 1,0 | 1,6 | 1,6 | 2,5 | 2,5 | **+0,9** |
| **Ибтидои касбӣ** | 1,8 | 1,4 | 3,1 | 0,8 | 0,8 | 1,0 | 2,0 | 2,1 | **+0,3** |
| **Миёнаи умумӣ** | 2,8 | 10,6 | 15,7 | 12,1 | 11,6 | 12,6 | 11,0 | 8,3 | **+5,5** |
| **Вилояти Суғд** | | | | | | | | | |
| **Шумораи бекорон** | 15,1 | 14,3 | 10,9 | 8,9 | 7,9 | 7,8 | 7,1 | 7,9 | **-7,2** |
| **Аз он ҷумла дорои маълумоти** | | | | | | | | | |
| **Олӣ** | 1,7 | 0,8 | 0,8 | 1,3 | 0,8 | 1,2 | 0,8 | 1,0 | **-0,7** |
| **Миёнаи касбӣ** | 3,1 | 2,9 | 1,7 | 1,5 | 1,4 | 1,2 | 1,1 | 1,0 | **-2,1** |
| **Ибтидои касбӣ** | 2,0 | 2,5 | 2,0 | 1,3 | 0,8 | 0,9 | 0,7 | 1,1 | **-0,9** |
| **Миёнаи умумӣ** | 8,3 | 8,1 | 6,3 | 4,8 | 4,9 | 4,6 | 4,5 | 4,8 | **-3,5** |
| **Шаҳри Душанбе** | | | | | | | | | |
| **Шумораи бекорон** | 0,8 | 2,4 | 2,5 | 3,3 | 4,9 | 4,0 | 5,9 | 7,0 | **+6,2** |
| **Аз он ҷумла дорои маълумоти** | | | | | | | | | |
| **Олӣ** | 0,2 | 0,1 | 0,09 | 0,02 | 0,2 | 0,2 | 0,5 | 0,5 | **+0,3** |
| **Миёнаи касбӣ** | 0,1 | 0,5 | 0,005 | 0,01 | 0,3 | 0,4 | 0,4 | 0,6 | **+0,5** |
| **Ибтидои касбӣ** | 0,2 | 0,06 | 0,025 | 0,09 | 0,3 | 0,3 | 0,1 | 0,5 | **+0,3** |
| **Миёнаи умумӣ** | 0,3 | 1,7 | 2,4 | 3,2 | 4,1 | 3,2 | 4,9 | 5,4 | **+5,1** |
| **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | | | | | | | | | |
| **Шумораи бекорон** | 13,1 | 9,2 | 14,5 | 17,6 | 17,5 | 21,1 | 19,8 | 16,7 | **+3,6** |
| **Аз он ҷумла дорои маълумоти** | | | | | | | | | |
| **Олӣ** | 0,8 | 0,6 | 1,4 | 1,7 | 1,7 | 2,3 | 1,6 | 1,2 | **+0,4** |
| **Миёнаи касбӣ** | 2,0 | 1,7 | 2,4 | 3,3 | 4,0 | 4,5 | 3,2 | 4,1 | **+2,1** |
| **Ибтидои касбӣ** | 2,1 | 1,8 | 2,9 | 3,8 | 3,9 | 4,9 | 4,5 | 4,8 | **+2,7** |
| **Миёнаи умумӣ** | 8,2 | 5,1 | 7,9 | 8,8 | 7,9 | 9,4 | 10,5 | 6,6 | **-1,6** |

***Сарчашма:*** Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуи оморӣ/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 -С.153-155; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.99-100.

Шумораи бекорони дорои маълумоти олии касбидошта, дар ҳудуди ҷумҳурӣ, дар соли 2000-ум 3800 нафар ва дар соли 2024-ум бошад, ин нишондиҳанда ба 4500 нафар баробар гаштааст, ки нисбати соли базавӣ 700 нафар зиёд мебошад.

Бекорони дараҷаи маълумотнокиашон миёнаи касбӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ, 7200 нафарро дар соли 2000-ум ва 8600 нафарро дар соли 2024-ум ташкил намудааст, ки ин гурӯҳ бекорон низ зиёд гардида, зиёдшавии онҳо 1400 нафарро нисбат ба соли 2000-ум ташкил менамояд. Бекорони дараҷаи маълумотнокии ибтидои касбӣ дошта, дар соли 2000-ум 6900 нафар ва дар соли 2024-ум 9300 нафарро ташкил намудааст, ин зиёдшави 2400 нафарро ташкил менамояд. Шумораи бекорони дараҷаи маълумотнокиашон миёнаи умумӣ дар соли 2000-ум 31800 нафар ва дар соли 2024-ум бошад, ин шумора ба 25900 нафарро ташкил намуда, 5900 нафар кам гардидааст.

Шумораи бекорон вобаста ба дараҷаи маълумотнокӣ дар ВМКБ дар соли 2000-ум 13800 нафар ва дар соли 2024-ум 2200 нафарро ташкил дода, нибати соли 2000-ум 11600 нафар кам гардидааст. Дар ВМКБ бекорони дорои маълумоти олӣ аз 500 нафари соли 2000-ум ба 200 нафари бекор дар соли 2024-ум омада расида, нисбати соли 2000-ум 300 нафар кам гардидааст. Шумораи бекорони дараҷаи маълумотнокии миёнаи касбӣ ва ибтидоии касбӣ дар соли 2000-ум яке 400 ва дигари 800 нафарро ташкил менамуд, ин дараҷа бекорон дар соли 2024-ум шумораи онҳо бетағйир мондааст. Шумораи бекорони дараҷаи маълумонокиашон миёнаи умумӣ дар ВМКБ аз 12100 нафари соли 2000-ум ба 800 нафари соли 2024-ум омада расида, нисбати соли базавӣ 11300 нафар кам гардидааст.

Дар вилояти Хатлон сатҳи бекорони маълумотдор 6900 нафарро дар соли 2000-ум ва дар соли 2024-ум бошад, ин шумора ба 17000 нафарро ташкил намудааст, ки нисбати соли 2000-ум 7600 нафар зиёд мебошад. Бекорони сатҳи маълумоташон олӣ 700 нафарро дар соли 2000-

ум ва 1600 нафарро дар соли 2024-ум ташкил намуда, ки нисбияти онҳо 900 нафар зиёдро ташкил менамояд. Шумораи бекорони маълумоташон миёнаи касбӣ, дар соли 2000-ум 1600 нафар ва дар соли 2024-ум 2500 нафарро ташкил намуда, нисбати соли 2000-ум 900 нафар зиёд гардидааст. Шумораи бекорони дараҷаи маълумотнокиашон ибтидои касбӣ дар соли 2000-ум 1800 нафар ва ин нишондиҳанда дар соли 2024-ум 300 нафар зиёд гардида, 2100 нафарро ташкил намудааст. Бекорони дараҷаи маълумотнокиашон миёнаи умумӣ дар вилоят, дар соли 2000-ум 2800 нафар ва ин нишондиҳанда дар соли 2024-ум 8300 нафарро ташкил намудааст, ки фарқияти онҳо 5500 нафар зиёдро ташкил медиҳад.

Шумораи бекорон аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ дар вилояти Суғд 15100 нафарро дар соли 2000-ум ва 7900 нафарро дар соли 2024-ум ташкил намудааст нисбияти онҳо манфӣ буда, 7200 нафар кам гардидааст. Шумораи бекорони дорои маълумоти олӣ, дар соли 2000-ум ба 1700 нафар ва дар соли 2024-ум 1000 нафарро ташкил намудааст, ки ин нисбати соли муқоисашаванда, 700 нафар кам гардидааст. Шумораи бекорони дараҷаи маълумотнокиашон миёнаи касбӣ дар соли 2000-ум 3100 нафарро ташкил намудааст ва ин нишондиҳанда дар соли 2024-ум 2100 нафар кам гардида, 1000 нафарро ташкил намудааст. Шумораи бекорони дараҷаи маълумотнокиашон ибтидоии касбӣ ва миёнаи умумӣ аз 10300 нафарри соли 2000-ум ба 5900 нафари соли 2024-ум омада расида, 4400 нафар аз ҳар ду намуд кам гардидаанд.

Дар шаҳри Душанбе шумораи бекорон вобаста ба дараҷаи маълумотнокӣ, 800 нафарро дар соли 2000-ум ва 7000 нафарро дар соли 2024-ум ташкил намудааст, ки ин зиёдшавӣ 6200 нафарро ташкил менамояд. Бекорони дараҷаи маълумоти миёнаи умумӣ дошта бошад, дар соли 2000-ум 300 нафар ва дар соли 2024-ум 5400 нафарро ташкил намудааст. Нисбияти ин солҳо 5100 нафар зиёдро ташкил менамояд. Шумораи бекорони дорои маълумоти олӣ дар шаҳри Душанбе, 200 нафарро дар соли 2000-ум ва 500 нафарро дар соли 2024-ум ташкил

менамояд. Зиёдшавии ин намуди бекорӣ дар ин солҳо, 300 нафарро ташкил намуда истодааст. Шумораи бекорони маълумотнокиашон миёнаи касбӣ дар соли 2000-ум 100 нафарро ва дар соли 2024-ум 400 нафарро ташкил намуда, 300 нафар зиёд гардидааст. Бекорони дараҷаи маълумотнокиашон ибтидоии касбӣ дар шаҳри Душанбе дар соли 2000-ум 200 нафар ва дар соли 2023-юм 100 нафарро ташкил намуда, нисбати соли 2000-ум 100 нафар кам гардидаанд.

Шумораи бекорон вобаста ба дараҷаи маълумотнокӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 13100 нафарро дар соли 2000-ум ва 16700 нафарро дар соли 2024-ум ташкил намуда, нисбияти он дар ин солҳо 3600 нафар зиёдро нишон медиҳад. Бекорони дорои маълумоти олӣ дар соли 2000-ум 800 нафарро ва соли 2024-юм 1200 нафарро ташкил намуда, зиёдшавии он 400 нафарро нишон медиҳад. Шумораи бекорони маълумотнокиашон миёнаи касбӣ аз шумораи 2000 нафари соли 2000-ум ба 4100 нафари соли 2024-ум омада расида, 2100 нафар зиёд гардидаанд. Бекорони маълумотнокиашон ибтидоии касбӣ дар соли 2000-ум 2100 нафар ва дар соли 2024-ум 4800 нафарро ташкил намуда, нисбати соли 2000-ум 2700 нафар зиёд мебошанд. Шумораи бекорони маълумотнокиашон миёнаи умумӣ дар соли 2000-ум 8200 нафарро ва дар соли 2024-ум 6600 нафарро ташкил намудааст, ки камшавии он 1600 нафарро ташкил менамояд.

Сатҳи ин намуди бекорӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе нисбати соли 2000-ум зиёд гардида, дар вилояти Суғд, НТҶ ва ВМКБ бошад дар ин давра паст гардидааст. Шумораи бекорони дорои маълумоти олидошта бошад, дар вилояти Суғд ва ВМКБ кам гардида, дар дигар минтақаҳо зиёд гардидааст.

Агар ба шумораи умумии бекорон (аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ), ки дар хадамотҳои давлатии шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шуда, назар намоем, шумораи бештари онҳоро бекороне ташкил менамоянд, ки маълумоти миёнаи умумӣ доранд, ки ба таври муфасал дар диаграммаи 4.7 оварда шудааст.




**Диаграммаи 4.7. Тақсимоти бекорон аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва НТҶ дар тули солҳои 2000-2024-ум (ҳазор нафар)**

Шумораи ин намуди бекорон нисбат ба дигар шаклҳои бекорон дар ҳама вақт зиёданд ва танҳо дар соли 2005-ум бекорони дараҷаи маълумотнокиашон ибтидои касбӣ ба 20000 нафар расидааст, дар дигар солҳо шумораи ин категория нисбат ба дигар категорияҳо зиёд мебошад. Шумораи ин намуди бекорон танҳо дар соли 2024-ум 25900 нафарро ташкил менамояд, ки нисбат ба бекорони маълумоти олӣ доштаи ҳамин сол, 21400 нафар ё тақрибан 5,7 маротиба зиёд аст.

Нисбати бекорони дараҷаи маълумотнокиашон миёнаи касбӣ бошад, 17300 нафар ва нисбати бекорони дорои маълумотнокии ибтидоии касбӣ бошад, 16600 нафар зиёд мебошад. Ин гуфтаҳо, далолати онро медиҳад, ки ин гурӯҳи бекорон касб ва тахассуси муайян надоранд ва барои ба онҳо ҷойи корӣ муҳайё кардан муаммоҳои зиёде пайдо мешавад. Аз тарафи дигар дар ҳолати надоштани касбу ихтисоси мувофиқ корманд маҷбур мешавад, ки ба корҳои вазнини ҷисмонӣ, ки ба саломатии ӯ таъсир мерасонад машғӯл шавад. Вобаста ба ин гуфтаҳо, тақсимоти шумораи кормандоне, ки дар соҳаҳои иқтисодиёт дар шароити номусоиди меҳнатӣ ба фаъолият машғуланд, ба таври муфассал дар ҷадвали 4.17 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.17. Тақсимоти шумораи кормандоне, ки дар соҳаҳои иқтисодиёт дар шароити номусоиди меҳнатӣ ба фаъолият машғуланд (нафар, дар охири сол)**

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2000 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамаи соҳаҳо** | 12503 | 6976 | 3049 | 4691 | 4891 | 4588 | 4501 | 2252 | **-10251** |
| **Аз он ҷумла:** | | | | | | | | | |
| **Саноат** | 3016 | 4974 | 1217 | 2235 | 3262 | 3475 | 2252 | 1650 | **-1366** |
| **Кишоварзӣ** | 794 | 294 | 373 | 576 | 188 | 352 | 178 | 183 | **-611** |
| **Нақлиёт** | 8693 | 630 | 75 | 423 | 1053 | 785 | 848 | - | **-8693** |
| **Алоқа** | 1285 | 516 | 12 | 120 | 136 | 280 | 207 | 270 | **-1015** |
| **Сохтмон** | 985 | 218 | 65 | 929 | 53 | 288 | 991 | 114 | **-871** |
| **Савдо, хуроки умумӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, фурӯш ва захиракунӣ** | 90 | 30 | 22 | 1 | - | - | - | - | **-90** |
| **Геология, хадамоти геодезӣ ва обуҳавосанҷӣ** | 20 | - | - | - | - | - | - | - | **-20** |
| **Дигар соҳаҳо** | 961 | 314 | 1285 | 107 | 89 | 199 | 25 | 35 | **-926** |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.104-105.

Таҳлили ҷадвали 4.17 аз он далолат медиҳад, ки шумораи кормандони дар шароитҳои номусоид фаъолияткунанда дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт дар тӯли солҳои 2000-2023-юм нисбатан кам гардида, аз 12503 корманди соли 2000-ум ба 2252 корманди соли 2023-юм омада расидааст, ки ин дар муқоиса 10251 корманд ё тақрибан шаш маротибаро нишон медиҳад.

Шумораи умумии кормандоне, ки дар шароити номусоиди меҳнатӣ кор ва фаъолият карда, дар соҳаи саноати кишвар дар соли 2000-ум 3016 нафарро ва дар соли 2023-юм 1650 нафарро ташкил намуда, нисбияти онҳо 1366 нафар кам гардидааст. Дар соҳаи кишоварзии кишвар, ки қисмати зиёди аҳолӣ, дар ин соҳа шуғл меварзанд, кормандоне, ки дар шароитҳои номусоиди меҳнатӣ кору фаъолият менамоянд, 794 нафарро дар соли 2000-ум, 576 нафарро дар соли 2015-ум ва 183 нафарро дар соли

2023-юм ташкил намудааст, ки ин нисбати соли базавӣ 611 нафар кам гардидааст.

Фаъолиятнамоӣ дар шароитҳои номусоиди меҳнатӣ дар соҳаи нақлиёти кишвар дар соли 2000-ум 8693 нафар ва дар соли 2023-юм ба қайд гирифта нашудааст. Дар соҳаи алоқаи кишвар бошад, шумораи кормандони дар шароитҳои номусоиди меҳнатӣ фаъолияткунанда, 1285 кормандро дар соли 2000-ум ва 270 нафарро дар соли 2023-юм ташкил намудааст, ки нисбияти ин солҳо 1015 корманро камтар нишон медиҳад. Дар соҳаи сохтумони кишвар дар соли 2000-ум 985 нафар ва дар соли 2023-юм 114 нафар дар шароитҳои номусоиди меҳнатӣ кор ва фаъолият намудаанд. Таносуби онҳо 871 нафар камтарро нишон медиҳад. Дар сохаҳои савдо, хуроки умумӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, фурӯш ва захиракунӣ бошад, дар соли 2000-ум шумораи ин гуна кормандон 90 нафарро ташкил намудааст ва дар соли 2023-юм бошад ба чашм намерасад.

Дар соҳаҳои боқимонда бошад, дар соли 2000-ум шумораи кормандони дар шароитҳои номусоиди меҳнатӣ фаъолияткунанда, 961 нафарро ва дар соли 2023-юм 35 нафарро ташкил намуда, нисбияти онҳо 926 нафарро нишон медиҳад.

Аз рӯйи таҳлилҳои гузаронидашуда, маълум карда шуд, ки кормандони дар шароитҳои номусоиди меҳнатӣ фаъолияткунанда, бештарашон дар соҳаи саноат, сотумон ва нақлиёт кору фаъолият доранд. Ин аз он нуқтаи назар аст, ки дар ин соҳаҳо барои баъзе фаъолиятҳо дониш ва кордони лозим намешавад бинобар ҳамин бекорони бемаълумот бештарашон ба ҳамин корҳои вазнин банд мешаванд. Маълумотнок гардонидани аҳолӣ, бахусус омӯзонидану аз худ намудани касбу ихтисосҳои муосир ба манфиати кор буда, кормандро дорои фаъолияти муносиб ва аз ҳама муҳим саломатии ӯро дар як дараҷаи хуб нигоҳ медорад.

Ба фаъолияти меҳнатӣ банд будани инсон бештар барои ба даст овардани манфиат ва қонеъ намудани талаботҳои инсонӣ ва дар ҳолати боқи мондан моягузории он дониста мешавад. Асоси моягузориҳо ба инсонҳо низ аз даромаднокиҳо вобаста буда, рушду ташаккулёбии он аз сатҳи даромади аҳолӣ вобаста мебошад. Дар ҳолати даромаднокӣ ва дараҷаи зисти аҳолӣ хуб будан, сармоягузорӣ ба инсон низ хуб ба роҳ монда мешавад ва баръакс дар ҳолати хуб рушду ташаккул ёфтани сармояи инсонӣ даромаднокӣ ва дараҷаи зисти аҳолӣ тағйир меёбад.

### 4.3. Сатҳи даромад ва дараҷаи зисти аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии инкишофи сармояи инсонӣ

Даромади аҳолӣ ин ҷамъи молу маҳсулотҳои истеҳсолшуда ва истеҳсолкардаистодаи аҳолӣ дар як вақти муайян (яъне дар як сол), ки дар маҷмуъ даромади миллиро ба худ мегирад, дониста мешавад. Аз ин ҷост, ки манбаи асосии даромади миллиро даромади аҳолӣ ташкил менамояд. Дар ҳолати зиёд гардидани даромади аҳолӣ даромади миллӣ низ зиёд мегардад ва ин ҳолати баракс низ дорад, дар ҳолати кам гардидани даромади аҳолӣ даромади миллӣ низ кам мегардад. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт даромади миллии мамлакат аз даромадҳои гуногун: аз қабили даромадҳои меҳнатӣ, даромад аз хоҷагиҳои ёрирасон ва дигар намуди даромадҳои пулию ғайрипулии аҳолӣ, ки сарчашмаи даромади аҳолӣ дониста мешавад.

Даромади аҳолии мамлакатро бештар он дороиҳоеаш ташкил менамоянд, ки аҳолӣ онро дорад ё дар нақша аст, ки онро то охири сол ба даст оварад. Сарчашмаи ягонаи даромади аҳолӣ дар ҳама давру замон, ин сарчашма мегирад аз фаъолият ва хизматрасониҳое, ки иҷро карда мешаванд. Даромади истеҳсолшуда даромади ҳақиқӣ дониста намешавад, зеро он боз ду давраи тақсиму азнавтақсимшавиро аз сар гузаронида, баъдан ба даромади кормандони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат табдил меёбад.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт сарчашмаҳои даромади аҳолӣ дигаргун гашта, сатҳи зиндагӣ дараҷаҳои ба худ хосро гирифтааст. Аз рӯйи таҷрибаи давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон дидан мумкин аст, ки онҳо барои рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ то чи андоза чораандешиҳои зарурӣ намуда истода, хароҷотҳои зиёдеро барои он сарф намуда истодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни давлатҳои ҷаҳон яке аз кишварҳое дониста мешавад, ки нисбати дигар соҳаҳо, таваҷҷуҳи бештарро ба соҳаи маориф ва илм, яъне рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ нигаронида аз шаш як ҳисаи буҷаи давлатро ҳамасола ба ин соҳа ҷудо менамояд. Мақсади ин таваҷҷуҳнамоиҳо соҳибмаълумот гардонидани аҳолии кишвар, то як дараҷа хуб гардонидани сатҳи зиндагии онҳо ва рушду инкишоф додани иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад. Соҳибмаълумот гардонидани аҳолӣ яке аз нишонаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дониста шуда, хароҷотҳои муайянеро талаб менамояд. Ин харҷнамоиҳо беманфиат набуда, боиси дар оянда хуб гаштани сатҳи даромаднокӣ ва хуб гардидани сатҳи зинагонии онҳо мегардад.

Дараҷаи сатҳи зиндагии аҳолиро вобаста ба сарчашмаҳо, дороиҳо, имкониятҳо аҳолӣ ва мизони хароҷотҳои онҳо баҳогузорӣ менамоянд ва муайян менамоянд, ки то кадом андоза даромад ва хароҷотҳо бо ҳам мувофиқат менамояд. Вобаста ба шароити муосир, сарчашмаи даромади аҳолиро даромадҳо аз фаъолиятҳо, даромадҳои иҷтимоӣ, ёрдампулиҳо, идрорпулиҳо, пардохтҳои ҷубронӣ (кумакҳои башардӯстона), даромад аз моликият, даромад аз фурӯши амволи ғайриманқул, даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва дигар даромадҳои пулӣ (даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ) ташкил менамоянд, ки ҳиссаи онҳо ба таври пура дар давоми солҳои 2000-ум 2023-юм дар ҷадвали 4,18 бо сомонӣ ва фоиз оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.18. Тағйирёбии ҷамъи даромади ҳар нафари аҳолӣ ба ҳисоби миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо дар солҳои 2000-2023** (моҳе ба як аъзои хонавода, бо сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2000 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 16,90 | 55,4 | 190,1 | 297,6 | 518,1 | 684,1 | 794,1 | 920,8 | +903,9 |
| *бо %* | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | | |
| **Даромадҳои меҳнатӣ** | 5,70 | 25,27 | 77,49 | 154,5 | 213,3 | 277,6 | 341,7 | 358,5 | +352,8 |
| *бо %* | 33,7 | 45,6 | 40,8 | 51,9 | 41,2 | 40,6 | 43,0 | 38,9 | +5,2 |
| **Нафақа, ёрдампулӣ, идрорпулӣ** | 0,20 | 1,70 | 7,40 | 20,17 | 38,81 | 41,77 | 41,65 | 54,83 | +54,63 |
| *бо %* | 1,2 | 3,1 | 3,9 | 6,8 | 7,5 | 6,1 | 5,2 | 5,9 | +4,7 |
| **Пардохтҳои ҷубронӣ, аз ҷумла кумаки башардӯстона** | 0,05 | 2,17 | 0,85 | 3,34 | 3,56 | 1,23 | 17,85 | 16,99 | +16,94 |
| *бо %* | 0,3 | 3,9 | 0,4 | 1,12 | 0,7 | 0,2 | 2,2 | 1,8 | +1,5 |
| **Даромад аз моликият** | 0,01 | 0,02 | 0,28 | 0,49 | 23,05 | 16,97 | 17,16 | 18,84 | +18,83 |
| *бо %* | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,16 | 4,4 | 2,5 | 2,2 | 2,0 | +1,9 |
| **Даромад аз фурӯши мулки ғайриманқул** | 0,04 | 0,12 | 0,44 | 0,08 | 1,71 | 3,85 | 4,83 | 6,36 | +6,32 |
| *бо %* | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,03 | 0,3 | 0,6 | 0,6 | 0,7 | +0,5 |
| **Даромад аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ** | 8,47 | 16,03 | 43,22 | 15,68 | 36,75 | 42,18 | 42,45 | 60,88 | +52,41 |
| *бо %* | 50,2 | 28,9 | 22,7 | 5,3 | 7,1 | 6,2 | 5,3 | 6,6 | - 43,6 |
| **Дигар даромадҳои пулӣ (аз ҷумла даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ)** | 2,43 | 10,17 | 60,50 | 79,24 | 200,9 | 300,5 | 328,4 | 323,1 | +320,6 |
| *бо %* | 14,3 | 18,3 | 31,8 | 26,6 | 38,8 | 43,9 | 41,4 | 35,1 | +20,8 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.115-118.

Аз таҳлили ҷадвали 4.18 дидан мукин аст, ки дар тули ин солҳо ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна аз рӯйи маълумоти

таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо аз 16,90 сомонии соли 2000-ум ба 920,80 сомонии соли 2023-юм баробар гардидааст, ки нисбияти ин солҳо 903,9 сомонӣ ё тақрибан дар давоми ин 23 сол 55 маротиба зиёд гардидааст.

Сатҳи даромади аҳолӣ дар тули солҳои 2000-ум 2023-юм дар ҳама сарчашмаҳои он боло рафтааст, ки ин ба беҳбудии сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин нишондиҳандаи дигар, истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ, яке аз нишондиҳандаи асосӣ барои муайян кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ таҳлилу баррасӣ карда мешавад.

Истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ он хароҷотҳоеро дар бар мегирад, ки аҳолӣ барои қонеъ гардонидани талаботи худ сарф менамояд. Ин нишондиҳандаҳоро аслан чунин гурӯҳбандӣ намудаанд: хароҷот барои хариди хӯроквориву маҳсулоти ғайриозуқа, барои хариди машрубот, барои пардохти хизмати шахсӣ ва ғайра. Қисмати дигари ин хароҷотҳо барои пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳо харҷ карда мешавад. Истифодаи ҷамъи даромад ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои 2000-ум ва 2023-юм дар ҷадвали 4.19 оварда шудааст.

Таҳлилу баррасии ҷадвали 4,19 нишон медиҳад, ки истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2000-ум 17,41 сомонӣ ва дар соли 2023-юм бошад ин нишондиҳанда, 1105,46 сомониро ташкил намудааст, ки нисбияти онҳо дар тули ин солҳо 1088,05 сомонӣ ё тақрибан 63 маротиба зиёдтар гардидааст.

Истифодабарии ҷамъи даромадҳои аҳолиро ба ду гурӯҳ: истифодаи даромадҳо барои хароҷотҳои истеъмолӣ ва барои пардохти андозҳо ва дигар намуди пардохтҳои ҳатмии аҳолӣ ҷудо менамоянд.

Истифодаи ҷамъи даромадҳо ба ҳар сари аҳолӣ барои хароҷоти истеъмолӣ 14,18 сомонӣ дар соли 2000-ум ва 1104,63 сомонӣ дар соли

2023-юм ташкил намудааст. Нисбияти онҳо дар тули ин солҳо 1090,45 сомонӣ зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 4.19. Истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо дар солҳои 2000-2023-юм**

(ба як аъзои хонавода дар як моҳ, бо сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2000 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 17,41 | 54,72 | 177,71 | 265,68 | 649,09 | 793,15 | 855,63 | 1105,46 | +1088,05 |
| *бо %* | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | | |
| а) Хароҷоти истеъмолӣ | 14,18 | 48,82 | 163,55 | 240,68 | 631,04 | 777,64 | 851,85 | 1104,63 | +1090,45 |
| *бо %* | 94,1 | 89,2 | 92,0 | 90,6 | 97,2 | 98,0 | 99,6 | 99,9 | +5,8 |
| **Аз он ҷумла:** | | | | | | | | | |
| **барои хариди хӯрокворӣ** | 12,59 | 35,20 | 104,75 | 139,03 | 386,91 | 372,35 | 405,66 | 522,24 | +509,65 |
| ***бо %*** | 86,5 | 72,1 | 64,1 | 52,3 | 59,6 | 46,9 | 47,4 | 47,2 | - 39,3 |
| **барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа** | 1,68 | 9,01 | 40,09 | 66,31 | 170,06 | 212,70 | 243,55 | 422,94 | +421,26 |
| ***бо %*** | 10,3 | 18,5 | 24,5 | 25,0 | 26,2 | 26,8 | 28,5 | 38,3 | +28,0 |
| **барои хариди машрубот** | 0,04 | 0,16 | 0,20 | 0,30 | 1,19 | 0,73 | 0,75 | 0,75 | +0,71 |
| ***бо %*** | 0,2 | 0,3 | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,09 | 0,09 | 0,07 | - 0,13 |
| **барои пардохти хизмати шахсӣ ва истеҳсолӣ** | 0,49 | 4,45 | 18,51 | 35,04 | 68,34 | 172,15 | 181,37 | 146,62 | +146,13 |
| ***бо %*** | 3,0 | 9,1 | 11,3 | 13,2 | 10,5 | 21,7 | 21,2 | 13,3 | +10,3 |
| б) андозҳо ва пардохтҳо | 1,02 | 5,90 | 14,16 | 25,00 | 18,05 | 15,51 | 3,78 | 0,83 | - 0,19 |
| *бо %* | 5,9 | 10,8 | 8,0 | 9,4 | 2,80 | 1,95 | 0,44 | 0,07 | -5,83 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.119-120.

Хароҷотҳои истеъмолии аҳолӣ боз ба гурӯҳҳои зерин: барои харидани маҳсулоти ниёзи аввала, барои харидани маҳсулоти ғайриозуқа, барои харидани машрубот ва барои пардохти хизмати шахсӣ ва истеҳсолӣ ҷудо карда мешавад.

Дар соли 2000-ум хароҷоти аҳолӣ барои харидани хурокворӣ 12,59 сомонӣ ё 86,5 фисади хароҷотҳои истеъмолиро ташкил намудааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2023-юм бо маблағ 522,24 сомонӣ ва аз рӯйи ҳисса бошад, 47,2 фисадро ташкил намудааст. Нисбияти ин солҳо аз рӯйи маблағ

509,65 сомон зиёд ва бо ҳисса бошад 39,3 фисад кам гардидааст. Хароҷотҳо барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа дар соли 2000-ум 1,68 сомонӣ ва бо фоиз бошад, 10,3 фисадро ташкил менамояд. Дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда, бо маблағ 422,94 сомонӣ ва бо фоиз бошад, 38,3 фисад зиёд гардида, бо маблағ дар ин сол 421,26 сомонӣ ва бо фоиз 28,0 фисадро ташкил намудааст. Барои хариди машрубот дар соли 2000-ум 0,04 сомонӣ ва 0,02 фоизи хароҷоти истеъмолии аҳолиро ташкил менамояд. Дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда, 0,75 сомонӣ ва бо фисади аз худкунӣ бошад, 0,07 фисадро ташкил намудааст. Нисбияти ин нишондиҳанда дар соли 2023-юм нисбати соли 2000-ум бо маблағ 0,71 сомонӣ зиёд гардида ва бо ҳиссаазхудкунӣ бошад, 0,13 фоиз камтарро ташкил менамояд.

Нишондиҳандаи охирони ин бахш, хароҷотҳо барои хизмати шахсӣ ва истеҳсолӣ дониста мешавад ва ин нишондиҳанда дар соли 2000-ум бо маблағ 0,49 сомонӣ ва бо ҳисса бошад, 3,0 фисадро ишғол менамояд. Ин нишондиҳанда, дар соли 2023-юм бо маблағ 146,62 сомонӣ ва бо фоиз 13,3 фисад зиёд гардида, бо маблағ 146,13 сомонӣ ва бо фоиз бошад, 10,3 фоизро ташкил намудааст.

Сатҳи даромад ва харҷнамоӣ ба ҳар як аъзои хонавода дар як моҳ, дар ин солҳо шуруъ аз соли 2000-ум то соли 2010-ум қариб, ки тафовут дида намешавад, аз соли 2010-ум тафовути мусбӣ дар байни ин нишондиҳандаҳо пайдо гардидааст ва аз соли 2020-ум то инҷониб ин тафовут баракс шакли манфиро гирифтааст, ки дар шакли диаграммаи 4.8 оварда шудааст.




**Диаграммаи 4.8. Тағйирёбии ҷамъи даромадҳо ва истифодаи онҳо ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои 2000-2023-юм, бо сомонӣ**

Тағйирёбии ҷамъи даромадҳо ва истифодаи онҳо дар тули ин солҳо дар соли 2000-ум 16,90 ва 17,41 сомонӣ ва дар соли 2023-юм 920,80 ва 1105,46 сомониро ташкил намуда, дар давоми ин 23 сол даромади он 903,90 сомонӣ ва хароҷоти он 1088,05 сомонӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар як моҳ зиёд гардидааст.

Нишондиҳандаҳои дигари иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар, ки асоси муайянкунии сатҳи зисти аҳолӣ, даромад ва истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба ҳисоб меравад, ки он ба таври муфасал дар тӯли солҳои 2000-2023 дар ҷадвали 4.20 оварда шудааст.

**Ҷадвали 4.20. Нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2023.**

| Нишонди-ҳандаҳо | 2000 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2000 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ** | 1004,6 | 13256,0 | 25569,8 | 65347,0 | 80508,8 | 95124,6 | 120715,1 | +119710,5 |
| **Хароҷоти пулӣ ва пасандози аҳолӣ млн. сомонӣ** | 909,9 | 13948,5 | 34968,0 | 72547,2 | 91885,0 | 110606,2 | 145634,1 | +144724,2 |
| Ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд | | | | | | | | |
| **бо сомонӣ** | 15,57 | 354,44 | 878,91 | 1393,78 | 1540,84 | 1760,29 | 2013,11 | +1997,54 |
| **бо доллари ИМА** | 8,5 | 80,9 | 142,6 | 135,0 | 136,3 | 159,7 | 185,6 | +177,1 |
| Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа | | | | | | | | |
| **бо сомонӣ** | 4,06 | 125,24 | 228,17 | 320,90 | 321,35 | 323,72 | 370,61 | +366,55 |
| **бо доллари ИМА** | 2,22 | 28,60 | 37,01 | 31,1 | 28,4 | 29,4 | 34,2 | +31,98 |
| Андозаи ҳадди ақали музди меҳнат, ба ҳисоби миёна дар як моҳ | | | | | | | | |
| **бо сомонӣ** | 1,00 | 80,00 | 250,00 | 400,00 | 400,00 | 600,00 | 600,00 | +599,0 |
| **бо доллари ИМА** | 0,55 | 18,27 | 40,6 | 38,8 | 35,4 | 54,4 | 55,3 | +54,75 |
| **Андозаи ҳадди ақали нафақаи пиронсолӣ, ба ҳисоби миёна дар як моҳ, сомонӣ** | 2,11 | 89,35 | 131,72 | 183,61 | 207,00 | 207,00 | 250,00 | +247,89 |
| **ММД (бо нархҳои амалии солҳои мутобиқ) млн. сомонӣ** | 1786,8 | 24707,1 | 48408,7 | 82543,1 | 101076,3 | 118181,7 | 130791,5 | +129004,7 |

| ММД ба ҳар сари аҳолӣ | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **бо сомонӣ** | 288,4 | 3285,8 | 6031,7 | 8922,2 | 10312,0 | 11838,8 | 12868,8 | +12580,4 |
| **бо доллари ИМА** | 158,0 | 750,4 | 978,5 | 864,4 | 911,8 | 1073,9 | 1186,7 | +1028,7 |
| **Маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2023, млн. сомон** | 5990 | 11913 | 16925 | 32440 | 39187 | 42988 | 46857 | +40867 |
| **Маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои соли 2023, млн. сомон** | 12709,3 | 26699,4 | 36853,2 | 50225,7 | 53576,2 | 57841,7 | 63028,4 | +50319,1 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.11-12.

Таҳлили ҷадвали 4.20 нишондиҳандаи он аст, ки даромади пулии аҳолӣ ҳамасола зиёд гардидааст ва дар баробари ин хароҷотҳои пулӣ ва пасандозҳои пулии аҳолӣ низ боло рафтааст, ки он дар шакли диаграммаи 4.9 оварда шудааст.




**Диаграммаи 4.9. Тағйирёбии даромади пулӣ ва хароҷотҳои пулию пасандозҳои аҳолӣ дар солҳои 2000-2023-юм**

Тағйирёбии даромади пулии аҳолӣ дар тули солҳои 2000-2023-юм аз 1004,6 млн. сомонӣ ба 120715,1 млн. сомонӣ расида, 119710,5 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Дар баробари ин хароҷотҳои пулию пасандозҳои аҳолӣ дар тули ин солҳо аз 909,9 млн. сомонии соли 2000-ум ба 145634,1 млн. сомонии соли 2023-юм расида, 144724,2 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Инчунин, аз расм дидан мумкин аст, ки тафовутҳо байни ин ду нишондиҳанда, нисбат ба даромадҳои пулии аҳолӣ

хароҷотҳо ва пасандозҳои аҳолӣ зиёдтар аст. Дар соли 2018-2019-ум тафовут дар байни ин ду нишондиҳанда камтар дида намешавад. Аз соли 2020-ум сар карда, боз тафовут дар байни ин нишондиҳандаҳо пайдо мегардад. Дар соли 2023-юм агар мо ба тағйирёбии ин нишондиҳандаҳо таваҷҷуҳ намоем, дар баробари ба 120715,1 млн. сомонӣ расидани даромадҳои пулии аҳолӣ, хароҷотҳои пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ ба 145634,1 млн. сомонӣ баробар гаштааст, ки нисбат ба даромадҳои пулии аҳолӣ, хароҷоти пулӣ ва пасандозҳои аҳолӣ 24919,0 млн. сомонӣ бештар гардидааст.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ нишондиҳандаи дигаре, ки сатҳи хуби зиндагиро нишон медиҳад, ин ҳисоби миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд мебошад, ки ин нишондиҳанда дар соли 2000-ум 15,57 сомонӣ, ки баробар ба 8,5 доллари амрикоӣ дар ин сол дониста шудааст. Ҳақмузди миёнаи ҳармоҳаи як корманд 2013,11 сомонӣ ё 185,6 доллари амрикоиро дар соли 2023-юм ташкил намудааст, ки нисбати соли бавзавӣ бо сомонӣ 1997,54 ва бо доллари амрикоӣ 177,1 зиёд гардидааст.

Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа нишондиҳандаи дигари ин ҷадвал буда, он дар соли 2000-ум 4,06 сомонӣ, баробар ба 2,22 доллари амрикоиро ташкил намудааст. Ин нишондиҳанда дар соли 2023-юм ба 370,61 сомонӣ баробар ба 34,2 доллари амрикоиро ташкил намудааст. Тағйирёбии андозаи нафақаи якмоҳа дар тули ин солҳо 366,55 сомонӣ ва ё 31,98 доллари амрикоӣ зиёдро нишон медиҳад.

Дар соли 2000-ум андозаи ҳадди ақали музди меҳнат ба ҳисоби миёна дар як моҳ 1,00 сомонӣ, ки баробар ба 0,55 доллари ИМА ва дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда, ба 600 сомонӣ, ки баробар ба 55,3 доллари ИМА-ро ташкил намудааст. Тафовути ин нишондиҳанда дар тули ин солҳо бо сомонӣ 600 маротиба ва бо доллари ИМА 99 маротиба зиёдро ташкил менамояд.

Нишондиҳандаи андозаи ҳадди ақали нафақаи пиронсолӣ, ба ҳисоби миёна дар як моҳ, дар соли 2000-ум 2,11 сомонӣ ва ин нишондиҳанда дар соли 2023-юм ба 250,00 сомонӣ рафта расидааст, ки нисбати соли базавӣ 247,89 сомонӣ ё қариб 119 маротиб зиёд гардидааст.

Нишондиҳандаи ММД бо нархҳои амалии солҳои мутобиқ, 1786,8 млн. сомонӣ дар соли 2000-ум ва 130791,5 млн. сомонӣ дар соли 2023-юмро ташкил намудааст. Нисбияти ин нишондиҳанда, дар ин солҳо 129004,7 млн. сомонӣ боло рафтааст. Агар ба маротиб ин нишондиҳандаро муқоиса намоем, 73,1 маротибаро ташкил медиҳад.

Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ, яке аз нишондиҳандаест, ки дар кадом сатҳ қарор доштани рушди иқтисодиёти ҳар як кишварро бозгӯ мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2000-ум ба ҳар сари аҳолӣ 288,4 сомонӣ, ё 158,0 доллари ИМА-ро ташкил намудааст. Дар соли 2023-юм ин нишодиҳанда бо сомонӣ 12580,4 ва бо доллари амрикоӣ 1028,7 боло рафта, бо сомонӣ 12868,8 ва бо доллари ИМА 1186,7-ро ташкил намудааст. Агар нисбияти ин нишондиҳандаро дар ин солҳо бо маротиб муқоиса намоем, бо сомонӣ 44,6 ва бо доллари ИМА 7,5 маротибаро ташкил медиҳад. Тағйирёбии ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар тули солҳои 2000-2023-юм дар диаграммаи 4.10 оварда шудааст.




**Диаграммаи 4.10. Тағйирёбии ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар солҳои 2000-2023-юм**

Тағйирёбии ММД ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2000-ум бо сомонӣ 288,4 ва бо доллари ИМА 158,0, дар соли 2010-ум бо сомонӣ 3285,8 ва бо доллари ИМА 750,4, дар соли 2015-ум бо сомонӣ 6031,7 ва бо доллари ИМА 978,5, дар соли 2020-ум бо сомонӣ 8922,2 ва бо доллари ИМА 864,4, дар соли 2023-юм бо сомонӣ 12868,8 ва бо доллари ИМА 1186,7-ро ташкил намудааст. Нисбияти ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои 2000-2010-ум бо сомонӣ 2997,4 ва бо доллари ИМА 592,4 боло рафтааст, дар солҳои 2010-2015-ум бо сомонӣ 2745,9 бо доллари ИМА 228,1 зиёд гардидааст, дар солҳои 2015-2020-ум бо сомонӣ 2890,7 боло рафтааст ва бо доллари ИМА 114,1 поин рафтааст, дар солҳои 2020-2023-юм бо сомонӣ 3946,6 ва бо доллари ИМА 322,3 зиёд гардидааст.

Маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2023 дар соли 2000-ум 5995 млн. сомониро ташкил намудааст ва дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда, ба 40867,0 млн. сомонӣ зиёд гардида, 46857,0 млн. сомониро ташкил намудааст. Ин зиёдшавӣ нисбат ба соли 2000-ум зиёда аз 7,8 маротибаро нишон медиҳад.

Маҳсулоти кишоварзии кишвар бо нархҳои соли 2023-юм дар соли 2000-ум 10836,4 млн. сомониро ташкил додааст ва дар соли 2023-юм ин нишондиҳанда ба 63028,4 млн. сомонӣ омада расида, ки нисбати соли базавӣ 50319,1 млн. сомонӣ зиёд гардидааст. Ин зиёдшавӣ нисбат ба соли 2000-ум қариб панҷ маротибаро нишон медиҳад.

Тағйирёбии ММД (бо нархҳои амалии солҳои мутобиқ), маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои соли 2023-юм ва маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои соли 2023-юм дар диаграммаи 4.11 оварда шудааст.




**Диаграммаи 4.11. Тағйирёбии ММД-и кишвар ва ҳиссаҳои маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар солҳои 2000-2023**

Чуноне ки аз диаграмма дида мешавад, дар байни ин се нишондиҳанда, тағйирёбии бештар дар ММД дида мешавад, ки дар тули 23 сол ин нишондиҳанда, зиёда аз 73 маротиба зиёд гардидааст. Яъне тағйирёбии ММД аз зиёдшавии маҳсулоти саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ камтар ба чашм мерасад, чунки яке 7,8 маротиба дигаре 4,9 маротиба тағйир кардааст. Нишондиҳандаи дигаре, ки дар тағйирёбии ММД саҳми назарас дорад, ин интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, содироти мол ва тамоми намуди сармоягузориҳо дониста мешавад. Тағйирёбии ин нишондиҳандаҳоро мо дар ҷадвали 4.21 оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвали 4.21 аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳаҷми ММД дар тулӣ ин солҳо, яъне аз соли 2002-юм то соли 2023-юм 10876,0 млн. доллари ИМА тағйир кардааст. Содироти мол бошад дар ин солҳо аз 736,9 млн. доллари ИМА то ба 2448,8,0 млн. доллари ИМА тағйир карда, 1711,9 млн. доллари ИМА зиёд гардидааст. Ҳамагуна сармоягузориҳои хориҷӣ низ дар ин солҳо 2432,5 млн. доллари ИМА зиёд гардидааст. Ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ин солҳо аз 74,5 млн. доллари ИМА ба 5752,3 млн. доллари ИМА расида, 5677,8 млн. доллари ИМА зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 4.21. Тағйирёбии ММД, содироти мол, сармоягузориҳо ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар тӯли солҳои 2002-2023-юм, млн. доллари ИМА**

| Солҳо | Нишондиҳандаҳо | | | | Нисбияти интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (бо фоиз) ба: | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **A** | **B** | **C** | **D** | **D/A** | **D/B** | **D/C** |
| **2002** | 991 | 736,9 | 351,4 | 74,5 | 7,5 | 10,1 | 21,2 |
| **2005** | 1309,0 | 908,7 | 437,3 | 630,8 | 48,2 | 69,4 | 144,2 |
| **2010** | 5615,0 | 1197,4 | 2370,1 | 2216,0 | 39,5 | 185,5 | 93,4 |
| **2015** | 7852,0 | 890,6 | 5056,3 | 2259,2 | 28,7 | 253,7 | 44,6 |
| **2016** | 6980,0 | 898,7 | 5335,4 | 2186,0 | 31,3 | 243,2 | 40,9 |
| **2017** | 7146,0 | 1198,0 | 5665,4 | 2632,0 | 31,8 | 219,7 | 46,4 |
| **2018** | 7522,0 | 1073,3 | 6366,2 | 2569,0 | 34,2 | 239,4 | 40,3 |
| **2019** | 7903,0 | 1174,4 | 6652,9 | 2732,0 | 34,6 | 232,6 | 41,1 |
| **2020** | 8254,0 | 1406,9 | 6474,9 | 2573,0 | 31,2 | 182,9 | 39,7 |
| **2021** | 10107,6 | 2149,6 | 6367,0 | 2945,2 | 29,1 | 137,0 | 46,2 |
| **2022** | 10521,7 | 2142,0 | 2576,7 | 5325,2 | 50,6 | 248,0 | 206,6 |
| **2023** | 11867,0 | 2448,8 | 2783,9 | 5752,3 | 48,4 | 234,9 | 206,6 |
| **2023/2002 (+/-)** | **+10876** | **+1711,9** | **+2432,5** | **+5677,8** | **+40,9** | **+224,8** | **+185,4** |
| A- **ММД;** **B-Содироти мол;** **C- Ҳамагуна сармоягузориҳои хориҷӣ; D-Ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.** | | | | | | | |

***Сарчашма:*** Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуи оморӣ/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 -С.507-610; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.13-248; The World Bank. Migration and Remittances Data. Annual Remittances Data (updated as of Oct. 2023). Retrieved from http://www.worldbank.org/en/topic/migrationremittancesdiasporaissues/brief/migration_remittances_data

Мувофиқ ба нишондиҳандаҳои ҷадвал интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2002-юм нисбат ба ММД 7,5 фисад, нисбат ба содироти мол 10,1 фисад ва нисбат ба ҳамагуна сармоягузориҳои хориҷӣ 21,2 фисадро ташкил намудааст. Ин нишондодҳо сол аз сол зиёд гардида, ҳаҷми ташкилнамудаи он дар соли 2023-юм нисбат ба ММД 48,4 фисад, нисбат ба содироти мол 234,9 фисад ва нисбат ба ҳамагуна сармоягузориҳои хориҷӣ бошад 206,6 фисадро ташкил намудааст. Дар тули ин солҳо интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 40,9 фисад, нисбат ба содироти мол 224,8 фисад ва нисбат ба ҳамагуна сармоягузориҳои хориҷӣ 185,4 фисад зиёд гардидааст. Зиёдгардии ҳаҷми интиқоли

маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ боиси боз беҳбуд бахшидан ба сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар гаштааст.

Таҳқиқоти зиёди олимони ватанӣ аз ҷумла: академикҳо Раҳимов Р.К., Қаюмов Н.Қ., Назаров Т.Н., профессорон: Ғаниев Т.Б., Қандиёрова Д.А., Қодирзода Д.Б., Нурмаҳмадов М.Н., Саидмуродов Л.Х., Умаров Ҳ.У., Усманова Т.Ҷ., Улмасов Р.У. ва дигарон дар самти муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишвар аз он далолат медиҳад, ки дар баробари таъсири манфӣ доштани ин падидаи муосири иқтисодӣ, интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти кишвар таъсири мусбӣ расонида, нақши он дар баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва паст гардонидани сатҳи камбизоатӣ хеле назаррас ба чашм мерасад[153].

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ маблағҳои интиқол намудаи муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз сабабҳои беҳтар гардидани зиндагии мардуми кишвар гардидааст. Бинобар он ба ақидаи мо оид ба рафти ин падидаи иқтисодӣ ба хусус оид ба омаду рафти муҳоҷирони меҳнатӣ, шароитҳои кории онҳо ва муносибат бо онҳо дар кишварҳои қабулкунандаи онҳо чораандешиҳо лозим аст. Маблағи интиқол намудаи онҳо дар тули ин 20 сол маблағи кам намебошад. Самаранок истифодабарии захираҳои молиявӣ яке аз роҳҳои асосии рушду

---

153 Ба таври муфассал ниг. Раҳимов Р.К. Некоторые вопросы политика внешней трудовой миграции Республики Таджикистан// Экономика Таджикистана. Стратегия развития. 2001. №1. – С.50-56. Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Махмудов И.И., Рахимов Р.К., Умаров Х..У. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана // Экономика Таджикистана: стратегия развития.-2003. №4,-С. 18. М. Нурмахмадов Проблемы занятости населения и внешняя трудовая миграция // Эколномика Таджикистана: стратегия развития. 2001г. №1 с.58. Умаров Х.У. Нужны неотложные решение. Народная газета. № 35-36 (1930) 7 мая 2003. Саидмуродов Л.Х. Экономика развития: Исторические условия дуализма рынка (научная монография). Душанбе,: Ирфон, 2001-128с. Л.Х Саидмуродов. Республика Таджикистан в системе современных связей: модель малой открытой экономики.-Душанбе.: Дониш, 2021.- 414 с. Кодирзода Д. Б. Организационно-финансовые основы функционирования рынка труда в условиях инновационного развития экономики / Д. Б. Кодирзода // Актуальные направления фундаментальных и прикладных исследований : материалы XXX международной научно-практической конференции, Bengaluru, 07–08 ноября 2022 года. – Bengaluru: Pothi.com, 2022. – С. 115-121. Усманова Т. Дж. Формирование и развитие рынка труда в переходной экономике Таджикистана. Душанбе: «Ирфон». – 2005.- 120 с. Кандыярова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономики: теория, методология, практика.- Душанбе. Изд. «Ирфон».- 2006.- 178 с., Ульмасов Р.У. Миграционная ситуация в Таджикистане: проблемы и пути решения. - [Электронный ресурс]. - Режим доступа: ttp://culturedip.interaf-fairs.ru/index.php/analitika-/item/1034-1034., Шарипов Б. Роль денежных переводов мигрантов в обеспечении макроэкономичесокй стабильности Республики Таджикистан.// Журналь Центральная Азия и Кавказ.- Том 17, Выпуск 4. -2014. – с. 103-117. ва дигарон.

инкишофдиҳии иқтисодиёти кишвар дониста мешавад. Бинобар ҳамин омода намудани мутахассисони касбӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ боиси ба бурун нарафтани захирахои молиявии кишвар мегардад.

Истеҳсоли молу махсулоти ватанӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ сарчашма мегирад аз раванди омоданамоии мутахассисон дар раванди таълим. Аз рӯйи таҷрибаҳои омӯхташуда, дар бештари давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон аллакай раванди таълим 60-40 фисадро ташкил намудааст. Ҳар чӣ  бештар рӯй овардан ба ин раванд боиси рушд ва инкишоф ёфтани доираи асосии иқтисодиёт истеҳсолот мегардад. Таваҷҷуҳ ба истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ, сараввал боиси муҳайё шудани ҷойҳои нави корӣ (мувофиқ ба маълумоти омории кишвар зиёда аз 3 млн. аҳолии қобили меҳнат дар иқтисодиёт истифода намешаванд), гардида, аз ҳама муҳим бехатарии иқтисодию иҷтимоии аҳолии кишварро таъмин намуда, аз дохили кишвар берун нарафтани дороиҳои мардумро нишон медиҳад.

Ҳаракатдиҳандаи асосии иқтисодиёт ва рушду инкишофдиҳандаи он доираҳои асосии иқтисодиёт, истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот ба ҳисоб меравад. Фаъол будани ин доираҳо боиси рушдёбандагии иқтисодиёт гардида, ҳаракати доимии иқтисодиётро вобаста ба дигаргуншавии талаботҳои истеъмолии аҳолӣ таъмин менамояд. Бинобар ин доираи истеҳсолот, ки асос ва ҳаракатдиҳандаи дигар доираҳои иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, бояд фаъолият мунтазам дошта бошад. Аз ҷониби дигар, фаъол будани доираи истеҳсолот истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватаниро ба истеъмолкунандагон таъмин намуда, сади роҳи молу маҳсулотҳои воридоти мегардад. Кам гардидани воридоти ин гуна молу маҳсулотҳо боиси истеҳсолоти молу маҳсулотҳои ватани гардида, аз як тараф шуғлмандии аҳолиро таъмин намуда ва аз тарафи дигар берун рафтани дороии аҳолиро кам менамояд.

Маълумоти омории воридоти молу маҳсулотҳои хориҷӣ аз он далолат медиҳад, ки то кадом андоза мардуми кишвар аз ин гурӯҳ молу маҳсулотҳо истифода намудаанд. Воридоти молу маҳсулот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳи молҳо дар солҳои 2000-2023-юм дар ҷадвали 4.22 оварда шудааст.

## Ҷадвали 4.22. Воридоти молу маҳсулот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳи молҳо дар солҳои 2000-2023-юм, млн. доллари ИМА

| Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2000 +/- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | 657,0 | 1330,1 | 2656,9 | 3435,6 | 3150,9 | 4209,5 | 5167,5 | 5880,5 | +5223,5 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | | | | |
| **Чорвои зинда ва маҳсулоти чорво** | 1,1 | 7,1 | 47,1 | 70,0 | 57,1 | 46,9 | 45,0 | 54,9 | +53,8 |
| **Маҳсулоти растанипарварӣ** | 46,9 | 82,1 | 220,0 | 383,2 | 351,2 | 387,5 | 478,9 | 476,9 | +430,0 |
| **Чарб, равғани растанӣ ва чорво** | 6,5 | 13,6 | 72,8 | 96,0 | 114,4 | 148,0 | 172,8 | 141,2 | +134,7 |
| **Маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машрубот ва нӯшокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаҳои он** | 14,9 | 53,2 | 152,5 | 243,2 | 295,2 | 390,3 | 458,2 | 480,5 | +465,6 |
| **Маҳсулоти маъданӣ** | 254,0 | 298,6 | 647,5 | 571,0 | 551,1 | 738,9 | 997,4 | 988,5 | +734,5 |
| **Маҳсулоти саноати кимиё** | 237,3 | 419,8 | 544,6 | 327,4 | 331,0 | 357,5 | 494,9 | 467,5 | +230,2 |
| **Пластмасса ва маснуоти аз он тайёршуда** | 5,6 | 17,9 | 33,8 | 82,1 | 116,8 | 131,9 | 200,9 | 205,8 | +200,2 |
| **Пӯст, чарм, маҳсулоти мӯина маснуоти аз он тайёркардашуда** | 0,1 | 0,1 | ,08 | 1,7 | 1,2 | 1,9 | 2,6 | 3,8 | +3,7 |
| **Чӯбу тахта ва маснуоти аз онҳо сохташуда** | 6,1 | 29,9 | 122,9 | 205,2 | 120,8 | 149,7 | 215,0 | 247,3 | +241,2 |
| **Қоғазпораҳо, партовҳои картон, қоғаз ва макулатура** | 3,0 | 9,6 | 28,2 | 40,9 | 40,3 | 48,6 | 59,2 | 68,3 | +65,3 |
| **Нассоҷӣ ва маҳсулоти нассоҷӣ** | 6,9 | 14,2 | 32,1 | 57,0 | 82,7 | 89,2 | 124,3 | 124,2 | +117,3 |
| **Пойафзол, каллапӯш ва ғайра** | 2,2 | 3,5 | 6,1 | 1,6 | 9,5 | 13,0 | 11,7 | 17,4 | +15,2 |
| **Маҳсулот аз санг, гаҷ ва семент** | 5,3 | 28,4 | 54,4 | 83,9 | 60,9 | 94,9 | 117,1 | 140,7 | +135,4 |
| **Марворид, металлҳои қиматбаҳо ва ғайра** | 0,0 | 0,8 | 0,4 | 101,0 | 1,9 | 5,3 | 8,7 | 183,4 | +183,4 |
| **Металлҳои арзонбаҳо** | 10,3 | 45,6 | 162,9 | 333,5 | 338,7 | 404,3 | 506,2 | 527,2 | +516,9 |
| **Мошинҳо, таҷҳизот, механизмҳо ва қисм-ҳои эҳтиётии онҳо** | 39,3 | 184,8 | 292,6 | 523,3 | 338,9 | 657,1 | 615,2 | 747,9 | +708,6 |
| **Воситаҳои нақлиётии заминӣ, ҳавоӣ ва обӣ** | 26,3 | 96,7 | 191,0 | 223,7 | 226,7 | 381,6 | 502,6 | 864,6 | +838,3 |
| **Асбобҳои оптикӣ, мусиқӣ, соат ва ғайра** | 1,8 | 10,5 | 20,3 | 37,5 | 67,6 | 73,4 | 38,7 | 55,1 | +53,3 |
| **Молҳои мухталифи саноатӣ** | 4,9 | 13,5 | 18,6 | 42,4 | 41,9 | 60,4 | 70,3 | 81,3 | +76,4 |
| **Асарҳои соҳаи санъат** | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 0,0 | 0,0 | 1,1 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| **Молҳои гуногуни ташхиснашуда** | 2,5 | 0,2 | 6,9 | 1,0 | 2,5 | 28,0 | 41,9 | 26,4 | +23,9 |

***Сарчашма:*** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024. – С.325.

Таҳлили ҷадвали 4.22 гувоҳӣ аз он медиҳад, ки воридоти молу маҳсулотҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол зиёд гардида, аз 657,0 млн. доллари амрикоии соли 2000-ум ба 5880,5 млн. доллари амрикоии соли 2023-юм омада расида, 5223,5 млн. доллари ИМА ё қариб 8,9 маротиба зиёд гардидааст. Агар ин зиёдшавӣ сатҳу сифати зиндагии аҳолиро нишон диҳад, аз тарафи дигар ба берун баромада рафтани захираҳои молиявии кишварро низ нишон медиҳад, ки ин барои рушду инкишоф ёфтани иқтисодиёт ва ба ҷойи корӣ таъмин намудани аҳолӣ мусоидат наменамояд.

Дар соли 2023-юм дар маҷмуъ воридот ба ҳама гуна намуди маҳсулотҳои воридотӣ зиёд гардидааст, аз ҷумла: чорвои зинда ва маҳсулотҳои чорво – 53,8 млн.; маҳсулоти растанипарварӣ – 430,0 млн.; чарб, равғани растанӣ ва чорво – 134,7 млн.; маҳсулоти саноати хӯрокворӣ, машрубот ва нушокиҳои беспирт, тамоку ва ивазкунандаҳои он – 465,6 млн.; маҳсулоти маъданӣ – 734,5 млн.; маҳсулоти саноати кимиё – 230,2 млн.; пластмасса ва маснуоти аз он тайёршаванда - 200,2 млн.; пӯст,чарм, маҳсулоти мӯина маснуоти аз он тайёркардашуда – 3,7 млн.; чӯбу тахта ва маснуоти аз онҳо сохташуда – 241,2 млн.; қоғазпораҳо, партовҳои картон, қоғаз ва макалатура – 65,3 млн.; нассоҷӣ ва маҳсулоти нассоҷӣ – 117,3 млн.; пойафзол, каллапӯш ва ғайра – 15,2 млн.; маҳсулот аз санг, гаҷ ва семент – 135,4 млн.; марворид, металлҳои қиматбаҳо ва дигар металлҳои ба инҳо монанд – 183,4 млн.; металлҳои арзонбаҳо – 516,9 млн.; мошинҳо, таҷҳизот, механизмҳо ва қисмҳои эҳтиётии онҳо – 708,6 млн.; воситаҳои нақлиётии заминӣ, ҳавоӣ ва обӣ – 838,3 млн.; асбобҳои оптикӣ, мусиқӣ, соат ва ғайра – 53,3 млн.; молҳои мухталифи саноатӣ – 76,4 млн.; молҳои гуногуни ташхиснашуда – 23,9 млн. доллари ИМА-ро ташкил менамояд, ки ҷамъи ҳамаи онҳо 5223,5 млн.доллари ИМА-ро ташкил намудааст.

Молу маҳсулотҳои воридшуда ба кишвар он маҳсулотҳоеанд, ки истеҳсолоти онро ба роҳ мондан ҳеҷ душворие надорад. Мушкилоти асосӣ

ин танҳо надоштани мутахассисон ва дар дохили кишвар ба роҳ мондани истеҳсоли ин гуна молу маҳсулотҳо диниста мешавад.

Аз рӯйи маълумоти таҳлилшаванда, дар соли 2023-юм ҳаҷми маҳсулоти воридшуда(5880,5 млн. доллари ИМА), нисбат ба ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ (2448,8 млн. доллари ИМА) 3431,7 млн. доллари ИМА зиёд мебошад, ки дигаргуниҳои ин нишондиҳандаҳо дар диаграммаи 4.12. оварда шудааст.




**Диаграммаи 4.12. Тағйирёбии ҳаҷми воридот, содирот ва интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар солҳои 2002-2023-юм, млн. доллари ИМА.**

Баъди таҳлилу баррасиҳои маълумоти зиёди оморӣ ба сифати хулоса оид ба боби чорум чунин пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Маълумоти олии касбӣ ва аз худ намудани он яке аз паҳлуҳои асосии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт диниста шуда, такмилдиҳанда ва рушддиҳандаи ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилу барасии азхудкунии он муайян намуд, ки дар шароити муосир бештари мутахассисони омодашаванда, ки маълумоти олии касбиро соҳиб мегарданд вобаста барои кадом соҳаҳо омода карда мешаванд, инчунин, шумораи донишҷӯёне, ки бо тариқи шартнома дар донишгоҳҳои кишвар ва берун аз он таҳсил менамоянд, оварда шуда, муайян карда шуд, ки шумораи онҳо ҳамасола зиёд гардида истодааст. Ин

таҳлилҳои гузаронидашуда, дар муқоиса ба таҷрибаи дигар кишварҳо ва ҳолати имрӯзаи иқтисодиёт аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мутахассисони омоданамудаи донишгоҳҳои кишвар мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат омода карда шаванд. Инчунин рафти омоданамоии мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ бояд аз рӯйи стандартҳои нави таълимӣ, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи кишварҳои ҷаҳон истифода мешавад, омода карда шаванд;

2. Дониш ҳамчун неруи инсонӣ бояд доимо сайқал дода шавад, чунки донишҳои муосири замонавӣ идеяҳои нав ба навро эҷод менамоянд. Танҳо маблағгузориҳои давлатӣ наметавонад, ки сайқалдиҳандаи тамоми донишҳои донишомӯзон бошад, бинобар ин барои омода кардани мутахассисони дараҷаи маълумоти олии касбӣ, сараввал кушишу заҳмати худи донишомӯзон, баъдан оилаи онҳо ва кордиҳандагоне, ки ба инҳо ҷойи кор муҳайё менамоянд, саҳм гузоштанашон муҳим мебошад. Инчунин донишкадаю донишгоҳҳои кишвар фаъолияти таълимии худро бо ҷараёни истеҳсолӣ якҷо карда, худашон мустақилона истеҳсолот ё хизматрасониҳои ниёзи мардумро қонеъ намоянд;

3. Тағйирёбии аҳолии машғул аз рӯйи шакли моликият дар соли дар соли 2023-юм, дар бахши давлатӣ – 19,0, дар бахши хусусӣ – 70,7, дар бахши коллективӣ - 9,4, дар бахши омехта бо иштироки хориҷиён – 0,2 ва дар бахши омехта, бе иштироки хориҷиён – 0,7 фисадро ташкил менамояд. Ин зиёду камшавӣ бешубҳа, баъди соҳибистиқлол гаштан ва хусусигардониҳо дониста мешавад. Ин сабаб боис ба он гаштааст, ки дар тули солҳои 2000-2023-юм аз 751,7 ҳазор ё 43,1 фисади машғулин ба 1857,7 ҳазор ё 70,7 фисад расидааст. Яъне айни замон бештар аз 70 фисади аҳолии машғул дар бахши хусусӣ фаъолияти меҳнатӣ менамоянд. Ин бахши хусусиро водор ба он менамояд, ки барои омоданамоии мутахассисони соҳибкасб, ҷаҳду талошҳои зиёдтареро боз анҷом диҳад.

4. Вазъи бозори меҳнати ҷумҳурӣ таҳлил карда шуда, муайян карда шуд, ки дар ҷумҳурӣ захираҳои меҳнатӣ дар соли 2023-юм 5990 ҳазор нафарро ташкил менамояд, ки аз ин 2875 ҳазор нафар ба ҳайси қувваи корӣ ва 3115 ҳазор нафар қувваи кории истифоданашуда, дар иқтисодиёт дониста мешавад, ки ин шумора 1,08 маротиба аз қувваи кории истифодашаванда дар иқтисодиёд, зиёд мебошад. Ин барои ҷумҳурии мо қувваи хеле бузург аст ва мо бояд, кушиш ба харҷ диҳем, ки инро самаранок истифода намуда, рушди иқтисодиёти худро як боробар зиёд намоем.

5. Даромад ва дараҷаи сатҳи зисти аҳолӣ таҳлили ҳамаҷониба карда шуда, муайян карда шуд, ки ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо дар соли 2023-юм (моҳе ба як аъзои хонавода) 920,8 сомониро ташкил намудааст ва ин нисбати соли 2000-ум 903,9 сомонӣ ё тақрибан 55 маротиба зиёд гардидааст. Даромади аҳолӣ боиси хуб гардидани дараҷаи зиндагии аҳолӣ гардида, сарчашмаи асосии сармоягузории онҳо дониста мешавад.

6. Истифодаи ҷамъи даромади аҳолӣ ба як аъзои хонавода дар як моҳ аз рӯйи маълумоти таҳқиқоти интихобии хонаводаҳо дар ин солҳо сол аз сол зиёд гардида, ба 1105,46 сомонии соли 2023-юм омода расидааст, ки ин дар муқоиса ба соли 2000-ум 1088,05 сомонӣ ё тақрибан 64 маротиба зиёд мебошад. Хуб гардидани харҷнамоиҳои аҳолӣ аз дороиҳои аҳолӣ шаҳодат дода, такрористеҳсолшавии аҳолиро нишон медиҳад.

7. Тағйирёбии ҳаҷми ММД аз соли 2002-юм то соли 2023-юм 10876,0 млн. доллари ИМА тағйир кардааст. Содироти мол бошад дар ин солҳо аз 736,9 млн. доллари ИМА то ба 2448,8,0 млн. доллари ИМА тағйир карда, 1711,9 млн. доллари ИМА зиёд гардидааст. Ҳамагуна сармоягузориҳои хориҷӣ низ дар ин солҳо 2432,5 млн. доллари ИМА

зиёд гардидааст. Ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ин солҳо аз 74,5 млн. доллари ИМА ба 5752,3 млн. доллари ИМА расида, 5677,8 млн. доллари ИМА зиёд гардидааст. Маблағҳои интиқол намудаи муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз сабабҳои беҳтар гардидани зиндагии мардуми кишвар гардидааст. Бинобар ҳамин оид ба рафти ин падидаи иқтисодӣ бахусус оид ба омадурафти муҳоҷирони меҳнатӣ, шароитҳои кории онҳо ва муносибат бо онҳо дар кишварҳои қабулкунандаи онҳо чораандешиҳо лозим аст.

# БОБИ V. САМТҲОИ ИНКИШОФЁБАНДАИ ИДОРАКУНИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ИҚТИСОДИЁТИ МУОСИР

## 5.1. Рушд ва ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ

Рушди устувори иқтисодиёт бо сатҳи таҳаввулоти сармояи инсонӣ, иқтидори таълимӣ ва рушди демографӣ зич алоқаманд мебошад. Дар робита ба ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки омӯзиш ва ҳалли мушкилоти рушди иқтисодиёти кишвар дар якҷоягӣ бо мушкилоти ташаккули сармояи инсонӣ метавонад ҳамчун дастгоҳи боэътимоди ноил шудан ба равишҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ амал кунад. Дар баробари ин, омоданамоии мутахассисон ва таъминоти онҳо яке мушкилоти асосӣ ва бениҳоят муҳимми иқтисодиёти муосир дониста шуда истодааст.

Таҳавулотҳои иқтисодиёти инноватсионӣ муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар муносибатҳоро дар низоми доду гирифтҳо тағйир дода, бештар шакли иртиботи электрониро гирифтааст. Дигар гаштани низом, омоданамоии кадрҳои ҳирфаӣ ва баландихтисосро талаб мекунанд. Чуноне ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин масоил дар Паёми худ зикр намуда буданд. «Хотирнишон менамоям, ки авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низоми маорифи муназзам, мустаҳкам ва дар айни замон ҷавобгӯ ба талаботи рӯзафзуни ҷомеаро тақозо менамояд.

Дар чунин шароит омода кардани кадрҳои баландихтисос, боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим, эътибори ҷиддӣ додан ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар тамоми зинаҳои таҳсилот, илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиӣ вазифаи муҳимтарини роҳбарону масъулини соҳа ва аҳли маориф мебошад»[154].

---

[154] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои

Дар робита ба ин гуфтаҳо, дар муддати кӯтоҳ дар низоми омода кардани кадрҳои соҳибихтисос дигаргуниҳо ворид намуда, мутахассисонеро омода карда шаванд, ки ҷавобгӯ ба талаботҳои иқтисодиёти муосир бошанд. Яъне вобаста ба шароити ба амаломада, мутахассисоне омода карда шаванда, ки ҳолати имрӯзаи иқтисодиётро дуруст баҳогузорӣ намоянд ва меҳнати онҳо боиси рушди иқтисодиёт бошанд. Инчунин вазорату идораҳои дахлдори соҳаи маориф ва илм уҳдадоранд, ки талаботу таклифоти бозори меҳнатро (дар дохил ва берун аз он) пурра омӯхта, омоданамоии мутахассисонеро пешаи худ намоянд, ки ҷавобгӯй ба талаботҳои имрӯзаю ояндаи бозори меҳнат бошад. Вобаста ба ин масоил дар паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, (28.12.2023), чунин қайд гардидааст: «Вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо, дигар вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, уҳдадоранд, ки тавассути роҳандозии барномаҳои таълимии муосир омода кардани кадрҳои лаёқатманд ва баландихтисосро таъмин намоянд.

Вазорати маориф ва илм, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо бо мақсади татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатии «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намояд»[155].

Инчунин, вобаста ба ин масоил дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030-юм, дар боби чоруми он чунин қайд карда шудааст: «Сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди

---

асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28.12.2023, шаҳри Душанбе. http://www.prezident.tj/node/16771).

155 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (28.12.2023, шаҳри Душанбе. http://www.prezident.tj/node/16771).

истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобастагии зич дорад. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол менамояд. Аз ин рӯ, рӯшди сармояи инсонӣ, дар кишвар ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст.

Принсипҳои калидии самти мазкури фаъолият бо талоши ҳалли маҷмуи вазифаҳои рушди сармояи инсонӣ ва сифати зиндагӣ, инчунин фароҳам овардани заминаҳои устувор барои ташаккули донишҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошанд. Вазифаҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар давраи дарозмуҳлат чунин муайян карда шудаанд:

– пешбурди фарогирии иҷтимоӣ тариқи баланд бардоштани дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифат, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, обтаъминкунӣ ва беҳдошт;

– фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ»[156].

Аз гуфтаҳои боло ва тадқиқотҳои илмиву амалӣ бармеояд, ки яке аз сармояҳои бениҳоят муҳим барои рушди иқтисодиёти муосир дар шароити имрӯза ин сармояи инсонӣ дониста шуда, нақши он нисбат ба дигар захираҳои иқтисодӣ хеле муҳим мебошад. Иқтисодиёте, ки имрӯз моро иҳота кардааст ва бештари фаъолиятҳои меҳнатии инсонҳо ба талаботҳои он дуруст шуда истодааст ин иқтисоди рақамӣ мебошад, ки гузариш ба ин иқтисодиёт зеҳнӣ баланд ва дониши комили касбиро талаб менамояд. Нишондиҳандаҳои асосии ин сармоя ҳам аз нуқтаи назари сифатӣ ва миқдорӣ аз муҳит ва шароитҳои омоданамоии ин сармояи муҳимми иқтисодӣ, яъне ячекаҳои рушд ва инкишофёбии он вобастагӣ дорад. Омоданамоии мутахассисони баландихтисос, ки қодиранд дар шароити зудтағйирёбандаи шартҳои хоҷагидорӣ ва

[156] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳури Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – С.40.

талаботи бозорӣ кор ва фаъолият намуда, талаботи истеъмолии аҳолиро қонеъ намоянд. Табиист, ки ин гуна мутахассисон дар натиҷаи омӯзишҳои зиёди ҷараёни иқтисодиёт ба хусус дар раванди якҷоя намудани таълим бо ҷараёни истеҳсолот омода карда мешаванд.

Мувофиқ ба натиҷаи тадқиқотҳои илмию назарявӣ, то соли 2030-юм силсилаи нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз меёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то солҳои 2050-ум тадриҷан коҳиш дода, самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодиро талаб менамояд. Вобаста ба шароити баамалмеомада бояд барои дарки дурусти ин раванд омода бошем ва ин захираҳои маҳдуди иқтисодиро самаранок истифода намоем. Ягона воситае, ки ба рушд ва вусъатёбии иқтисодиёт, ба хусус доираҳои асосии он мусоидат менамояд, ин идоранамоии сармояи инсонӣ ва ташаккулдиҳии дурусти он дониста мешавад. Таваҷҷуҳнамоӣ ба ин сармояи нодири иқтисодӣ, ки ҳам истеҳсолкунанда ва ҳам истеъмолкунанда дониста мешавад, боиси истеҳсоли босифати маҳсулот ва самаранок истифодабарии маҳсулоти истеҳсолгашта мегардад.

Вобаста ба шароити имрӯзаи иқтисодӣ рушди сармояи инсониро унсурҳои асосии он, пурра менамоянд. Рушду ташаккул додани ин унсурҳои сармояи инсонӣ дар асоси низоми муосири маориф, таҷдиди соҳаи тандурустӣ, ҳамоҳангии бозори меҳнат бо бозори хизматрасониҳои таълимӣ, танзими муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва дигар чорабиниҳо таъмин менамоянд. Инчунин дар баробари ин, ба тарбияи томактабӣ ва мактабӣ, ки зинаҳои аввали рушду инкишофёбии сармояи инсонӣ дониста мешавад, таваҷуҳи бештар намудан лозим мешавад. Омода кардани кадрҳо дар муассисаҳои олии касбӣ, мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат бояд ба роҳ монда шаванд ва ба талаботу таклифоти ин бозор бояд доим мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор дошта бошад. Омӯзиш ва таҳлилу баррасии талаботу таклифоти бозори меҳнат

вазифаи асосии на танҳо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва зерсохторҳои он, балки вазифаи шуъбаи маркетингии донишкадаю донишгоҳҳои кишвар низ ба ҳисоб меравад. Чунки омода кардани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат аз омӯзиши дурусти бозори меҳнат чӣ дар дохили кишвар ва берун аз он дониста мешавад.

Чуноне ки олими иқтисоддон марҳум академик Раҳимов Р.К., вобаста ба омӯзиш ва дарки бозори меҳнати дохилӣ, инчунин нишондиҳандаи шумораи аҳолӣ ва иқтидори меҳнатӣ мефармояд, «Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имкониятҳои бозори меҳнат ва шароити хоси иқлимию ҷуғрофӣ, урфу одатҳои гуногун, ақидаҳои мазҳабию динӣ алоқамандии зич дошта, нишондиҳандаҳои шумораи умумии аҳолӣ ва иқтидори меҳнатӣ бешубҳа аҳаммияти бузург доранд»[157]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки алоқамандии шумораи аҳолӣ ҳамчун захираҳои меҳнатӣ ва иқтидори меҳнатии аҳолӣ бо сиёсати демографии давлат, ки ба афзоиши табиии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароитҳо барои баланд бардоштани давомнокии умри аҳолӣ нақши калидӣ дорад. Инчунин олими иқтисоддон Қодирзода Д.Б. оид ба раванди рушду ташаккулёбии бозори меҳнат таҳқиотҳо анҷом дода қайд менамояд, ки «раванди ташаккули бозори меҳнат фарқияти байни арза ва тақозо ва қувваи корӣ муайян гардида, инчунин онҳоро аз рӯйи сохтори шуғли аҳолӣ, аз рӯйи соҳаҳо, минтақаҳо, хусусиятҳои синну сол, сатҳи музди меҳнат, сифати иҷрои қувваи корӣ ва сатҳи бекорӣ аз якдигар ҷудо менамояд»[158]. Ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки унсурҳои асосии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёт аз қобилиятҳои унсурҳои сармояи инсонӣ, ба хусус дониш, малака, зеҳнияти баланд ва дигар хусусиятҳои шахсии коргар сарчашма мегирад ва бе ин хусусиятҳо арзи вуҷуд карда наметавонад. Зеро сифати кори анҷомдодаи коргар

---

[157] Рахимов Р.К. Производительная сила труда и проблемы ее повышения в Республике Таджикистан // Экономика Таджикистан. Душанбе, 2014. – №1. – С.42.

[158] Кодиров Д.Б., Раджабов Х.Х. Благосостояние населения: теория и пути повышения: монография.-Душанбе: «Сохибкор», 2015.- С.140

натанҳо бузургии иқтидори меҳнатии ӯро нишон медиҳад, балки дар дилхоҳ тағйиротҳои институтсионалии бозори меҳнат рақобатпазир буда метавонад. Мутахассиси дорои донишҳои муосири иқтисодӣ омодашуда, қодир аст, дар дилхоҳ шароитҳои баамаломада, вазифаи ба уҳда будаашро пурра иҷро намояд.

Ба ақидаи олими иқтисоддон Комилов С.Ҷ.: «бозори меҳнат ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ байни субъектҳо дар муҳити махсуси институтсионалӣ рушд ёфта, инчунин ҳамкорӣ менамояд»[159]. Ин гуфтаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳамкории доимии бозори меҳнат асоси ҳамагуна муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолӣ дониста мешавад. Аз ин нуқтаи назар, низ бозори меҳнат мутахассисонеро ҳамкори доимии худ қарор медиҳад, ки дорои дониши замонавӣ, қобилияти эҷодкорӣ, зеҳнияти баланди касбӣ, малакаю истеъдодҳои зуд-зуд такмилёфта ва умуман дорои иқтидори бузурги меҳнатӣ буда, дар бозори меҳнат рақобатпазиранд.

Вобаста ба масоили мазкур, таҳқиқотчиёни пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми баррасии масъалаҳои муосири бозори меҳнат ва паҳлӯҳои мухталифи иқтидори меҳнатии кормандон, ба чунин ақида омадаанд, ки «дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ, дар бозори меҳнат муборизаи рақобатпазирӣ шадид гардида истодааст, ки натиҷаи ғолибият дар мадди аввал иқтидори инсониро таъмин менамояд. Шаклҳои рақобат барои захираҳои инсонӣ ҳамагуна имтиёзҳо ва кафолати иҷтимоӣ, инчунин рушди низоми маориф ва омода намудани кадрҳоро тақозо менамояд»[160]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки рақобатпазирии кормандонро дар бозори меҳнат чӣ дар дохил ва берун аз кишвар, рушди низоми

159 Комилов С.Ҷ. Теория инновационного развития /С.Дж. Комилов. Монография. – Душанбе: «Шарки озод», 2019.-С.151.

160 «Трудовая миграция в структуре социально-трудовых отношений в Республике Таджикистан». Коллективная монография. – Душанбе, 2016. Ответственные редакторы – Мутиева С.Дж., к.э.н., доцент Юсуфбеков Ю.Р.-С.11-37

маориф таъмин менамояд. Мутахассисони омодашаванда бояд дорои дониши муосири касбӣ буда, ҷавобгӯ ба талаботҳои бозори меҳнати дохилию берунӣ бошанд. Гузашта аз ин, дар таҳқиқоти илмии худ онҳо собит намудаанд, ки муҳоҷирони меҳнатие, ки дар бозори меҳнати беруна рақобатпазир намегарданд, маҷбуранд ба корҳои берун аз ихтисоси худ ё корҳои вазнин машғули фаъолияти меҳнатӣ гарданд.

Масъалаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодӣ ба ҳисоб рафта истодааст ва ин муҳиммият, водор ба он менамояд, ки нисбат ба ин масъала, чораҳои зарурӣ андешида шавад. Ин масъала баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва яку якбора канда шудани муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, инчунин гузаштан ба низоми иқтисодии муосир пайдо гардид, ки боиси зиёд гардидани шумораи бекорон дар сатҳи ҷумҳурӣ шуд. Ин масоил боис ба он гашт, ки дар ин ҷараён натанҳо қувваҳои корӣи бе касбу тахассус, балки мутахассисони баландихтисоси соҳаҳои марбутаи иқтисодиёти кишвар фирор намуданд, ки оқибат ба таназзули бозори меҳнат оварда расонид. Муҳоҷирати меҳнатӣ намудани аҳолӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ паҳлуҳои мусбӣ ва манфии худро дорад. Аз як тараф барои корманд хуб аст, ки даромад ба даст оварда, зиндагиашро сару сомон мебахшад, аз тарафи дигар бошад, аз даст додани мутахассисони касбӣ-ҳирфаи боиси аз рушд ва инкишоф мондани соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт мегардад.

Вобаста ба таҳлили маълумоти оморӣ маблағи интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ сол аз сол зиёд гардида, яке аз сарчашмаи даромад ва зиндагонии аҳолии кишвар ба ҳисоб рафта истодааст. Шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии кишвар бештар ба ФР ва Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Кор ва фаъолияти онҳо дар ин кишварҳо аз рӯйи маълумоти оморӣ бештар ба корҳои сохтмонӣ (59%), савдои чакана ва яклухт (17%), машғулият дар соҳаи маориф (1%), дар соҳаи тандурустӣ (1%),

идоракунии давлатию хизмат дар қушунҳои низомӣ (3%) ва боқимонда (9%) дар дигар соҳаҳо мебошад[161]. Аз таҳлили ин нишондиҳандаҳо бармеояд, ки муҳоҷирони меҳнатии кишвар бештар дар соҳаи сохтумон фаъолияти меҳнатӣ менамоянд, ки фаъолият намудан дар ин соҳа бештар меҳнати ҷисмониро талаб менамояд. Омӯзиши раванди фаъолияти меҳнатии муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб рафта, водор ба он менамояд, ки оид ба фаъолият ва ихтисосмандии муҳоҷирони меҳнатӣ чорандешиҳо намоем. Ихтисосманд гардонидани онҳо боиси бештар гардидани даромади онҳо ва аз тарафи дигар нуфузу эътибор пайдо кардани онҳо (аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ) дар бозори меҳнатӣ беруна мегардад.

Дар масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандон, ба хусус кадрҳои баландихтисоси касбӣ ҳамчун омили мусбии ташаккул ва истифодабарии иқтидори меҳнатии кишвар олимони ватанӣ таҳқиқоти гуногун намудаанд. Оид ба ин масъала Саидмуродов Ҷ.Л. чунин қайд намудаанд: «сатҳи саводнокӣ бояд ба тавсиф ва самти муҳоҷирати беруна ва афзоиши самаранокии даромад аз истифодаи меҳнат ҳамчун омили истеҳсолоти ҷамъиятӣ таъсир расонад»[162]. Инчунин муҳаққиқони дигар, вобаста ба масъалаи мазкур чунин қайд менамоянд, ки «рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ, ҷаҳонро ба як деҳа мубаддал гардонида, ба он ҳолат оварда мерасонад, ки даромад ё самара аз ҷойивазкунии кадрҳои баландихтисос мустақим ё ғайримустақим ба ватани онҳо бар мегардад»[163]. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт боиси аз як минтақа ба минтақаи

---

[161] Усиление поддержки трудовой мигарации в Таджикистане. - Маводи электронӣ. www.adb.org. санаи мурочиат: 20.04.2023с.

[162] Саидмурадов Дж. Л. Развитие человеческого капитала в регионе с высоким уровнем внешней трудовой миграции. Автореферат дисс. к.э.н., по спец. 08.00.05. Душанбе – 2014.,23с.

[163] Ходиев Д.А., Искандаров Х.Х. Актуализация проблем «утечки мозгов» в Республике Таджикистан/Современные проблемы экономики и менеджмента/Материалы международной научно-практической конференции (28 октября 2016 г., Воронеж, РФ.)/ ред. колл. - А.А. Федченко, О.А. Колесникова. - Воронеж: «Новопресс», 2016. – С 319-324.

дигар ҳаракат намудани захираҳои меҳнатиро ба миён овардааст. Фаъолияти меҳнатии онҳо низ озод мебошад. Танҳо фарқият дар он дида мешавад, ки доштани дониши замонавӣ боиси ба даст овардани даромади зиёд мегардад. Даромади муҳоҷирони меҳнатӣ сатҳи зиндагонии онҳоро хуб гардонида, дар рушд ва инкишофёбии сармояи инсонӣ таъсири назарас мегузорад.

Вобаста ба ин шароит, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар низоми таълимии ҷумҳурӣ якчанд маротиба ислоҳ карда шуд. Аммо, натиҷаҳо то ба ҳол хуб ба чашм намерасанд. Хатмкунандагони бисёр донишкадаю донишгоҳҳо то ҳол дар бозори дохилӣ талабот надоранд. Аён аст, ки ислоҳоти соҳаи маориф на ба таври систематикӣ, балки муҳимтар аз ҳама, бидуни назардошти рушди бозори меҳнат амалӣ карда шуданд. Гузашта аз ин, сифати таълим дар тамоми давраи ислоҳоти он ба таври назаррас беҳтар нашудааст.

Вазъияти вуҷудошта тағйироти куллии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси омӯзиши мунтазами тамоюлҳои рушди бозори меҳнат талаб менамояд. Бояд қайд кард, ки дар Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ то соли 2030 вазифаи нав гузошта шудааст, ин ҳам бошад таъмини шуғли пурмаҳсул, ки бевосита бо сифати сармояи инсонӣ ва иқтидори таълимии он алоқаманд аст, зеро ба даст овардани нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул танҳо дар асоси такрористеҳсоли сармояи босифати инсонӣ, ки қодир аст мавқеи рақобатро дар бозори дохилӣ ва берунии меҳнат ҳимоя кунад, имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, дар назди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи дуҷониба қарор дорад: аз як тараф, таъмини сифати баланди омода кардани кадрҳо, аз тарафи дигар, ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат омода кардани кадрҳо. Бояд қайд кард, ки сифати баланди таълим дар муассисаҳои муайяни таълимӣ маънои онро надорад, ки хатмкунандагони ин муассисаҳо дар бозори меҳнат талабот пайдо

мекунанд. Ин аз он сабаб аст, ки ҳар як бозори меҳнат шароити худро дорад ва на ҳамеша ва на дар ҳама ҷо мутахассисони соҳибихтисос метавонанд мувофиқи тахассуси худ кор пайдо кунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми банақшагирии рушди сармояи инсонӣ бояд рушди бозори меҳнати дохилӣ ва беруниро низ бояд ба назар гирифт.

Бояд қайд кард, ки рушди бозори меҳнат мутаносибан ба рушди соҳаи истеҳсолот сурат мегирад. Дар робита ба ин, мақсаднок аст, ки ҳангоми банақшагирии омоданамоии кадрҳо инчунин рушди соҳаҳои истеҳсолӣ низ ба инобат гирифта шавад. Ин ба он мақсад аст, ки дар бештари кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон стандартҳои таълимӣ аллакай дар шакли нав ба роҳ монда шуда истодааст. Стандартҳои муосири таълимӣ ба донишомӯз имконияти дар баробари аз худ намудани маълумоти назариявӣ, рафти ҷараёни истеҳсолиро низ пурра аз худ менамоянд.

Дар ҳамин ҳол, дар ҷумҳурӣ ҷалби назарраси сармоягузорӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт рафта истодааст ва ин дар солҳои наздик зиёдтар хоҳад гашт. Ин ба беҳтар шудани низоми таъминоти энергетикии кишвар, рушди низоми инфрасохтори нақлиётӣ ва логистикӣ, алоқа, мавҷудияти бозори технологияҳои нав ва ғайра мусоидат мекунад. Дар маҷмуъ асоси баланд бардоштани фаъолияти тиҷоратии аҳолӣ мегардад ва ба таъсиси корхонаҳои нав мусоидат мекунад ва мувофиқан талаботро ба мутахассисоне, ки дорои тахассуси дахлдор мебошанд, таъмин менамояд. Дар чунин шароит, сиёсат дар соҳаи маориф бояд бештар мақсаднок гардад, хусусияти бозори меҳнатро барои давраҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат ба назар бояд гирифт, талаботи бахши истеҳсолиро дар тамоми минтақаҳо ва соҳаҳои иқтисодиёт фарогир бошад, ки ин танҳо дар асоси банақшагирии системавии омода кардани мутахассисон мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат имконпазир аст. Чуноне ки олими иқтисоддон Федченко А.А.

қайд менамояд «Таълимот бояд «пешрафта» бошад, ки ба татбиқи ҳамаҷонибаи лоиҳаҳо нигаронида шуда ҷавобгӯ бошад, ки ин нуқтаи ибтидоии тағйироти мусбӣ дар соҳаи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа хоҳад буд»[164].

Дар адабиёти илмӣ, ки ба навсозии низомҳои таълим бахшида шудааст, ду мавқеи ба ҳам алоқаманд, дар бораи дидани шаклҳои афзалиятноки таълим дар оянда бартарӣ доранд. Якум, бо ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти доимӣ, дуюм бо ташаккули кластерҳои таълимӣ алоқаманд.

Ба ақидаи Федченко А.А.: «Талаботи муҳимтарини раванди таълим бефосилавии он мебошад, яъне таҳсилот ҳамчун раванде, ки тамоми ҳаёти инсонро фаро мегирад, баррасӣ карда мешавад ва амалияи таълимӣ ҳамчун азхудкунии доимии мақсадноки таҷрибаи иҷтимоию фарҳангӣ ва навовариҳо аз ҷониби инсон бо истифода аз ҳамаи пайвандҳои низоми мавҷудаи таълимӣ ба назар мерасад»[165].

Рушд ва ташаккули таҳсилоти доимӣ дар солҳои 70-уми асри XX оғоз ёфт. Консепсияи «таълими доимӣ» бори аввал дар форуми ЮНЕСКО соли 1965 аз ҷониби олими назариядон П.Ленгранд пешниҳод карда шуд. Дар консепсияи пешниҳоднамудаи ӯ идеяи гуманистӣ таҷассум ёфтааст, ки чунин мазмунро дорад: дар маркази тамоми муассисаҳои таълимӣ шахсе қарор дорад, ки бояд барои рушди пурраи қобилиятҳо дар тӯли ҳаёташ шароитҳо фароҳам орад. Дар илм ва такрористеҳсоли хусусияти доимӣ сабаби эҷоди консепсия «таълими доимӣ», «таълими алтернативӣ» ва «ҷомеаи таълимӣ» қарор гирифтааст. Таҳсилоти давомдор, ки маънои раванди таълим дар тӯли ҳаёт идомадоштаро дорад, ки дар он ҳамгироии ҷанбаҳои инфиродӣ ва

---

164 Федченко А.А. Проектное образования: сущностные подходы к реализации //Вестник ВГУ. Серия: проблемы высшего образования. – 2009. -№1. – С. 60.

165 Федченко А.А. Современная модель развития образования./А.А. Федченко //Инновационные доминанты социальной сферы/сб. науч. трудов. – Воронеж, 2014. – С. 162.

иҷтимоии инсон ва фаъолияти он нақши муҳим мебозад. Дар кишварҳои ҷаҳон истифодаи истилоҳҳои гуногунро афзалтар медонанд, масалан:

– дар Англия – «таълими давомдор»;

– дар Шветсия – «таҷдиди таҳсилот»;

– дар ИМА асосан истилоҳи «таълими якумра» истифода мешавад.

Дар ин самт Ғаниев Т.Б. қайд мекунад, ки «Таҳсилоти бефосилаи касбӣ, бо ду роҳ: дар вақти кор ва берун аз кор гузаронда мешавад. Омӯзиш дар ҷойи кор таълими шогирдҳо ва кормандонро дар муҳити воқеии корӣ дар ҳоле, ки дигар кормандон вазифаҳои кори худро иҷро мекунанд, дар бар мегирад. Аммо омӯзиши берун аз кор метавонад аз курсҳо, семинарҳо, симулятсияҳо, тренингҳо ва ғайра истифода шавад. Барои татбиқи чунин барномаҳои таълимӣ кормандони дохилӣ, тренерони касбӣ, машваратчиёни академӣ ва олимон истифода мешаванд»[166].

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти бефосилаи касбӣ бо омода ва бозомӯзии кадрҳои соҳибихтисос алоқаманд аст. Дар мавриди соҳаҳои иқтисодиёт омода кардани кадрҳои соҳибтахассус дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муассисаҳои таҳсилоти касбӣ-техникӣ, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо ва бевосита дар истеҳсолот амалӣ карда мешавад. Низоми таҳсилоти бефосилаи касбӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расм оварда шудааст. (нигаред ба расми 9).

---

[166] Ганиев Т.Б. Инновационные модели непрерывного дистанционного профессионального образования лидера в современной школе менеджмента// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2018с.- №1. – С.33-39.




**Расми 9. Низоми таҳсилоти бефосилаи касбӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.***

Низоми таҳсилоти бефосилаи касбӣ, ки яке аз низомҳои муваффақ дар рушд ва инкишофдиҳии сармояи инсонӣ нақши арзанда гузоштааст. Вале бо вуҷуди ба амал омадани моделҳои нави низомҳои таълим ва дигар шудани равандҳои таълимдиҳӣ, низомҳои муосири такмилдиҳии сармояи инсонӣ ба вуҷуд омаданд. Низомҳое ба вуҷуд омадаанд, ки дар баробари такмили донишҳои кормандон, ҳавасмандии онҳо низ бояд ба инобат гирифта шавад. Мақсади сохтани низомҳои муосир, яъне кластерҳои таълимӣ, ин ба даст овардани донишҳои муосир баҳри рушду инкишофи корхона ва ҳавасманднамоии кормандон нигаронида шудааст. Кластерҳои таълимӣ метавонанд ба ҳавасмандии кадрҳо дар соҳаҳои мушаххаси иқтисодиёт бомуваффақият таъсир расонанд.

Бояд қайд кард, ки дар марҳилаи муосир ташаккули кластерҳои таълимӣ дар сиёсати таълимии бисёр кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон

бартарӣ доранд. Ҷустуҷӯи шаклҳои нави фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар пасманзари афзоиши нақши сармояи инсонӣ дар таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ба пайдоиши муносибати кластерӣ ба сиёсати таълимии давлатҳо оварда расонд. Интихоби ин равиш бо омилҳои зерин вобаста аст:

– якҷоя кардани кӯшишҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар доираи кластери таълимӣ ба омода кардани мутахассиси баландихтисос, рақобатпазир дар бозори меҳнат, қобилияти самаранок кор кардан, омодагӣ ба рушди доимии касбӣ, ҳаракати касбӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад;

– имкониятҳои маҳдуди донишгоҳҳо барои қонеъ кардани талаботи ҳамаи гурӯҳҳои истеъмолкунандагон;

– тақвият бахшидан ба муборизаи рақобатнок байни донишгоҳҳо[167].

Ба ин бояд илова кард, ки кластерҳои таълимӣ метавонанд ба ҳавасмандгардонии кадрҳо дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт мусоидат кунанд. Дар низоми кластери таълимӣ таълимгирандагон асосан дар асоси фармоиши корхонаҳои мушаххас таҳсил мекунанд. Ин барои боздоштани интиқоли кадрҳо аз як соҳа ба соҳаи дигар кумак хоҳад кард. Аз тарафи дигар, кластерҳои таълимӣ як навъ низоми муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ мебошанд. Тавре ки Згора И.П. қайд мекунад: «Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиёт зарурати объективӣ барои ба даст овардани тавозуни омодагии касбӣ аз рӯйи сифат ва сохтори хатмкунандагони донишгоҳҳо ба талаботи воқеияти иқтисодӣ вуҷуд дорад. Механизми амалкунандаи қаноатмандии ӯ шарикии иҷтимоӣ мебошад. Дар таҳсилоти олӣ ин мафҳум ҳамчун раванди ҳамкории созандаи муассисаи таълимӣ бо ниҳодҳои гуногуни бозори меҳнат (корхонаҳо – корфармо), хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ,

---

[167] Ходиев Д.А. Основы формирования образовательных кластеров// Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: «Сино», 2013. – № 2/8 (125). – С.21.

мақомоти ҳокимияти иҷроия, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва ҳамчун унсури ҳамоҳангсозии стратегии интегралии манфиатҳои сохторҳои дар боло номбаршуда баррасӣ карда мешавад. Намунаи воқеии он кластери таълимӣ мебошад»[168].

Вобаста ба ин масоил Федченко А.А. чунин қайд менамояд, ки «Кластер ин якҷояшавии якчанд унсурҳои бо ҳам монанд мебошад, ки онро ҳамчун воҳиди мустақил, ки дорои хосиятҳои муайянанд, баррасӣ кардан мумкин аст»[169]. Дар айни замон дар бисёр кишварҳои ҷаҳон кластерҳои таълимӣ, асосан навъи инноватсиониро ба худ гирифта, фаъолона ташаккул меёбанд, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо бо сабаби ҳамкории самараноки се омил мусоидат мекунанд: рушди сармояи инсонӣ + таъмини шуғли самаранок + ташаккули рақобатпазирии истеҳсолот. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо сабаби вазъи кунунӣ таъсиси кластерҳои таълимӣ, ки кӯшишҳои ҳамаи ҷонибҳо (маориф ва илм, тиҷорат, истеҳсолот ва хизматрасонӣ)-ро бо мақсади таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои алоҳида муттаҳид мекунанд, талаб карда мешавад.

Вобаста ба шароити муосир кластерҳои таълимӣ барои кишвари мо лозим мебошад, зеро инҳо метавонанд, ки ба эҳёи мушкилоти таъминоти кадрҳо мусоидат кунанд. Чуноне ки олими соҳаи иқтисодиёт Шайдулина А.Р. қайд мекунад: «Кластери таълимӣ имкон медиҳад, ки ба корхонаҳо барои муайян кардани талабот ба мутахассисон ва кадрҳо, банақшагирии омоданамоӣ ва бозомӯзии онҳо масъулият вогузор карда шавад; тағйир додани равишҳо ба самти касбӣ; тақвияти робитаҳои муассисаҳои таълимӣ бо бозори меҳнат тавассути ҷалби корфармоён ва

---

[168] Згора И.П. Организационно-методическое обеспечение формирования кластера образовательных услуг// Автореферат дисс. на.соиск. уч. степ. к.э.н./Загора Ирина Петровна. – Красноярск, 2016. – С. 9.

[169] Федченко А.А., Маслова Е.В. Роль неустойчивой занятости в кластеризации общества//Уровень жизни населения регионов России. – 2014. № 4(194). – С.55.

дигар шарикони иҷтимоӣ дар таҳияи талаботи тахассусӣ, расмиёти санҷиши дониш, малака ва таҷрибаи касбӣ; тақвияти нақши корхонаҳо дар таълими салоҳиятҳое, ки ба талаботи мушаххаси истеҳсолот ҷавобгӯ мебошанд; ҷалби шарикони иҷтимоӣ ба идоракунии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ тавассути расмиёти иҷозатномадиҳӣ ва аттестатсияи онҳо; мусоидат ба гузариши муассисаҳои таълимӣ ба принсипи худидоракунӣ ва усулҳои иқтисодии идоракунӣ; мустақилияти бештари онҳо, бахри ҷорӣ намудани усулҳои баҳодиҳии натиҷаҳои ниҳоӣ ва қабули таҳсилкунандагон»[170].

Вазифаҳои кластерҳои таълимӣ аз чунин зерқисматҳо иборат мебошанд:

✓ таъмини омодагии пайваста ва бисёрсатҳии кадрҳо дар соҳаҳои гуногун;

✓ мутобиқати муассисаҳои таълимӣ ба талаботи давлат, ҷомеа, корхонаҳо ва истеъмолкунандагони хусусии хизматрасониҳои таълимӣ;

✓ фароҳам овардани шароит барои татбиқи лоиҳаҳои тадқиқотӣ дар соҳаи маориф ва саноат;

✓ васеъ намудани имкониятҳои шаҳрвандон барои гирифтани сатҳи дилхоҳи таҳсилот, касб, тахассус мувофиқи талаботи мавҷуда;

✓ ба роҳ мондани робитаҳои мустаҳкам ва дарозмуддат бо мақомот барои ҳалли мушкилот дар соҳаи маориф, илм ва дигар фаъолиятҳо;

✓ ҷалби маблағгузории иловагии раванди таълим;

✓ насби таҷҳизоти муосир дар аудиторияҳо ва муҷаҳҳаз кардани лабораторияҳо ва учаскаҳои истеҳсолӣ;

✓ васеъ намудани фонди аудитории муассисаҳои таълимӣ;

✓ имконияти гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби донишомӯзон дар корхонаҳои амалкунанда бо технология ва таҷҳизоти муосир;

---

[170] Шайдулина А.Р. Кластер как механизм интеграции образовательных учреждений и предприятий // Известия Волгоградского государственного педагогического университета. – Волгоград, 2009. – №4. – С.54

✓ имконияти ба кор қабул кардани донишомӯзон[171].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таъсиси кластерҳои таълимӣ ба вуҷуд омадааст ва он метавонад, ки дар рушд ва инкишофдиҳии сармояи инсонӣ мусоидат намояд. Вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси рушди ҳудудии он ва вазъи соҳаи маориф, модели зерини ташкили кластери таълимиро пешниҳод кардан мумкин аст (ниг.расм.10).

Илова бар ин, дар шароити СУС татбиқи модели ташкили кластери таълимӣ метавонад ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолӣ ва хизматрасониҳои гуногун дар ҷумҳурӣ таъсири назаррас расонад. Аз тарафи дигар, татбиқи ин модел метавонад ба баланд бардоштани ҳавасмандии кадрҳо дар соҳаи иқтисодиёт мусоидат намуда, омили муҳимми паст кардани сатҳи муҳоҷирати меҳнатии мутахассисони соҳибкасб гардад.

Ғайр аз ин, ташаккули кластерҳои таълимӣ метавонад заминаи мустаҳками ноил шудан ба нишондиҳандаҳои рушди мутавозини сармояи инсонӣ гардад, ки меъёри муҳимтарини татбиқи он баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ бо дарназардошти омилҳои зерин мебошад:

– бо маълумоти инноватсионии муосир шинос намудани иқтидори меҳнатии соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ;

[171] Назар намоед ба: Читаева А.Ю. Формирование профессиональной компетентности выпускников учреждений профессионального образования./А.Ю. Читаева. - [Электронный ресурс] // Научные исследования в образовании. –2012. -№ 11.- Режим доступа: http://cyberleninka.ru/article/n/ formirovanie-professionalnoy-kompetentnosti-vypusknikov-uchrezhdeniy-professionalnogo-obrazovaniya; Абашкин В.Л. Процессы кластеризации экономики региона и оценка условий их реализации : автореф. дисс. ... канд.экон. наук : 08.00.05 / Василий Львович Абашкин. –М., 2009. –25 с.




**Расми 10. Модели кластери таълимӣ оид ба рушди сармояи инсонӣ**

– самаранок истифодабарии сармоягузориҳои ҷудошуда, оид ба омӯзиш, бозомӯзӣ ва таҷрибаомӯзиҳо дар асоси омӯзишҳои саҳеҳ ва бо маълумоти дурусти маълумоти дахлдор тасдиқшуда;

– беҳтар кардани шароитҳо дар марказҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисосҳо, таъмини онҳо бо техника ва технологияҳои нав ва эҷоди шаклҳои муассири азхудкунии онҳо (технопаркҳо, паркҳои илмӣ, марказҳои инноватсионӣ-таҷрибавӣ, марказҳои технологияҳои баланд ва ғайра);

– омӯзиши шаклҳои муосиртарини истеҳсолот ва хизматрасонӣ ба касбомӯзон дар асоси таҷрибаҳои корхонаҳо ва ширкатҳои байналмилалии инкишофёфтаи ҷаҳоние, ки молҳо ва хизматрасониҳояшон боиси рушд ва барқарорсозии муносибатҳои иқтисодӣ мегарданд;

– такмили механизми идоракунӣ дар мақомоти иҷроияи ҳокимият, субъектҳои хоҷагидор ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ;

– такмилдиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ дар заминаи омӯзиши талаботҳои истеъмолии аҳолӣ, ҳолати воқеии бозори меҳнат;

– баланд бардоштани нақши кормандон дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ва шаклҳои моликият вобаста ба идоракунии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар асоси механизмҳо ва расмиёти шарикии иҷтимоӣ, ки ғояи адолатро дар иқтисодиёт амалӣ менамояд.

Ташаккули кластерҳои таълимӣ метавонад низоми маблағгузории донишгоҳҳоро ба таври назаррас беҳтар кунад, ки барои пешрафт ва рушду инкишофёбии онҳо мусоидат намояд. Дар айни замон Донишгоҳҳои олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз манбаъҳои зерин маблағгузорӣ мешаванд:

- ✓ субсидияҳои буҷети давлатӣ барои иҷрои фармоиши давлатӣ;
- ✓ субсидияҳои буҷети давлатӣ барои мақсадҳои муносиб;
- ✓ фаъолияти таълимӣ;
- ✓ фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ;

- ✓ фаъолияти инноватсионӣ ва ғайра.

Дар сурати ташаккули кластери таълимӣ, донишгоҳ метавонад ба манбаъҳои берунии маблағгузорӣ такя кунад, ки дар шароити буҳрон ва норасоии технологияҳои таълимӣ ба афзоиши рақобатпазирии он мусоидат мекунанд. Бояд қайд кард, ки асосҳои қонунгузории механизми шарикии давлативу хусусӣ, аз ҷумла ҳамчун механизми муҳимми ҳавасмандгардонии кластерҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2012 қабул гардидааст.

Дар баробари ин гуфтаҳо, шакли дигари маблағгузориҳо дар донишгоҳҳои бонуфузи кишварҳои ҷаҳон ин таъсиси фонди Эндаумент дониста мешавад. Аслан Эндаумент фондҳо, фондҳои хайриявӣ мебошад, ки аз ҷониби соҳибкорони муваффақ ва ватандуст, ки донишгоҳҳои мазкурро хатм намудаанд ташкил карда мешаванд. Мақсади фонди Эндаумент ҷамъиятӣ буда, шакли маблағгузориҳои дарозмуддатро дар худ дорад. Фонди Эндаументӣ аз ҳисоби хайрияҳои ихтиёрӣ таъсис дода мешавад ва аз қисми дахлнопазире иборат аст, ки бештар ба дороиҳои молиявӣ сармоягузорӣ карда мешавад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ фондҳои Эндаументӣ бо мақсади рушди маориф, аниқтараш барои рушд ва вусъат бахшидан ба сармояи инсонӣ васеъ истифода мешаванд. Мардуми тоҷик, ки ақаллият мусалмон мебошанд, аз қадим ба хайрия майл доранд. Агар дуруст ба аҳолӣ расонем, ки хайрия ба соҳаи маориф кори аз ҳама хуб аст, пас имкон дорад, ки ҳар сол маблағҳои назаррас ба буҷети муассисаҳои таълимӣ ворид карда шаванд, ки минбаъд метавонанд ҳамчун воситаи омоданамоии мутахасисони касбӣ самаранок истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолии кишвар бо мушкилоти мураккаб рӯ ба рӯ гаштааст, ки дар байни онҳо мушкилоти ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, надоштани дастрасии пурра ба технологияҳои таълимии муосир, набудани робитаи зич байни тиҷорат, илму маориф ва бахшҳои

иқтисодӣ, ҳавасмандии пасти аҳолӣ ба меҳнат ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Дар чунин шароит, самти афзалиятноки сиёсати таълимӣ ташаккули кластерҳои гуногунҷабҳа, асосан таълимӣ-истеҳсолӣ мебошад, ки қодиранд захираҳои мавҷударо тавассути ҳамкории самарабахши мақомоти идоракунии давлатӣ, бахши хусусӣ, муассисаҳои илмию таълимӣ дар роҳи фароҳам овардани шароити мусоиди такрористеҳсоли сармояи босифати инсонӣ бо мақсади ноил шудан ба нишондиҳандаҳои рушди мутавозин ва устувори минтақаҳои кишвар муттаҳид созанд, ки ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

## 5.2. Такмили идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосири касбӣ

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт вобаста аз суръатнокии баланди навовариҳо ва зуд-зуд тағйирёбиҳои талаботҳои истеъмолии аҳолӣ корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ ҳар замон ба мушкилоти зеҳнии сармояи инсонӣ гирифтор гашта истодаанд. Дар ҳақиқат то миёнаи солҳои 90-уми асри гузашта қоида ва талаботи ширкату корхонаҳоро ҳамчун мақомоти мудирияти одамон, аз як тараф «роҳбарият - андешаронон» ва аз тарафи дигар «кормандон – иҷрокунандагон» муаррифӣ мекарданд. Аммо ҳолати имрӯзаи тағйирёбандагиҳои бозори глобалии ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки зеҳни пурқуввати касбии инсонӣ имконоти ҳаракати устуворро дар ин майдони навини рақобатҳо дорад. Аксари донишмандон имрӯз ба чунин хулоса омаданд, ки зарурати тағйироти пурра додани мудирияти менеҷмент ва назарҳои навини арзишҳои рушди ҷомеа фаро расидааст. Чуноне ки олими иқтисодон Маслоу В.И. қайд менамояд: «Аз қафои бuҳрони иқтисодӣ, молиявӣ ва иқлимии сайёра, ки қисми зиёди ҷаҳонро фаро гирифтааст,

пайдо шудани буҳрони чуқури «ахлоқӣ–этикӣ»-ро интизор бояд шуд»[172]. Иқтисоддони олмонӣ Варнеке Х.Ю. нисбат ба ин масъала андешарони намуда, қайд менамояд, ки: «Яке аз талаботи муҳиме, ки нишонагирӣ ба ояндаи беҳтарсозии сохтори истеҳсолии ширкатҳоро дорад, ин равона сохтани қобилияти сохторҳо ва тамоми кормандон барои андешаронӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошад»[173].

Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки барои истеҳсоли молу маҳсулотҳои замонавӣ ва ба ҷомеа зарур, бояд аз нерӯи сармояи инсонӣ истифода намоем. Навовариҳо, андешарониҳои муосир ва фаъолияти соҳибкории инсон, ки қисмҳои асосии сармояи инсонӣ дониста мешаванд асоси рушд ва инкишофёбии корхонаю ширкатҳои муосир мегарданд. Чуноне ки устод Ғаниев Т.Б. қайд менамоянд: «Имрӯз худи мазмуни ширкат, ҳайати кормандон, молу хизматрасонӣ ва фоидаоварӣ, марзу буми фаъолиятҳои касбӣ, арзишҳову стандартҳои фаъолият ва умуман мазмуни зиндагонии ҷомеа куллан шакли навин гирифта дар он «нерӯи инсонӣ» мақоми калидиро бозида истодааст»[174].

Имрӯзҳо ҷараёни иқтисодиёти муосир комилан дигар шудааст, агарчӣ солҳои пешин корманд ва ё одамон ба низоми амалкунанда хизмат мекарданд, имрӯзҳо аллакай низом бояд ба одамон хизматрасон бошад. Яъне низоми ташкиливу сохторӣ ва истеҳсолии ширкату корхонаҳо бояд бевосита ба рушди сармояи инсонӣ ва аз ҳама пеш барои онҳо тамоми шароитҳо муҳайё сохта, хушбахтӣ ва аз ҳама муҳим талаботҳои онҳоро таъмин созад. Қонеъ нагардидани талаботҳо ва эҳсос накардани хушбахтиҳо инсонҳоро водор ба ягон ҳолати номатлуби

---

172 В.И. Маслоу. Стратегическое управление персоналом в условиях глобализации. - М.: МГУ, 2017. – С.15.

173 Варнеке Х.Ю. Революция в предпринимательской культуре. Фракталное предприятие. - М.:МАИК,1999. – С.159.

174 Ғаниев Т.Б. Самтҳои асосии идоракунии захираҳои инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Масоили мубрами ташаккулдиҳии ҷомеаи иттиоллотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва дурнамои инкишоф» (Душанбе, 15 майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С.65-68.

иқтисодӣ менамояд. Вобаста ба ин масоил донишманди шинохтаи менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ П. Друкер чунин қайд намудааст: «Масоиле, ки моро пагоҳ пеш меояд, ба имрӯза ҳеҷ монанд набуда, барои хонанда шояд фикри аҷоибу беандеша бошанд. Аммо дар асл мо дар замони тағйирёбандагиҳои бузурги таърихие зиндагонӣ карда истодаем, ки аз рӯйи таъсиррасонӣ монанди табаддулоти саноатии дуюми солҳои миёнаи асри XIX буд, ки оқибат ба депрессияи бузургу Ҷанги дувуми ҷаҳонӣ оварда расонид»[175].

Бояд иброз намуд, ки аз нигоҳи аксари иқтисодонони муосир иқтисодиёти имрӯза лаҳза ба лаҳза молу маҳсулотҳои муосирро талаб намуда истодааст, ки ин дар асоси самаранок истифодабраии ақидаҳои навини инсонӣ қонеъ гардонида мешаванд. Инсоният имконоти васеи рушдро дар ширкатҳо ва корхонаҳо дорад ва дар навбати худ ин ширкату корхонаҳо, бояд асосгузори рушди иноватсионӣ ва мутахассисони касбӣ бошанд. Агар модели инноватсионӣ асоси рушди системавии ширкату корхонаҳо нагардад, пас онҳо наметавонанд дар бозор рақобатпазир бошанд. Дар ин модел бартарӣ дар он аст, ки асосгузори рушди инноватсионӣ «одамон - кормандон» дониста мешавад. Ин, албатта, рушди махсуси иқтидори зеҳнии инсонӣ мебошад, ки дар дараҷае барои ҷамъиятишавии худ пухта мерасад ва ҳар як инсони дорои зеҳни баланди касбиву эҷодӣ метавонад онро пешниҳоди ҷомеа гардонад.

Аз ин нуқтаи назар, бояд ба одамон дигар на ҳамчун зердасту коргар, балки ҳамчун шахсияти нави навовару ихтироъкор назар дошта, шароити хуби ташкили истеҳсоливу тиҷоративу хизматиеро фароҳам оварем, ки ҳар яке ҳамон иқтидори аслии зеҳнии худро нишон дода тавонад. Имрӯз дар ҷаҳон барои дарёфти зеҳнҳои пурқуввати касбии

---

[175] Друкер П. Менеджмент: Вызовы XXI века. – М.: «Вильямс», 2007. - 240с.

дорои дараҷаи баланди касбӣ рақобати шадиди бозорӣ мушоҳида карда мешавад.

Вобаста аз чунин равишҳои ҷаҳонии тағйирёбандагии рушди ҷомеа на танҳо хислати рушди иқтисоду иҷтимоиёт ва моделу низоми он, балки аксари арзишҳову муносибатҳои ҷомеаи инсонӣ, фаҳмишҳои меҳнату истеҳсолот шуғлу музди меҳнат ва боз чандин нишондиҳандаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ мазмуни ба худ хос гирифта, куллан шакли дигарро гирифтаанд ва дар назар аст, ки дар 10-20 соли оянда пурра дигаргун шаванд.

Дигар бо тарзу усули маъмурӣ идора кардану роҳбарӣ кардани кормандон дар идоракунии корхонаву ширкатҳо ғайриимкон гашта истодааст. Хислати хоси ташаккулёбии идоракунии ширкатҳои ҷаҳонии рушду инкишофёфта, ин аз худ намудани бозор ва пайдо кардани имконоти баланди бозорёбии нав ва зиёд кардани имконоти молиявию сармоягузории ширкат дар бозори ҷаҳонӣ дида мешавад.

Вобаста ба шароитҳо ва дигаргуншавии ҳолатҳо ширкату корхонаҳо ҳар як дастаи меҳнатиро барои иҷрои босифату саривақтӣ ҳавасманд намуда, иштироки фаъоли ҳар кормандро таъмин карда тавонад. Дар ҷараёни истеҳсолот пурра истифода намудани иқтидори меҳнатӣ боиси баланд гардидани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии фаъолияти ширкату корхонаҳо дониста мешавад.

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки ширкату корхонаҳоро зарур аст, ки модели мустақилияти фаъолияти касбиро дар зинаи рушди сармояи инсонӣ амалӣ сохта, шароит фароҳам биорад, ки ҳар як корманд оид ба рушдёбандагии фаъолияти касбии худ ва беҳтаршавии ҳолати ҷойи корӣ ва шуғли касбии худ андешаву амалияи воқеии таъсиррасонӣ дошта, онро пайваста сайқал дода, то ба зинаи баланди касбӣ расонида, даромади баландро соҳиб гардад.

Аз рӯйи ақидаи иқтисодшиноси амрикоӣ Б. Ҷоссеп «Гетеархия – ин шакли нави ташкили фаъолиятҳои касбии кормандон мебошад, ки

маҳдудияти равишҳои бозорӣ ва иерархиро аз байн мебардорад, яъне моделе мебошад, ки мувозинативу алоқамандии ҳарду равишро дар бар мегирад»[176]. Яке аз шаклҳои маъмули гетеархия ин васеъшавии ҳокимияти амудӣ мебошад ва он дар ширкату корхонаҳо дар шакли хаттӣ қарор гирифтани аъзоёни коллектив сурат гирифта, ҳар яке функсияи муайяни фаъолияти касбиро мустақилона ба уҳда мегирад ва пурра масъул мебошад. Бартарияти чунин равиши роҳбарӣ дар корхонаҳо дар он аст, ки қабули қарори роҳбарӣ вобаста аз ҳолат, саривақт дар ҷояш қабул ва масоил бо суръати зуд аз байн бардошта шуда, ҳаллу фасл мегардад.

Дар ин модел баъзе аз равишҳо бо модели олими иқтисодон Ф. Котлер монандӣ дошта, ба дигар ширкатҳои касбӣ додани қисме аз фаъолияту уҳдадориҳо, истифодаи роҳбарии фосилавии электронӣ, муттаҳидсозии истеъмолкунандагони ширкатҳо ва рушди баланди инноватсионӣ, эҷодиву навоварӣ дар фаъолияти ширкату корхонаҳо аз махсусиятҳои модели мазкур мебошад.

Таъмини самаранокии идоракунии ҳайати кормандон дар ширкату корхонаҳо дар шароити иқтисоди донишҳо пеш аз ҳама ба он вобастагӣ дорад, ки онҳо то чӣ андоза моделу низомҳои истифодабарии иқтидори зеҳнии касбиро дар ҷараёни истеҳсолӣ ва фурӯшу хизматрасонӣ дар ширкат ба роҳ мондаанд. Яъне то кадом дараҷа роҳбарияти ширкат аз имконоти зеҳнӣ ва эҷодии кормандони худ низоми ташкили истифодаи самаранокро дорад.

Шаклҳои маъмули ҳавасмандкунии кормандон ҳанӯз аз замони то саноатӣ ва саноатӣ хуб омӯхта шудааст. Аммо дар замони иқтисоди рақамӣ талаботи дигари мотиватсионӣ, яъне шинохти мақоми иҷтимоии инсон - шахсияти он дар рушди ширкат хеле муҳим буда, ҳар як фарди соҳибкасб фаъолнокии худро пешниҳод менамояд, то ӯро ҷомеа ва

---

[176] Jessop B. The Future of the Capitalist State. Cambridge, Polity Press Publ., 2002.

бевосита роҳбарияти ширкату корхона шиносад ва қадрдонӣ карда, эҳтиромашро ба ҷо биорад.

Дар тамоми ҷаҳон ширкатҳои байналмилалӣ бо роҳи эълон кардани ҳама гуна олимпиадаву конкурсу озмунҳои байналмилалии касбӣ, шартномаҳои алоҳида мутахассисонии варзидаи касбиро бо баҳои хеле баланд харидорӣ карда истодаанд. Имрӯз кормандро ширкатҳои байналмилалӣ на зердаст ва ё коргар, балки ҳамчун «Рафиқи соҳибкори касбӣ» қабул карда истодаанд[177].

Албатта ҷалби кормандони соҳибқобилияти касбӣ сол аз сол мушкилу мураккаб гашта истодааст. Аммо бе мавҷудияту истифодаи зеҳнҳои пурқуввати касбӣ ширкату корхонаҳо дигар наметавонанд, рақобатпазири бозори ҷаҳонӣ бошанд. Чунки на танҳо ҷалб, балки истифодаи самараноку нигоҳдории ин зеҳнҳо хеле масоили муҳимми менеҷменти муосир гардидааст. Яъне масоили истифодаи зеҳнҳо дар роҳбарӣ, аз роҳбарият боз масъулиятҳои баланди навинеро, ки ин нерӯи созандаро мешиносанд, талаб дорад.

Чуноне ки устод Ғаниев Т.Б. қайд намудаанд, «Эҳтироми баланди инсонӣ ва қадру манзалати эҷоду ҳунар ин арзишҳои навине мебошанд, ки дар фарҳанги корпоративии дилхоҳ ширкату корхонаҳо имрӯз мақоми олиро кашф намудаанд. Аз ҷониби дигар, онро ҳамчун қобилияти ҷалби ҳунарҳо роҳбарони менеҷменти муосир шинохта шудаанд, ки агар ҷалби чунин кормандони касбӣ дар корхона то 60%-ро ташкил диҳад, пас даромади ширкатҳо метавонанд то 2,5-3 маротиба зиёд шавад»[178]. Аз гуфтаҳои устод Ғаниев Т.Б., бармеояд, ки шинохти қобилиятҳои касбӣ ва самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатии онҳо пеш аз ҳама ба қобилияту дараҷаи ҳунарии худи роҳбарони зинаҳои гуногуни он вобастагии калон дорад.

---

[177] Друкер П. Петер Ф. Управление в общество будущего. – М.: «Вильямс». 2007. 450с.

[178] Ғаниев Т.Б. Менеҷмент: Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ. – Душанбе, Ирфон, 2018. – С.178.

Кормандони соҳибтахассуси касбӣ имконоти баланди фоидаоварӣ-судоварии сармоявии ширкатҳоро таъмин сохта, устувории стратегии онҳоро дар шароити рақобати пуршиддати бозори ҷаҳонӣ таъмин хоҳад кард.

Солҳои охир дар бештари корхона ва ширкатҳои рушдкардаи дунё махсусан, ширкатҳои ҷопонӣ оид ба ҳавасманднамоӣ ва қонеъгардонии талаботҳои инсонии кормандон чораҳои зарурӣ андешида шуда, фаъолияти якумраи меҳнатӣ кор карда баромадаанд, ки яке аз беҳтарин моделҳо дар сатҳи ҷаҳони дониста мешавад. Вобаста ба ин модели интихобшуда, аксари масоили зиндагонии кормандони онҳо ба уҳдаи ширкат гузошта шудааст, ки ин мотиватсия ва ҳавасмандгардонии фаъолнокии амалисозии истеъдодҳоиои кормандонро то 50% боло бардошта, самаранокӣ ва ҳосилнокиро дар ширкат таъмин менамоянд.

Ҷараёни иқтисодиёти муосир, ҷалбсозии кормандони соҳибкасбро барои рушди стратегии ширкату корхонаҳо ва ташкили ҳавасмандии баланди фаъолияти касбиро, ҳамчун нишонаи олии таъмини рақобатпазирии худ қабул кардаанд. Аз ҷониби дигар ҳар як корманд – шахсиятро зарур аст, ки худро ба мақсадгузориҳову дастовардҳои стратегии ширкатҳояшон шарику пайваст шуморида, мақсаду мароми онро пурра фаҳмад, дарк кунад ва уҳдадории фардии худро ба дӯш гиранд.

Бояд қайд кард, ки ҳанӯз охирҳои солҳои 70-уми асри гузашта, дар идоракунии ширкатҳои рушдкардаи байналмилалӣ масоили ташкил ва рушду инкишофдиҳии «Фарҳанги корпоративӣ» гузошта шуда буд, ки то ба имрӯз манзалату моҳияти аслии хешро гум накардааст. Бояд қайд кард, ки имрӯзҳо қариб 90 фисади ширкату корхонаҳои ҷаҳонӣ маҳз тавассути ташаккули фарҳанги баланди корпоративии худ тавонистаанд, ки дар якчанд кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон муваффақ шаванд ва

дастовардҳои бузурги эҳтироми ҷомеаи инсониро соҳиб гашта, дар радабандиҳои истеъмолкунандагон мақоми олиро сазовор гардидаанд.

Фарҳанги олии корпоративии касбӣ аслан ба рушди баланди нерӯи касбии инсонӣ асос ёфтааст. Истеъмолкунанда моли ин ширкатро, ки дар дараҷаи олӣ истеҳсол карда мешавад, харидорӣ карда истеъмол менамоянд. Доимо пайгири ин раванд буда, новобаста ба тағйирёбии нархҳову арзишҳои хизматрасонӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз моли ин ширкатҳои воломақоми ҷаҳонӣ харидорӣ намояд. Пайваста дар хатти алоқаи рушдёбандагии онҳо қарор дошта бошад, то ин ки аз ин кайфияти олии худ бенасиб намонад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт, то ба истеъмолкунанда расидани молу хизматҳо аз натиҷаи истифодабарии фарҳанги баланди корпоративии истеҳсолӣ, иртиботӣ ва идоракунии ширкату корхонаҳо вобаста мебошад. Таваҷҷуҳ ба рушди баланди пайвастаи сармояи инсонӣ равона гардида рақобатпазирии устувори корхона на танҳо аз техника ва технологияи навини истеҳсолӣ, балки аслан аз дараҷаи соҳибтахассус будани кормандон – пешвоёни комили касбӣ бо истифода аз техникаву технологияи навин ва итилооти дурусти бадастомада, вобастагии калон доранд.

Аз рӯйи ақидаи донишмандони бахши менеҷмент П.Друкер ва Ф.Петер «Кормандони нерӯи зеҳнии баланддошта, ки қувваи асосии зеҳнии кормандонро ташкил медиҳанд, аз нигоҳи сифатӣ нисбат ба кормандони дорои дараҷаи пасти касбӣ чанд маротиба манфиатовар мебошанд ва дар истеҳсолот ҳамчун нигин баромад менамоянд»[179]. Ин яке аз дастоварди бузурги ширкату корхонаҳои муосири ҷаҳонӣ дониста шуда, идоракунии муосири стратегии рушди нерӯи зеҳнии кормандон дониста мешавад. Инчунин ин олимон нисбати идоракунии ширкати байналмилаии «Ҷенерал Моторс» ва сармоягузориҳои барвақтии он

---

[179] П. Друкер, Ф. Петер. Управление в обществе будущего. – М: «Вильямс», 2007. – С.139.

чунин фармудаанд: «Яке аз дастоварди бузурги Ҷека Уэлша, директори генералии ширкати «Ҷенерал Моторс» дар он буд, ки диққати асосиро барои рушди стратегии сармояи инсонӣ дода, 7 сол пешакӣ молиягузорӣ намудааст ва ин тамоили он то ҳол идома карда истодааст»[180]. Молиягузориҳои ширкати мазкур аз синни 10-11-солагии кормандониояндаи худ шуруъ гардида, шиносии онҳо бо рафти истеҳсолот шуруъ мегардад, ки ин омезиши ҷараёни истеҳсолот бо раванди таълимро нишон медиҳад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ самаранокии фаъолияти меҳнатӣ аз рӯйи таъсиррасонии муносибати одамон ба меҳнат муайян карда мешавад. Роҳбарон-менеҷерони ширкату корхонаҳои муосир барои натиҷагирии баланди фаъолияти меҳнатӣ ва дарёфти беҳтарин мутахассисон, аз хоҳиши дохилаи кормандон истифода менамоянд, ки барои фаъолияти онҳо беҳтарин усул дониста мешавад. Барои таъминамоии ширкату корхонаҳо бо мутахассисони касбӣ беҳтар аст, ки аз механизмҳои мотиватсионии муосир истифода намоем.

Механизми мотиватсионии таъминамоии кадрҳо гуфта, тартиб ва пайдарпаии таъмини ҳамкории усулҳо, шаклҳо, захираҳо, инчунин таъмини технологияҳои инноватсионие дониста мешавад, ки ба такрористеҳсол ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ мусоидат мекунанд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки механизми мотиватсионии таъминамоии кадрҳои ширкату корхонаҳо боиси самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дониста мешавад.

Барои сохтани механизм дар шакли мушаххас ва ҳатто бештар аз он бо дарназардошти омили ҳавасмандкунӣ, намояндагии системавии ҳар як унсур, талаб карда мешавад. Дар робита ба ин, мо дар шакли схемаи ҳамкории унсурҳои механизми таъминоти кадриро пешниҳод менамоем, ки табиати ҳавасмандгардониро инъикос мекунад (расми 11).

---

[180] П. Друкер, Ф. Петер. Управление в обществе будущего. – М: «Вильямс», 2007. – С.88 – 89.




**Расми 11. Механизмҳои мотиватсионии таъминамоии кадрҳо**

Нишондиҳандаҳои мақсадноки механизми мотиватсионии таъминамоии кадрҳо аз рӯйи модели пешниҳодшуда, бо се параметри асосӣ: мутобиқшавӣ бо шароитҳои мавҷӯда, қодир гардидан ба эҷодкорию навоварӣ ва моил гардидан ба омӯзиш ва расидан ба дараҷаи баланди касбӣ муайян карда мешаванд.

Ҳамгироии ин сифатҳо боиси боз ҳам хубтар гардидани ҷараёни истеҳсолот, истеҳсоли маҳсулотҳои босифат ва аз ҳама муҳим рақобатпазирии корманд ва ҳавасмандии онҳоро аз фаъолияти меҳнатиаш нишон медиҳад. Ба ибораи дигар, барои мотиватсияи фаъолияти меҳнатии кадрҳо дар соҳаи муайяни иқтисоди миллӣ ба онҳо сифати рақобатпазирӣ додан лозим аст.

Дар айни замон, мутобиқшавӣ ба шароити имрӯзаи ширкату корхонаҳо ҳамчун унсури муҳимтарин ва дар айни замон ҳамчун вазифаи мураккаби ташаккули низоми таъминоти кадрӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт баррасӣ карда мешавад.

Паҳлуи дигаре, ки таваҷҷуҳи бештари олимони соҳарро ба худ ҷалб намудааст, ин ба воярасии насли муосир ва ба инобат гирифтани рафтору кирдори онҳо мебошад. Вақтҳои охир насле ба воя расида истодааст, ки бо роҳҳои осон ва харҷи ками нерӯи инсонӣ хоҳиши даромади бештарро дошта, дар муҳити зисти худ ба тарзи ҳаёти осон бештар майл дорад. Паҳншавии васеи воситаҳои иттилоотӣ (аз ҷумла телефонҳои мобилӣ, смартфонҳо), барномаҳои фароғатӣ, бозиҳои компютерӣ ва технологияҳои марбут ба дур кардани насли ҷавон аз фаъолияти воқеӣ ва меҳнатдӯстӣ мусоидат карда истодаанд.

Насли нав, ки аксар маврид насли Next номида мешавад, ин наслро М. Тейлор аз рӯйи чунин хусусиятҳо тавсиф кардааст: «бартарии муносибати истеъмолӣ ба ҳаёт; афзалияти самтҳои фароғатӣ; муносибати истеъмолӣ ба таҳсилот; муносибати танқидӣ ва нобоварӣ ба арзишҳо ва асосҳои анъанавии ҳаёт; афзалияти ниёзҳои шахсӣ нисбат ба

ниёзҳои ҷамъиятӣ ва ғайра»[181]. Мо низ гуфтаҳои ин олимро ҷонибдорӣ намуда, қайд намуданием, ки хусусиятҳои фарққунандаи ин насл дар он аст, ки онҳо доим ба фикри манфиатҳои худ буда, манфиатҳои ҷамъиятиро дуюмдараҷа мешуморанд, иззату эҳтиром барои онҳо вобаста ба манфиат дониста мешавад, надоштани боварии комил ба анъанаҳо ва маълумоти илмию назарявӣ, ҳар чӣ бо чашм бинанд боварии комил пайдо мекунанд, нисбат ба фаъолияти меҳнатӣ фароғат дустдоранд ва ҳар чӣ зудтар даромад ба даст овардан мехоҳанд ва дигар хусусиятҳои онҳо. Ин хусусиятҳо ва сифатҳои шахсиятии онҳо пеш аз ҳама аз дастрасии бештари маълумотҳо аз шабакаҳои интернетӣ ва технологияҳои иттилоотӣ муосир манша мегирад. Вобаста бо шароит маҳз арзишҳои меҳнатии насли ҷавон бо таъсири технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ташаккул меебанд, ки дар баробари оқибатҳои мусбӣ доштан, оқибатҳои манфӣ низ доранд. Тавре М.А. Гнатюк қайд мекунад, «Ташаккули арзишҳои меҳнатӣ асосан аз идеологияи бартаридошта дар ҷомеа ё дигар қувваи бонуфуз дар ин лаҳзаи таърихӣ муайян карда мешавад.... ба сифати мисол метавон ҷомеаи шӯравиро овард, ки идеологияи он хусусияти меҳнатдӯстона дошт. Дустдории меҳнат дар он зоҳир мешуд, ки он арзиши олӣ дар худ дошт, ки барои одамони ҳамон давра арзиши муқаддас ба ҳисоб мерафт ва муҳимтар аз ҳама, арзишмантарин меҳнатҳо зебогии хидмат ба ҷомеа дар раванди фаъолияти меҳнатӣ ҳамчун сармотиви калидии фаъолияти меҳнатӣ қарор гирифта буд»[182]. Мутаассифона, имрӯз тамоюле ба назар мерасад, ки онро метавон бегонагӣ аз меҳнат ва дурӣ аз ахлоқи корӣ номид. Дар ҳолате, ки насли нав меҳнатдуст нестанд, кушиши ба пуррагӣ аз худ намудани онро наменамоянд. Ин боиси дар сатҳи паст қарор

---

[181] Иқтибос аз: Тарасенко Л.В. Специфика профессиональной социализации личности в условиях обострения социальных противоречий современного российского общества (на примере г. Таганрога) // Власть, 2009. – № 8. – С. 116.

[182] Гнатюк М. А. Трансформация трудовых ценностей российской молодежи в условиях глобализации/Автор. дисс. на соиск. учен. степ. канд. социол. наук. – Ростов-на- Дону, 2016. – С.25.

гирифтани донишазхудкунӣ ва дастрасӣ ба маълумоти муосири касбомӯзӣ мегардад, ки алҳол ин яке аз мушкилотҳои асосии донишазхудкунии донишҷӯён дар муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ гаштааст.

Гузашта аз ин, таҳлилу баррасии муносибати ҷавонон ба меҳнат нишон медиҳад, ки муҳити насли нав фаҳмиши меҳнатро ҳамчун зарурати маҷбурӣ дарк намуда, онро бо воқеиятҳои иқтисодиёт ва рушди муосири ҷомеа алоқаманд медонанд. Аз байн рафтани арзишҳои меҳнатӣ ба вайроншавии ахлоқи меҳнатӣ оварда мерасонад, ки дар натиҷа меҳнат барои ҷавонон хусусияти маҷбурӣ пайдо намуда, худшиносии худро гум мекунад.

Дар чунин шароит мутобиқшавӣ ба меҳнат, хусусан дар шароити фаъолият намудан бо техника ва технологияи замонавӣ, самти ташаккули таъминоти кадрӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад, ки зарурати аз нав дида баромадани консепсияи танзими арзишҳои меҳнатиро дар ҷомеаи муосир ба миён меорад. «Арзишҳои меҳнатӣ - тасаввурот ва мубоҳисаҳои эҳсосии одамон дар бораи аҳаммияти кор ва ҷанбаҳои инфиродии он барои онҳо мебошанд»[183]. Аз ин рӯ, арзишҳои меҳнатӣ ҳамчун унсури муҳимми ҳавасмандкунии кадрҳо баромад мекунанд ва дараҷаи омодагии кормандро ба мушкилоти фаъолияти меҳнатӣ муайян мекунанд.

Дар сарчашмаҳои илмӣ мутобиқсозии меҳнатӣ ҳамчун «Раванди шиносоии корманд бо фаъолияти меҳнатӣ дар ташкилот, тағйирёбии эҳтимолии рафтор мувофиқи талаботи муҳити ишғолшуда, раванди яклухт, динамикӣ ва муттасили нисбатан устувори табдили шахс нисбат ба худ ва муҳити иҳоташуда, мутобиқати мутақобилаи корманд ва ташкилот, ки ба тадриҷан ворид шудани кормандро ба раванди

[183] Казначеева С.Н., Репина Р.В. Проблемы адаптации персонала в кадровом менеджменте//Интернет-журнал «НАУКОВЕДЕНИЕ». - Том 7, № 5 (сентябрь - октябрь2015). – С.10.

истеҳсолот дар шароити нави касбӣ, психофизиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, ташкилию маъмурӣ, иқтисодӣ, санитарӣ-гигиенӣ ва маишии шароити меҳнат ва истироҳат, мутобиқати мутақобилаи корманд ва мақомоти мавқеъ, ки ба тадриҷан кор кардани корманд дар шароити кории касбӣ, иҷтимоӣ ва ташкилию иқтисодӣ асос ёфтааст»[184] дониста мешавад.

Ин маънои онро дорад, ки барои ташаккули сармояи инсонӣ, ки ба шароитҳои муосири меҳнат дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт мутобиқ аст, бояд маҷмуи чорабиниҳо гузаронида шаванд, ки ба мутобиқсозии мутақобилаи кадрҳо дар истеҳсолот ва хизматрасониҳои гуногуни соҳавӣ равона карда шаванд. Таъкид ба мутобиқсозии мутақобилаи кадрҳо дар истеҳсолот ва хизматрасониҳо бо он вобаста аст, ки меҳнат дар кадом шароитҳо сурат мегирад. Дар чунин шароит мутобиқсозии мутақобилаи инсон ва истеҳсолот ё хизматрасонӣ ҳамчун омили муайянкунандаи мутобиқсозии меҳнатӣ амал мекунад.

Дар ширкату корхонаҳо кор карда, инсон ба шароити душвори корӣ мутобиқ мешавад. Дар айни замон, ӯ наметавонад дар чунин шароит муддати дароз бимонад, агар қисман ба шароити истиқомат, меҳнат ва ниёзҳои физиологӣ ва маънавӣ, ки аз ҷониби маҷмуи омилҳои муайянкунандаи ангезаи меҳнат муайян карда мешаванд, мутобиқ нашавад. Ба ин маъно, сифати кадрҳо, аз қабили қобилияти навоварӣ дар соҳаҳои мухталиф аҳаммияти калон пайдо мекунанд. Аз ин ҷо

---

[184] Назар намоед ба: Ганиев Т.Б. Глобализация и бедность//Материалы Республиканской научно-практической конференции «Экономические проблемы сокращения уровня бедности в Республике Таджикистан». – Душанбе, 2004. – С. 5; Казначеева С.Н., Репина Р.В. Проблемы адаптации персонала в кадровом менеджменте//Интернет-журнал «НАУКОВЕДЕНИЕ». - Том 7, № 5 (сентябрь – октябрь 2015). – С. 4.; Управление персоналом/ учеб. подред. Т.Ю. Базарова, Б.Л. Еремина. –М.: Банки и биржи: ЮНИТИ, 1998 – С. 321.; Тюлькина Ю.С. Сущность и принципы адаптации персонала Вестник ВГУ, серия: Экономика и управление, 2008, № 1 – С. 113.; Котлова А.С., Попова О.А. Адаптация персонала на предприятии в современных условиях // Экономика и менеджмент инновационных технологий. - 2014. – № 6 [Электронный ресурс] URL: http://ekonomika.snauka.ru /2014/06/5092 (дата обращения: 10.10.2014).; Кибанов А.Я. Управление персоналом организации/ –М.: Изд. ИНФРА –М, 2003. – С. 116.

аҳаммияти самти дуюми ташаккули сармояи инсонӣ дар ин ширкату корхонаҳо дар доираи консепсияи таъминоти кадрӣ, ки мо дар расми 11 пешниҳод кардем, тасдиқ менамояд.

Хусусияти эҷодии меҳнат ва низоми навоварӣ ҳамчун омилҳои мутобиқшавӣ аз ҷониби бисёр муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва он ҳамчун омили калидӣ ва бо як суръати тез мутобиқшавии меҳнатии кормандон дар ширкату корхонаҳо дониста мешавад.

Ақидаҳои инноватсионии корманд метавонад барои ӯ дар ширкату корхонаҳо шароити бароҳати корӣ фароҳам орад, нуфузу эътибори ӯро дар коллективи кормандон боло бурда, соҳибэҳтиром намояд ва аз ҳама муҳим ба худ ва ҳам ҷомеа манфиатовар бошад. Гузашта аз ин, дониш, маҳорати кордонӣ, малакаи баланди касбӣ ва ихтирову эҷодкориҳои корманд асоси ақидаҳои инноватсионии кормандон дониста мешаванд, Чуноне ки олими иқтисодон Комилов С.Ҷ. қайд менамояд: «дониш, маҳорат, малака, истеъдоди истеҳсолии инсонро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи моҳияти инсонӣ»[185] ҳисобидааст.

Бисёре аз коршиносон ва муҳаққиқон ба он ақидаанд, ки яке аз сифатҳои муҳимтарини навоварон (инноваторон)-и бузург меҳнатдӯстии онҳост. Масалан, А.Г. Шестакович меъёрҳои ғайрирасмии соҳибкорони маъруфи навоварро низомбандӣ карда, дар он нишон додааст, ки онҳо то кадом дараҷа меҳнатдӯстанд ва меҳнатдӯстии онҳо дар сохтори сифатҳои соҳибкории ҳамаи шахсони баррасишаванда ҷойгоҳи махсус дорад (нигаред ба ҷадвали 5.1). Ин маънои онро дорад, ки аслан соҳибкорон ва инсонҳои муваффақи навовар метавонанд ба осонӣ ба шароити ҷойдошта мутобиқ шаванд, агар раванди мутобиқсозии меҳнатии онҳо дуруст ва оқилона ташкил карда шавад.

---

[185] Комилов С.Дж. Экосистемные услуги и природный капитал в системе общественного производства// Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе: «СИНО», 2016. – № 2/11(220). – С.14.

**Ҷадвали 5.1. Меъёрҳои ғайрирасмии соҳибкорон-инноваторони машҳури ҷаҳонӣ**

| № | Стив Ҷобс | Билл Гейтс | А. Попов | Г. Маркони | С. Королёв | Е. Войнов |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Дар ҷустуҷӯи маблағ | Рақобат-дӯстдор | Мақсаднокӣ | Мақсаднокӣ | Мақсаднокӣ | Мақсаднокӣ |
| 2 | Меҳнатдӯст | Талош барои нишон додани худ | Хоксор | Талош барои нишон додани худ | Талош барои нишон додани худ | Талош барои нишон додани худ |
| 3 | Истодагарӣ | Меҳнатдӯст | Мулоҳизакор | Истодагарӣ | Меҳнатдӯст | Меҳнатдӯст |
| 4 | Мақсаднокӣ | Мақсаднокӣ | Меҳнатдӯст | Таваккалку-нанда | Интуитивӣ | Эҷодкор |
| 5 | Дорои маҳорат | Истодагарӣ | - | Ҷиддӣ будан | Пешво | Пешво |
| 6 | Ҷиддӣ будан | Ҷиддӣ будан | - | Ташкилотчӣ | Эҷодкор | Ташкилотчӣ |
| 7 | Таваккалку-нанда | Таваккалку-нанда | - | Эҷодкор | Таваккалку-нанда | - |
| 8 | Эҷодкор | Эҷодкор | - | Рақобат-дӯстдор | Ҷиддӣ будан | - |
| 9 | Талош барои нишон додани худ | Ташкилотчӣ | - | Дар ҷустуҷӯи маблағ | Истодагарӣ | - |
| 10 | Ташкилотчӣ | Дорои маҳорат | - | Дорои маҳорат | Ташкилотчӣ | - |

**Сарчашма:** Шестакович А.Г. Формирование личностного компонента инновационного предпринимательства//Автор.дисс. на. соиск. учен. степ. к.э.н. – Уфа, 2015. – С.11.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ[186] ва тадқиқотҳои мо нишон медиҳад, ки дар ташаккули иқтидори инноватсионии сармояи инсонӣ муҳити институтсионалӣ нақши калон дорад. Чаҳорчӯбаи институтсионалӣ ташаккули марҳила ба марҳила ва сифатҳои инноватсионии интиқолдиҳандагони сармояи инсониро муайян мекунад, ки дар навбати

---

[186] Назар намоед ба: Ганиев Т.Б. Инновационные модели непрерывного дистанционного профессионального образования лидера в современной школе менеджмента// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических общественных наук. – Душанбе, 2018. – С.33-39; ХодиевД.А. Институциональная среда формирования и развития человеческого капитала//Вестник ВГУ. - 2009. – № 2. Сер.: Экономика и управление. – С.102.; Теория человеческого капитала. Труд, занятость, безработица / под.ред. А.И. Добрынина, Л.С. Тарасевича. – СПб., 1997. – С. 329; Стукач В.Ф. Человеческий капитал отрасли животноводства в сельскохозяйственных организациях. - Омск: Ом.гос. аграр. ун-т им. П.А. Столыпина, 2014. – 184 с; Смирнов В.Т. Классификация и виды человеческого капитала в инновационной экономике, [Электрон. ресурс] // Креативная экономика. – Режим доступа: URL:http://creativeconomy. ru/library/prd165.php . Дата обращения: 14.11.2023.

худ ба тағйирёбии ниҳодҳо таъсир мерасонанд ва барои рушди пешрафтаи иқтисодиёт шароит фароҳам меоранд.

Ташаккул ва рушди иқтидори инноватсионии сармояи инсонӣ дар ҳамма даврӯ замон ба омӯзиш ва доим дар такмил будани он алоқаманд аст. Таваҷҷуҳ намудан ба дониш, маълумотнокӣ ва доимо такмил додани он самти сеюми ташаккули сармояи инсониро дар доираи консепсияи таъминоти кадрӣ, ки мо дар расми 11 пешниҳод кардем, тасдиқ мекунад.

Ҳамин тариқ, ташаккули механизми мотиватсионии таъминоти кадрҳо бо шароити муайяне алоқаманд аст, ки зарурати ба назар гирифтани онро дар ҳама сатҳҳои фаъолияти меҳнатӣ механизми мазкур тавсиф мекунад. Бо дарназардошти он, ки раванди фаъолияти меҳнатӣ дар кадом шароит сурат мегирад, омилҳои моддии мотиватсионӣ бояд тақвият дода шаванд. Аммо бояд ба назар гирифт, ки танҳо омилҳои моддӣ ҳавасмандии баланди кадрҳоро таъмин карда наметавонанд. Дар радифи баланд бардоштани ҳавасмандии онҳо, унсурҳои дигари механизми пешниҳодшуда бо мақсади такрористеҳсоли сармояи инсонӣ бояд ҳамаҷониба таъмин карда шавад. Самтҳои пешниҳодшудаи механизм мақсаднок дониста шуда, якдигарро пурра мекунанд ва дар ниҳоят ҳамчун омилҳои муҳимтарини ҳавасмандкунии кадрҳо баромад мекунанд.

### 5.3. Дигаргунсозии раванди таълим ва беҳсозии сифати таҳсилот дар ташаккули сармояи инсонӣ.

Ҷомеаи инсонӣ имрӯз ба сатҳи баланди ҷаҳонбинии илмӣ қарор гирифта, ҳар замон равандҳои тозаи илмӣ, эҷоду ихтироот ва ё тағйироти волову фаҳмишҳои навини касбӣ арзи зуҳур менамоянд, ки шароити беҳтареро нисбат ба пешин дар равишҳои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳонӣ фароҳам меоваранд. Аз тарафи дигар, ин як навъ назари тозаи башарият ба қобилияту неруи ақлонии касбии худ,

ба муҳити ишғолнамуда, ҷомеа ва умуман, ба низоми ҳаракати иқтисодӣ мебошад, ки моро иҳота кардааст ва то ба амиқтарин нуқтаи вуҷуди мо таъсиррасон мегардад.

Пас, дар чунин як шароит зарурате ба миён омадааст, то ҳар як фард ҳаракати касбии худро то ба зинаи болотарини дарки зеҳнӣ, дар низоми иқтисодӣ бирасонад. Аз нодиртарин дастовардҳои илмии асри XXI хуб бохабар бошад, аз онҳо пурсамар истифода намояд ва бадин муносибат, лаззату хушҳолии зиндагии худ ва насли ояндаро таъмин намояд.

Дар айни замон сармояи инсонӣ боигарии асосии давлату миллат дониста мешавад. Маҳз давлат такя ба ҳамин сармоя намуда, рушду ташаккулёбии онро роҳандозӣ менамояд ва барномаҳо ва стратегияҳои дарозмудати давлатиро нисбати он чораандеши менамояд.

Рушди сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосири иқтисодӣ ташаккули фаъолиятҳои навини касбӣ ва дар баробари ин рушди муҳити инноватсионии онро мехоҳад. Муҳите, ки инсон дар он ташаккул, рушд ва инкишоф меёбад, бояд муҳити солим ва илмию таълимӣ бошад. Муҳити солим боиси рушди ҳамаҷонибаи сармояи инсонӣ гашта, азхуднамоии донишҳои муосирро тавассути равандҳои замонавии таълимӣ талаб менамояд.

Донишкадаю донишгоҳҳои муваффақ онҳое дониста мешаванд, ки ҷараёни муосирро пурра омӯхта, нозукиҳои мушаххаси онро муайян намуда, мутахассисонро мувофиқи талаботи бозори меҳнат омода менамоянд ва инчунин технологияҳои муосири рақамӣ ва донишҳои муосирро дар раванди таълим истифода мебарнд, ки ин барои баланд бардоштани зеҳнияти мутахассисон ва ташаккули фаъолияти касбии онҳо мусоидат менамояд.

Мувофиқ ба назарияҳо ва таҳлили маълумоти зиёди илмӣ[187], захираҳои инсонӣ вобаста ба талаботҳои муосири иқтисодиёти имрӯза ҳамонвақт сармояи инсонии муосир дониста мешаванд, ки онҳо дар худ чунин сифатҳоро доранд: саводнокии рақамӣ, қобилияти эҷодкорӣ, коркарди маълумотҳо, истифодаи самараноки маълумотҳо, доштани малакаҳои soft-skills, қобилияти кор бо иттилооти рақамӣ ва дигар донишҳои замонавие, ки аз ҳар як мутахассис талаб карда мешавад.

Дар шароити муосири иқтисодӣ ё ба таври дигар гузариш ба иқтисоди рақамӣ моҳияти сармояи инсонӣ ба таври назаррас тағйир меёбад, ки онро чунин шарҳ додан мумкин аст: Иқтидори инсонӣ, ки ба маҷмуи маълумотҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, истеъдодҳо, маҳоратҳо ва умуман як иқтидори мукаммал, ки иқтисодиётро идора менамояд, пурра шакли рақамии онро мегирад. Дараҷаи маълумотноки низ пурра барои аз худ кардани маълумоти муосиртарин иқтисоди рақамӣ сафарбар карда мешаванд. Дарки фарҳангии мутахассис, яъне низоми арзишҳои инсонӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва маданияти баланди рақамиро талаб менамояд. Қувваи ҷисмонӣ ё ин ки қобилияти инсон ба меҳнат дар ин шароит ба ҷараёни истеҳсолот ворид гардида, дар асоси техника ва

---

[187] Назар намоед ба: Ганиев Т.Б. Инновационные модели непрерывного дистанционного профессионального образования лидера в современной школе менеджмента// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических общественных наук. – Душанбе, 2018. – С.33-39.; Лукьянова Т.В. Инновационная восприимчивость персонала организации//Управление корпоративной культурой. – 2011. – № 1. – С. 72–78.; Лукьянчикова Т.Л. Человеческий капитал: основа и источник достойных доходов населения: монография. – Орел: Издатель А. Воробьев, 2011. – 356с.; ХодиевД.А. Институциональная среда формирования и развития человеческого капитала//Вестник ВГУ. - 2009. – № 2. Сер.: Экономика и управление. – С.102.; Теория человеческого капитала. Труд, занятость, безработица / под.ред. А.И. Добрынина, Л.С. Тарасевича. – СПб., 1997. – С. 329.; Стукач В.Ф. Человеческий капитал отрасли животноводства в сельскохозяйственных организациях. - Омск: Ом.гос. аграр. ун-т им. П.А. Столыпина, 2014. – 184 с.; Смирнов В.Т. Классификация и виды человеческого капитала в инновационной экономике, [Электрон. ресурс] // Креативная экономика. - Режим доступа: URL:http://creativeconomy. ru/library/prd165.php . Дата обращения: 14.11.2023.

технологияҳои рақамии муосир маҳсулотҳои арзиши истеъмолӣ доштаро бо хароҷотҳои камтар истеҳсол менамояд. Аз ҳама муҳим маҳорати ташкилии инсон шакли муосирро гирифта, маҷмуи донишҳои рақамикунонии ташкили фаъолиятро аз худ намуда, бо қобилият ва истеъдодҳои инсонии худ идоранамои муосирро ба роҳ мемонад. Қобилияти модарзодии инсон, ки аз лаҳзаи таваллуд инсонро ҳамроҳӣ менамояд, дар натиҷаи азхудкунии маълумоти муосири рақамӣ такмил меёбад. Таҷрибаи истеҳсолии инсон дар ин шароит бештар барои азхудкунии маълумоти зарурии рақамии раванди истеҳсолот нигаронида шуда, аз наздик шинос шудани инсонро бо раванди истеҳсолот нишон медиҳад. Ҳавасмандии инсон низ вобаста ба шароитҳои рақамӣ дигар шуда, дӯстдорӣ, шавқмандӣ, завқмандӣ, ирода, хоҳишмандӣ, майлдорӣ, таваҷҷуҳ, рағбат ва ҳама он ҳиссиётҳое, ки инсонро барои фаъолият намудан водор менамояд. Сармояи зеҳнии инсон дар ин шароит бештар ба ихтирокорию эҷодкории инсон нигаронида шуда, дар истеҳсолот ворид намудани зеҳни сунъиро пешаи худ менамояд ва аз ҳар як инсон натиҷаи меҳнати аслии ӯро талаб менамояд. Сармояи оилавӣ ва мавқеи он дар иқтисоди рақамӣ хело баланд буда, самаранок истифодабарии он ва дар роҳи дуруст тарбия намудани насли ояндаро талаб менамояд. Сармояи соҳибкории инсон низ дар ин шароит моҳияти худро пурра дигар карда, дар асоси таҳлили маълумоти воқеӣ сармоягузорӣ намудан ба худ, ба фарзандони худ ва ё ба ягон риштаи тиҷоратро пешниҳод менамояд. Сатҳи саломатии инсон, ки мавқеи муҳимро дар иқтисодиёти муосир иҷро менамояд, пойдевор ва асоси ин иқтисодиёт дониста мешавад. Хулоса дар охир, инсони нав, сармояи инсониеро доро мебошад, ки ба рушду ташаккулёбии иқтисодиёт ҳар лаҳза таъсир расонида метавонад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки рушд ва ташаккулёбии иқтисоди рақамӣ ва таҳаввулоти тамоми ҷомеа, аз ҷумла дороиҳо ва арзишҳои

зеҳнӣ, эҷодӣ, ахлоқӣ, шакли навро гирифта, дониши замонавии муосирро талаб менамояд. Иқтисоди рақамӣ дар асоси муносибатҳои доимии тарафҳо ҳамеша ба донишҳои муосир такя намуда, зеҳнияти баланди истифодабариро аз истеҳсолкунанда ва ҳам аз истеъмолкунанда талаб менамояд. Ин иқтисодиётест, ки дар он доштани донишҳои рақамӣ ҳам барои истеҳсолкунанда ва ҳам барои истеъмолкунанда муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Тағйирёбии назарияи сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосир водор ба он менамояд, ки беҳтарин моделҳои муосири тарбияи насли навро дар донишкадаю донишгоҳоии олӣ роҳандозӣ намоем.

Мувофиқ ба таҳқиқоти илмӣ[188], муосиртарин ва пурқувватарин моделҳои таҳсилоти олии касбӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, ин модели Амрикои шимолӣ (ИМА, Канада), модели Аврупоӣ (Британияи Кабир, Фаронса, Шветсария, Нидерландия, Олмон), модели Скандинавӣ (Дания, Шветсия) ва модели Осиёи ҷанубу шарқӣ (Ҷопон, Сингапур) дониста мешаванд.

---

[188] Назар намоед ба: Ganina E.V., Matveenko V.E., Malugina N.M. Modern world educational models: foreign experience of educational management. Vestnik of Kostroma State University. Series: Pedagogy. Psychology. Sociokinetics, 2023, vol. 29, № 2, pp. 12–17. https://doi.org/10.34216/2073-1426-2023-29-2-12-17.; Пироженко Л.В., Синьсин В. Высшее образование в Китае: современное состояние и основные направления развития до 2035 г. // Университетский педагогический журнал. 2022. № 1. – С. 43–49.; Вахабов А.В., Закирова Ш.А. Мировые модели системы образования // Экономика и финансы. 2013. № 5. – С. 2–6.; Винник А.Е. Оценка эффективности управления системой высшего образования // Вестник Астраханского государственного технического университета. Сер.: Экономика. 2020. № 1. – С. 101–107.; Николаев Б.В. Современные тенденции развития системы высшего образования в Великобритании: монография. Пенза: Изд-во ПГУ. 2018. 130 с. Николаев Б.В. Современные тенденции развития системы высшего образования в Великобритании: монография. Пенза: Изд-во ПГУ. 2018. 130с.; Цзян С. Основные тенденции модернизации систем профессионального образования в Китае и России: автореф. … канд. пед. наук. 2009. 20 с.; Семенова С.С. Образование в Китае: история и современность // Вестник Томского государственного педагогического университета. 2012. № 5 (120). – С. 120–130.; Пряжникова О.Н. Тенденции развития высшего образования в странах восточной и юго-восточной Азии // Экономические и социальные проблемы России. 2018. № 2 (38). – С. 133–155.

Модели аврупоии таълим дар сатҳи таҳсилотӣ олии касбӣ ба сатҳи баланди талабот ба донишҷӯён ва ба онҳо додани донишҳои бунёдӣ нигаронида шудааст. Таҳсилоти олӣ дар бисёр кишварҳои аврупоӣ ройгон ба роҳ монда шудааст ва бо марказонидани идоракунии худ фарқ мекунад. Дохил шудан ба ин донишгоҳҳо меъёрҳои баландро талаб менамояд.

Аз рӯйи имкониятҳои академикии таҳсилоти олии аврупоӣ моделҳои англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва скандинавиро ҷудо кардан мумкин аст. Ҳар яке аз ин моделҳо хусусиятҳои мусбии худро дорад, масалан дар модели Олмонӣ алоқаи доимии таълим бо истеҳсолот дида мешавад, инчунин он комилан ройгон аст. Дар модели фаронсавӣ ва скандинавӣ имконияти ройгон таҳсил кардани донишҷӯён дида мешавад. Дар модели англисӣ сифати баланди таълим дида мешавад.

Британияи Кабир дар минтақа аз рӯйи шумораи зиёди донишгоҳҳо ва нишондиҳандаҳои сифати таҳсилот дар рейтинги ҷаҳонӣ мавқеи аввалро ишғол менамояд. Хатмкунандагони ин донишгоҳҳо бештар равияи тибби клиникӣ, таҳқиқоти биологӣ ва математикаи амалӣ яке аз бонуфузтарин мутахассисон дониста мешаванд. Дипломӣ хатмкунандани ин донишгоҳҳо ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ буда, эътирофи худро дар миқёси ҷаҳон дорад, ки ин боиси рӯз аз рӯз зиёд гардидани довталабони онҳо мегардад.

Яке аз афзалиятҳои дигари рушди низоми миллии маориф дар Британия ин таъмини шумораи максималии аҳолӣ бо таҳсилоти олӣ мебошад (ҳоло тақрибан 43% аҳолии Британия, ки синну соли аз 18 то 30-соларо доранд, маълумоти олӣ мегиранд).

Модели олмонии таҳсилоти олӣ яке аз қадимтарин бунёдии минтақаи Аврупо дониста мешавад. Модели олмонии таҳсилоти олии касбӣ бо хусусиятҳои фарққунандаи худ, бо ҳам наздик будани ҷараёни истеҳсолот бо раванди таълим ва ройгон таҳсил кардан маъруф

гаштааст. Дар бештари донишгоҳҳои Олмон мутахассисон аз рӯйи риштаҳои технолог, табиб ва биолог омода карда мешаванд.

Модели амрикоии таҳсилоти олӣ яке аз моделҳои муосири ҷаҳони дониста шуда, бештар бо хусусияти иқтисодӣ доштанаш, (дар баробари давлат ширкатҳои хусусии ба тиҷорат машғулбуда, дар омоданамоии мутахассисон маблағгузорӣ менамоянд) шинохта шудааст. Модели таҳсилоти олии амрикоӣ бо дастгирии калони молиявӣ, рақобатпазирии баланд, сифати баланди таҳсилот ва тақсимоти пешаки муайяншудаю дақиқӣ довталабон ба ҷойҳои корӣ аз дигар моделҳо фарқ мекунад. Ичунин дар ин модел низоми пешрафтаи ошкор кардани истеъдодҳо, навоварон ва ихтироъкорон дида шуда, бештари мутахассисон мувофиқи фармоишҳои пешакии ширкатҳои хусусии тиҷоратӣ омода карда мешаванд.

Модели Осиёи Ҷанубу Шарқӣ яке аз беҳтарин моделҳо дар тарбияи мутаххасисон дониста шуда, бо хусусиятҳои шарқию ғарбии худ аз дигар моделҳо фарқ мекунад. Равишҳо ва воситаҳои анъанавию муосир, сохторҳо ва унсурҳои ташкил ва идоракунии таҳсилоти олиро дар бар гирифта, ташаккул ва рушдиҳандаи “иқтисоди дониш”-ро пешаи худ намудааст. Дар ин модел иқтисоди дониш яке аз роҳҳои муосиртарин дар пешбурди иқтисодиёт дониста шуда, таъсисдиҳандаи ҷойи корӣ ва ба дастоварандаи кашфиётҳои зиёди илмӣ медонанд.

Дар минтақаи Осиё кишварҳои зиёд мавҷуданд, бинобар ҳамин моделҳои таҳсилоти олии ин минтақа низ зиёд мебошад. Ин моделҳо вобаста бо сабабҳои гуногуни некуаҳволии молиявии давлатҳои ин минтақа, фарқияти фарҳангҳо ва таърихи гузаштаашон ташаккул ёфтаанд. Дар минтақаи Осиё давлатҳои Ҷопон, Чин, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ, Гонконг, Тайван дар рушди соҳаи маориф пешрафтҳои нав ба нави илмиро нишон медиҳанд. Асоси модели Осиёи Ҷанубу Шарқиро муҷаҳҳаз будани раванди таълим, дастгирии моддии донишҷӯён,

меъёрҳои баланди интихоби довталабон, арзёбии доимии сифати таҳсилот дар донишгоҳҳо, ки бо маблағгузориҳои минбаъдаи онҳо зич алоқамандбуда, ташкил медиҳад.

Дар Сингапур барои донишҷӯёни ниёзманд таҳсил намудан ройгон буда, аз ҷониби давлат кумакҳои назаррас мегиранд. Дар Ҷопон бошад, барои мардуми кишвараш, ки синни қобили меҳнат доранд, доштани маълумоти олӣ ҳатмӣ мебошад. Алҳол аҳолии қобили меҳнати Ҷопон, ки синни 25-65-ро доранд, 42 фисадашон дорои маълумоти олӣ мебошанд. Ҳамасола, аз 50 фисад зиёдтари хонандагон мактабҳои миёна, ба донишгоҳҳо барои гирифтани маълумоти олӣ дохил мешаванд. Соҳиби дипломи олӣ шудан дар Ҷопон осон набуда, аз ҳар як хатмкунанда, ихтирооти муайяне вобаста ба соҳа талаб карда мешавад. Инчунин Ҷопон мавқеи дуюмро дар ҷаҳон барои ба даст овардани патент оид ба ихтироъкорӣ ишғол менамояд.

Давлати Чин кишварест, ки шумораи зиёди донишҷӯён ва низоми васеъшудаи таҳсилоти олиро дар ҷаҳон дорад. Ҳукумати Чин принсипи "Рушди иқтисодиёти кишвар аз ҳисоби баланд бардоштани сатҳи илм ва маориф"-ро пешаи худ намуда, ба сифати таҳсилот ва баланд бардоштани сатҳи фарҳанги шаҳрвандон аҳаммияти муҳим медиҳад. Сатҳи таҳсилот дар кишвари Чин баланд буда, дипломи донишгоҳҳои он ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ дониста шуда, дар 64 кишвари ҷаҳон эътироф карда мешаванд. Хусусиятҳои фарқкунандаи таҳсилоти муосири давлати Чинро аз дигар давлатҳо чунин шарҳ додан мумкин аст: аввалан, нигоҳ доштани низоми таърихан ташаккулёфтаи анъанавии таълим, ки муддати тулонӣ худро собит кардааст. Ин низом бештар ба ташаккули муносибатҳои донишгоҳӣ байни омӯзгор ва донишҷӯ, байни омӯзгор ва роҳбар, байни роҳбар ва донишҷӯ таъсир мерасонад; дувум, истифодаи таҷрибаҳои хориҷӣ (дар навбати аввал, таҷрибаи СССР ва Ҷопон); сеюм, ҳавасмандгардонии донишҷӯёне, ки дар хориҷ таҳсил

мекунанд ва баргашти ҳатмии онҳо; чорум, тарбияи анъанавии маънавию ахлоқии донишҷуёни чинӣ; панҷум, сегментатсияи возеҳи низоми таҳсилоти олии Чин бо дарназардошти рушди минтақаҳо ва талаботи онҳо (ба хусус техникӣ ва саноатӣ).

Вобаста ба таҳлилу баррасиҳои гузаронидашуда, моделҳои пешниҳоднамуда, вобаста ба вақт айни замон яке аз беҳтарин моделҳо дар ҷаҳон оид ба омоданамоии мутахассисони ҳирфаӣ дар ҷаҳон дониста шуда, дар бештари донишгоҳҳо ва донишкадаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ истифода бурда мешаванд.

Таъминамоии таълимоти босифат аз мукаммалсозӣ ва самаранок идоракунии донишкадаю донишгоҳҳои таълимӣ вобаста аст, ки бояд ба самти муҳимтарини сиёсати давлат нигаронида шуда бошад. Қобилияти тарҳрезии модели идоракунии муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти тағйироти талаботи ҷомеа дар робита ба рушди фаъоли технологӣ ва ноил шудан ба сифати баланди таълим мусоидат хоҳад кард.

Таҳлили моделҳои бонуфузи низоми таҳсилоти олии касбии ҷаҳонӣ водор менамояд, ки нисбати низоми омоданамоии мутахассисон ва рушду инкишоф додани сифати таҳсил дар донишкадаю донишгоҳҳои кашвар бетараф набуда, низомеро коркард намуд, ки ба рушди низоми маориф ва илм таъсири назарас дошта, боиси рушди соҳаи иқтисодиёти кишвар гардад. Таҳлилҳои гузаронидашуда, нишон доданд, ки дар ҳама маделҳо низом, тартибот ва тарбияи инсонии донишомӯзон бояд мавқеи хело баланд дошта бошад. Дуюм, ҳамкории мутақобилаи истеҳсолот ва таълим, дар ҳолати набудани робитаи мустаҳкам байни истеҳсолот ва таълимот, донишҳои амалии донишҷӯён коста гашта, донишҳои азхудкардаи назариявӣ муаллақ мемонад. Сеюм, барои ба даст овардани даромади бештар, барои омӯзгорон ин зиёд намудани маблағгузориҳои давлатии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишгоҳҳо ва барои донишҷӯён бошад дастгирии онҳо дар шакли муқаррар намудани доираи васеъи

грантҳо ва идрорпулиҳои гуногун. Чорум, татбиқи барномаҳои иловагӣ, ки ба довталабон мувофиқи афзалият, истеъдоди худ, касбҳои дурустро интихоб намоянд. Панҷум, доштани беҳтарин устодон, иззату эҳтироми онҳо ва аз ҳама муҳим муҳайё кардани тамоми шароитҳои дарсгузариҳои муосири таълимӣ, ки тавонад, дарсҳои назарявӣ ва раванди муосири истеҳсолиро пурра баён карда тавонад. Шашум, ҷалби сармоягузориҳои гуногун, ба иқтисодиёти донишгоҳҳо, тавассути кушодани корхонаҳои хусусияти илмӣ-таҳқиқотӣ дошта (беморхонаҳо, марказҳои тиббӣ, обсерваторияҳо, лабораторияҳо, ширкатҳои дорусозӣ ва ғайра), ки ба буҷети донишгоҳ даромад ворид намояд. Ҳафтум, назорати доимии сифати таҳсилот ҳам аз ҷониби донишгоҳ ва ҳам аз ҷониби давлат. Ҳаштум, кушиши омода кардани кадрҳои дар бозори меҳнат талаботдошта, инчунин кушодани ихтисосҳои муосири замонавӣ, ки дар оянда барои рушди иқтисодиёт лозиманд. Нуҳум, ҳамкорӣ бо дигар донишгоҳо, ба хусус донишгоҳҳои байналмилалӣ, оид ба омода кардани мутахассисоне, ки бароиояндаи донишгоҳ зарур донисташуда. Даҳум, ҳамкории доимии мутақобила бо корхонаҳо ва ширкатҳои тиҷоратӣ, баҳри омода кардани мутахассисон мувофиқ ба талаботи онҳо ва талаботи бозори меҳнат.

Донишгоҳҳои кишвар, ки аллакай аз соли 2008-ум ба низоми муосири Болонӣ гузаштаанд ва то ба имрӯз дар ҳамин низом фаъолият доранд. Низоми Болоние. ки имрӯзҳо дар 49 давлати ҷаҳон, ба хусус давлатҳои аврупоӣ истифода карда мешавад. Ин низом метавонад, рушди устувори таҳсилоти олии касбиро боло бардошта, мутаххасисонро мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат омода намуда, рақобатпазирии доимии онҳоро таъмин намояд. Манфиатҳои низоми болониро чунин шарҳ додан мумкин аст: дусатҳа будани маълумоти олӣ (бакалавр ва магистр); низоми воҳидии баҳогузорӣ (ECTS низоми аврупоии ҷамъоварии воҳидии баҳогузорӣ): 180-240 воҳиди баҳогузорӣ

барои бакалавр, 90-120 барои магистр; ҳаракати донишҷӯён ва хатмкунандагони донишгоҳҳо (барномаи иваз ва ҳаракати донишҷӯён дар байни донишгоҳҳо дар доираи барномаи Erasmus ба роҳ монда мешавад); таъмин ва назорати доимии сифати таҳсилот (аккредитатсияи донишгоҳҳои хусусӣ, агентии давлатии сифати таҳсилот); андозаи аврупоӣ дар таҳсилоти олӣ (таҳияи барномаҳои ягонаи таълимӣ барои модулҳо ва курсҳои донишгоҳӣ, ки ба мазмун ва мундариҷаи стандарти аврупоӣ мувофиқат кунанда); таҳсилоти бефосилаи касбӣ (курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзии касбӣ).

Низоми Болонии таҳсилоти олӣ, бештар ба сифати таҳсилот нигаронида шуда, ҳамкориро байни устод ва донишҷӯ наздик менамояд. Ба донишҷӯён имкониятҳо медиҳад, ки оид ба мавзуъҳои дарсӣ корҳои мустақилона анҷом диҳад.

Инчунин, барои муайян кардани дар кадом сатҳ қарор доштани нуфузу эътибор ва сифати таҳсилот дар донишгоҳ аз рӯйи рейтингҳои байналмилалии сифати таҳсилоти олӣ истифода мебаранд. Дар бештари ҳолатҳо донишкадаю, донишгоҳҳоро аз рӯйи рейтингҳои байналмилалии маълумоти олии QS (World University Rankings), THE (Time Higher Education) ва U.S.News баҳогузорӣ карда мешаванд. Ин рейтингҳо дар ҷаҳон аз ҳама бештар иқтибос оварда мешаванд, онҳо дар қитъаҳои гуногун таҳия карда мешаванд ва меъёрҳои гуногуни арзёбии фаъолияти донишгоҳро истифода мебаранд ва ин меъёрҳоро ба таври гуногун баҳо медиҳанд.

Рейтинги QS ҳамасола аз ҷониби ширкати бритониёии Quacquarelli Symonds, ки ба муайяннамоии сифати таҳсилот дар байни донишгоҳҳои ҷаҳон гузаронида шуда, натиҷаи он дар сайти расмии ин ширкат ҷойгир карда мешаванд. Рейтинги мазкур, донишкадаю донишгоҳҳоро аз рӯйи чунин параметрҳо арзёбӣ менамояд: фаъолиятҳои таҳқиқотӣ, раванди

таълимдиҳӣ, фикру ақидаҳои кордиҳандагон, иқтидори карерӣ, шумораи донишҷӯёни хориҷӣ ва шумораи омӯзгорони хориҷӣ.

Барои иштирок дар рейтинги QS, донишгоҳ бояд ҳадди аққал дар ду соҳаи фаннӣ (масалан, санъат ва фанҳои иҷтимоӣ, муҳандисӣ ва технология, ҳуқуқ ва тиҷорат) барномаҳои бакалаврӣ ва магистрӣ пешниҳод кунад.

Рейтинги байналмилалии THE (Time Higher Education), аз ҷониби агентони британиёӣ таъсис дода шуда, сифати таҳсилоти донишгоҳоро аз рӯйи параметрҳои зерин арзёбӣ менамоянд: сатҳи таълим, сифати фаъолиятҳои таҳқиқотӣ, ҳаҷми иқтибосҳои корҳои таҳқиқотӣ, сатҳи эҷодкорию навовариҳо ва ворид будани донишгоҳ ба раванди байналмилалии таълим.

Оҷонсии хабарии амрикоӣ U.S.News яке аз мақомотҳои бонуфуз дар рейтинги донишгоҳҳои ҷаҳонӣ дониста мешавад. Мақсади асосии рейтинги мазкур, муайян намудани рейтинги ҷаҳонии донишгоҳҳо ва тавсия намудан ба довталабон дар сатҳи бакалавр ва магистр дониста мешавад.

Оҷонсии хабарии амрикоии U.S.News рейтинги донишгоҳҳоро аз рӯйи параметрҳои зерин баҳогузорӣ менамояд: эътибори илмии донишгоҳ дар сатҳи кишвар ва ҷаҳон, ҳамкории фаъоли байналмилалии донишгоҳ, фаъолияти таҳқиқотии донишгоҳ, нашрияҳои илмӣ (мақолаҳо, китобҳо, конфронсҳо), сатҳи мақолаҳои илмӣ ва иқтибосоварӣ аз онҳо, шумораи маводҳои илмие, ки ба 1%-и маводҳои аз ҳама бештар иқтибосоваранда дохил мешаванд, фисади нашрияҳое, ки ба 1%-и маводи аз ҳама бештар иқтибосшуда, дар ҷаҳон дохил мешаванд.

Рейтинги ҷаҳонии таҳсилоти олӣ яке аз нишондиҳандаҳое мебошад, ки нуфуз ва эътибори донишгоҳро дар сатҳи ҷаҳони муаррифӣ намуда, барои довталабон беҳтарин донишгоҳҳоро пешниҳод менамояд.

Аз тарафи дигар барои корфармоён макони дарёфти беҳтарин мутахассисонро пешниҳод менамояд.

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷаҳонии таҳсилоти олӣ, 5 донишгоҳи бонуфуз дар сатҳи ҷаҳонӣ инҳо дониста мешаванд:

– Донишгоҳи Гарвард, яке аз донишгоҳҳои қадимаи ИМА ба ҳисоб рафта, зиёда аз 40 хатмкунандаи он дорандаи ҷоизаи Нобел мебошанд. Инчунин, хатмкунандагони сиёсатмадори он Теодор Рузвелт, Барак Обама ва соҳибкори муваффақи он Билл Гейтс, Марк Сукерберг ва дигаронро ном бурдан мумкин аст. Самтҳои асосӣ: фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ (равоншиносӣ, фалсафа, сиёсатшиносӣ, таърих, сотсиология ва ғайра) тиб, тандурустӣ ва ҳуқуқшиносӣ.

– Донишкадаи технологии Массачусетс, донишкадаест, ки худро пешвои ҷаҳонӣ дар соҳаи илмҳо ва технологияҳои дақиқ муаррифӣ кардааст. Дар ин донишкада, тадқиқоти пешрафта, дар соҳаи илмҳои табиӣ ва муҳандисӣ гузаронида мешавад. Зиёда аз 80 хатмкунандаи он дорандаи ҷоизаи бонуфузи Нобел мебошанд. Ин донишкадаро олимони барҷаста, муҳандисон ва ходимони ҷамъиятӣ хатм намудаанд, ки барои рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ саҳми арзанда намудаанд. Самтҳои асосӣ: муҳандисӣ, илмӣ, менеҷмент, меъморӣ, илмҳои гуманитарӣ ва санъат.

– Донишгоҳи Кембриҷ, ин донишгоҳ таърихи зиёда аз 800-сола дорад. Ин донишгоҳ соли 1209 таъсис ёфта, аз ибтидо худро ҳамчун яке аз донишгоҳҳои бонуфузи ҷаҳони муарифӣ намудааст. То ба ин рӯз зиёда аз 88 хатмкунандаи ин донишгоҳ дорандаи ҷоизаи Нобел гардидаанд. Хатмкардагони ин донишгоҳ саҳми худро дар рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти ҷаҳонӣ гузоштаанд. Самтҳои асосӣ: илмҳои гуманитарӣ, илмҳои ҷамъиятӣ, илмҳои биологӣ, табиатшиносӣ, тибби клиникӣ, техника ва технология.

– Донишгоҳи Оксфорд, яке аз қадимтарин донишгоҳҳои Аврупо ба ҳисоб рафта, дар рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти муосир саҳми

арзандаи худро гузоштааст. Ҳамасола довталабони зиёде хоҳиши хондан дар ин донишгоҳро доранд. Мутахассисони омоданамудаи ин донишгоҳи бонуфузи ҷаҳон дар соҳаҳои гуногун фаъолият намуда, яке аз мутахассисони соҳа гардидаанд. Самтҳои асосӣ: илмҳои гуманитарӣ, илмҳои иҷтимоӣ, тиб, илм дар бораи ҳаёт ва муҳити атроф.

– Донишгоҳи Стэнфорд, яке аз донишгоҳҳои маъруфи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, мутахассисонро мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат омода менамояд. Донишгоҳи мазкур бо ширкатҳои зиёди байналмилалӣ ҳамкорӣ дошта, бештар бо дархости онҳо мутахассисонро омода менамояд. Хатмкунандагони ин донишгоҳ то ба ин рӯз тавонистаанд, бо беҳтарин навовариҳои ҷолибӣ худ, диққати бештари корфармоёнро ба худ ҷалб намоянд. Дар ин донишгоҳ раванди таълим хусусияти амалӣ дошта, барномаҳои таълимӣ хусусияти чандирӣ дорад (донишҷӯ омӯзгорон, фанҳои интихобӣ ва дар кадом гурӯҳ хонданашро худаш интихоб менамояд). Инчунин донишҷӯён вазифадоранд, ки барои азхуд кардани донишҳои муосири илмӣ, ба донишгоҳҳои хориҷӣ сафар намоянд. Донишгоҳ муваффақияти худро бештар дар корҳои мустақилонаи донишҷӯён мебинад. Самтҳои асосӣ: илмҳои гуманитарӣ, илмҳои иҷтимоӣ, тибби клиникӣ, табиатшиносӣ, техника ва нанотехнология.

Аз омӯзиши таҷриба ва самтҳои асосии 5 донишгоҳи бонуфузи ҷаҳон ба хулосае омадан мумкин аст, ки аввалан онҳо мутахассисонро дар асоси фармоишҳои ширкату корхонаҳо ва омӯзиши ҷиддии бозори меҳнат омода менамоянд. Озодии раванди таълим, интихоби фанҳо дар асоси муаррифӣ ва ҷиддӣ будани навовариҳо, ихтироъкориҳо ва дастовардҳои навини илмӣ. Дар ин донишгоҳҳо раванди таълим, бештар хусусияти амалӣ дошта, аллакай стандартҳои таълимии онҳо аз рӯйи модели дугонаи муосир 60-40, 50-50 ва 40-60-ро ташкил намуда истодааст. Дувуман самти таълим дар ин донишгоҳҳо бештар ба илмҳои

гуманитарӣ, илмҳои ҷамъиятӣ, табиатшиносӣ, тиббӣ, технологӣ, нанотехнологӣ, биологӣ ва дигар илмҳои ба инҳо наздик дида мешавад.

Агар ин гуфтаҳоро дар мисоли муассисаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дида бароем, аз 46 массисаи амалкунанда дар якҷоягӣ бо филиалҳо (1-дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, 10-дар соҳаи саноат ва сохтмон, 12-дар соҳаи иқтисод ва идора, 4-дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, 3-то дар соҳаи фарҳанг ва санъат, 12-то дар соҳаи маориф ва 4-дар дигар соҳаҳо), ки дар маҷмуъ 52 гурӯҳи ихтисосҳоро омода менамоянд, ки бештарашон дар самти тиббӣ, илмҳои гуманитарӣ, илмҳои иҷтимоӣ, технологӣ, биологӣ, табиатшиносӣ, муҳандисӣ ва дигар самтҳо.

Тазаккур бояд дод, ки дар аксари муассисаҳои олии касбӣ, мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат ва дигаргуншавии фаъолиятҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт равиши навсозии касбӣ аллакай истифода гардида, истодааст, ки ҳоло ҳам ин кам аст.

## Хулосаи боби 5-ум

1. Вобаста ба шароит ва ҳама он тағйиротҳои ҷиддии баамаломадаи ҷаҳонӣ, сармояи инсонӣ, ягона сармоя дониста мешавад, ки рушди устувори иқтисодиётро таъмин менамояд. Аз ин нуқтаи назар, рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ, боиси ба талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёт ҷавобгӯ будани дониш, маҳорат ва касбияти инсон дониста шуда, андешидани тадбирҳои муосирро талаб менамояд. Иқтисодиёти муосир, ки бештар хусусияти рақамиро ба худ гирифтааст ва ин вазъият талаби онро дорад, ки донишҳои касбӣ бояд ҷавобгӯи талаботҳои ин иқтисоди рақамӣ бошанд.

2. Роҳандози намудани ҳарчӣ зудтари чорабиниҳо оид ба татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ва муҷаҳҳазгардонии муҳити таълим бо шароитҳои муосири таълимӣ, яке аз роҳҳои асосии омоданамоии

мутахассисони соҳибкасб ва дорои донишҳои муосири касбӣ дониста мешавад, ки ин нукоти муҳим дар паёми имсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дарҷ гардидааст. Таҳсилоти босифати таълимӣ бозгӯйи дар сатҳи олӣ омода намудани мутахассисонро кафолат дода, бозори меҳнатро бо мутахассиси лаёқатманд таъмин менамояд.

3. Мувофиқ ба пешгӯиҳои таҳқиқоти олимони соҳа ва биржаҳои байналмилалии меҳнат то соли 2030-юм силсилаи нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз меёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то солҳои 2050-ум тадриҷан коҳиш дода, самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодиро аз мо талаб менамояд. Инчунин мувофиқи ин пешбиниҳо то соли 2050-ум тамоми касбҳо қариб, ки шакли навро мегиранд. Ин паёмадҳо моро бори дигар водор ба он менамояд, ки рушд ва ташаккулёбии сармояи инсониро тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки дар бозори меҳнат талаботи худро дошта, захираҳои маҳдуди иқтисодиро самаранок истифода намояд.

4. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои мубрами иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, водор ба он менамояд, ки нисбат ба ин масъала, бетараф набошем. Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани аҳолӣ аз як тараф барои корманд хуб аст, ки даромад ба даст оварда, зиндагиашро сару сомон мебахшад, аз тарафи дигар бошад, аз даст додани мутахассисони касбӣ-ҳирфаи боиси аз рушд ва инкишоф мондани соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт мегардад. Маблағи интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз сарчашмаи даромад ва зиндагонии аҳолии кишвар ба ҳисоб рафта истодааст. Шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии кишвар бештар дар ФР ва Ҷумҳурии Қазоқистон мебошад. Аз таҳлили ин нишондиҳандаҳо бармеояд, ки муҳоҷирони меҳнатии кишвар бештар дар соҳаи сохтмон фаъолияти меҳнатӣ менамоянд, ки фаъолият намудан дар ин соҳа бештар меҳнати

ҷисмониро талаб менамояд. Ин раванд водор ба он менамояд, ки нисбати касбу тахассуси муҳоҷирони меҳнатӣ ва шарту шароитҳои онҳо чораҳо андешида шавад. Инчунин таъсиси ширкатҳои миёнарав дар хусуси бо ҷойҳои муносиб ва қонунӣ таъмин намудани муҳоҷирон дар хориҷи кишвар.

5. Таҳсилоти бефосилаи касбӣ ва ташаккули кластерҳои таълимӣ афзалиятнокии таълимро дар оянда нишон дода, доим ба омӯзиш қарор гирифтани инсонро нишон медиҳад. Таҳсилоти бефосила, ки маънои раванди таълим дар тӯли ҳаётро дорад, ки дар он ҳамгироии ҷанбаҳои инфиродӣ ва иҷтимоии инсон ва фаъолияти он нақши муҳим мебозад. Кластерҳои таълимӣ, асосан навъи инноватсионии такмили ихтисос дониста шуда, ҳамкории самараноки се омили муҳим: рушди сармояи инсонӣ, таъмини шуғли самаранок, ташаккули рақобатпазирии истеҳсолотро таъмин менамояд.

6. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт доштани мутахассиси ҳирфаӣ барои ҳар як ширкату корхона боиси рақобатпазирии он дониста мешавад ва дар баробари ин дарёфти мутахассиси кордон барои корфармо яке аз мушкилотҳои мубрами иқтисодиёт дониста мешавад. Бинобар ин корфармоён кушиш менамоянд, ки беҳтарин мутахассисонро бо роҳҳои ба худ хос ба ширкату корхонаҳо ҷалб намоянд. Истифода аз механизмҳои мотиватсионӣ мо метавонем, ки беҳтарин мутахассисонро ба ширкату корхонаҳо ҷалб намуда, рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолии худро таъмин намоем.

7. Рушд ва инкишофёбии иқтисоди рақамӣ ва таҳаввулоти тамоми ҷомеа, аз ҷумла дороиҳо ва арзишҳои зеҳнӣ, эҷодӣ, ахлоқӣ, шакли навро гирифта, дониши замонавии муосирро талаб менамояд. Иқтисоди рақамӣ дар асоси муносибатҳои доимии тарафҳо ҳамеша ба донишҳои муосир такя намуда, зеҳнияти баланди истифодабариро аз истеҳсолкунанда ва ҳам аз истеъмолкунанда талаб менамояд. Яъне

тағйирёбии назарияи сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосир водор ба он менамояд, ки беҳтарин моделҳои муосири тарбияи насли навро дар донишкадаю донишгоҳоии олиро пешкаш намоем.

8. Аз омӯзиши таҷриба ва самтҳои асосии 5 донишгоҳи бонуфузи ҷаҳон ба хулосае омадан мумкин аст, ки аввалан онҳо мутахасисонро дар асоси фармоишҳои ширкату корхонаҳо ва омӯзиши ҷиддии бозори меҳнат омода менамояд. Озодии раванди таълим, интихоби фанҳо дар асоси муаррифӣ ва ҷиддӣ будани навовариҳо, ихтироъкориҳо ва дастовардҳои навини илмӣ. Дар ин донишгоҳҳо раванди таълим, бештар хусусияти амалӣ дошта, аллакай стандартҳои таълимии онҳо аз рӯйи модели дугонаи муосир 60-40, ташкил намуда истодааст. Дувуман самти таълим дар ин донишгоҳҳо бештар ба илмҳои гуманитарӣ, илмҳои ҷамъиятӣ, табиатшиносӣ, тиббӣ, технологӣ, нанотехнологӣ, биологӣ ва дигар илмҳои ба инҳо наздик.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

**А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:**

1. Дар диссертатсия назария ва консепсияи омӯзиши сармояи инсонӣ бо ба низом даровардани сохтори он, нишон додани унсурҳои асосӣ ва такмилдиҳандаи сармояи инсонӣ пурра асоснок карда шуд. Мафҳуми «сармояи инсонӣ» ҳамаҷониба таҳлил карда шуда, моҳияти он мувофиқ ба дарк ва фаҳмиши муаллиф чунин шарҳ дода шудааст: «Сармояи инсонӣ маҷмуи қобилиятҳо, донишҳо, таҷрибаҳо, иқтидорҳо, сармояҳо, саломатӣ, ҳаракатҳо, ҳавасмандиҳо, кӯшишҳо ва ояндабиниҳо ба фаъолият мебошад, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт аз ҳар як инсони комил талаб карда мешаванд. Ин сармояи бузург ояндаи шахс, оила ва ҷамъиятро вобаста ба талаботҳои имрӯзаи иқтисодиёт нишон медиҳад». Инчунин, нисбати нақш ва аҳаммияти сармояи инсонӣ дар рушд ва ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионии муосир, роҳҳои замонавии такмилдиҳии сармояи инсонӣ, мақсаднокии равандҳои муосири такмилдиҳии сармояи инсонӣ, механизмҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушду ташаккулдиҳии сармояи инсонӣ ва ғайра баррасӣ шудаанд [2-М; 3-М; 9-М; 10-М].

2. Мавқеъгирии нақши сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти муосир чорабиниҳои ҳамаҷонибаро нисбат ба омоданамоии мутахассисони имрӯза ва оянда дигар намуда, талаботҳои ҷадиди худро пеш гузоштааст. Рушду такомули сармояи инсониро дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт усулҳо ва воситаҳои ба он таъсиррасон дигаргун намуда, дарёфти роҳҳои муосири такмилдиҳии онро тақозо менамоянд. Рушди сармояи инсонӣ бо ниҳодҳои ташаккулдиҳандаи он иртиботи ногусастанӣ дорад. Инчунин, раванди ташаккулёбӣ ва рушди он ба доираҳои асосии фаъолияти сармояи инсонӣ, ҷараёнҳои ташкилу таъминамоии иқтидори кадрӣ, талаботҳои иҷтимоӣ ва аз ҳама муҳим, ба талаботҳои инноватсионии иқтисодиёти муосир вобаста мебошад [2-М; 3-М; 8-М; 9-М; 14-М; 15-М; 39-М].

3. Рақобатпазирии кормандро талаботи асосии бозори меҳнат муайян намуда, аз корманд донишҳои муосир, ихтироъкорӣ, эҷодкорӣ ва умуман фаъолиятҳои навоваронаро талаб менамояд. Таълиму тарбия ёфтани корманд дар як муҳити солим боиси ба рақобатҳои бозори меҳнат тоб овардани онро нишон дода, аз ҳама муҳим сарчашмаи асосии даромад ва воситаи пешбурди зиндагонӣ дониста мешавад. Тарбияи ҳамаҷонибаи кормандро ба инобат гирифта, онро мувофиқ ба дигаргуншавии меъёрҳои ташаккулёбӣ, мутобиқшавӣ ба шароитҳои нави иқтисодӣ, аз худ кардани донишҳо ва таҷрибаҳои замонавӣ омода намудан лозим меояд. Ин омоданамоиҳо боис ба он мегардад, ки мутахассис дар як сатҳи хуб омода гардида, рақобатпазирии худро дар раванди тезутунд шудани муносибатҳои муосири иқтисодӣ-меҳнатӣ таъмин намояд. [10-М; 14-М; 22-М; 30-М].

4. Равишҳои методологии арзёбии арзишҳои сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ тағйир ёфта, шаклҳои зеринро гирифтаанд: зарурати омода намудани мутахассисони дорои дараҷаи баланди сармояи инсонӣ, ки дар хурди ҷомеа бошад, зарурати нигоҳ доштани анъанаҳои муваффақи таҳсилоти олии касбӣ ва эҳтиром ба неруи мавҷудаи илмӣ, таълимӣ ва зеҳние, ки сармояи инсониро тавлид, такмил ва густариш мебахшанд. Сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии таъмини рақобатпазирии ширкатҳо ва соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ дониста шуда, муаррифгари илму дониш ва аз ҳама муҳим ба ҳайси даромади миллӣ  баромад мекунад, инчунин сармояи инсонӣ ҳамчун манбаи асосии даромаднокии аҳолӣ дониста шуда, таъминкунандаи талаботҳои инсонӣ дониста мешавад. Яъне маълумотнокии инсон боиси болоравии сатҳи хуби зиндагӣ мегардад [3-М; 8-М; 26-М; 29-М].

5. Донишмандӣ ва доим такмил додани он дороиест, ки инсонро неруманд ва мутахассиси арзишманди соҳаи фаъолият нишон медиҳад. Маълумотнокии инсон, давраҳои муайяни ташаккулёбии худро дошта, риояи онҳо барои ҳар як иштирокчии раванди иқтисодиёт шарти зарурӣ

дониста мешавад. Таълимоти бефосилаи касбии инсон, мувофиқ ба талаботҳои имрӯзаи бозори меҳнат, ба роҳ монда шуда, ҳамкории доимии муассисаҳои таълимӣ ва кордиҳандагонро тақозо менамояд. Ҳамкории Мутақобилаи ин муассисаҳо ва иштироки онҳо дар раванди таълим боиси он мегардад, ки мутахассиси омодашаванда, дорои донишҳои назариявӣ ва амалӣ омода карда шаванд ва саҳмашонро дар ҷомеа гузоранд [2-М; 3-М; 10-М; 25-М; 31-М].

6. Иқтисодиёти муосир тақозои онро дорад, ки мутахассисони омодашаванда, бештар бо дарназардошти талаботҳои асосии имрӯзаи иқтисодиёт омода карда шуда, заковатмандӣ, бомаърифатӣ, донишмандӣ эҷодкорӣ, одоби ҳамидаи инсонӣ, хулқу рафтори неки инсонӣ ва дигар хислатҳои инсониро дошта бошанд. Зеҳнияти баланди касбии инсон, дар асоси офаридани молу маҳсулотҳои ҷамъиятӣ баҳои мусбии худро соҳиб гардида, натиҷаи худро дар офаридани молу маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои муайян нишон медиҳад. Идоракунии самараноки иқтисодиёти муосир ва мақсаднок истифодабарии захираҳои нодири иқтисодӣ талаби аз худ намудани донишҳои муосири замонавиро намуда, тавлиди камхарҷтарин молу маҳсулотҳо ва хизматрасониҳоро дорад. Вобаста ба ин гуфтаҳо, дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт донишазхудкунӣ ва маълумотнокунии инсон тавре ба роҳ монда шавад, ки ӯ тавонад бо ин дониши азхудкарда, ба зиндагии худ сару сомон бубахшад ва саҳме дар ҷамъият дошта бошад [14-М; 24-М; 32-М; 39-М].

7. Рушду тавсеаи иқтисоди рақамӣ ва таҳаввулоти тамоми ҷомеа, аз ҷумла дороиҳо ва арзишҳои зеҳнӣ, эҷодӣ, ахлоқӣ, шакли навро гирифта, дониши замонавии муосирро талаб менамояд. Иқтисоди рақамӣ дар асоси муносибатҳои доимии тарафҳо ҳамеша ба донишҳои муосир такя намуда, зеҳнияти баланди истифодабариро ҳам аз истеҳсолкунанда ва ҳам аз истеъмолкунанда талаб менамояд. Яъне, тағйирёбии назарияи сармояи инсонӣ вобаста ба шароити муосир тақозо

менамояд, ки беҳтарин моделҳои муосири таълиму тарбияро дар донишкадаю донишгоҳҳои олӣ истифода барем [3-М; 10-М; 15-М; 38-М].

8. Дар аксари давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, дар шароити муосири иқтисодӣ, сармояи инсонӣ яке аз қисматҳои бузурги боигарии онҳо ба ҳисоб меравад. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки рушду тавсеаи ин сармояи муҳимми иқтисодӣ, аз ниҳодҳое вобаста аст, дар он ҷо сармояи инсонӣ ташаккул меёбад. Сармояи инсонӣ дар иқтисодиёти ин давлатҳо омили асосии истеҳсолот, рушддиҳандаи иқтисодиёт ва рақобатпазир шудани ширкату корхонаҳо дониста мешавад. Аз ин нуқтаи назар, истифодаи таҷрибаи ин давлатҳо метавонад барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, инчунин, ҳавасманд кардани одамон барои истифодаи бештари донишҳо кумак расонад [15-М; 22-М; 25-М; 40-М].

9. Тибқи маълумотҳои мавҷуда, риштаҳои муосири дар бештари муассисаҳои таълимии кишварҳои тараққикардаи ҷаҳон дар солҳои 2022-2023-юм ба роҳ мондашуда, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Инчунин, он касбҳое, ки серталабтарин шуморида шудаанд: менеҷерони фурӯш, духтурон ва коркунони тиб, муҳандисон, конструкторҳо, сметачиён, муҳандисони таҷҳизоти техникӣ ва дигар мутахассисони техникӣ, мутахассисони IT, дизайнерон, маркетологҳо, муаллимон, равоншиносон, таҳлилгарони молиявӣ ва тарҷумонон. Бо дарназардошти ин, омоданамоии мутахассисонро мувофиқ ба талаботҳои бозори меҳнати байналмилалӣ ва дохилӣ ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст [2-М; 22-М; 26-М; 49-М].

10. Маълумоти олии касбӣ ва аз худ намудани он яке аз паҳлуҳои асосии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт дониста шуда, такмилдиҳанда ва рушддиҳандаи ин сармояи муҳимми ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Аз таҳлилҳои гузаронидашуда, дар муқоиса бо таҷрибаи дигар кишварҳо ва ҳолати имрӯзаи иқтисодиёт, бармеояд, ки мутахассисони омоданамудаи донишгоҳҳои кишвар мувофиқ ба

талаботи бозори меҳнат омода карда шаванд. Инчунин, рафти омоданамоии мутахассисони дорои маълумоти олии касбӣ бояд аз рӯйи стандартҳои нави таълимӣ, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи кишварҳои ҷаҳон истифода мешавад, омода карда шаванд [3-М; 10-М; 14-М; 15-М].

11. Дониш ҳамчун неруи инсонӣ бояд доимо сайқал дода шавад, чунки донишҳои муосири замонавӣ идеяҳои нав ба навро эҷод менамоянд. Танҳо маблағгузориҳои давлатӣ наметавонад, ки сайқалдиҳандаи тамоми донишҳои донишомӯзон бошад, бинобар ин, барои омода кардани мутахассисони дараҷаи маълумоти олии касбӣ, сараввал, кӯшишу заҳмати худи донишомӯзон, баъдан, оилаи онҳо ва бо кор таъминкунандагон бояд саҳми худро гузоранд. Инчунин, донишкадаю донишгоҳҳои кишвар фаъолияти таълимии худро бо ҷараёни истеҳсолӣ якҷо карда, худашон мустақилона истеҳсолот ё хизматрасониҳои ниёзи мардумро қонеъ намоянд [7-М; 14-М; 21-М; 22-М].

12. Вобаста ба шароит ва ҳама он тағйиротҳои ҷидии баамаломадаи ҷаҳонӣ, сармояи инсонӣ ягона сармояе дониста мешавад, ки рушди устувори иқтисодиётро таъмин менамояд. Аз ин нуқтаи назар, рушду инкишофдиҳии ин сармояи инсонӣ боиси мутобиқ гаштани инсонро ба иқтисодиёти муосир, ки бештар донишҳои комили касбиро талаб менамояд, дониста мешавад. Иқтисодиёти муосир, ки бештар хусусияти рақамиро ба худ гирифтааст ва ин вазъият талаби онро дорад, ки донишҳои касбӣ бояд ҷавобгӯи талаботҳои ин иқтисодиёти муосир нигаронида шуда бошанд [3-М; 10-М; 14-М; 15-М].

**Б) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо:**

1. Ба ақидаи муаллиф, вобаста ба тағйирёбиҳо ва ҳолатҳои бавуҷудомада, зарурати он ба миён омадааст, ки дар идоракунии сармояи инсонӣ бахусус дар рушду ташаккулдиҳии унсурҳои асосии он: иқтидори инсонӣ, дараҷаи маълумотнокӣ, сатҳи саломатӣ, қувваи

ҷисмонӣ, қобилиятҳои модарзодӣ, донишҳои касбӣ-тахассусӣ, иқтидори соҳибкорӣ, сатҳи ҳавасмандӣ, моликияти зеҳнӣ, сармояи оилавӣ, таҷрибаи истеҳсолӣ ва маҳорати ташкилӣ диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Дар сурати хуб рушд намудани ин унсурҳо, ташаккулёбии сармояи инсонӣ мушоҳида гардида, боиси вусъат ёфтани рушди иқтисодиёти кишвар мегардад [2-М; 14-М; 19-М; 21-М].

2. Дар диссертатсия воситаҳо, усулҳо, ниҳодҳо, сарчашмаҳо ва доираҳои асосии рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ бо дарназардошти талаботҳои иҷтимоии он вобаста ба шароити рушди инноватсионии иқтисодӣ мушаххас гардида, роҳҳои боз ҳам муосиртар ва самараноки истифодабарии онҳо пешниҳод карда шудаанд [2-М; 3-М; 12-М; 19-М; 37-М].

3. Дигаргуниҳое, ки имрӯз дар саросари ҷаҳон мушоҳида мешавад, талаботҳои муосирро нисбат ба назария ва методологияи сармояи инсонӣ тағйир дода, барои муайян кардани равишҳои муосири он бояд воситаҳо ва принсипҳо ҳамчун асос дар идоракунии самараноки сармояи инсонӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Имрӯзҳо воситаҳо ва принсипҳои асосии идоракунии сармояи инсонӣ мавриди тағйиротҳои ҷиддӣ қарор доранд, ки ғояи маркази онро омилҳои ба он таъсиррасон: маълумотгирии бефосилаи касбӣ ва такмилу инкишофи доимии он, ташкил намуда истодаанд [3-М; 5-М; 16-М; 23-М].

4. Мувофиқ ба таҳқиқотҳои гузаронидашуда, идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ, муҳим арзёбӣ гардида, рушду ташаккулёбии он яке аз талаботҳои асосии иқтисодиёти инноватсионӣ дониста мешавад. Ин муҳимият ҳар як ниҳоди ҷамъиятиро водор ба он намуда истодааст, ки оид ба самаранок идора намудан ва рушду инкишоф додани ин сармояи муҳими ҷамъиятӣ ҷаҳду талошҳои зиёд дошта бошанд. Дар баробари ин омода кардани мутахассисон мувофиқ

ба талаботҳои имрӯзаи иқтисодӣ вазифаи асосии ҳар як узви ҷомеа ба ҳисоб меравад [2-М; 5-М; 17-М; 47-М].

5. Дар диссертатсия зикр шудааст, ки иқтисоди рақамӣ дар самаранок истифодабарии захираҳои маҳдуди иқтисодӣ нақши бағоят муҳим дошта, барои омода кардани мутахассисон барнома ва стратегияҳои муайяни худро дорад. Он зарурати тағйироти сохтории низоми таълиму тарбияи кадрҳоро возеҳ ба донишкадаю донишгоҳҳо нишон медиҳад. Дар ин ҷо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамкории доимиро бо корхонаҳои истеҳсолӣ хуб наздик намуда, аз рӯйи барномаҳои муосири таълимӣ ба омоданамоии мутахассисон бипардозад [8-М; 14-М; 22-М; 24-М].

6. Роҳандозӣ намудани ҳар чи зудтари чорабиниҳо оид ба татбиқи лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ва муҷаҳҳазгардонии муҳити таълим бо шароитҳои муосири таълимӣ яке аз роҳҳои асосии омоданамоии мутахассисони соҳибкасб ва дорои донишҳои муосири касбӣ дониста мешавад. Дар баробари ин, таваҷҷуҳ ба соҳаи илм ва инноватсия яке аз роҳҳои асосии расидан ба мақсадҳои ниҳои дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ дониста мешавад. Таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба соҳаи илму маориф боиси рушду ташаккулёбии қобилиятҳои эҷодии инсонҳо гардида, тавлидкунандаи молу маҳсулотҳои муосир мегардад [3-М; 9-М; 10-М; 25-М].

7. Мувофиқ ба пешгӯиҳои таҳқиқоти олимони соҳа ва биржаҳои байналмилалии меҳнат, то соли 2030-юм силсилаи нави технологӣ, иқтисодӣ ва сиёсии хоҷагии ҷаҳонӣ оғоз меёбад, ки он суръати афзоиши иқтисодии ҷаҳониро то солҳои 2050-ум тадриҷан коҳиш дода, самаранок истифодабарии захираҳои иқтисодиро талаб менамояд. Инчунин, мувофиқи ин пешбиниҳо, то соли 2050-ум тамоми касбҳо қариб ки шакли навро мегиранд. Ин пайомадҳо бори дигар водор ба он менамоянд, ки рушду ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва самаранок идора намудани он дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад [5-М; 12-М; 18-М; 24-М].

8. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои мубрам дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани аҳолӣ, аз як тараф, барои корманд хуб аст, ки даромад ба даст оварда, зиндагиашро сару сомон мебахшад, аз тарафи дигар бошад, аз даст додани мутахассисони касбӣ-ҳирфаӣ боиси аз рушд ва инкишоф мондани соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт мегардад. Маблағи интиқолдодаи муҳоҷирони меҳнатӣ яке аз сарчашмаҳои даромад ва зиндагонии аҳолии кишвар ба ҳисоб рафта истодааст. Шумораи зиёди муҳоҷирони меҳнатии кишвар бештар ба ФР ва Ҷумҳурии Қазоқистон мераванд. Аз таҳлили ин нишондиҳандаҳо бармеояд, ки муҳоҷирони меҳнатии кишвар бештар дар соҳаи сохтмон фаъолияти меҳнатӣ менамоянд, ки фаъолият намудан дар ин соҳа бештар меҳнати ҷисмониро талаб менамояд. Ин раванд водор менамояд, ки нисбат ба касбу тахассуси муҳоҷирони меҳнатӣ ва шарту шароитҳои онҳо чораандешӣ намоем. Инчунин, таъсиси ширкатҳои миёнарав ҷиҳати бо ҷойҳои муносиб ва қонунӣ таъмин намудани муҳоҷирон дар хориҷи кишвар ба мақсад мувофиқ аст [27-М; 28-М; 42-М; 56-М].

9. Таҳсилоти бефосилаи касбӣ ва ташаккули кластерҳои таълимӣ яке аз самтҳои афзалиятнок дар соҳа маҳсуб меёбат. Таҳсилоти бефосила маънои раванди таълим дар тули ҳаётро дорад, ки дар омода намудани мутахассисони ҳирфаӣ нақши муасир дорад. Кластерҳои таълимӣ, асосан навъи инноватсионии такмили ихтисос дониста шуда, ҳамкории самараноки се омили муҳим: рушди сармояи инсонӣ, таъмини шуғли самаранок, ташаккули рақобатпазирии истеҳсолотро таъмин менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо сабаби вазъи кунунӣ таъсиси кластерҳои таълимӣ, ки кӯшишҳои ҳамаи ҷонибҳо (илм, маориф, тиҷорат)-ро бо мақсади таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии соҳаҳои алоҳида муттаҳид мекунанд, талаб карда мешавад [3-М; 9-М; 20-М; 21-М; 26-М].

10. Хусусиятҳои хоси идоранамоии стратегии кормандон дар менеҷменти муосир мавриди баррасӣ ва таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифта, вобаста ба суръати баланди навовариҳо ва тағйирёбии талаботҳои истеъмолии аҳолӣ, корхонаҳои хурду бузурги истеҳсолӣ ҳар замон ба мушкилоти норасоии сармояи инсонӣ ва зеҳнияти баланди онҳо гирифтор мегарданд. Бинобар ин, шароити баамаломада, водор ба он менамояд, ки мутахассисонро мувофиқ ба талаботҳои бозори меҳнат ва талаботҳои истеъмолии аҳолӣ омода намоем [10-М; 22-М; 31-М; 52-М].

11. Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт доштани мутахассисони ҳирфаӣ боиси рақобатпазир шудани ширкату корхонаҳо мегардад. Дарёфти мутахассиси кордон барои корфармо яке аз мушкилотҳои мубрами иқтисодиёт дониста мешавад. Бинобар ин, корфармоён кӯшиш менамоянд, ки беҳтарин мутахассисонро бо роҳҳои ба худ хос ба ширкату корхонаҳо ҷалб намоянд. Истифода аз механизмҳои мотиватсионӣ мо метавонем, ки беҳтарин мутахассисонро ба ширкату корхонаҳо ҷалб намуда, рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолии худро таъмин намоем [17-М; 47-М; 49-М; 54-М].

12. Аз омӯзиши таҷриба ва самтҳои асосии 5 донишгоҳи бонуфузи ҷаҳон ба хулосае омадан мумкин аст, ки аввалан, онҳо мутахассисонро дар асоси фармоишҳои ширкату корхонаҳо ва омӯзиши ҷиддии бозори меҳнат омода менамоянд. Озодии раванди таълим, интихоби фанҳо дар асоси муаррифӣ ва ҷиддӣ будани навовариҳо, ихтироъкориҳо ва дастовардҳои навини илмӣ. Дар ин донишгоҳҳо раванди таълим бештар хусусияти амалӣ дошта, аллакай стандартҳои таълимии онҳо аз рӯйи модели дугонаи муосир 60-40 фисадро ташкил намуда истодааст. Дувум, самти таълим дар ин донишгоҳҳо бештар ба илмҳои гуманитарӣ, илмҳои ҷамъиятӣ, табиатшиносӣ, тиббӣ, технологӣ, нанотехнологӣ, биологӣ ва дигар илмҳои ба инҳо наздик равона карда шудааст [9-М; 10-М; 31-М; 40-М].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## Қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ:

1. Закон Республики Таджикистан «О высшем и послевузовском высшем профессиональным образованием». Действующий закон. Дата принятия: 19.05.2009 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 г., №5, ст. 338; 2014 г., №7, ч.; Закон РТ от 26.07.2014 г., № 1126.

2. Закон Республики Таджикистан «О начальном профессиональном образовании». Действующий закон. Дата принятия: 05.03.2003 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2003., №12, ст.676; 2009 год, № 3, ст.83

3. Закон Республики Таджикистан «Об образовании». Действующий закон. Дата принятия: 17.05.2004 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2004 год, №5, ст. 345; 2005 год, №12, ст. 655; 2006 год, №12, ст.546, 2008 год, №6, ст. 465; 2009 год, №3, ст.81; № 5, ст. 336; №7-8, ст. 500.

4. Закон Республики Таджикистан «Об образовании». Действующий закон. Дата принятия: // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2013 г., №7, ст. 532; 2014 год, №3, ст.156; №7 ч.2, ст.422. 2016 год, №3, ст.148, 2016 год, №7, ст.624; 2017 год, №7-9, ст.581; 2018 год, №5, ст.278; 2020 год, №12, ст. 912; 2021 год, №12, ч.2, ст.706; Закон Республики Таджикистан от 19 июля 2022г., №1905.

5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. Бо тағйирот ва иловаҳо аз 22 майи соли 2016. – Душанбе: “Ганс”, 126 с.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» [Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ: http://majmilli.tj].

7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. [Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ: http://majmilli.tj].

8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, аз 28.12.2024 // [Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj.] (санаи муроҷиат 06.01.2025).

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, аз 28.12.2023 // [Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj.] (санаи муроҷиат 05.01.2024).

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, аз 22.12.2017 // [Захираи электронӣ: реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj.] (санаи муроҷиат 28.12.2017).

11. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О Концепции инклюзивного образования для учащихся с ограниченными возможностями в Республике Таджикистан» от 30 апреля 2011 года.

12. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О национальной образовательной концепции Республики Таджикистан» от 3 мая 2002 года.

13. Постановление Правительства Республики Таджикистан «Об утверждении общеобразовательного государственного стандарта Республики Таджикистан» от 23 апреля 2009 года.

